М. ШАЙХОВ, У. ТОИРОВ

# АДАБИЁТИ ТОҶИК



7

## МУРОҶИАТ
## БА ХОНАНДАИ КИТОБ

*Дӯсти ҷавони ман. Бидон ва огоҳ бош, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ дониста, онро "аниси кунҷи танҳоӣ" ва "фурӯғи субҳи доноӣ" пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ва ноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гӣ [illegible] ҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шав [illegible] беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он дон [illegible] ро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шав [illegible]*

*Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.*

*Бо эҳтиром*
*Президенти Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон* *Э. Раҳмонов*



ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ**

М. ШАЙХОВ, У. ТОИРОВ

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

## КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ 7

*Коллегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

PLEIADES
PUBLISHING Inc
2002

Кыргыз Республикасы
Лейлек райондук
билим бер[illegible]
«...»... ж.г.
№ 4587

ББК 83.3 (2 тоҷикӣ) Я 72
Ш- 19

**Шайхов М., Тоиров У.**
Адабиёти тоҷик, китоби дарсӣ барои синфи 7-ум.
“Сарпараст”, Душанбе. Соли 2002, 240 саҳифа.

Ин китоб аз тарафи Маркази татбиқи Лоиҳаи таҷдиди сектори иҷтимоӣ тавассути маблағҳои қарзи Банки Осиёии Тараққиёт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | Обидова [illegible] | 7"в" | [illegible] | | |
| 2 | Раҷабова [illegible] | 7"я" | [illegible] | [illegible] | 1997 |
| 3 | Расулов Ҷаҳонгир | | 1"я" соли | 2013, | 2006 |
| 4 | Асанова Маҳтоб | 7"б" | 2016 | | |
| 5 | | | | | |

**Муаллимони мӯҳтарам!**

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ. Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

ISBN 1-931938-10-5

© “Сарпараст”, 20

# МУҚАДДИМА

Адабиёт як навъи санъат буда, дар тафовут аз меъморӣ, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, кандакорӣ, гулдӯзӣ, рассомӣ, мусиқӣ, театр, кино, рақс ва суруд ҳаёти воқеиро бо сухан тасвир мекунад.

Адабиёт калимаи арабӣ буда, шакли ҷамъи "адаб" аст ва маънои фазилатҳои маънавӣ (одоб, хулқи нек, хушгуфторӣ, хушнависӣ ва ғайра)-ро дорад.

Адабиёт ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Агар адабиёти сиёсӣ, илмӣ ва ғайра дар назар дошта шуда бошад, ин фаҳмиши адабиёт ба маънои васеъ аст. Агар адабиёти бадеиро дар назар дошта бошем, маънои маҳдуд ё мушаххасаш он аст, ки маҷмӯи асарҳои бадеиро дар бар мегирад. Адабиёти бадеӣ ҳақиқати ҳаётро ба воситаи тасвири манзара ва нақшҳои бадеӣ дар симои одамон, табиат, шароиту муҳити зист инъикос менамояд.

Нақшҳои бадеӣ манзараҳои ҳаёти зоҳирӣ ва ҳолати ботинии инсонро дар бар мегиранд.

Адабиёти бадеӣ донишҳои моро дар бораи таърихи гузашта, тамаддун ва фарҳанги ватанию ҷаҳонӣ зиёд мекунад.

Аз мутолиаи адабиёти бадеӣ мо бо тасвирҳои пурранги бадеии офаридаи нависанда вомехӯрем, ки онҳо хулқу рафтори намуна доранд ва мо аз онҳо ибрат мегирем. Нақшҳои наҷибу барҷастаи адабиёти бадеӣ моро дар рӯҳияи накӯкорӣ, покизаахлоқӣ, баинсофӣ ва раҳмдилӣ, вафодорию садоқат, меҳнатдӯстию рағбат ба илму ҳунар, шарафмандию ҳисси ифтихор, инсондӯстию меҳанпарварӣ, боиродагию мубориза дар роҳи расидан ба мақсад, боҳимматию ҷавонмардӣ, нотарсию ростқавлӣ, ҷасурию шуҷоатмандӣ, хуллас, рафтори ҳамидаи инсонӣ тарбия намуда, ниҳод ва тинати моро аз танбалӣ, ҳирсу ҳасад, бухлу кина, бадбинию беадолатӣ, маҷмӯан аз тамоми хислатҳои нафратовар тоза мекунад.

Ҳангоми мутолиаи адабиёти бадеӣ лафзи равону шевои нависанда, тасвири манзараҳои табиати дилфиреб, васфи симою сурати зебо ва дилкаши қаҳрамонҳои мусбат, лутфу нозукбаёнӣ, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои лафзӣ ҳисси зебоифаҳмии мо бедор мешавад, завқи эстетикӣ моро ба сайри боғу бӯстони олами зебоӣ даъват менамояд.

Аз ин рӯ, адабиёти бадеӣ аҳамияти барҷастаи таълимӣ, тарбиявӣ ва эстетикӣ дорад.

Адабиёти бадеӣ аз эҷодиёти шифоҳии халқ–фолклор сарчашма мегирад. Ҳанӯз дар замонҳое, ки хат вуҷуд надошт, одамон суруд мехонданд, нақлу ривоятҳо ҳикоя мекарданд, афсона мегуфтанд. Матни сурудҳо дар шакли назм ва матни нақлу ривояту афсонаҳо дар шакли наср маҳсули эҷодиёти шифоҳии одамони бесавод буд. Бинобар ин, адабиёт аз они халқ аст ва бояд барои халқ эҷод шавад.,

Бо пешравии ҳаёт ҷомеа, илм, фарҳанг пеш рафт ва адабиёт низ сайқал ёфт. Тамоми осори бадеӣ ба се ҷинси адабӣ ҷудо шуд: назм, наср, драматургия.

Асарҳои манзумро аксар асарҳои лирикӣ мегӯянд, ки ба онҳо рубоӣ, қитъа, ғазал, мухаммас ва ғайра дохил мешаванд.

Асарҳои насриро асарҳои эпикӣ (аз калимаи эпос, яъне нақлӣ) меноманд, ки жанрҳои ҳикоя, латифа, очерк, повест, роман ва дигар асарҳои калонҳаҷми нақлиро дар бар мегиранд.

Ба ҷинси сеюм асарҳое мутааллиқанд, ки ба саҳна гузошта шуда, мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳоро ҳунарпешаҳои театр бо ҳаракат ва амалиёту санъати актёрӣ пешкаши тамошобин мегардонанд. Ин ҷинси адабӣ драматургия ном дорад ва жанрҳои комедия (мазҳака) ва трагедия (фоҷиа)-ро дар бар мегирад. Асарҳои мазҳакавӣ аз аввал то охири намоиш бо хушҳолӣ мегузаранд. Асарҳои фоҷиавӣ бо ҳисси ғаму андӯҳ намоиш дода мешаванд, ки оқибати он намоиш бо нокомии қаҳрамонони асар анҷом меёбад.

# АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ

## НАСРИ РИВОЯТӢ

Наср каломи ғайриманзум буда, як навъи асари адабӣ ба шумор меравад. Ин навъи асари адабии бе вазну қофия аз ҷониби шахсони таълимгирифта ва соҳиби завқу дониш гуфта мешавад. Шахсе, ки худ асари насрӣ меофарад, нависанда ва эҷодкор аст. Ҳамин гуна касон якҷоя бо қаламкашони асарҳои манзум ва саҳнавӣ ганҷинаи бузурги маънавӣ ва донишро ба вуҷуд меоранд, ки адабиёти бадеӣ номида мешавад. Дар байни мардум нақл, қисса, афсона, латифа, суруду тарона ва ғайра аз замонҳои қадим мавҷуданд, ки онҳоро шахсони соҳибзавқ, яъне ровиёну ноқилон гуфтаанд ва боз дар тӯли асрҳо бо сухану фикру хоҳиши мардум сайқал ёфтаанд. Ин хазинаи бузурги маданиро эҷодиёти шифоҳии (даҳонии) мардум (фолклор) меноманд. Адабиёти бадеӣ дар асоси фолклор ба вуҷуд омадааст ва ҳамеша аз сухану тавсифҳои он истифода менамояд.

Қадимтарин осори назмие, ки ба забони порсии дарӣ ба вуҷуд омада буд, ба асри VIII тааллуқ дорад. Дар ин давра дар хусуси корнамоиҳои ҳокимону паҳлавонони афсонавӣ ва воқеаҳои таърихию саргузаштии ниёгони қавмҳои эрониназод шоҳномаҳо ва достонҳои қаҳрамонӣ таълиф шуда буданд. Беҳтарин намунаи насри порсии дарӣ, ки аз асри X то рӯзгори мо боқӣ мондааст, муқаддимаи "Шоҳномаи Абӯмансурист", ки соли 958 бо супориши сипаҳсолори Хуросон Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ мураттаб гардида буд.

Яке аз навъҳои адабиёти шифоҳӣ насри ривоятӣ мебошад, ки китобҳои "Дорobнома", "Ҳазору як шаб", "Калила ва Димна", "Синдбоднома", "Тӯтинома" ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Хусусияти асосии ин навъи наср дар он аст, ки мусаннифони он барои ба як тарзи мураттаб ба хонанда пешниҳод намудани маҷмӯи ҳикоятҳо ягон ривоят ё ҳикоятеро интихоб карда, ҳикоятҳои дигарро бо ягон восита ба ҳикояти васила мепайванданд. Ҳадафи асосӣ дар ин маврид ҳамон ҳикоятҳои дохилӣ буда, ҳикояти васила чун воситаи ёрирасон хизмат мекунад. Ҳар як асари ривоятӣ вазифаи муайяни ғоявиро адо менамуд. Мусаннифону ровиёни ин гуна асарҳо мекӯшиданд, ки ба воситаи ҳикоятҳои овардаашон беҳтарин хислатҳои инсониро тарғиб намуда, рафтору кирдори одамони зиштро фош кунанд. Дар бештари асарҳои ривоятӣ сухан аз рафтору кирдор ва амалиёти подшоҳону вазирон меравад. Мазмуни

Искандар ҳарб кунем аз баҳри шумо ва то хуни Дороб ибни Дороб-ро аз вай нахоҳем, аз пой нашинем ва бо ду даст теғ мезанем!

Чун Бӯрондухт аз эшон ин сухан бишунид, шод шуду ҳамаро бинавохт ва бар эшон офарин карду аз эшон байъат[1] биситод ва нома ба сӯи Истахру Форсу Кирмон ва Сипоҳону Курд аз Кӯршӯлу Мозандарон ва Ироқу Гелон навишт ва аз эшон мадад хост. Дар се моҳ саду бист ҳазор савор бари Бӯрондухт ҷамъ шуданд, берун аз он мутааллиқон, ки бо ӯ буданд. Дари хазина боз карду ҳамаро мол бахшид ва аспу силоҳ бахшид ва гуфт:

– Агар ман Искандарро бикушам, мартабаи шуморо биафзоям ва бо шумо чандин накӯӣ кунам, ки дар фаҳм наёяд.

Ҳама сарҳо бар заминниҳоданду хидмат карданд ва чунин гуфтанд, ки "то як раг дар тани мо ҷунбад, мо дудаста теғ занем, бошад, ки бар душман зафар ёбем". Ин бигуфтанду рӯй ба сӯи Искандар овардаид.

Чун шоҳ Искандар аз ин аҳвол хабар ёфт, зуд лашкари азимро номзад кард[2] бо даҳ амиру мардони хиёр[3], то баробари Бӯрондухт бозомад ва лашкари дигарро таълим кард, ки шумо фурсат нигоҳ доред, ки ин лашкари мо ба лашкари Бӯрондухт чун даф ҷанг оянд, шумо бар лашкаргоҳ бизанеду ғорат кунед ва хазинаву мол бардоред ва бар астарону[4] уштурон бор кунеду боз гардед. Чун ин тадбирҳо бикард, рӯй ба Бӯрондухт овард. Бӯрондухт хабар ёфт, баробари лашкар бозомаду хаймаву боргоҳ бизаданд ва он шаб ҳамчунон буданд.

Рӯзи дигар чун офтоб баромад ва овозаи кӯсу[5] бук[6] аз ҳар ду лашкар баромад, рӯй дар рӯй биистоданд. Амире буд бузург мар Искандарро, номи ӯ Сӯҳроб. Марде диловар буду кордон. Як шахсеро гуфт:

Бирав баробари ин лашкар ва бо овози баланд бигӯ, ки: "Эй лашкари Эрону Ироқу Порс, шумо аз баҳри чӣ кор омадаед ва аз ҷиҳати кӣ ҷанг хоҳед кард, ки Дороб кушта шуд ва амирону бузургони ӯ бо Искандар байъат карданд ва дар миёни шумо истодаанд, то чун ҷанг шавад, эшон ба сӯи Искандар раванд ва

[1] Байъат - паймон, аҳд

[2] Номзад кардан - таъйин кардан

[3] Хиёр - баргузида, интихобшуда

[4] Астарон - хачирон

[5] Кӯс - нақораи калон, табл, духул

[6] Бук - шайпур

шуморо хабар нест. Ба хонумони худ раведу дар хуни худ маронед, вагарна пушаймон шавед ва он гоҳ суд надорад".

Он гӯянда бирафт ва ин суханон ба овози баланд бигуфт, чунон ки эшон бишуниданд ва баъзе аз эшон ин суханон рост пиндоштанд. Бӯрондухт гуфт:

– Ман ба Искандар коре кунам, ки ҳамаи ҷаҳониён ибрат гиранд! Ин бигуфту асп дар майдон тохт ва ҷавлон намуд ва он амуди[1] дувисту панҷоҳманӣ бардошт ва мубориз талабид. Марде буд аз лашкари Искандар, ки ӯро Каҳлос гуфтандӣ. Марде хиёр буд, ӯро ҳеч аспе натавонистӣ кашид, бар уштур нишастӣ. Теғе дошта вазни сӣ ман, ки агар бар кӯҳ задӣ, ба ду ним кардӣ. Силоҳ кушоду бо бари Бӯрондухт омад ва ҳам аз гарди роҳ ҳамла кард. Бӯрондухт чун гармии ӯро бидид, баробари ҳамлаи ӯ боз шуд, яке бо теғу яке бо гурз, то чанд ҳамла дар миёни эшон ботил шуд. Бӯрондухт бо худ гуфт:

– Ин мард мардона аст, аммо чаро бояд, ки маро бо ӯ чандин рӯзгор шавад?

Ин бигуфту ҳамлаи сахт баровард чун оташи сӯзон ва ба ҳар ду пой дар рикоб биистоду он гурзро баровард. Каҳлос чун бидид, сипарро бо гурз гузошт, то магар ҳамлаи ӯро рад кунад. Бӯрондухт он гурзро бо қуввати бозу чунон бизад, ки мағзаш парешон шуд. Каҳлос аз сари асп дарафтоду ҷон бидод. Лашкари Искандар чун Каҳлосро кушта диданд, ҳама бар дасту бозуи Бӯрондухт офарин карданд. Марде буд дар лашкари Искандар, ки ӯро Фарҳод гуфтандӣ. Амири даҳ ҳазор мард буду дар қалб[2] истода буд, бо амирон гуфт, ки: "бо ин савор ҷангу мубориза кардан маслиҳат нест. Тадбир он аст, ки ба як бор ҳамла кунем, бошад, ки ба дасти ғалаба ин лашкарро битавонем шикастан".

Ин бигуфтанду ба як бор ҳамла оварданд Лашкари Эрон низ аз ҷой ба як бор биҷунбиданд. Овози кӯсу духул[3] ба Айюк[4] расид, ҳама теғу гурз ва ночиху[5] даҳра[6] ва зубин[7] бар сару фарқи якдигар ниҳоданду мекуштанд.

---

[1] Амуд - гурз

[2] Қалб - маркази лашкар

[3] Духул - номи сози мусиқист, табл, нақора

[4] Айюк - номи ситораест, дар ин ҷо ба маънии овози баланд баровардан

[5] Ночих - найзаи майда

[6] Даҳра - шамшери дудама

[7] Зубин - найза, найзаи кӯтоҳ

Лашкари Рум бар Бӯрондухт ғалаба карданд ва ӯро чун қалъа дар миён гирифтанд.

Лашкари Бӯрондухт хостанд, то ҳалқаро аз ҳам бидаранд, то ӯро савор кунанд, натавонистанд. Ҳама рӯй ба ҳазимат ниҳоданд ва бо якдигар гуфтанд.

– Бӯрондухтро кор аз даст рафт.

Ва дареғ мехӯрданду мерафтанд. Чун Бӯрондухт аз лашкари худ асар надид, ноумед шуд. Замоне бар ноумедӣ ҳарб кард ва ӯ низ худро аз миёни лашкар берун андохт.

Бо ғуломону чокарони худ то миқдори ду фарсанг[1] роҳ рафт, назар кард, чаҳордеворе дид бас баланду маҳкам, наздики чаҳордевор омаду гирди он чаҳордевор бигашт ва ҷое пеши чашм кард, ки ҷое маҳкам буд. Ҳамон ҷо биистоду он ғуломону чокарон низ биистоданд.

Бӯрондухт гуфт:

– Биталабед, то ҳеҷ ҷое обе ёбед, ки ман ташнаам, то шарбате об бихӯрам.

Чанд ғуломи гурд баромаданд, чашмаи обе ёфтанд, ки бар сабза меғалтид чун марворид, ҷое хушу хуррам ва мақоми[2] бонузҳат[3]. Ғуломон шод шуданду аз он об бихӯрданд ва ба наздики Бӯрондухт машрабае[4] об биёварданду аҳволи он чашма ва марғзорро бигуфтанд. Бӯрондухт шод шуд ва.... ба наздики он чашма омад ва дасту даҳон бишуст. Он гоҳ рӯй бар хок молиду бигирист ва гуфто:

– Худовандо, бандаеам аз камтарин бандагони даргоҳи ту, маро фарёд рас, ки падарамро куштанду қасди ҷони ман низ кардаанд, ту маро даст гир, ки дастгири дармондагон туӣ.

Ин бигуфт ва мегирист, ки ногоҳ овози суми маркабон ба гӯши ӯ расид, барчасту силоҳ дарпӯшид ва бар маркаб савор шуд. Лашкаре дид ба миқдори панҷ - шаш ҳазор мард, ки рӯй ба роҳ оварда буданд ва мерафтанд. Бӯрондухт бо худ гуфт, ки "оё ин лашкари Мозандарон бувад, ки ба ҳазимат[5] мерафтанд?"

Бӯрондухт он лашкарро бишинохт, зуд чанд ғуломро дар ақиби эшон бифиристод. Он ғуломон маркабон бидавониданд, то бирасиданд. Ғуломон гуфтанд:

---

[1] Фарсанг - масофаест, ки тақрибан баробари 6 км мебошад

[2] Мақом - ҷой, макон

[3] Бонузҳат - тоза, дилкаш

[4] Машраба - кӯза, зарфи обгирӣ

[5] Ҳазимат - шикаст, гурехтан

– Инак шоҳзода – Бӯрондухт наздики он чаҳордевор истодааст, шуморо ки дид, моёнро дар ақиби шумо мефиристод.

Эшон хама шод шуданду ба наздики Бӯрондухт омаданд ва ҳама пиёда шуданду хидмат карданд. Бӯрондухт ҳамаро бипурсид ва узр хосту гуфт:

– Шумо ба сабаби ман хонумон барандохтед ва зану фарзанд раҳо кардед ва ҷонҳо бар кафи даст ниҳодеду ба гирди ҷаҳон мегардед. Агар зинда монам, узри шумо бихоҳаму ба ҳақи шумо бирасам.

Инҳо гуфтанд, ки "мо ҳама бандагони туему аз они Дороб, ки падарони мо бандагони шоҳ Дороб буданд ва бидонад маликаи Эрон, ки то пои ту дар рикоб[1] бошад, мо аз барои ту ба ду даст теғ бизанему аз ту барнагардем, то кори мо ба Искандар якрӯя шавад. Ин ҷо аз баҳри он омадаем, ки ҷое талабем, ки фуруд оему аз шумо хабар ёбем. Акнун ки шуморо бо ҷон дидем, ҳар чӣ ишорат кунед, бо он биравем". Бӯрондухт бар эшон офарин карду эшонро ба ҷойгаҳи некӯ фуруд овард, то ҳама бар сари он чашмасор мақом карданд ва фуруд омаданд.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қиссаи дилкушои ҷонафзой чунин ривоят мекунад, ки чун Бӯрондухт об бихӯрд, силоҳ аз худ ҷудо кард ва мар ғуломонро гуфт: Тане чанд биёсоед ва тане чанд талоя[2] бошед, то бо хатое бознахӯрем. Аз он ғуломон тане чанд ба талоя рафтанд ва ҳам дар навоҳии он чаҳордевор мегаштанд ва пос медоштанд ва ягону дугон аз асп фуруд меомаданду мехуфтанд, ки ҳамаи эшон хаста буданд ва ҳам аспон монда шуда буданд, ки ғом[3] аз ғом наметавонистанд баргирифт ва бар ҷой хушк бимонда буданд. Аммо дар миёни он ғуломон ғуломе буд румӣ, ки ӯро Бӯрондухт харида буд ва он ғуломро ҳамон ҳавои Рум дар сар буду чанд бор қасди он карда буд, то аз Эрон бигузараду ба Рум равад, аммо фурсат намеёфт. Чун Бӯрондухт ба он чаҳордевор омаду такя кард ва он ғуломонро гуфт, ки пос доред, он ғулом бо худ андеша кард, ки фурсат ба вақт нест, ки ҳамин соат рӯй ба лашкаргоҳи Искандар биёраму аз ҳоли Бӯрондухт шоҳ Искандарро хабар диҳам, то лашкар бифиристад ва Бӯрондухтро бигирад, то ин ҷангу ошӯб кам шаваду ин фитна бинишинад. Ва чун инчунин коре карда бошам,

---

[1] Рикоб - узангӯ

[2] Талоя - посбон, нигаҳбон

[3] Ғом - қадам

шоҳ Искандар маро бинавозаду мартабаи маро баланд гардонад ва ман низ дар Рум бимонам. Ин бияндешиду оҳиста-оҳиста аспро инон[1] гирифта буд ва мечаронид, то чандоне, ки аз он ғуломон дур афтод, пой дар асп оварду рӯй ба лашкаргоҳи Искандар овард. Чун ба даргоҳи Искандар омад, бор хост… Ҳоҷиб бо шоҳ Искандар гуфт: Дароредаш, то бубинам, ки чӣ мегӯяд. Ҳоҷиби бор берун омаду бозуи он ғулом бигирифт ва дар пеши шоҳ Искандар овард. Чун чашми ғулом бар шоҳ Искандар афтод, хидмат карду ба забони румӣ шоҳро дуъо гуфт. Баъд аз он гуфт:

– Эй шоҳ, хабаре овардаам, агар иҷозати шоҳ бошад, бигӯям:

Шоҳ Искандар гуфт:

– Иҷозат аст.

Ғулом аҳволи Бӯрондухт, ҷанг кардани ӯ бо лашкари Искандар, ба бад-он чаҳордевор омадану он ҷо хуфтан ва ғуломонро гуфтан, ки шумо талоя доред, бигуфт ва гуфт:

– Ман ба хидмат омадаам, то шоҳро маълум кунам, ки Бӯрондухтро осон метавон ба даст овардан.

Шоҳ Искандар чун ин бишунид, аҷаб дошт аз он суханҳое, ки он ғулом гуфт. Шоҳ Искандар он ғуломро гуфт, ки аз ин ҷо то ба он чаҳордевор чанде роҳ бошад? Ғулом гуфт:

– Шояд, ки ду фарсанг роҳ бошад ё набошад, зуд шоҳ Искандар ду амири бузург бо чанд амиронро номзад кард бо даҳ ҳазор мард ва гуфт:

– Хоҳам, ки бираведу Бӯрондухтро бигиред ва ба наздики ман биёред. Ва ин ҳар ду амири бузург бо ҳашт амири дигар лашкар баргирифтанд ва он ғуломро бо асп овардаиду таому шароб бидоданд, то сер бихӯрду савор шуд ва дар пеш даромаду он ду амирро бо лашкари гарон, ки даҳ ҳазор савори корзордидаи ҷррора[2] буданд, ба наздики Бӯрондухт овард.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин достони аҷоибнигор чунин ривоят мекунад, ки чун он ғулом бирафт ва субҳи содиқ бидамид, Бӯрондухт он лашкари Мозандаронро ба он сарчашма фурӯ оварда буд, чун чошттоҳ шуд, бист ҳазор мард бари Бӯрондухт ҷамъ шуданд, аммо на хайма доштанд, на боргоҳ, ки ҳамаро лашкари Искандар ғорат карда буданд ва тадбири он кор мекарданд, ки чӣ гуна кунем, то чизе ба ҷанг орем, ки аз дур гарде пайдо шуду бод бар он гард зад

---

[1] Инон -лаҷом

[2] Ҷррора - бурранда, зӯру тавоно

ва бишикофт, аз миёни он гард лашкаре пайдо шуд, аломати он лашкар даҳ ҳазор мард буд. Бўрондухт чун он лашкар бидид, бонг бар мардумони худ бизаду гуфт:

– Эй ҷавонмардон, инак аспу силоҳу неъмат, ки аз барои мо овардаанд! Бархезеду барнишинед ва бикўшед, ки то кини[1] худро аз ин ноҷавонмардон бихоҳам!

Он ҳама лашкар дар силоҳ шуданд. Бўрондухт лашкари худро ба чаҳор қисм кард, ба ҳар ҷое панҷ ҳазор мард дар камин бинишонд ва худ бо сесад ғулом дар баробар биистод. Чун ғуломони Бўрондухт бо он андак моя мардум, ки ғуломону чокарони ўянд ва бар он дари чаҳордевор истодаанд, гуруснаву хаста.

Чун он амирон Бўрондухтро бидиданд, баромаданд, то ба наздики он чаҳордевор расиданд, бар ҷой истодаанду якеро гуфтанд, ки "бираву Бўрондухтро бигўй, ки ин лашкарест, ки аз пеши шоҳ Искандар омадааст. Шоҳ Искандарро маълум карданд, ки шумо ин ҷо омадаед, моро фиристодааст, ки Бўрондухтро биёред ва агар наёяд, ўро бигўед, ки Искандар туро салом мерасонад ва мегўяд, ки чаро ҷанг мекунию фитна пайдо месозӣ ва хуни озодмардон мерезӣ? Ман аз Рум ҷиҳати ҷанг кардан наёмадаам, ба падарат гуфтам, нашуниду ҷон ба бод дод! Ту он макун, ки падарат кард, то ту низ ҷон ба бод надиҳӣ! Биё ба наздики ман, то ҳар чӣ хоҳӣ, ба ту диҳам ва ҳар чӣ муроди ту бошад, ба ту расонам, ки мо бегона нестем, аз як наслем. Ту духтари Дороб ибни Доробӣ ва ман писари Дороб ибни Ардашер. Раво набошад, ки дар миёни мову ту адоват бошад, то баъд аз мо подшоҳон ин сухан бишнаванд ва моро бинакўҳанд."

Чун он кас ин сухан бигуфт, Бўрондухт гуфт:

– Инро дастбурде бояд намудан, то дигар чунин пайғом наёбад.

Тире аз ҷаъба[2] баркашиду бар камон ниҳод ва чунон бизад, ки дар даҳони он пайғоморанда даршуду аз кафо берун парид. Он мард аз асп андарафтоду ҷон бидод ва он Сўҳробу Фарҳод ва амирони дигар чун он ҳол бидиданд, бо якдигар гуфтанд, ки "айб аз мо бувад, чаро бояд, ки бо Бўрондухт аз ин гуна сухан гўему бо ў сулҳ ҷўем? Шоҳ Искандар моро гуфт: "Бираведу Бўрондухтро бигиред ва зинда ба наздики ман оред".

Ҳеч аз ин бехтар нест, ки ба як бор ҳамла кунему эшонро дар миён гирем ва ба дасти ғалаба ҳамаро гирем!

---

[1] Кин - қасд

[2] Ҷаъба - тирдон

Ин бигуфтанду ба як бор ҳамла карданд ва ҳой - ҳой баромад ва он даҳ ҳазор мард ба як бор рӯй ба Бӯрондухт оварданд. Бӯрондухтро ҳеч дил аз ҷой набурду баробари он лашкар омад ва гурзи калонро кор фармуд. Бо ҳар амуде мардеро бо асп ба хам дар зин шикасту ба ҳар ҷониб, ки Бӯрондухт ҳамла мекард, аз кушта пушта мениҳод ва он амирон ҳар соат бонг бар лашкар мезаданду ба гирифтани Бӯрондухт таҳриз[1] мекарданд, ки ногоҳ аз чаҳор гӯша он бист ҳазор мард кашида чун шерони гурусна аз ямину ясор[2] ва пасу пеш даромаданду ба захм гирифтанд. Чун лашкари Шоҳ Искандар он ҳама лашкарро бидиданд, бидонистанд, ки эшон камин карда буданд.

Умед аз ҷон баргирифтанду гуфтанд ки "ин ғулом бо мо макр карду моро ин ҷо оварда ва дар тағори[3] хун ниҳод". Ин бигуфтанду ин ғуломро порапора карданд.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ чунин ривоят мекунад, ки чун он лашкари Бӯрондухт он макр бикарданд, аз баҳри аспу салоҳ ба бахт мекӯшиданду бемуҳобо аз он лашкар мекуштанд ва мехостанд, то дар як соат даҳ ҳазор мардро бар замин заданд ва хастаро худ адад пайдо набуд ва аз он амирон баъзеро мекуштанду баъзеро асир карданд ва бари Бӯрондухт оварданд. Бӯрондухт бипурсид, ки "Шуморо бад-ин маком кӣ овард?!" Аҳволи ғулом бозгуфтанд. Бӯрондухт гуфт:

– Он ғуломро биталабед!

Гуфтанд:

– Мо чунон пиндоштем, ки он ғулом бо мо макр кардааст. Мо вайро бикуштем. Он ғуломро талабиданд, кушта ёфтанд. Боз сари Фарҳодро бибуриданду гӯшу бинии Сӯҳробро бибуриданд ва сари Фарҳоду ғуломро бар гардани Сӯҳроб овехтанд. Он гоҳ Бӯрондухт гуфт:

– Бираву Искандарро бигӯй, то ҷангро омода бошад. Сӯҳроб бо ин аломат ба лашкаргоҳи хеш омад. Чун амирон лашкари Сӯҳробро бад-он аломат бидиданд, аҷаб доштанд ва ҳамчунон ба наздики Искандар оварданд. Сӯҳробро бипурсид, ки "туро ин чӣ афтод?" Сӯҳроб замин бӯса дод ва гуфт:

– Он нашуд, ки мо хостем, он омад, ки Худой хост! Бӯрондухт берун омаду Фарҳодро бо ҷумлаи амирон ҳалок кард ва инак сари

---

[1] Таҳриз - игво кардан, барангехтан

[2] Ямину ясор - росту чап

[3] Тағор -тағора, зарфест барои ҷомашӯӣ

ғуломи роҳбар бо сари Фарҳод ба наздики Шумо фиристод, ки ҷангро омода бошед.

Искандар ҳайрон бимонд, гуфт:

– Магар макрею тилисме сохт?

Сӯҳроб гуфт:

– Тилисме дигар набуд, аммо бар мо тохтан овард ва он гоҳ Фарҳодро бигирифту сар бибурид ва маро бад-ин ҳол бифиристод.

Искандар чун ин бишунид, дар аҷаб бимонду гуфт.

– Эй Сӯҳроб, Бӯрондухтро куҷо мондӣ?

Сӯҳроб гуфт:

– Яке чаҳордеворе рост кардааст ва дар он ҷост. Искандар гуфт:

– Савор шавему биравем ва Бӯрондухтро бигирем? Аристотолис бихандид. Искандар гуфт:

– Чаро механдӣ!

Ҳаким гуфт:

– Дар қудрати яздон нигоҳ мекунаму ҳикматҳои аҷаброн меандешам, ки дар ҳар соат дигар алвон[1] ҳикмате менамояд. Дар андак рӯзгор чанд бор кори малик булаҷаб шуд, то оқибат чӣ шавад?

Искандар гуфт:

– Мо ҳама дармондаву оҷизем ва малики малик Худой аст ва ҳукми ӯст, аммо бо ин Бӯрондухт ҷанг кардан маслиҳат нест, ки ҳар кӣ қасди вай кунад, ҳалок шавад.

Аристотолис гуфт:

– Ҷумлаи корҳо ба вақт мавқуф аст. Акнун вақт аст, ки ӯро тақсир[2] накунем, то ин фитнаҳо магар биёромад, ки агар лашкари Табаристону Мозандарон ва Хуз хабар ёбанд, ҳама бо вай ёр шаванд ва Бӯрондухт боз қавӣ гардаду ба даст овардани ӯ душвор шавад.

Пас бифармуд, то кӯс фурӯ кӯфтанду пой дардамиданд ва Искандар савор шуда, лашкари Порсу Ироку Рум чун дарёи ҷӯшон аз ҷой биҷунбониданд ва он рӯз то шаб биронданд, то ба наздики Бӯрондухт расиданд.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ чунин ривоят мекунад, ки то Искандар ба Бӯрондухт расид, Бӯрондухтро бисту панҷ ҳазор савор ҷамъ шуда буданд, ҳама

[1] Алвон - ранг ба ранг

[2] Тақсир - хато, айб

муборизони хиёри хуношом. Чун чосус бирафт, Бӯрондухтро хабар кард, ки "эй маликаи Эрон, Искандар бо лашкари бисёр расид ва ба бад-он омадааст, то туро бигирад". Бӯрондухт бо сипоҳи хеш гуфт:

– Эй падарони ман, имрӯз чуз тозиёна ва ин асп, ки бар он нишастаам, чизе дигар надорам. Ҳама молу неъмат Шуморо манфиат бувад, ки агар ман ба тахти худ боз расам, ҳамаро аз мол Қорун кунам ва агар маро ёрӣ нахоҳед дод, чумла маро сареҳ[1] бигӯед, то ман бидонам, бархезаму ба Ҳиндустон шавам, ки малики Ҳинд аз дасти падаркалони ман-Дороб подшоҳ аст. Чун он чо равам, бубинам, ки ҳукми Худованд чист, ки ончи хости ӯст, бояд ин киёс кард, ки чуз он нашавад.

Чун Бӯрондухт ин сухан бигуфт, он лашкар, ки бар ӯ чамъ омада буданд, чумла бигуфтанд, ки "чаро чунин мегӯӣ? Мо чумла бандагони вафодору хидматгори туем ва мо ҳама, ки аз Хуросону Мозандарон омадаем, то чон дар тан дорем, бо душмани ту теги чонрабой мезанем!"

Бӯрондухт бар ҳама офарин карду ваъдаҳои хуб фармуд.

Он гоҳ гуфт:

– Искандар чунон медонад, ки ман танҳо мондаам. Акнун савоб он аст, ки дар каминогоҳе бинишинем, то чун Искандар даррасад, хештанро бар вай бизанем. Бошад, ки ӯро тавонем гирифтан ва ин теги худро ба хуни ӯ рангин кунем ва бар чумлаи шоҳон пирӯз гардем ва бар тахти Эрон бинишинем.

Он чумла бузургон гуфтанд:

– Иншоаллоҳ..., ки маликаи Эрон ба мақсуд бирасад.

Пас бисту панч ҳазор мард дар камин бинишастанд, то Искандар даррасид.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки яке аз чумлаи мардони Бӯрондухт рафту ба Искандар гуфт, ки "бисту панч ҳазор мардро Бӯрондухт дар каминогоҳ нишондааст".

Чун Искандар аз чосус ин сухан бишунид, гуфт, ки "бузургони сипоҳро бихоҳед". Бузургон биёмаданду замин бӯса доданд ва гуфтанд, ки "фармон чист?". Искандар гуфт, ки "бар чой қарор гиред, ки маслиҳати рафтан нест". Чумла сипоҳ бар чой қарор гирифтанд. Марде аз сипоҳи Искандар биёмаду Бӯрондухтро хабар дод, ки "лашкари Искандар бар чое қарор гирифтанд, ки аз ту хабар ёфтанд, ки дар камин нишастай". Бузургони сипоҳро Бӯрондухт гуфт:

---

[1] Сареҳ -равшан

–Шумо ин ҷо бибошед, то ман бо даҳ ҳазор мард биравам аз дасти рост ба сӯи биёбон ва аз паси пушт Искандарро бо лашкари вай дастбурдӣ намоям, чунон ки мардони ҷаҳон офарин гӯянду баъд аз ман қиссаи ман мӯниси дили ҷаҳониён бувад.

Ин бигуфту дар биёбон фурӯ рафт бо он даҳ ҳазор савор ва Искандар бар роҳ истода буд ва Бӯрондухтро мепоист, то кай расад, ки ногоҳ Бӯрондухт аз кафои лашкари Искандар даррасид. Ва чунон пиндоштанд, ки аз румиёнанд, ки ба мадади эшон омадаанд. Дар ин буданд, ки Бӯрондухт як наъра бизаду гуфт:

–Манам Бӯрондухт бинти Дороб ибни Дороб ибни Ардашер! Эй Искандар, чаро Фарҳодро ба талаби ман фиристодӣ, ки худ наёмадӣ?! Акнун ман худ омадаам, то туро заҳмат нашавад! Ҳамлаи маро пой дор!

Ин бигуфту ҳамла кард ва хештан чун ҳизабри[1] дамон[2] дар миёни лашкари Рум афканд ва бонги деҳу доругир баромад. Ва он гурзи дувисту панҷоҳманиро кор фармудан гирифт. Искандар чун бидид, ки ҷуфти мувофиқи "меҳрубон" омад, хештанро аз миёни лашкар берун андохту ҷони ширини худро аз пеши Бӯрондухт ба ҳазор ҳила берун бурду сари худ гирифт.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор чунин ривоят мекунад, ки аз чаҳор карона лашкари Бӯрондухт расид ва тeғу тир дар миён ниҳоданд ва Бӯрондухт чун шери ошуфта дарафтод ва ҳар киро мезад, аспу мардро пахч[3] мекард, то субҳ, ки машшотаи[4] ҷаҳон аст, асар кард ва шаъри кухлӣ[5] аз рӯи арӯси ҷаҳон[6] барандохту олам мунаввар шуд. Бӯрондухт аз миёни масоф овоз дод, ки "эй ҷавонмардони азим, мардвор кӯшидед, аммо эшон бисёранду соат ба соат бар эшон мадад мерасад, набояд, ки хатоие равад. Бозгардед! Лашкари Бӯрондухт бозгаштанду бар лаби Фурот[7] омаданд. Лашкари Рум чун чунон бидиданд, дар қафои эшон бирONданд, то бошад, ки Бӯрондухтро бигиранд. Чун Бӯрондухт чунон бидид, бозгашту ҳамла кард ва он лашкари Румро боз ба ҷои худ овард. Ва он шаб панҷ ҳазор мард кушта

---

[1] Ҳизабр - шер

[2] Дамон - маст, гурранда, даҳшатнок

[3] Пахч - пахн, пахш, пачақ

[4] Машшота - зане, ки мӯи занонро оро медиҳад; киноя аз субҳ

[5] Шаъри кухлӣ - сиёҳранг, ҷомаи сиёҳи занона, киноя аз торикии шаб аст

[6] Арӯси ҷаҳон - киноя аз субҳ аст, яъне субҳ шуду олам равшан гашт

[7] Фурот - номи дарёест дар Байнаннаҳрайн

Вазорати маорифи Ҷумҳурии ...
Мактаби ... 14
ноҳияи ... Хатлон
Министерство образования Респуб...
... 14
№

шуд аз ҳар ду ҷониб ва сесад мард аз румиён ба дасти Бӯрондухт асир афтод ва то лаби оби Фурот омад ва он чӣ аз асирони Рум қавитар буданд, саду панҷоҳ мардро сар бурриду дар гардани он саду панҷоҳ мард фурӯтар даровехт ва гӯшу бинии эшон бибуриду ба назди Искандар фиристод ва гуфт:

– Бираведу бигӯед, ки ман тахти Эрон бад-ӯ додам, аммо раҳо накунамаш, то як соат хуш бошад. Ва гирди лашкари ӯ мегардам ва мезанаму мекушам!

Ин бигуфту он асиронро бифиристод ва Бӯрондухт мардони худро гуфт, ки "агар айёрие мекунед, чунон ки мардони Искандар кардаанд, ҳама неъмат ба даст оред ва имрӯз ба дасти ман чизе нест ва ҳама ба Истахр[1] мондааст. Акнун ошӯб дар ҷаҳон афканему намонем, то Искандар бар тахти Эрон рост нишинад, бархезему ба Рум равем ва он чи Искандар ба Эрон кардааст, мо ба Рум кунем, балки бадтар аз он ки ӯ кардааст. Ва он чи Искандар аз Эрон молу неъмат гирифтааст, мо сад чандон аз Рум бигирем!"

Сипоҳи ӯ гуфтанд:

– Эй маликаи Эрон, мо ҳама бандагону фармонбардори туем ва то ҷон дар тани мост, бикӯшем.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки чун он асирони гӯшу бинибурида ва он сарҳои ба гардан дарафканда ба саропардаи Искандар омаданд ва Искандарро хабар доданд, Искандар он сарҳоро бифармуд, то дар хок карданд ва Аристотолису Сатломису Батлимусро бихонд. Чун биёмаданд, Искандар бигуфт:

– Тадбир чист, ки боз Бӯрондухт қавӣ шуду чандон сипоҳи маро ҳалок кард?

Аристотолис гуфт:

– Эй маликуррум, ту аз Эрон тарк намегирӣ? Даст аз Эрон кӯтоҳ кун, то ба Рум равем.

Искандар гуфт:

– Ман ин нангу ор куҷо барам, ки ҳама мардуми Рум маро гӯянд, ки аз духтаре бигурехт ва натавонист бо ӯ баромадан.

Он румиён гуфтанд, ки "бадтар аз ин нангу ор нест". Искандар чун ин сухан бишунид, гуфт:

– Ба равони падарам – Дороб ибни Ардашер, ки то мулки Эрону Румро бар худ рост накунам, ороми қарор нагирам!

---

[1] Истахр - номи қадимии пойтахти Эрон дар наздикии шаҳри Шерози ҳозира

Зуд бифармуд, то лашкар барнишастанду он бузургони сипоҳ гуфтанд, ки "эй маликуррум, шитоб макун, то тадбире бикунем, чӣ сабуксаронро бузургон насутудаанд". Искандар гуфт:

– Бишинед, то тадбире кунем.

Аристотолис гуфт:

– Толеи Бӯрондухт қавӣ дар нуҳусат[1] аст. Агар аз ин нуҳусат халос ёбад, олам дар зери фармони вай шавад ва панҷоҳ сол мулк ронад. Акнун тадбир он аст, ки то ҳамаи эрониёнро дастуре диҳӣ, то бари Бӯрондухт раванд ва бигӯӣ, ки "маро Эрон намебояд. Ман аз Эрону эрониён безорам. Эрониён бари Бӯрондухт раванд, то маъзур[2] шавад ба лашкар.

Чун ин сухан ба гӯши эрониён расид, яке аз он ҷумла ҳавохони[3] Бӯрондухт ин сухан бишунид, бархосту ба назди Бӯрондухт омад ва бигуфт, ки "Искандар эрониёнро ба наздики ту фиристод ва овоза дарандохт, ки ман ба Рум меравам." Ва он шаб бист ҳазор мард биёмаданду дар пеши Бӯрондухт замин бӯса доданд ва узр хостанд.

Бӯрондухт бар лаби оби Фурот фуруд омада буд, на саропарда дошту на хайма, он эрониён, ки омада буданд, мегуфтанд, ки эй малика, чаро хайма намезанӣ?

Бӯрондухт гуфт:

– Маро ҳеч чиз намебояд ва шумо низ намебояд. Бозгардеду ба наздики Искандар равед ва ман безаҳмату ранҷ биравам.

Он лашкари Эрон ба наздики Искандар омаданду гуфтанд:

– Моро Бӯрондухт қабул накард ва бозфиристод.

Искандар гуфт:

– Шуморо чаро бозфиристод ва чаро саропарда намезанад, ки бар лаби об чун лӯлиён фуруд омадааст? Магар ӯро хаймаву хиргоҳ нест?

Гуфтанд.

– Мо ҳеч намедонем, то ӯ дар чӣ кор аст.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки рӯзи дигар Бӯрондухт савор шуд ва гирди Эрон баромад ва гуфт, ки "бо ман байъат кунед, ки аз ман барнагардеду дар ҳаққи ман бадӣ наандешед ва ба наздики душманон сухан нафиристед".

---

[1] Нуҳусат - бадбахтӣ, бетолеӣ

[2] Маъзур - узрдошта, узрдор

[3] Ҳавохон - тарафдор, дӯст

Эрониён гуфтанд:

– Чунин кунем.

Пас боз байъат карданду савганд хӯрданд, ки "агар аҳд бишиканем, ба ин об ғарқ шавем". Пас Бӯрондухт савор шуд, рӯй ба осмон карду гуфт:

– Эй Худои беҳамто, ба ҳаққи Худоии ту, ки ҳамчунон ки падари маро аз обу шамшери душманон ва аждаҳо нигоҳ доштӣ, мани бечораро низ нигоҳ дор ва дӯстони маро дар об ғарқ магардон ва онҳо, ки дили эшон бо ман рост нест, ҳамаро ба ин об ғарқ гардон!

Ин бигуфту рӯй бар хок ниҳод ва зор-зор бигирист. Сар бароварду бар асп савор шуд ва аспро дар оби Фурот биронд. Аз он ҷо, ки қаҳҳор[1] Худой буд, ба қудрат ҷумлаи мухолифони Бӯрондухт ғарқ шуданд ва мувофиқони ӯ, ҷумла дар мувофиқати ӯ аз об ба саломат берун омаданд ва он шаб бар он лаби об бибошиданд. Рӯзи дигар бархосту ғусли пок бикард ва Худойро шукру сипос бигуфт. Ва чун аз он фориғ шуд, лашкари Эронро шумор кард, бисту панҷ ҳазор мард аз об баромада буданд, ҳама мубоеризони хиёр[2] ва мардони корзор. Бӯрондухт рӯй ба Рум ниҳоду бирафт, то ба Ҳалаб расид ва ду фарсанге дур аз Ҳалаб[3] марғзоре буд хушу хуррам, он ҷо фуруд омад ва бузургони сипоҳро бихонду гуфт: ин шаҳри Ҳалаб чӣ гуна ҷоест? Гуфтанд:

– Азим ҳисори[4] устуворест ва мубоеризон бисёранду азим тавонгаранд ва ин ҳисор сарҳади Рум аст. Бӯрондухт гуфт: Ман агар ин Ҳалабро бигирам, азим пушту паноҳе ҳосил карда бошам ва дилфориғ гардам ва агар натавонам гирифт, ба Рум натавонам рафт ва хештанро дар миёни чандин ҳазор лашкар натавонам дарафканд. Ин бигуфту дарҳол бифармуд, то қоидаи подшоҳӣ рост карданд ва саропардаву чаҳор болиш биниҳоданд ва силоҳдорон ба чапу рост биистоданду ҷондорону[5] ҳоҷибон бар атрофи боргоҳ ҳалқа карданд.

---

[1] Қаҳҳор - сахтгир, кушанда

[2] Хиёр - интихобшуда, хушкардашуда

[3] Ҳалаб - номи шаҳр

[4] Ҳисор - қалъа, ҷои мустаҳкам

[5] Ҷондорон - посбонон, муҳофизон

**Савол ва супориш**

1. Задухӯрдҳо миёни кадом давлатҳо мегузашт?
2. Бӯрондухт кӣ буд? Симои ӯро тавсиф намоед.
3. Лашкари Эрон ба даъвати Бӯрондухт чӣ ҷавоб дод?
4. Даъвати Бӯрондухт ва ҷавоби сипоҳдоронро аз рӯи манфиати шахсӣ ва ҷамъиятӣ шарҳ диҳед.
5. Корнамоии ҷанги Бӯрондухтро батафсил нақл кунед.
6. Кадом хислатҳои ботинӣ ва зоҳирии Бӯрондухтро ошкор намудед?
7. Симои Бӯрондухтро бо Искандар муқоиса намоед.
8. Усули асосии размн Бӯрондухт кадом буд?
9. Бӯрондухт кадом шакли ҷазоро дар ҳаққи душманони асирафтода бештар раво медид?
10. Оқибати разми Бӯрондухт ва Искандар бо чӣ анҷом ёфт?
11. Ғалабаи Бӯрондухт бар румиҳо чӣ аҳамият дошт?
12. Аз ҷумлаи "Лашкари Бӯрондухт бозгашта бар лаби Фурот омаданд" феъли ҳолро ёбед.
13. Калимаи "бозгашта" ба кадом савол ҷавоб мешавад?
14. Калимаи "бозгашта"-ро аз рӯи таркиб таҳлил намоед.
15. Аз матн даҳтой калима ёфта ба дафтаратон нависед, ки ба саволи "чӣ кор кард?" ҷавоб шаванд.

## ҲИКОЯИ ХИЁНАТИ АЪРОБӢ

Эй мулуки ҷаҳон, бидонед, чанд гоҳ пеш аз ин шабе бадхобӣ маро бигрифт ва шаб чандон ба ман дароз шуд, ки гумони субҳ надоштам, чун субҳ шуд, бархоста шамшер бар миён бастам ва савор шудам ва найза ба каф гирифтам ва қасди ман бипурсиданд. Ман қасди худ ба эшон бигуфтам. Эшон гуфтанд:

– Мо низ ёрони туем.

Пас ҳама бо ҳам бирафтем, ногоҳ шутурмурғе падид шуд, оҳанги шутурмурғ кардем, ӯ бигрехт ва мо аз пайи ӯ ҳамерафтем, то ин ки зуҳр шуд ва шутурмурғ маро ба биёбоне беобу алаф кашонид, ки дар он ҷо ҷуз сафири[1] морҳо ва нафири[2] ҷиниён ва фарёди ғулон чизе набуд. Чун ба он макон расидем, шутурмурғ аз мо нопадид шуд, надонистем, ки ба осмон парид, ё ба замин фурӯ рафт. Пас мо сари асп баргардонидем, дидем, ки бозгаштан дар он

[1] Сафир - садо

[2] Нафир - карнай, овози баланд

ҳавои гарм муҳол аст. Пас ҳаво сахт гарм шуд ва ташнагӣ ба мо ғалаба кард ва аспони мо аз рафтан бозмонданд, маргҳо аён бидидам, ки ногоҳ аз дур марғзоре васеъ ба назар омад, ки дар он ҷо хаймае бар зада ва аспе дар паҳлуи хайма баста буданд. Моро пас аз ноумедӣ шодмонӣ рӯй дод ва равони мо бо нишот андар шуд. Аспҳо ба сӯи хайма рондем ва оҳанги марғзор кардем ва ман дар пешрӯи ёрон ҳамерафтам, то ба марғзоре бирасидем ва ба чашмаи обе истода об бинӯшидем ва аспҳо сероб кардем. Маро нодонӣ бар он бидошт, ки наздики хайма шавам. Чун наздики хайма рафтам, ҷавоне дидам сода ва ба моҳ ҳамемонист ва духтаре моҳрӯй чун ниҳол дар паҳлуи ӯ истода буд.

Ҷавонро салом гуфтам, ҷавоб рад кард. Пас гуфтам:

– Ё ахиалараб, бо ман бигӯ, ки ту кистӣ ва зӯҳрачабин дар паҳлуи ту кист? Ҷавон соате сар дар зер афканд. Чун сар бардошт, ба ман гуфт:

– Ту бозгӯ, кӣ кистӣ? Ва ин саворон бо ту кистанд?

Гуфтам:

– Ман Ҳаммод ибни Фарозӣ ҳастам, ки дар миёни араб маро ба ҷои пансад савор шуморанд ва мо дар хонаи худ ба оҳанги нахчир бадар омадем, ташнагӣ ба мо ғалаба кард, ба дари ин хайма даромадем, ки ҷурьаи об дар ин ҷо биёбем.

Чун ҷавон ин сухан аз ман бишнид, ба он парипайкар гуфт, ки:

– Об аз барои ин мард биёр ва хӯрданӣ низ ҳар чӣ ҳозир бошад, биёвар.

Пас духтарак монанди сарви сиҳӣ хиромидан гирифт, андак замоне гоиб буд, пас аз он бозомад ва ба дасти рост ҷоми нукраи пур аз оби хунук ва ба дасти дигар қадре хурмо ва қадре гӯшти гизол биёвард ва маро аз бисёрии майл ба он духтар ёрои таом ва шароб гирифтан намонд ва беихтиёр гуфтам:

Эй оташи хирмани ғарибон,
Биншин, ки ҳазор фитна бархост.
Болои чунин агар дар ислом,
Гӯянд, ки ҳаст зеру болост.

Ва ин абёт низ бархондам:

Ҳиност он, ки нохуни дилбар бируштаӣ,
Ё хуни бедилест, ки дар банд куштаӣ.
Ман одаме ба лутфи ту ҳаргиз надидаам,
Ин сурату сифат, ки ту дорӣ, фариштаӣ.
Зебу фиреби одамиён то ниҳоят аст,

Ҳурӣ магар на аз гили одам сириштай.
Аз анбару бунафшаи тар бар сар омадаст,
Он мӯи мушкбӯй, ки дар пой хиштай.
Ман дар баёни ҳусни ту ҳайрон бимондаам,
Ҳаддест ҳусни рӯй ту аз ҳад гузаштай.

Пас аз он хӯрданӣ хӯрда ва об нӯшидам ва ба ҷавон гуфтам:

Ё ваҷаал араб, ман туро аз ҳақиқати кори худ огоҳ кардам, ҳамехоҳам, ки ту низ маро аз ҳоли худ бохабар кунӣ.

Ҷавоб гуфт:

– Аммо ин духтар хоҳари ман аст.

Гуфтам:

– Ӯро ба хушӣ ба ман кобин кун, вагарна туро бикушам ва ӯро бибарам. Ҷавон соате сар ба зер афканд. Пас аз он сар бардошта ба ман гуфт, ки рост гуфтӣ, дар ин, ки саворе ягона ва далери мардона ҳастӣ, валекин агар ба ман ба ин сон ҷанг кунед ва маро кушта хоҳарамро бибаред, ин нанг ба шумо бимонад, ҳар гоҳ шумо савори далер ҳастед, маро мӯҳлат диҳед, ки аломи ҳарб бипӯшам ва теғ ба миён баста найза ба каф орам ва бар аспи худ савор шавам. Он гоҳ ману шумо ба майдони ҷанг дароем ва агар ман ба шумо зафар ёфтам, ҳамагон бикушам ва агар шумо бар ман чира шудед, маро кушта ва ин духтар ғанимат баред.

Чун ман сухани ӯ бишнидам, гуфтам:

– Инсоф ҳамин аст ва хилоф кардан нашояд.

Пас сари асб бозгардондам ва дар муҳаббати духтараки моҳрӯй ҷунун бар ман ғалаба карда буд. Чун ба назди ёрон биёмадам, ҳусну ҷамоли духтар ва писарро ба онҳо бигуфтам ва собиткадамӣ ва шуҷоати ҷавонро баён кардам, ки мегӯяд: "бо ҳазор савор муқотила кунам". Ва ҳар чӣ мол ба хайма андар дида будам, ба ёрон боз намудам ва ба онҳо гуфтам:

– Агар ин ҷавон далере намебуд, дар ин сарзамин танҳо нанишастӣ. Валекин бо шумо аҳд мекунам, ки ҳар кӣ ин ҷавонро бикушад, хоҳараш аз они кушандаи писар бошад.

Ёрони ман ба ин паймон розӣ шуданд ва олати ҳарб пӯшида савор гаштанд ва оҳанги ҷавон карданд. Дидам, ки ҷавон низ олати ҳарб пӯшида ва бар асп нишастааст. Вале хоҳараш дар рикоби ӯ овехта ва буркаи худ аз сиришк тар сохта буд ва ба бародараш ҳаметарсид ва ин абёт ҳамехонд.

То тавонӣ, макаш зи мардӣ даст,
Ки ба сустӣ касе зи марг наҷаст.

Ҳар кӣ ӯро баланд мардӣ кард,
То ба рӯзи аҷал нагардад паст.
Сар фарорад чу тир ҳар марде,
Ки миён ҷангро чу найза бибаст.

Чун ин абёт аз хоҳар бишнид, сахт бигрист ва асп ба сӯи хоҳар бозгардонид ва дар ҷавоб ин абёт бархонд:

Эй басе размгоҳи чун дӯзах,
Ки қазо андар ӯ дуруст нараст,
Найза чун ҳамла хостам бурдан,
Гашта печон маро чун мор ба даст.
Гуфтам, эй моҳи марги ростгарой
Ки басе дил ба ту бихоҳам, хаст.

Чун абёт ба анҷом расонид, ба хоҳар гуфт, ки:

– Агар ман ҳалок шавам, ту кас ба худ роҳ мадеҳ!

Духтар гуфт:

– Маозаллоҳ, ки ман туро кушта бинам ва касро тамкин кунам! Пас дар он ҳангом даст даровардa, бурқаъ аз рӯи он моҳрух баркашид. Гӯё офтоб аз абр бадар омад. Пас ҷавон ҷабини ӯро бибӯсид ва ӯро видоъ гуфта рӯ ба мо овард ва гуфт:

– Эй сарварон, агар меҳмон ҳастед, зиёфат кунам ва агар ин моҳрӯро ҳамехоҳед, як- як ба муҷодилати ман оед!

Дарҳол савори далер ба мубориза қадам ниҳод. Ҷавон гуфт:

– Номи худ ва номи падар ба ман бигӯ! Ман савганд ёд кардаам, ки ҳар кадомро ном ба ном ва номи падар ба номи падари ман як бошад, накушам.

Он савор гуфт:

Маро ном Билол аст.

Ҷавон ӯро бо ин ду байт посух дод:

Маро моми ман ном марги ту кард,
Замона маро путки тарки ту кард.
Ҳам акнун ба хок андарорам сарат,
Бисӯзам дили меҳрубон модарат.

Пас ба ҳамдигар ҳамла карданд, ҷавон найза бар синаи ӯ зад ва синони найза аз мӯҳраи пушти ӯ даргузашт. Пас аз он дигаре ба муборизат пеш омад. Ҷавон ба ӯ гуфт:

Агар чарх бо ман барорад хурӯш,
Ба гурзи гаронаш бимолам ду гӯш,
Ба гурзи гарон бишканам пайкараш,
Ба найза рабоям ҳама ахтараш.

Пас чавон ӯро мӯҳлат надода, дархол ба хунаш оғӯшт ва муборизи дигар хост. Саворе ба муборизат қадам ниҳод, он чавон бо найзаи чонситон аз хонаи зин сарнагунаш кард. Савори дигар ба мукотила биштофт, чавон низ пеш рафта ба якдигар ҳамла карданд: ду зарбат аз онҳо тахаллуф кард. Дар зарбати саввум савор кушта шуд ва ҳар як аз ёрон пеш мерафтанд, ӯро мекушт, дидам, ки ёрони ман кушта шуданд ва бо худ гуфтам: "Агар ман низ ба муҳориба равам, халос нахоҳам ёфт ва агар бигурезам, маро қабоили араб сарзаниш хоҳанд кард".

Пас чавон маро мӯҳлат надод. Даст дароз карда маро бигирифт ва аз зин ба заминам андохт ва шамшер баланд карда хост маро бикушад, ман дар доманаш овехтам, маро чун гунҷишк бардошта дар ҳаво бигрифт. Он духтар ба кирдори бародар шодон шуд, омада ҷабини бародарро бӯса дод ва ҷавон маро ба ӯ дод ва бо ӯ гуфт:

– Инро ба ту супурдам. Ба ҷойгоҳи накӯ ҷояш деҳ, ки ӯ дар амони мост. Пас духтар гӯшаи домани маро гирифта чун саги мурда ҳамекашид. Он гоҳ олоти ҳарб аз тани бародар бадар оварда ва ҷома бар ӯ бипӯшонид ва тахте аз ҷо бигзошт. Ҷавон бар тахт биншаст.

Хоҳараш гуфт:

– Худо рӯи туро сафед кунад ва ҳодисот аз ту баргардонад!

Ҷавон дар ҷавоби хоҳар ин абёт бархонд:

Бизӣ шодмон, эй паричеҳра хоҳар!
Ки инак ба тавфиқи дидори довар,
Рабудам зи зин душманонро ба найза,
Бад-он сон, ки дона рабояд кабӯтар.
Ба номуси ту қасд карданд хасмон,
Зи теги ман акнун бididанд кайфар.
Кулаҳ мардро баҳри номус бояд,
Чу номус не, чи кулоҳу чи маъҷар[1]
Тамаъ кард ҳар кас ба номуси мардум,
Ҳалол аст, фармуд хунаш паямбар.

Чун абёти ӯро шунидам, дар кори худ ҳайрон бимондам ва ба асирии худ назора карда, хештанро маломат намудам. Пас аз он духтари парирӯйро назар карда бо худ гуфтам: "Ин фитнаҳоро сабаб ҳамин моҳрӯй шуд". Пас дар ҷамоли ӯ шигифт мондам ва об аз дида равон карда, ин абёт бихондам:

[1] Маъҷар - сарандозе, пардае, ки ба рӯ пӯшанд

Бас хун, ки ба тори ғамзагон рехтай,
Бас дил, ки ба тори зулф овехтай.
Борони дусадсола фурӯ наншонад,
Ин гарди балоҳо, ки ту ангехтай.

Пас он духтарак хӯрданӣ аз бахри бародар ҳозир овард ва маро ба хӯрдан бихонданд. Ман шод гашта, аз ҳалок эмин шудам. Чун бародараш аз хӯрдан фориғ шуд, каробаи шароб биёвард, ҷавон ба майгусорӣ бинишаст ва ҳаменӯшид, то ин ки мастӣ бар ӯ чира шуд ва гунааш сурх гардид. Пас ба сӯи ман нигоҳ карда ба ман гуфт:

– Ё Ҳаммод, ман Имод ибни Тамим ибни Тағлаба ҳастам, Худо зиндагонии тоза ба ту бахшид.

Он гоҳ қадахе ба ман дод, чун нӯшидам, қадаҳи дуввум ва саввум ва чаҳорум бидод, ки ӯро хиёнат накунам. Ман ҳазору понсад савганд ёд кардам, ки харгиз ба ӯ хиёнат накунам, балки ёри ӯ бошам. Пас дар он ҳангом бо хоҳар гуфт, дах ҷомаи ҳарир аз барои ман биёварад ва ҳамин ҷома, ки дар бар дорам, аз ҷумлаи онҳост ва шутуре аз беҳтарин аз бахри ман биёвард ва гуфт: асбе ашқар низ барои ман ҳозир оварад. Ман се рӯз дар назди онҳо мондам. Пас аз се рӯз гуфт:

– Эй Ҳаммод, эй бародар, ҳамехоҳам андаке аз бахри роҳат бихусбам, ки аз ту эмин гаштам ва ҳар гоҳ саворон бубинӣ, ки бад-ин сӯй ҳамеоянд, ҳарос макун, ки онҳо аз бани Тағлаба ҳастанд ва оҳанги ҷанги ман доранд.

Пас шамшер ба зери сар ниҳода бихуфт. Маро нафс дар куштани ӯ васваса кард. Ба суръати тамом бархоста шамшер аз зери сари ӯ бадар овардам ва ба як зарба сар аз танаш ҷудо кардам. Чун хоҳараш аз кори ман огоҳ шуд, хештан ба бародар индохт ва ҷомаҳои худ бидарид ва ин абёт бихонд:

Бинолед, эй дӯстону бигирйед!
Бар он талъати хубу фарри кайонӣ,
Бихандд, эй бадандеш, баъд аз вафоташ,
Зи чанголи марг ар бирастан тавонӣ.
Чу шодӣ ба маргаш, ки охир туро ҳам,
Диҳад даври гардун аз ин дӯст к-онӣ?!

Чун абёт ба анҷом расонид, ба ман гуфт:

– Эй палид, бародари маро чаро куштӣ? Ва аз бахри чӣ хиёнат кардӣ? Ва қасди ӯ ин буд, ки бо ҳадяҳо ва тӯшаҳо туро ба хонаат боз гардонад ва ҳамехост, ки маро дар оғози ин моҳ бар ту кобин кунад.

Пас аз он духтарак шамшер бигирифт ва қабзаи шамшер ба замин ва нӯги онро ба сина гузошт ва биафтод, ки ногоҳ нӯки шамшер аз пушти ӯ берун шуд ва дарҳол бимурд ва ман маҳзун шудам ва пушаймон гаштам. Вале пушаймонӣ суде надошт. Пас бархоста ба хона даромада ва он чи, ки дар вазни сабук ва ба қимати гарон буд, бардошта равон шудам ва аз ғояти бим ва шитоб, ки доштам, ба куштаҳои ёрони худ илтифот накардам ва он ҷавону духтаракро низ ба хок насупурдам.

**Савол ва супориш**

1. Аъробӣ Ҳаммод ибни Фарозӣ бо кадом мақсад аслиҳаи ҷангӣ ба бар карда ба асп савор шуд?
2. Сайд дар сурати шутурмурғ аъробӣ ва ёрони ӯро то куҷо аз қафои худ овора карда бурд?
3. Онҳо дар марғзори дур бо кӣ вохӯрданд?
4. Ҷавони араб ва духтари зӯҳраҷабини парипайкар киҳо буданд ва Ҳаммодро чӣ хел пазирой намуданд?
5. Ҳаммод ба ҷавонмарди мизбон чӣ талабҳо пешниҳод намуд?
6. Ҷавонмарди мизбон ҷавобан дар назди Ҳаммод чӣ шартҳо гузошт?
7. Ӯ бо кадом корнамоиҳо хоҳари худро ҳимоя намуд?
8. Симои зоҳирӣ ва ботинии он духтари арабро тавсиф намоед.
9. Ба хиёнати Ҳаммод чӣ хел баҳо медиҳед?
10. Хислат ва рафтори он ҷавонмард ва Ҳаммодро муқоиса кунед.
11. Сифатҳои духтар, бародари ӯ ва Ҳаммодро дар се сутун ҷудо карда нависед, ба сифатҳо савол гузоред.
12. Сифат аз дигар ҳиссаҳои нутқ чӣ фарқ дорад?

## КАЛИМОТИ КОХИ АФРЕДУН

Аввал: "Ҳар кӣ гӯш ба қавли суханчину ғаммоз[1] дорад ва бар он эътимод намояд, ранҷҳо бинад, ки дасти тадбири хирад аз ҷораи он кӯтоҳ монад".

Дуввум: "Ҳар кӣ дар канори модари хираду дониш тарбият ёфта бошад, ба ҳеҷ вақт аз макри душман ғофил набошад, ки душман монанди мор аст, ки ҳаргиз дӯст нагардад".

[1] Ғаммоз - суханчин

Саввум: "Аз дӯстон ба андак ранҷиш дурӣ нанамоед ва озор дар дил нагиред, ки он сармояи нодонист":

Аз дӯст ба ҳар захме афгор набояд шуд,
В -аз ёр ба ҳар ҷавре безор набояд шуд.

Чаҳорум: "Чун дӯст душман шавад, ӯро азиз дор, то дарахти муҳаббату ниҳоли иштиҳод ва эътиқод, ки аз боздоштани оби шафқату костани ғизо пажмурда шуда бувад, аз нав сарсабзиву тароват гирад".

Панҷум: "Машварат бо марди доно кун, то аз маслиҳати хом эмин бошӣ ва корҳои ту аз самти ростӣ наяфтад".

Шашум: "Аз душмани хонагӣ ҳазар намой ва доман даркашида дор, зеро ҳар тире, ки аз шасти қасду камони гаразн[1] ӯ равон гардад, бар нишон ояд".

Ҳафтум: "Агар хирад дорӣ, бар марди ноозмуда эътимод макун, ки зиракон гуфтаанд, ки: "Деви озмуда беҳтар аст аз мардуми ноозмуда".

Ҳаштум: "Сухани ноандешида магӯй, тӯ дар ранҷи нодониста наяфтӣ ва корҳоро оқибат нигар ба аввал".

Ин аст он калимот, ки бар айвони касри Афредун[2] набишта аст.

Шоҳ пурсид, ки:

– Эй нури чашми некномӣ в-эй самараи дарахти саодат в-эй шукуфаи гулбуни иқболу[3] давлат, кист аз мардумон дар давлат шоистатар?

Гуфт:

– Он кӣ дараҷаи хосу оми давлат ва андозаи хидматгорон ва айбу ҳунари эшон билонад.

Гуфт:

– Кадом хислат писандидатар подшоҳро?

Гуфт:

– Тарки таъҷил[4] дар иҷрои максад дар корҳои пӯшида ва иҷрои фармони беандешаву фикрат ва ҳамеша меҳрубону ғамхор будан ба мардум ва адлу эҳсон кардан ба раъият.

Шоҳ пурсид, ки:

– Кадом хислат бадтар?

---

[1] Ғараз - касд, нияти бад

[2] Афредун - Фаридун, номи яке аз подшоҳони машҳури Эрони Қадим буда, дар адлу саҳо ном баровардааст

[3] Иқбол - бахт, саодат

[4] Таъҷил - шитоб, шитофтан, зуд

Гуфт:

– Таъҷил намудан дар корҳо ва пайрави ҳирсу бухл будан.

Пурсид:

– Марг бар кӣ душвортар?

Гуфт:

– Ҳар киро корҳои нописандида бувад.

Подшоҳ чун баёни ӯ дар ҳалли ин мушкилот ва далели ӯ дар баҳси ин масъалаҳо бидид, биписандид ва бо худ андешид, ки "умр агарчи дароз бикашад, охир ба ниҳоят бирасад ва зиндагонӣ давом ёбад, охир риштаи он бурида гардад:

Рафтанд ягон-ягон фароз омадагон,
Кас менадиҳад нишони бозомадагон.

Шукри миннат он Худойро, ки фарзанди маро ба зевари ҳикмат зинат дод ва ба либоси хираду дониш ороста кард ва ба дараҷаву манзалати[1] бузург расонид. Ва акнун ҳангоми гӯшанишинӣ ва айёми фароғат аст ва рӯй тофтан аз дунё ва иқбол кардан ба охират, ки бузургон гуфтаанд:

Ин ҷаҳон киштзори охират аст,
Ҳар чӣ корӣ, бараш ҳамон даравӣ."

Пас подшоҳӣ ба писар дод ва тахти шоҳӣ ба ӯ бигузошт ва аз дунё эъроз кард[2].

**Савол ва супориш**

1. Касе ба қавли суханчин гӯш диҳад, ба чӣ ранҷҳо дучор ояд?
2. Чаро аз дӯст бо андаке сабаб ранҷидан мумкин нест?
3. Байти:

   "Аз дӯст ба ҳар захме афгор набояд шуд,
   В-аз ёр ба ҳар ҷавре безор набояд шуд"-ро ба наср баргардонида, аз он як ҷумла созед.
4. Чаро дӯсти душманшударо бояд азиз дорӣ?
5. Аз панду андарзҳои "Калимоти кохи Афредун" сифатҳоро ёфта, ба дафтаратон нависед ва ба навъҳо ҷудо кунед.

---

[1] Манзалат - мақом, мартаба, дараҷаи баланд

[2] Эъроз кардан - рӯй тофтан аз чизе

# АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

## АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ



Эй тозаву маҳкам аз ту бунёди сухан,
Ҳаргиз накунад чун ту касе ёди сухан.
Фирдавс мақом бодат, эй Фирдавсӣ,
Инсоф, ки нек додаӣ доди сухан.

*(Заҳири Форёбӣ)*

Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Тӯсӣ, ки дар таърихи адабиёт бо номи Фирдавсӣ машҳур гардидааст, аз бузургтарин шоирони форсу тоҷик буда, соли 934 дар деҳаи Божи ноҳияти Табарони наздикии шаҳри Тӯс дар оилаи заминдор ба дунё омадааст. Давраи ҷавонии шоир нисбатан орому тинҷ буд ва Фирдавсӣ аз ин имконият истифода бурда, ба таҳсили илм машғул шуд, дар мактаб ва мадраса илмҳои расмии даврро омӯхт: забонҳои арабӣ ва паҳлавиро хеле хуб медонист ва дар санъатҳои тирандозӣ, шамшерзанӣ ва ғайра устоди беҳамто буд.

Фирдавсӣ ҳанӯз дар айёми ҷавонӣ ба ҷамъоварии қисса, ривоят ва устураҳои эҷодии халқи худ ба таври ҷиддӣ машғул шуд. Фирдавсӣ ҳамчун фарзанди ҳақиқии халқи хеш ба хубӣ мефаҳмад, ки асотиру достонҳои қаҳрамонии миллӣ мардумро иттифоқ ва муттаҳид менамоянд ва ин муттаҳидӣ имкон медиҳад, ки ягон душмани аҷнабӣ ба сарзамини онҳо ҳуҷум накунад. Фирдавсӣ, ки соҳиби истеъдоди баланд буд, бо хоҳиши шоҳони сомонӣ ва ташвиқу тарғиби яке аз дӯстонаш - Абӯмансур ибни Муҳаммад ва барои ҷовидонӣ мондани номаш ба навиштани "Шоҳнома" сар кард:

Яке бандагӣ кардам, эй шаҳриёр,
Ки монад зи ман дар ҷаҳон ёдгор.

Фирдавсӣ дар таълифи "Шоҳнома" зиёда аз сӣ соли умри худро сарф кард:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Вакте ки Фирдавсӣ асарашро ба охир расонд, давлати Сомониён, ки як навъ пуштибони гирдоварандагони асотири достонҳои қаҳрамонӣ ҳисоб мешуд, аз байн рафта, ба ҷои он давлати Ғазнавиён ба сари қудрат омада буд. Султони Ғазнавиён - Маҳмуди Ғазнавӣ дар ибтидои ҳукмронии хеш худро чун давомдиҳандаи анъанаҳои Сомониён вонамуд карда, қудрату шӯҳрати худро зиёд менамуд. Чунин аъмоли Маҳмуди Ғазнавӣ Фирдавсиро водор кард, ки ӯ "Шоҳнома"-ро дар чандин ҷилд китобат намуда, ба Маҳмуд тақдим кунад. Фирдавсӣ дар таълифи "Шоҳнома" умри ҷавонӣ ва қариб тамоми дороии хешро сарф карда буд ва гумон дошт, ки Маҳмуди Ғазнавӣ дар ивази ин шоҳкории азим мукофоти зиёде медиҳад, то ки айёми пирии худро бо фароғат гузаронад. Мутаассифона, Маҳмуди Ғазнавӣ ба гуфтаҳои бадхоҳон гӯш дода, ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ беэътиборӣ кард ва дар ивази заҳматҳои кашидаи шоир ба ӯ музди ночизе дод. Чунин рафтори султон боиси ранҷиши Фирдавсӣ гардид ва ӯ дар ҳаққи Маҳмуди Ғазнавӣ ҳаҷвияе иборат аз сад байт навишт:

Аё шоҳ Маҳмуди кишваркушой,
Зи кас гар натарсӣ, битарс аз Худой...
Накардӣ дар ин номаи ман нигоҳ,
Зи гуфтори бадгӯй гаштӣ зи роҳ.
Ҳар он кас, ки шеъри маро кард паст,
Нагирад-ш гардуни гарданда даст.
Ман ин номаи шаҳриёрони пеш,
Бигуфтам бад-ин нагз гуфтори хеш.
Чу умрам ба наздики ҳаштод шуд,
Умедам баякбора барбод шуд.

Ҳаҷвияи Фирдавсӣ боиси қаҳру ғазаби султон Маҳмуди Ғазнавӣ гардид. Ӯ фармон дод, ки Фирдавсиро дастгир карда, ба зери пои филҳо партоянд. Фирдавсӣ аз таъқиби одамони султон аз шаҳр ба шаҳр гурехта, ниҳоят соли 1020 ба ватани худ баргашта, дар синни 87-солагӣ аз олам даргузашт. Абулқосими Фирдавсӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ҳамчун яке аз пайғамбарони шеър шинохта шудааст:

Дар шеър се тан паямбаронанд,
Ҳарчанд ки "ло набия баъдӣ":
Авсофу қасидаю ғазалро
Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

Фирдавсӣ дар навъҳои шеърии қасидаю ғазалу қитъаю рубоӣ қувваозмоӣ карда бошад ҳам, аммо дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ва ҷаҳон бо маснавии бузурги худ – "Шоҳнома" машҳур гардидааст. "Шоҳнома" намунаи беҳтарини достонҳои қаҳрамонӣ буда, аз шаст ҳазор байт иборат аст. Худи Фирдавсӣ мегӯяд:

Зи абёти ғарро ду раҳ сӣ ҳазор,
Мар он ҷумла дар шеваи корзор.

Абулқосими Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ –"Шоҳнома" дар таърихи тамаддуни башарӣ шӯҳрати беандоза дорад. Таълифи "Шоҳнома" дар асри X худ як воқеаи бузурги адабӣ ва маданӣ ба шумор меравад. Шоир дар асари худ беҳтарин хислатҳои писандидаи одамӣ, мисли хираду хирадмандӣ, некию некӯкорӣ, инсондӯстию ватанпарварӣ ва ғайраро тараннум намуда, ахлоқи бади одамиро маҳкум мекунад, ки дар рӯзгори мо барои тарбияи ҷавонон аз аҳамият холӣ нест.

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

***

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.

***

Маёсой з-омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфган дил андар гумон.

***

Ба манзил расид он ки гӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.

***

Ба фардо намон кори имрӯзро,
Бари тахт маншон бадомӯзро.

***

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ созад замон.

***

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи каҷӣ батар ҳеч андеша нест.

***

Машав дар ҷавонӣ харидори ганҷ,

Ба беранҷ кас ҳеҷ манмой ранҷ.

Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ ба адибони бузурге, ки баъди вай ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, таъсири зиёд расонид. Заҳири Форёбӣ, ки аз шоирони қасидасарои асри XII аст, дар ҳаққи Фирдавсӣ мегӯяд:

Эй тозаву маҳкам аз ту бунёди сухан,

Ҳаргиз накунад чун ту касе ёди сухан.

Фирдавс мақом бодат, эй Фирдавсӣ,

Инсоф, ки нек додай доди сухан.

Ҳаёт ва фаъолияти Абулқосими Фирдавсӣ дар замони мо ба таври хеле ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. "Шоҳнома"-и ӯ ду маротиба дар нӯҳ ҷилд чоп карда шуд. Нависандаи номии тоҷик – Сотим Улуғзода чандин достони "Шоҳнома"-ро ба наср гардонда, пешкаши хонандагони ҷавон кард.

Шӯҳрати Фирдавсӣ ва эътибори "Шоҳнома"-и ӯ ҷовидонист.

## ДОСТОНИ "КОВА ВА ЗАҲҲОК"

Яке мард буд андар он рӯзгор

Зи дашти саворони найзагузор,

Гаронмоя[1] ҳам шоҳу ҳам некмард,

Зи тарси ҷаҳондор бо боди сард,

Ки Мардос номи гаронмоя буд,

Ба доду[2] деҳиш бартарин поя буд...

Писар буд мар-он покдинро яке,

К-аш аз меҳр баҳра набуд андаке.

Ҷаҳонҷӯйро ном Заҳҳок буд,

Далеру сабуксору нопок буд...

Чунон буд, к-иблис рӯзе пагоҳ,

Биёмад ба сони яке некхоҳ.

Дили меҳтар[3] аз роҳи некӣ бибурд,

Ҷавон гӯш рафтори ӯро супурд.

[1] Гаронмоя - гаронбаҳо, қиматбаҳо, пурқиммат, азиз; дар ин ҷо обрӯманд

[2] Дод - адолат

[3] Меҳтар - одами бузург, олимақом

Ҳамоно хуш омад-ш гуфтори ӯй,
Набуд огаҳ аз зишт[1] кирдори ӯй...
Чу иблис донист, к-ӯ дил бидод,
Бар афсонааш гашт наҳмор[2] шод.
Фаровон сухан гуфт зебову нағз,
Ҷавонро зи дониш тиҳӣ[3] буд мағз.
Ҳамегуфт: "Дорам суханҳо басе,
Ки онро ҷуз аз ман надонад касе".
Ҷавон гуфт: "Баргӯю чандин мапой[4],
Биёмӯз моро ту, эй некрой".
Бад-ӯ гуфт: "Паймон-т хоҳам нахуст[5],
Пас он гаҳ сухан баркушоям дуруст".
Ҷавон некдил буд, паймон-ш кард,
Чунон к-ӯ бифармуд, савганд хвард[6],
Ки: "Рози ту бо кас нагӯям зи бун[7],
Зи ту бишнавам ҳар чӣ гӯӣ сухун".
Бад-ӯ гуфт: "Ҷуз ту касе дар сарой[8]
Чаро бояд, эй номвар, кадхудой?..[9]
Бигир ин сари моя[10] даргоҳи ӯй,
Туро зебад андар ҷаҳон ҷоҳи ӯй.
Бар ин гуфтаи ман чу дорӣ вафо,
Ҷаҳонро ту бошӣ яке подшо".
Чу Заҳҳок бишнид, андеша кард,
Зи хуни падар шуд дилаш пур зи дард.
Ба иблис гуфт: "Ин сазовор нест,
Дигар гӯй, к-ин аз дари кор нест"[11]...
Бад-ӯ гуфт: "Ман чора созам туро,
Ба хуршед сар бар фарозам туро.

---

[1] Зишт - бад, қабеҳ

[2] Наҳмор - бисёр, беандоза, бешумор

[3] Тиҳӣ - холӣ

[4] Чандин мапой - бисёр таваққуф макун, бисёр дер макун

[5] Нахуст - аввал

[6] Савганд хвард - қасам хӯрдан, савганд ёд кардан

[7] Бун - таг, зер, бех, реша, асос

[8] Сарой -қаср, боргоҳ, даргоҳ

[9] Кадхудой - ҳукмфармо, соҳиб

[10] Сари моя - молу мулк, сарват, сармоя

[11] Дари кор нест - яъне кори номувофиқ аст

Ту дар кор хомӯш мебошу бас,
Набояд маро ёрӣ аз ҳеч кас".
Мар он подшоро дар андар сарой
Яке бӯстон буд бас дилкушой.

Гаронмоя шабгир бархостӣ,
Зи баҳри парастиш[1] биёростӣ.
Бар он рои вожуна[2] деви нажанд[3],
Яке жарф чоҳе[4] ба раҳ-бар биканд.
Пас иблиси вожуна ин жарф чоҳ,
Ба хошок пӯшиду биспард роҳ.
Шаб омад, сӯи боғ бинҳод рӯй,
Сари тозиён[5] меҳтари номҷӯй.
Чу омад ба наздики он жарф чоҳ,
Якояк нагун шуд сари бахти шоҳ...
Фурӯмоя[6] Заҳҳоки бедодгар,
Бад-ин чора бигрифт ҷоҳи падар.
Чу иблис пайваста дидӣ сухун[7],
Яке банди дигар нав афканд бун...
Ҷавоне баророст аз хештан,
Сухангӯю бинодилу поктан...

Бад-ӯ гуфт: "Гар шоҳро дархварам[8],
Яке номвар пок холигарам[9]".
Чу бишнид Заҳҳок, бинвохташ,
Зи баҳри хӯриш ҷойгаҳ сохташ.
Калиди хӯришхонаи подшо,
Бад-ӯ дод дастури фармонраво.
Зи ҳар гуна аз мурғу аз чорпой
Хӯриш карда овард як-як ба ҷой...

---

[1] Парстиш - ибодат, намоз
[2] Рои вожуна - максади нораво
[3] Нажанд - хунхор, даҳшатнок, даҳшатовар
[4] Жарф чоҳ -чоҳи чукур
[5] Тозӣ -араб; сари тозиён-сардори арабҳо
[6] Фурумоя - бадасл, пастфитрат, разил, дун, сифла
[7] Сухун - сухан
[8] Дархварам - лоиқам, муносибам, сазоворам
[9] Холигар - ошпаз

Бихӯрду бар ӯ офарин кард сахт,
Маза ёфт з-он хӯрданаш некбахт...
Ба рӯзи чаҳорум чу бинҳод хон[1],
Хӯриш сохт аз пушти гови чавон...
Чу Заҳҳок даст андароварду хвард[2],
Шигифт[3] омадаш з-он хушивор[4] мард.
Бад-ӯ гуфт: "Бингар, ки то орзӯй,
Чӣ хоҳӣ, бихоҳ аз ман, эй некхӯй[5]!
Хӯришгар бад-ӯ гуфт, к-"Эй подшо,
Ҳамеша бизӣ шоду фармонраво!
Маро дил саросар пур аз меҳри туст,
Ҳама тӯшаи ҷонам аз чеҳри[6] туст.
Яке ҳоҷат астам зи наздики шоҳ
В-агарчи маро нест ин пойгоҳ[7],
Ки фармон диҳад шоҳ, то китфи ӯй,
Бибӯсам, бимолам бар ӯ чашму рӯй".
Чу Заҳҳок бишнид гуфтори ӯй,
Ниҳонӣ надонист бозори ӯй.
Бад-ӯ гуфт: -" Додам ман ин коми ту[8],
Баландӣ бигирад магар номи ту".
Бифармуд то дев чун ҷуфти ӯ,
Ҳаме бӯсае дод бар китфи ӯ.
Чу бӯсиду шуд дар замин нопадид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.
Ду мори сиёҳ аз ду китфаш бируст[9],
Ғамӣ гашту аз ҳар сӯе чора ҷуст.
Саранҷом[10] бубрид ҳарду зи китф,
Сазад[11] гар бимонӣ аз ин дар шигифт.

---

[1] Хон - дастархон

[2] Хвард - хӯрд

[3] Шигифт - тааҷҷуб, ҳайрат

[4] Хушивор - хирадманд, оқил, ҳушёр

[5] Некхӯй - хушфеъл, хушхулқ

[6] Чеҳр - рӯй, симо, сурат; дар ин ҷо дидор

[7] Пойгоҳ - қадр, мақом, мартаба, дараҷа, манзалат

[8] Додам ман ин коми ту - ба ин мақсад мерасонам

[9] Бируст - баромад

[10] Саранҷом - охир, поён, оқибат, охири кор

[11] Сазад - сазовор бошад, муносиб бошад

Чу шохи дарахт он ду мори сиёх,
Баромад дигарбора аз китфи шоҳ.
Пизишкони[1] фарзона[2] гирд омаданд,
Ҳама як ба як достонҳо заданд[3].
Зи хар гуна найрангҳо сохтанд,
Мар-он дардро чора нашнохтанд.
Ба сони[4] пизишке пас иблис тафт[5],
Ба фарзонагӣ назди Заҳҳок рафт.
Бад-ӯ гуфт, к-"Ин буданӣ кор буд,
Бимон, то чӣ монад, набояд дуруд[6].
Хӯриш созу оромияш деҳ ба хвард,
Нашояд чуз ин чорае низ кард.
Ба чуз мағзи мардум мадеҳшон хӯриш,
Магар худ бимиранд аз ин парвариш".
Нигар наррадев андар ин чустучӯ,
Чӣ чусту чӣ дид андар ин гуфтугӯ.
Магар то яке чора созад ниҳон,
Ки пардухта[7] монад зи мардум чаҳон...
Чу Заҳҳок бар тахт шуд шахриёр[8],
Бар ӯ солиён анчуман шуд ҳазор[9].
Хунар хор шуд, чодуӣ арчманд[10],
Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд[11].
Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,
Зи некӣ набудӣ сухан чуз ба роз...
Надонист худ чуз бад омӯхтан,
Чуз аз куштану ғорату сӯхтан.
Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди чавон,
Чи кеҳтар[12], чи аз тухман[13] паҳлавон,

---

[1] Пизишк - табиб
[2] Фарзона - оқил, доно, фозил
[3] Достон задан - ин чо гап задан
[4] Ба сони - ба мисли, ба монанди
[5] Тафт - шитоб кард
[6] Набояд дуруд - (морро) буридан лозим нест
[7] Пардухта - холӣ, тиҳӣ
[8] Шаҳриёр - подшоҳи бузург
[9] Мазмуни мисраъ: подшоҳии ӯ ҳазор сол давом кард
[10] Арчманд - соҳиби эътибор
[11] Газанд - зиён, зарар
[12] Кеҳтар - хурд
[13] Тухма - асл, нажод

Хӯришгар бибурдӣ аз айвони шоҳ
В-аз ӯ сохтӣ роҳи дармони шоҳ.
Бикуштиву мағзаш бурун охтӣ[1],
Мар-он аждаҳоро хӯриш сохтӣ.
Чунон буд, ки як рӯз бар тахти оч[2].
Ниҳода ба сар-бар зи пирӯза[3] тоҷ.

Зи ҳар кишваре меҳтаронро бихост,
Ки дар подшоҳӣ кунад пушт рост[4].
Аз он пас чунин гуфт бо мубадон[5]
Ки: "Эй пурҳунар номвар бихрадон[6].
Яке маҳзар[7] акнун бибояд набишт,
Ки ҷуз тухми некӣ сипаҳбад[8] накишт".
Зи бими сипаҳбад ҳама ростон[9]
Бад-он кор гаштанд ҳамдостон[10].
Дар он манзари аждаҳо ногузир,
Гувоҳӣ навиштанд барнову пир...
Ситамдидаро пеши ӯ хонданд,
Бари номдорон-ш бишнонданд.
Бад-ӯ гуфт меҳтар ба рӯи дижам[11],
Ки: "Баргӯй, то аз кӣ дидӣ ситам?"
Хурӯшиду зад даст бар сар зи шоҳ,
Ки "Шоҳо, манам Коваи додхоҳ[12]!
Бидеҳ доди ман[13] омадастам давон,
Ҳаменолам аз ту ба ранҷи равон[14].

---

[1] Охтан - берун кардан
[2] Тахти оч - тахте, ки аз устухони фил сохта шудааст
[3] Пирӯза - навъе аз сангҳои қиматбаҳои кабудранг ё осмониранг, ки барои зебу зинат ба кор мебаранд
[4] Пушт рост кардан - устувор шудан, пойдор гаштан
[5] Мубад - олим ва донишманди дини зардуштӣ
[6] Бихрад - донишманд
[7] Маҳзар - шаҳодатнома, ҳуҷҷат
[8] Сипаҳбад - подшоҳ
[9] Ростон - одамони поквиҷдон, некӯкор
[10] Ҳамдостон- ҳамфикр, розӣ
[11] Дижам - хашмгин, ғазаболуд
[12] Додхоҳ -адолатхоҳ
[13] Бидеҳ доди ман - ба ман раҳм кун
[14] Ранҷи равон - азоби ҷон

Зи ту бар ман омад ситам бештар,
Занӣ ҳар замон бар дилам нештар.
Ситам гар надорӣ ту бар ман раво,
Ба фарзанди ман даст бурдан чаро?
Маро буд ҳаждах писар дар ҷаҳон,
Аз эшон яке мондааст ин замон.
Бубахшою бар ман яке дар нигар,
Ки сӯзон шавад ҳар замонам ҷигар.
Шаҳо, ман чӣ кардам, яке бозгӯй
В-агар бегуноҳам, баҳона маҷӯй.
Ба ҳоли ман, эй тоҷвар[1] дар нигар,
Маяфзой бар хештан[2] дарди сар...
Ҷавонӣ намондасту фарзанд нест,
Ба гетӣ чу фарзанд пайванд нест...
Яке безиён марди оҳангарам,
Зи шоҳ оташояд ҳаме бар сарам".
Сипаҳбад ба гуфтори ӯ бингарид,
Шигифт омадаш, к-он суханҳо шунид.
Бад-ӯ боз доданд фарзанди ӯй,
Ба хубӣ биҷустанд пайванди ӯй.
Бифармуд пас Коваро подшоҳ,
Ки бошад бад-он маҳзар ӯро гувоҳ.
Чу бархонд Кова ҳама маҳзараш,
Сабук сӯи пирони[3] он кишвараш.
Хурӯшид, ки "эй поймардони[4] дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев[5].
Набошад бад-ин маҳзар андар гувоҳ,
На ҳаргиз барандешам аз подшоҳ".
Хурӯшиду барҷаст, ларзон зи ҷой,
Бидарриду бистурд[6] маҳзар ба пой.
Гаронмоя фарзанди ӯ пеши ӯй,
Аз айвон бурун шуд хурӯшон ба кӯй[7]...

---

[1] Тоҷвар - подшоҳ.

[2] Хештан - худ.

[3] Пирон - дар ин ҷо ба маънии сардорон, ҳокимон.

[4] Поймард - мададгор, ёридиҳанда, дастгир, ёвар.

[5] Кайҳонхидев - подшоҳи ҷаҳон

[6] Бистурд - пок кард, тарошид.

[7] Кӯй - кӯча

Чу Кова бурун омад аз пеши шоҳ,
Бар ӯ анҷуман гашт бозоргоҳ.
Ҳаме бархурӯшиду фарёд хонд.
Ҷаҳонро саросар сӯи дод хонд[1].
Аз он чарм, к-оҳангарон пушти пой,
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой[2],
Ҳамон Кова он бар сари найза кард[3],
Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард...
Ҳамерафт пеш андар он марди гурд[4],
Сипоҳе[5] бар ӯ анҷуман шуд[6], на хурд...
Ба ҳар бому дар мардуми шаҳр буд,
Касе, к-аш зи ҷанговарӣ баҳр[7] буд...
Зи деворҳо хишту аз бом санг,
Ба кӯй андарун теғу тири ҳаданг.
Биборид чун жола з-абри сиёҳ...
Касеро набуд бар замин ҷойгоҳ.
Сипоҳиву шаҳрӣ ба кирдори кӯҳ,
Саросар ба ҷанг андарун ҳам гурӯҳ.
Аз он шаҳри равшан яке тира гард,
Баромад, ки хуршед шуд лоҷвард[8].
Бибурданд Заҳҳокро баста хор,
Ба пушти ҳаюне барафканда зор...
Биёвард Заҳҳокро чун наванд,
Ба кӯҳи Дамованд кардаш ба банд.
Фурӯ баст дасташ бад-он кӯҳ боз,
Бад- он то бимонад ба сахтӣ дароз.
Бимонд ӯ бар ин гуна овехта
В-аз ӯ хуни дил бар замин рехта.
Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

[1] Сӯи дод хонд - ба адолатҷӯӣ даъват кард.
[2] Захми дарой- болғазанӣ
[3] Бар сари найза кард- яъне байраке сохт
[4] Гурд- паҳлавон
[5] Сипоҳ- лашкар, қӯшун
[6] Анҷуман шуд- ҷамъ омад
[7] Баҳр - баҳра
[8] Лоҷвард - кабуд ва тирарант

**Савол ва супориш**

1. Заҳҳок чӣ тавр ба доми Аҳриман афтод?
2. Заҳҳок ба сари раият чӣ ситамҳо овард?
3. Кова кӣ буд ва чаро шӯриш бардошт?
4. Муколамаи Кова ва Заҳҳокро батафсил баён намоед.
5. Аз оқибати ҷафокориҳои Заҳҳок ба кадом хулоса омадан мумкин аст?
6. Ҷабру ситами Заҳҳок чӣ тавр анҷом ёфт?
7. Ба фикри шумо ҳақ ва адл ба ҷониби кӣ сурат гирифт?
8. Аз мазмуни достон матни мухтасар мураттаб созед.
9. Аз матни тартибдодаатон сифатҳои феълиро ёфта, ба онҳо савол гузоред.

## ДОСТОН

Маънии луғавии достон қисса, саргузашт, ҳикоя, корнамоии барҷаста буда, гоҳе дар шакли дастон ҳам истифода мешавад. Ба маънии истилоҳӣ асари нисбатан калонҳаҷми бадеии манзум ё мансурро достон гӯянд. Достон сюжети муайян дошта, дар он воқеаҳои муҳиму барҷаста тасвир меёбанд. Достон, одатан, ба тавri манзум оғоз шуда, тарзи қофиябандиаш мисли маснавист, яъне ҳар байти он қофияи алоҳида (аа,бб,вв,гг.) дорад. Достон дар адабиёти тоҷик аз навъҳои маъмули адабӣ буда, таърихи пайдоиши он ба давраи тоисломӣ мерасад. Яке аз аввалин достонҳои адабиёти тоҷик "Дарахти Асурик" мебошад, ки дар асрҳои II-III ба забони паҳлавии ашконӣ навишта шудааст. Достон дар ибтидои пайдоиши худ хусусияти қаҳрамонӣ дошт, ки намунаи олии он "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ мебошад. Дар достонҳои қаҳрамонӣ ҷои асосиро тасвири ҳодисаву воқеаҳо, саргузашту корнамоиҳои аҷоибу ғароиби қаҳрамонон ишғол менамоянд. Бо мурури замон дар мазмун ва шакли достон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Достонҳое эҷод шуданд, ки хусусияти лирикию эпикӣ, ахлоқию фалсафӣ, таърихию ирфонӣ доштанд. Достонҳои "Варқа ва Гулшоҳ"-и Айюқӣ, "Вис ва Ромин"-и Фахриддини Гургонӣ намунаи аввалини достонҳои ишқӣ мебошанд, ки дар эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ ба авҷи аъло расидаанд. Намунаи аввалин достонҳои ахлоқиро дар эҷодиёти Рӯдакӣ ("Калила ва Димна") мебинем, ки баъдтар Носири Хусрав ("Саодатнома" ва "Рӯшноинома"),

Саноӣ ("Ҳаликат-ул-ҳақиқа"), Аттор ("Мантиқ-ут-тайр") ва Ҷалолуддини Балхӣ ("Маснавии маънавӣ") онро ба дараҷаи комил расониданд.

"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ аз чандин достонҳо таркиб ёфтааст, ки миқдоран 60 ҳазор байтро ташкил медиҳад. Достони "Кова ва Заҳҳок" яке аз достонҳои "Шоҳнома" буда, дар он ҳаёт ва саргузашти таърихии халқҳои сарзамини Эрону Турон тасвир шуда, муборизаи мардуми ин сарзамин барои нигоҳ доштани мулку кишвар ва саодати мардуми хеш нишон дода шудааст.

## РАСИДАНИ СӮҲРОБ БА ДИЖИ САФЕД

Диже буд, к-аш хонданди Сапед,
Бад-он диж[1] буд эрониёнро умед.
Нигаҳбони диж размдида Ҳаҷир,
Ки бо зӯру дил буду бо гурзу тир.
Ҳанӯз он замон Гаждаҳам хурд буд,
Ба хурдӣ гароядаву гурд буд.
Яке духтараш буд гурду савор,
Баландешу гарданкашу номдор.
Чу Сӯҳроб наздики он диж расид,
Ҳаҷири диловар мар ӯро бидид.
Нишаст аз бари бодпое[2] чу гард,
Зи диж рафт пӯён ба дашти набард.
Чу Сӯҳроби ҷанговар ӯро бидид,
Барошуфту шамшери кин баркашид.
Зи лашкар бурун тохт бар сони бод,
Чунин гуфт, к -"Эй, дода ҷонат ба бод!
Ту танҳо ба ҷанг омадӣ хира-хир,
Кунун пой дору инон сахт гир.
Чӣ мардиву ному нажоди ту чист,
Ки зояндаро бар ту бояд гирист".
Ҳаҷираш чунин дод посух, ки "Бас!
Ба ҷангат набояд маро ёр кас.
Ҳаҷири далери сипаҳбуд манам!
Ҳам акнун саратро зи тан барканам,
Фиристам ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Танатро канад каргас андар ниҳон".

[1] Диж - қалъа,ҳисор, қӯрғон

[2] Бодпо - кинояз аз аспи тозӣ

Бихандид Сӯҳроб, к-ин гуфтугӯй
Ба гӯш омадаш, тез бинҳод рӯй.
Сабук найза бар найза андохтанд,
Ки аз якдигар боз нашнохтанд.
Чу оташ биёмад гави пилзӯр,
Чу кӯҳе равон кард аз ҷо сутур.
Яке найза зад бар миёнаш Ҳаҷир,
Наёмад синон андар ӯ ҷойгир.
Синон бозпас кард Сӯҳроби шер,
Буни найза зад бар миёнаш далер.
Зи зин бар гирифташ ба кирдори бод,
Наёмад ҳаме з-ӯ ба дил дар-ш ёд.
Бизад бар заминаш чу як лахти кӯҳ,
Ба ҷону дилаш андар омад сутӯҳ.
Зи асп андар омад, нишаст аз бараш,
Ҳамехост аз тан буридан сараш.
Бипечиду баргашт бар дасти рост,
Ғамӣ шуд, зи Сӯҳроб зинҳор хост[1].
Раҳо кард з-ӯ ҷангу зинҳор дод,
Чу хушнуд шуд, панди бисёр дод.
Бубасташ ба банд он гаҳе ҷангҷӯй,
Ба наздики Ҳумон фиристод ӯй.
Ба диж ҳамчу огаҳ шуданд аз Ҳаҷир,
Ки ӯро гирифтанду бурданд асир.
Хурӯш омаду нолаи марду зан,
Ки гум шуд Ҳаҷир андар он анҷуман!

## РАЗМИ СӮҲРОБ БО ГУРДОФАРИД

Чу огоҳ шуд духтари Гаждаҳам,
Ки солори[2] он анҷуман гашт кам.
Ғамин гашту барзад хурӯше ба дард,
Баровард аз дил яке боди сард.
Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг андарун кас надид.

---

[1] Зинҳор хостан - амон хостан, узрхоҳӣ кардан

[2] Солор - сардор, саркарда

Чунон нангаш омад зи кори Ҳачир,
Ки шуд лолабаргаш ба кирдори хир.
Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои диранг.
Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарки румӣ гиреҳ.
Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андар омад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард,
Ки гурдон кадоманду солор кист?
Зи размоварон ҷангро ёр кист?
Ки бар ман яке озмунро ба ҷанг,
Бигардад ба сони диловар наҳанг.
Зи ҷанговарон лашкари сарфароз,
Мар ӯро наёмад касе пеш боз.
Чу Сӯҳроби шеравжан[1] ӯро бидид,
Бихандиду лабро ба дандон газид.
Чунин гуфт, к-омад дигарбора гӯр,
Ба доми Худованди шамшери зӯр.
Бипӯшид хафтону бар сар ниҳод,
Яке тарки чинӣ ба кирдори бод.
Биёмад дамон пеши Гурдофарид,
Чу духти камандафкан ӯро бидид.
Камонро ба зеҳ карду бикшод бар,
Набуд мурғро пеши тираш гузар.
Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.
Нигаҳ кард Сӯҳробу омад-ш нанг,
Барошуфту тез андаромад ба ҷанг.
Инон баргироиду бардошт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.
Ба даст андарун найзаи ҷонситон,
Паси пушти худ кардаш он гаҳ синон.
Бизад бар камарбанди Гурдофарид,
Зиреҳ бар танаш як ба як бардарид.
Зи зин бар гирифташ ба кирдори гӯй,
Ки чавгон зи бод андар ояд бар ӯй.

[1] Шеравжан - шерафкан, далер

Чу бар зин бупечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид.
Бизад найзаи ӯ ба ду ним кард,
Нишаст аз бари зину бархост гард.
Ба овард[1] бо ӯ писанда набуд,
Битобид аз ӯ рӯй баргашт зуд.
Сипаҳбуд инон аждаҳоро супурд,
Ба хашм аз ҷаҳон рӯшноӣ бибурд.
Чу омад хурӯшон ба танг андараш,
Биҷунбиду бардошт хӯд аз сараш.
Раҳо шуд зи банди зиреҳ мӯи ӯй.
Дурахшон чу хуршед шуд рӯи ӯй.
Бидонист Сӯҳроб, к-ӯ духтар аст,
Сари мӯи ӯ аз дур(р)и афсар аст.
Шигифт омадаш, гуфт: "Аз эронсипоҳ
Чунин духтар ояд ба овардгоҳ?!
Саворони ҷангӣ ба рӯзи набард,
Ҳамоно ба бар андар оранд гард".
Зи фитрок бикшод печон каманд,
Бияндохт, омад миёнаш ба банд.
Бад-ӯ гуфт, к-"Аз ман раҳоӣ маҷӯй!
Чаро ҷанг ҷӯӣ ту, ай моҳрӯй!
Наомад ба домам ба сони ту гӯр,
Зи ҷангам раҳоӣ наёбӣ, машӯр!"
Кушодаш рух он гоҳ Гурдофарид,
Мар онро ҷуз ин ҳеч чора надид.
Бад- ӯ рӯй бинмуду гуфт: "Эй далер,
Миёни далерон ба кирдори шер.
Ду лашкар назора бар ин ҷанги мо,
Бад-ин гурзу шамшеру оҳанги мо.
Кунун ман кушода чунин рӯю мӯй,
Сипоҳ аз ту гардад пур аз гуфтугӯй,
Ки бо духтаре ӯ ба дашти набард,
Бад-ин сон ба абр андаровард гард.
Набояд, ки чандин диранг оварад,
К-аз ин разм бар хеш нанг оварад.
Ниҳонӣ бисозем беҳтар бувад,
Хирад доштан кори меҳтар бувад.

[1] Овард - разм, ҷанг

Зи баҳри ман оҳу зи ҳар сӯ маҳоҳ,
Миёни ду саф баркашида сипоҳ!
Кунун лашкару диж ба фармони туст,
Набояд бад-ин оштӣ ҷанг ҷуст.
Дижу ганҷу дижбон саросар турост,
Чу ой чунон, к-ат муроду ҳавост".
Чу рухсор бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушоб бикшуд уннобро.
Яке бӯстон буд андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.
Ду чашмаш гавазну ду абру камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.
Бад-ӯ гуфт: "-З-ин гуфта акнун магард,
Ки дидӣ маро рӯзгори набард.
Бад-он бораи диж дил-андар мабанд,
Ки он нест бартар зи чархи баланд.
Ба пой оварад захми кӯполи ман,
Наронад касе найза бар ёли ман".
Инонро бупечид Гурдофарид,
Саманди сарафроз бар диж кашид.
Ҳамерафт Сӯҳроб бо ӯ ба ҳам,
Биёмад ба даргоҳи диж Гаждаҳам.
Дари диж кушоданду Гурдофарид
Тани бастаю хаста бар диж кашид.
Дари диж бубастанду ғамгин шуданд,
Пур аз ғам дилу дида хунин шуданд.
Аз озори Гурдофариду Ҳаҷир,
Пур аз дард буданд барнову пир.
Бигуфташ, ки "Эй некдил, шерзан!
Пур аз ғам буд аз ту дили анҷуман.
Ки ҳар разм ҷустӣ, ҳам афсуну ранг,
Наёмад зи кори ту бар дуда нанг.
Сипос аз Худованди чархи баланд,
Ки н-омад ба ҷонат зи душман газанд".
Бихандид бисёр Гурдофарид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.
Чу Сӯҳробро дид бар пушти зин,
Чунин гуфт, к-"Эй гурди Туронзамин!
Чаро ранҷа гаштӣ чунин! Бозгард,
Ҳам аз омадан, ҳам зи дашти набард".

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-"Эй хубчеҳр!
Ба тоҷу ба тахту ба моҳу ба меҳр!
Ки ин бора бар хок паст оварам,
Туро, эй ситамгар, ба даст оварам,
Чу бечора гардию печон шавӣ,
Зи гуфтори ҳарза пушаймон шавӣ.
Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд,
Чу гардуни гардон кулоҳат рабуд.
Куҷо рафт паймон, ки кардӣ падид?!"
Чу бишнид гуфтор Гурдофарид,
Бихандиду он гаҳ ба афсун гуфт,
Ки: "Туркон зи Эрон наёбанд ҷуфт.
Чунон рафт, рӯзӣ набудат зи ман,
Бад-ин дард ғамгин макун хештан!
Ҳамоно, ки ту худ зи туркон наӣ,
Ки ҷуз б-офарини бузургон наӣ.
Бад-ин зӯру ин бозую китфу ёл,
Надорӣ кас аз паҳлавонон ҳамол.
Валекин чу огоҳӣ ояд ба шоҳ,
Ки овард гурде зи Турон сипоҳ,
Шаҳаншоҳу Рустам биҷунбад зи ҷой,
Шумо бо Таҳамтан надоред пой.
Намонад яке зинда аз лашкарат,
Надонам чӣ ояд зи бад бар сарат.
Дареғ оядам, к-ин чунин ёлу суфт
Ҳаме аз палангон бибояд нуҳуфт...
Туро беҳтар ояд, ки фармон кунӣ,
Рухи номвар сӯи Турон кунӣ".
Чу бишнид Сӯҳроб нанг омадаш,
Ки осон ҳаме диж ба чанг омадаш.
Ба зери диж андар яке ҷой буд,
Куҷо диж, бад-он ҷой барпой буд.
Ба тороҷ дод он ҳама буму руст,
Ба якборагӣ дасти бадро бишуст.
Чунин гуфт, к-"Имрӯз бегоҳ гашт,
Зи пайкори мо даст кӯтоҳ гашт.
Барорем шабгир аз ин бора гард,
Ниҳем андар ин ҷой шӯри набард".
Чу гуфт ин, инонро битобиду рафт,
Сӯи ҷои худ роҳро баргирифт.

**Савол ва супориш**

1. Диж чӣ маънӣ дорад ва калимаҳои ҳаммаънои онро номбар намоед.
2. Ҳаҷир кӣ буд ва бо кадом суханони таҳқиромез ба Сӯҳроб ҷавоб гардонид?
3. Размн Сӯҳроб бо Ҳаҷир чӣ тавр анҷом ёфт?
4. Чаро Сӯҳроб Гурдофаридро накушт?
5. Сифатҳои мардона ва ҷасорати ҷангии Гурдофаридро тавсиф намоед.
6. Сӯҳроб дар ҷавоби фиреб ва найранги Гурдофарид чӣ гуфт?
7. Байтҳои:

    Бад -ӯ гуфт Сӯҳроб, к -"Эй хубчеҳр!
    Ба тоҷу ба тахту ба моҳу ба меҳр!
    Ки ин бора бар хок паст оварам,
    Туро, эй ситамгар, ба даст оварам!" -

   чӣ маънӣ доранд? Онҳоро шарҳ диҳед.
8. Набарди Сӯҳроб бо Гурдофарид чӣ тавр анҷом ёфт?
9. Чор мисраи болоро ба наср баргардонед.
10. Аз матни достон сифатҳоро ёфта, аз рӯи дараҷаашон ба се сутунча ҷудо намоед.

## ПАНДУ ҲИКМАТҲОИ ФИРДАВСӢ

Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,
Тани кӯҳро хок молад ба мушт.

***

Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ними кирдор нест.

***

Чу некӣ кунад кас, ту подош кун
В-агар бад кунад , низ пархош кун.

***

Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.

***

Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,
Ҳама некӯӣ андар андеша кун.
Бибахшу бихӯр, то тавонӣ дирам,
Ки ҷуз ин дигар ҷумла дард асту ғам.

***

Ба хар кор дар пеша кун ростӣ,
Чу хохӣ, ки нагзоядат костӣ.

***

Макун дӯстӣ бо дурӯгозмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

***

Зи гетӣ ду чиз аст ҷовиду бас,
Дигар хар чӣ бошад, намонад ба кас.
Сухан гуфтани нагзу кирдори нек,
Бимонад чунон, то ҷаҳон аст рек[1].

***

Ҳама сар ба сар тан ба куштан дихем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

***

Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,
Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.

***

Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостгор,
Варо донишояд, на гавҳар ба кор.

***

Ҳунармандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар баландеш торик дор,

***

Чу дӣ[2] рафту фардо наёмад ба пеш,
Мадеҳ хира барбод авқоти[3] хеш.

***

Хирадмандию пешбинӣ кунӣ,
Тавоноию покдинӣ кунӣ.

***

Мар онро, ки дониш бувад, тӯша бурд,
Бимирад танаш, ном харгиз намурд.

***

Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред.

---

[1] Рек- некбахт, нек

[2] Дӣ- дирӯз, рӯзи гузашта

[3] Авқот-ҷамъи вақт, яъне вақтҳо

***

Бимонад дуто ҷовидон як гуҳар,
Ҳунармандию донишу додгар.
Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,
Ҳама номи некӯ бувад ёдгор.

***

Ба нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ нагардад ба шустан сапед.
Зи бадасл чашми беҳӣ доштан,
Бувад хок дар дида анбоштан.

***

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар-ӯ бар ниҳон.
Гар ӯ бифканад фарру номи падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар.

***

Ту чандон, ки бошӣ, сухангӯй бош,
Хирадманд бошу ҷаҳонҷӯй бош.
Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

***

Хирад мояи ҷовидонӣ бувад,
Хирад пояи зиндагонӣ бувад.

***

Мабошед густох бо ин ҷаҳон,
Ки ӯ тирагӣ дорад андар ниҳон.
Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Ба мардум намонад ба ҷуз мардумӣ.

***

Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.
В-агар бигзарӣ сӯи ангиштгар,
Аз-ӯ ҷуз сиёҳӣ набинӣ асар.

***

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

***

Ниёгони мо номдорон буданд,
Ба даҳр андарун тоҷдорон буданд.

Набардоштанд аз касе саркашӣ,
Ба тезиву тундиву бедонишӣ.

***

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст.

***

Чу паймони озодагон бишканӣ,
Нишони бузургӣ ба хок афганӣ.
Надонӣ, ки мардони паймоншикан
Сутуда набошанд дар анҷуман.

***

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Бу кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

**Савол ва супориш**

1. Фирдавсӣ дар кадом мавзӯъҳо панду ҳикматҳо гуфтааст?
2. Фирдавсӣ ду чизро ҷовидон гуфтааст, он ду чизро ёбед.
3. Касе, ки дар талаби дунё бошад, барои ӯ дониш ба кор ояд ё симу зар?
4. Байти: "Ба нопокзода мадоред умед,
   Ки зангӣ нагардад ба шустан сапед" -
   чӣ маънӣ дорад?
5. Ба фикри шумо хислату атвори бад ирсӣ аст ё илоҷи рафъ дорад?
6. Абёти:
   "Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
   Кунад ошкоро бар-ӯ бар ниҳон.
   Гар ӯ бифканад фарру номи падар,
   Ту бегона хонаш, маҳонаш писар"-ро чӣ хел
   мефаҳмед?
7. Панди бистум ба кадом мақоли халқӣ ҳаммаъно аст?
8. Пандҳои дуюм, чорум, нӯҳум ва бисту якумро ба наср баргардонед.
9. Аз панду ҳикматҳои Фирдавсӣ сифат ва зарфҳоро ёфта дар ду сутун ба дафтар нависед. Фарқи байни сифатҳоро муайян кунед.

## МАВЗӮЪ ВА ҒОЯИ АСАРИ БАДЕЙ

Ҳодиса ва воқеаҳои муҳими ҳаёт, ки нависанда ба риштаи тасвир мекашад, мавзӯи асарро ташкил медиҳанд. Мақсад ва мароме, ки адиб мехоҳад ифода кунад, он фикри асосӣ ва хулосае, ки нависанда аз тасвири лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт мебарорад, ғояи асари бадей мебошад. Ҳар як адиб пеш аз иншои асар дар назди худ мақсад ва вазифа мегузорад, ки дар мавзӯи дилхоҳе асар офарад. Мавзӯи асари бадеиро ҳаёти воқеии мардуми давру замонҳои гуногун ташкил медиҳад. Ҳар як нависанда ҳангоми ҳалли мавзӯи асосии асар мекӯшад мақсади худро тарзе ифода намояд, ки дар байни хонандагон тарафдорони зиёд пайдо кунад. Ҳар як асари бадей дорои чанд мавзӯъ ва ғоя аст. Барои ҳамин, дар асарҳои бадей мавзӯи асосӣ ва ғайриасосиро ҷудо намудан лозим аст. Масалан, дар повести "Одина"-и Садриддини Айнӣ мавзӯи асосӣ тасвири зиндагии пурмашаққати мардуми кӯҳистони тоҷики пеш аз Инқилоби Октябр ва бедории шуури синфии онҳост. Аммо дар повест мавзӯъҳои ҷабри бераҳмонаи синфи ҳоким ва дӯстии халқҳои гуногун низ вуҷуд доранд, ки аз ҷиҳати моҳияти худ аз мавзӯи асосӣ кам нестанд. Интихоби мавзӯъ, ғояи асари бадей ва ҳалли онҳо ба маҳорат ва истеъдоди адиб вобастагии сахт дорад. Адиби бузург мавзӯъро хеле табиӣ ва дилнишин ҳал менамояд. Ҷаҳонбинии нависанда ҳар қадар васеътару бойтар бошад, асари ӯ ғояҳои баландтарро талқин хоҳад кард. Сабаби ҷовидонӣ мондани номи устодони каломи бадеъ: Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Садриддини Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ, Гулназар ва дигарон, пеш аз ҳама, дар интихоби мавзӯи муҳим ва ғояи баланди асарҳои онҳост. Устод Рӯдакӣ дар қасидаи "Модари май", ки мавзӯи асосии он мадҳ аст, ғояи инсони олӣ, донишманду хирадманд, некахлоқу покнажод, хушгуфторро офаридааст. Қаҳрамони марказии қасидаи Рӯдакӣ - Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад шахси таърихист, вай яке аз сарлашкарони давлати Сомониён, сипаҳсолори Хуросон мебошад. Дар тасвири Рӯдакӣ Абӯҷаъфар дорои сифатҳое мебошад, ки на ҳар сипаҳсолор дорад. Ба қавли шоир Абӯҷаъфар дар илму ҳикмат Луқмон, дар рӯи замин сояи Худо, офтоби Сомониён, офтоби Эронзамин, ифтихори Эрон, малики адл, дар ҳикмат Суқроту Фалотун (Афлотун), фариштаи биҳишт, дар садру подшоҳӣ чун

Сулаймон, дар майдони ҳарбу зарб фил пеши ӯ хор аст, душман аждаҳо бошад ҳам, назди ӯ чун мум пеши оташ аст, дар разм аз Исфандиёр бузургтар аст, дар набарди ӯ Баҳром ҳеч аст, давлаташ юзу душманаш оҳуи нолон, бо ҳашмат Амр ибни Лайс ва номи Рустамро зинда нигоҳ доштааст, мадҳи ӯ карона надорад, зеро зинату фарру нузҳати Сомон аз ӯст ва яздон аз пайи ӯ гетиро офаридааст ва ғайра. Шояд сипаҳсолори Хуросон - Абӯчаъфар дорои он сифатҳое, ки Рӯдакӣ тасвир кардааст, набошад, аммо шоир хостааст, ки ҳокимону вазирону сипаҳсолорони замонаш ба мардум хираду адаб афзоянд, боақлу бодониш, боҳиммату босаховат, ботараҳҳум, кишваркушою паҳлавон, мусулмонтабиату додгар, ободкунандаи мулки тираву тор бошанд. Ана, ҳамин аст ғояи олии асари бадеӣ. Ҳамон асар ба дили хонандаву шунаванда абадӣ роҳ меёбад, ки агар мавзӯъ ва ғояи он ба зиндагӣ ва ҳаёти мардумӣ иртиботи қавӣ дошта бошад. Аз таълифи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ чандин асрҳо гузашта бошад ҳам, то имрӯз ғоя ва мавзӯъҳои асосии ин асари безавол (ватандӯстӣ, накӯкорӣ, додгустарӣ ва ғайра) кӯҳна нашудаанд.

## ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Шеъри Шамсуддини Табрезӣ гирифт
Мисру Шому Басраю Бағдодро.
*(Шамси Табрезӣ)*

Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн Хатибии Балхӣ машҳур ба Мавлавӣ ё Муллои Рум яке аз бузургтарин шоирон ва мутафаккирони халқҳои форс-тоҷик ба шумор меравад, ки соли 1207 дар Балх таваллуд ёфтааст. Падараш–Баҳоуддини Валад аз фақеҳони машҳури замон буд. Ҷалолуддини Румӣ дар ҷавонӣ ба омӯзиши илмҳои маъмули давр машғул шуд. Баъди вафоти падар муддате дар хизмати Сайид Бурҳониддини Тирмизӣ, ки аз шогирдони падараш буд, шогирдӣ кард. Дар Қуния бо Шамси Табрезӣ ошной пайдо карда, ӯро устоди маънавии хеш хонд ва девони ашъори худро "Девони Шамси Табрезӣ" номид. Дар Қуния соли 1273 аз олам гузаштааст. Ашъори Ҷалолуддини Румӣ аз ду қисм иборат аст. Яке манзумаи машҳури ӯст, ки аз машҳуртарин китобҳои забони форсӣ-тоҷикӣ буда, онро "Маснавии маънавӣ" ном ниҳодааст. Ин маснавӣ аз шаш дафтар иборат буда 25 632 байтро ташкил медиҳад, ки ҳама афкори ирфонию ахлоқӣ мебошад.

Қисмати дуюми ашъори ӯро ғазалиёт ва рубоиёт ташкил медиҳанд, ки аз сад ҳазор байт иборат буда, дар давоми умри худ сурудааст. Дар бештари ғазалҳо номи Шамси Табрезӣ омадааст ва аз ин ҷиҳат ба "Куллиёти Шамси Табрезӣ" ё "Куллиёти Шамс" ва "Девони кабир" машҳур аст.

Ҷалолуддини Румӣ дар эҷодиёти худ одамонро ба некӣ ва некӯкорӣ даъват карда, асоси бадиро дар ҳирсу тамаъ мебинад. Вай зулму золимӣ, хислатҳои бади одамиро сахт маҳкум намуда, ба воситаи масалу ҳикояҳои зиёде адолат, саховатмандӣ, меҳнатдӯстӣ барин хислатҳои писандидаи одамиро тараннум менамояд.

Осори Ҷалолуддини Румӣ ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, чандин шарҳи "Маснавии маънавӣ" ба вуҷуд омадааст. Ҳоло чанд қисса аз "Маснавии маънавӣ"-ро пешкаши хонандагон менамоем, ки ҳама саршори панду ахлоқ мебошанд.

## ҚИССАИ ОН БОЗУРГОН, КИ БА ҲИНДУСТОН БА ТИҶОРАТ МЕРАФТ ВА ПАЙҒОМ ДОДАНИ ТӮТИИ МАҲБУС БА ТӮТИЁНИ ҲИНДУСТОН

Як ҳикоят бишнав, эй зеборафиқ,
То бидонӣ шарти ин баҳри амиқ.
Буд бозургоне, ӯро тӯтие,
Дар қафас маҳбус зебо тӯтие.
Чунки бозургон сафарро соз кард,
Сӯи Ҳиндустон шудан оғоз кард.
Ҳар ғуломи ҳар канизакро зи ҷуд
Гуфт: -"Баҳри ту чӣ орам, гӯй зуд".
Ҳар яке аз вай муроде хост кард,
Ҷумларо ваъда бидод он некмард.
Гуфт тӯтиро: "Чӣ хоҳӣ армуғон,
К - орамат аз хиттаи Ҳиндустон?"
Гуфташ он тӯтӣ, ки он ҷо тӯтиён
Чун бубинӣ, кун зи ҳоли ман баён.
К-он фалон тӯтӣ, ки муштоқи шумост,
Аз қазои осмон дар ҳабси мост.
Бар шумо кард ӯ саломи дод хост
В-аз шумо чорай раҳу иршод хост.
Гуфт: -"Мешояд, ки ман дар иштиёқ,
Ҷон диҳам ин ҷо, бимирам дар фироқ?

Ин раво бошад, ки ман дар банди сахт
Гаҳ шумо бар сабза, гохе бар дарахт?
Инчунин бошад вафои дӯстон?
Ман дар ин ҳабсу шумо дар бӯстон?
Ёд оред, эй меҳон, з-ин мурғи зор,
Як сабӯҳе дар миёни маргзор.
Қиссаи тӯтии ҷон з-инсон бувад
Кӯ касе, к-ӯ маҳрами мурғон бувад?"

## ДИДАНИ ХОҶА ДАР ДАШТ ТӮТИЁНРО ВА ПАЙҒОМ РАСОНИДАН

Боз мегардем аз ин, эй дӯстон,
Сӯи мурғу тоҷиру Ҳиндустон.
Марди бозургон пазируфт он паём,
К-ӯ расонад сӯи ҷинс аз вай салом.
Чунки то ақсои[1] Ҳиндустон расид,
Дар биёбон тӯтие чанде бидид.
Маркаб истониду пас овоз дод,
Он салому он амонат боз дод.
Тӯтие з-он тӯтиён ларзиду пас
Уфтоду мурду бигсасташ нафас.
Шуд пушаймон хоҷа аз гуфти хабар,
Гуфт: -"Рафтам дар ҳалоки ҷонвар.
Ин магар хеш аст бо он тӯтияк,
Ин магар ду ҷисм буду рӯҳ як?
Ин чаро кардам, чаро додам паём?!
Сӯхтам бечораро з-ин гуфти хом,
Ин забон чун сангу ҳам оҳанваш аст
В-он чӣ биҷҳад аз забон, чун оташ аст".
Сангу оҳанро мазан бар ҳам газоф[2],
Гаҳ зи рӯи нақлу гаҳ аз рӯи лоф.
З-он ки торик асту ҳар сӯ пунбазор,
Дар миёни пунба чун бошад шарор?
Золим он қавме, ки чашмон дӯхтанд
В-аз суханҳо оламеро сӯхтанд.
Оламеро як сухан вайрон кунад,
Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.

---

[1] Ақсо - канорҳо

[2] Газоф - беҳуда, бефоида

## БОЗ ГУФТАНИ БОЗУРГОН БО ТӮТӢ ОН ЧӢ ДАР ҲИНДУСТОН ДИДА БУД

Кард бозургон тиҷоратро тамом,
Боз омад сӯи манзил шодком.
Ҳар ғуломеро биёвард армуғон[1],
Ҳар канизакро бибахшид ӯ нишон.
Гуфт тӯтӣ: -"Армуғони банда ку?
Он чӣ дидӣ в-ончӣ гуфтӣ, бозгӯ",
Гуфт: - "Не ман худ пушаймонам аз он,
Дасти худ хоёну ангуштон газон,
Ки чаро пайғоми хоме аз газоф
Бурдам, аз бедонишию аз нашоф".
Гуфт: - Эй хоҷа, пушаймонӣ зи чист?!
Чист ин, ки хашму ғамро муқтазист?"
Гуфт: - "Гуфтам он шикоятҳои ту
Бо гурӯҳи тӯтиён- ҳамтои ту,
Он яке тӯтӣ зи дардат бӯй бурд,
Заҳрааш бидриду ларзиду бимурд,
Ман пушаймон гаштам, ин гуфтам чӣ буд,
Лек чун гуфтам, пушаймонӣ чӣ суд?"
Нуктае, к-он ҷаст ногоҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон.

## ШУНИДАНИ ТӮТӢ ҲАРАКАТИ ОН ТӮТИРО ВА МУРДАН ВА НАВҲАИ ХОҶА БАР Ӯ

Чун шунид он мурғ, к-он тӯтӣ чӣ кард,
Ҳам биларзиду фитоду гашт сард.
Хоҷа чун дидаш фитода ҳамчунин,
Барҷаҳиду зад кулаҳро бар замин.
Чун бад-ин рангу бад-ин ҳолаш бидид,
Хоҷа барҷасту гиребонро дарид.
Гуфт: -"Эй тӯтии хуби хушҳанин,
Ин чӣ будат, ин чаро гаштӣ чунин?
Эй дареғо, мурғи хушовози ман,
Эй дареғо, ҳамдаму ҳамрози ман.
Эй дареғо, мурғи хушилҳони ман,
Роҳи рӯҳу равзаи ризвони ман...

---

[1] Армуғон - тӯҳфа, савғо

Эй дарего, нури зулматсӯзи ман,
Эй дарего субҳи рӯзафрӯзи ман.
Эй дарего, мурғи хушпарвози ман,
З-интиҳо дуррида то оғози ман...
Эй дарего, ашки ман дарё будӣ,
То нисори дилбари зебо будӣ.
Тӯтии ман, мурғи зираксори ман,
Тарҷумони фикрати асрори ман.
Ҳар чӣ рӯзӣ доду нодод омадам,
Ӯ зи аввал гуфт, то ёд омадам.
Тӯтие, к-ояд зи ваҳй овози ӯ,
Пеш аз оғози вуҷуд овози ӯ,
Андаруни туст он тӯтӣ ниҳон,
Акси ӯро дида ту бар ину он,
Мебарад шодитро, ту шод аз ӯ,
Мепазирӣ зулмро чун дод аз ӯ,
Эй ки ҷон аз баҳри тан месӯхтӣ,
Сӯхтӣ ҷонрову тан афрӯхтӣ.
Сӯхтам ман, сӯхта хоҳад касе,
То зи ман оташ занад андар хасе,
Сӯхта чун қобили оташ бувад?
Сӯхта бистон, ки оташкуш бувад.
Эй дарего, эй дарего, эй дарег,
К- ончунон моҳе ниҳон шуд зери мег.
Чун занам дам, к-оташи дил тез шуд,
Шери ҳаҷр ошуфтаву хунрез шуд.
Он ки ӯ ҳушёр, худ тунд асту маст,
Чун бувад, чун ӯ қадаҳ гирад ба даст?
Шери масте, к-аз сифат берун бувад,
Аз басити[1] марғзор афзун бувад.
Қофия андешаму дилдори ман,
Гӯядам мандеш ҷуз дидори ман.
Хуш нашин, ай қофияандеши ман,
Қофияй давлат туӣ дар пеши ман.
Ҳарф чӣ-бвад, то ту андешӣ аз он?
Савт чӣ-бвад, хори девори разон.
Ҳарфу савту гуфтро барҳам занам,
То ки бе ин ҳарсе бо ту дам занам..."

[1] Басит- паҳновар

Бас дароз аст ин ҳадиси хоҷа, гӯ,
То чӣ шуд аҳволи он марди накӯ...
Ин сухан поён надорад, эй аму[1]
Қиссаи тӯтиву хоҷа боз гӯ.

## БЕРУН АНДОХТАНИ МАРДИ ТОҶИР ТӮТИРО АЗ ҚАФАС ВА ПАРИДАНИ ОН

Баъд аз онаш аз қафас берун фиканд,
Тӯтияк паррид то шохи баланд.
Тӯтии мурда чунон парвоз кард,
К- офтоб аз чарх туркитоз кард.
Хоҷа ҳайрон гашт андар кори мурғ,
Бехабар ногаҳ бидид асрори мурғ.
Рӯй боло карду гуфт, ай андалеб!
Аз баёни ҳоли худмон деҳ насиб.
Ӯ чӣ кард он ҷо, ки ту омӯхтӣ,
Чашми мо аз макри худ бардӯхтӣ.
Сохтӣ макреву моро сӯхтӣ.
Сӯхтӣ морову худ афрухтӣ.
Гуфт тӯтӣ, к-ӯ ба феълаш панд дод,
Ки раҳо кун нутқу овозу кушод.
З-он ки овозат туро дар банд кард,
Хеш ӯ мурда пайи ин панд кард.
Яъне, эй мутриб, шуда бо омму хос,
Мурда шав чун ман, ки то ёбӣ халос.
Дона бошӣ, мургаконат барчинанд,
Ғунча бошӣ, кӯдаконат барканад.
Дона пинҳон кун, ба куллӣ дом шав,
Ғунча пинҳон кун, гиёҳи бом шав.
Ҳар кӣ дод ӯ ҳусни худро дар мазод,
Сад қазои[2] бад сӯи ӯ рӯ ниҳод.
Чашмҳою хашмҳою рашкҳо,
Бар сараш борад чу об аз машкҳо.
Душманон ӯро зи ғайрат медаранд,
Дӯстҳо ҳам рӯзгораш мебаранд.
Он ки ғофил буд аз кишти баҳор,
Ӯ чӣ донад қиммати ин рӯзгор.

---

[1] Аму - шакли тағйирёфтаи ам- бародари падар, амак

[2] Қазо - тақдир,сарнавишт

Дар панохи лутфи Ҳақ бояд гурехт,
К-ӯ хазорон лутф бар арвох рехт.
То панохе ёбӣ он гах чӣ панох,
Обу оташ мар туро гардад сипох.

Нӯху Мӯсоро[1] на дарё ёр шуд,
Не бар аъдошон ба кин қаххор шуд.
Оташ Иброхимро[2] не қалъа буд,
То баровард аз дили Намруд[3] дуд.
Кӯх Яхёро[4] на сӯи хеш хонд,
Қосидонашро ба захми санг ронд.
Гуфт: -"Эй Яхё, биё дар ман гурез,
То панохат бошам аз шамшери тез."

## ВИДОЪ КАРДАНИ ТӮТӢ ХОЧАРО ВА ПАРИДАН

Як-ду пандаш дод тӯтӣ бенифок,
Баъд аз он гуфташ: - "Салому алфирок.
Алвидоъ, эй хоча, кардӣ мархамат,
Кардӣ озодам зи қайду мазламат[5].
Алвидоъ, эй хоча, рафтам то ватан,
Ҳам шавӣ озод рӯзе хамчу ман."
Хоча гуфташ: -"Фӣ амонил-лах[6]" бирав,
Мар маро акнун намудӣ рохи нав."
Сӯи Ҳиндустони аслӣ рӯ ниход,
Баъди шиддат аз фарач[7] дил гашта шод.
Хоча бо худ гуфт: "Ин панди ман аст,
Рохи ӯ гирам, ки ин рах рӯшан аст,
Чони ман камтар зи тӯтӣ кай бувад?
Чон чунин бояд, ки некӯпай бувад".

[1] Нӯх, Мӯсо - номи пайғамбарон
[2] Иброхим - номи пайғамбар
[3] Намруд - номи одам
[4] Яхё - номи пайғамбар
[5] Қайду мазламат - банду мазлумӣ
[6] "Фӣ амонил-лах" - Худо нигахбонат бошад
[7] Фарач - кушоиш, осоиш, рахой

## БОЗ НАМУДАНИ ОН ҲАФТ МАРД ҲАФТ ДАРАХТ

Боз ҳар як мард шуд шакли дарахт,
Чашм аз сабзии ишон некбахт.
З-анбӯҳии барг пайдо нест шох,
Барг ҳам гум гашта аз мевай фарох.
Ҳар дарахте шох бар сидра зада,
Сидра чӣ-бвад, аз хало берун шуда.
Бехи ҳар як рафта дар қаъри замин,
Зертар аз гову моҳӣ буд яқин.
Бехашон аз шох хандонрӯйтар,
Ақл аз он ашколашон зеру забар.
Мевае, ки баршикофидӣ зи зур,
Ҳамчу об аз мева частӣ барқи нур.

## МАХФӢ БУДАНИ ОН ДАРАХТОН АЗ ЧАШМИ ХАЛҚ

Ин ачабтар, ки бар ишон мегузашт,
Сад ҳазорон халқ аз саҳрову дашт.
З-орзӯи соя ҷон мебохтанд,
Аз гилеме соябон месохтанд.
Сояи онро намедиданд хеч,
Сад туфу бар дидаҳои печ-печ.
Хатм карда қаҳри Ҳақ бар дидаҳо,
Ки набинад меҳро бинад суҳо.
Зарраеро бинаду хуршед не,
Лек аз лутфу карам навмед не.
Корвонҳо бенаво в-ин меваҳо
Пухта мерезад, чӣ сеҳрест, эй Худо.
Себи пӯсида ҳамечинанд халқ,
Дар ҳам уфтода ба яғмо хушкхулқ.
Гуфт ҳар баргу шукуфай он ғусун.
Дам ба дам "ё лайта қавмӣ яъламун".[1]
Бонг меомад зи сӯ, ҳар дарахт,
Сӯи мо оед халқи шӯрбахт.
Бонг меомад зи ғайрат бар шаҷар,
Чашмашон бастем "калло ло вазар"[2]

[1] "Кош қавмам медонистанд" (ишора ба ояҳои 26 ва 27 сураи "Ё Син", "Гӯянд кош қавмам медонистанд, ки Худо чӣ гуна дар ҳаққи ман мағфират фармуд ва маро мавриди лутфу карам қарор дод")
[2] "Ҳаргиз мафарре нест" (ишора ба ояҳои 11 ва 12 сураи Қиёмат, "Ҳаргиз мафарре нест он рӯз, ҷуз даргоҳи Худо оромгоҳе нест"

Гар касе мегуфтшон к-ин сӯ равед,
То аз ин ашҷор мустаъид шавед.
Ҷумла мегуфтанд к-ин мискини маст,
Аз қазоу-л-лоҳ девона шудаст.
Мағзи ин мискин зи савдои дароз
В-аз риёзат гашт фосид чун пиёз.
Ӯ аҷаб мемонд ё Раб, ҳол чист,
Халқро ин пардаю излол чист?
Халқи гуногун ба садҳо ройу ақл
Як қадам ин сӯ намеоранд нақл.
Оқилону зираконшон з-иттифоқ
Гашт мункир в-инчунин боғеву оқ.
Ё манам девонаву хира шуда?
Дев бар ман ғолибу чира шуда?
Чашм мемолам ба ҳар лаҳза, ки ман
Хоб бинам, ё хиёл андар заман?
Хоб чӣ-бвад, бар дарахтон меравам,
Меваҳошон мехӯрам, чун награвам?
Боз чун ман бингарам дар мункирон,
Ки ҳамегиранд з-ин бӯстон карон.
Бо камоли эхтиёҷу ифтиқор
З-орзӯи ними ғура ҷонсупор.
З-иштиёқу ҳирси як барги дарахт,
Мезананд ин бенавоён оҳи сахт.
Дар ҳазимат ин дарахту ин самор,
Ин халоиқ сад ҳазор андар ҳазор.
Боз мегӯям аҷаб ман беҳудам,
Даст дар шохи хиёле дарзадам.
Ҳаттизо мостайасаррусулу бигӯ
То би зунну аннаҳум қад кузибу[1].
Ин қироат хон ба тахфифу кузиб,
Ин бувад, ки хеш бинад муҳтаҷиб.
Дар гумон уфтод ҷони анбиё,
З-иттифоқи мункирии ашқиё.

[1] "Ҳатто изас-тайъар-русул" - "Ҳатто пайғамбарон маъюс шуданд". "Зунну аннаҳум қад кузибу" - "Гумон карданд, ки ваъдаи нусрат хилоф хоҳад шуд"

Ҷоаҳум баъда-т-ташаккук насруно[1],
Таркашон гӯ, бар дарахти ҷон баро.
Меҳӯру медиҳ бад-он к-аш рӯзияст,
Ҳар даму ҳар лаҳза сиҳромӯзияст.
Халқ гӯён - эй аҷаб ин бонг чист,
Чунки саҳро аз дарахту бар тиҳист.
Гиҷ гаштам аз дами савдоиён,
Ки ба наздики шумо боғасту хон.
Чашм мемолем ин ҷо боғ нест.
Ё биёбонест, ё мушкил раҳест.
Эй аҷаб чандин дароз ин гуфтугӯ
Чун бувад беҳуда в-ар худ ҳаст, кӯ.
Ман ҳамегӯям чу ишон, эй аҷаб,
Дар тааҷҷуб низ монда Бӯлаҳаб[2].
З-ин аҷаб то он аҷаб фарқест жарф,
То чӣ хоҳад кард султони шигарф.
Эй Дақуқӣ, тезтар рон, ҳин хамӯш,
Чанд гӯӣ, чанд чун қаҳт аст гӯш.

## ЯК ДАРАХТ ШУДАНИ ОН ҲАФТ ДАРАХТ

Гуфт рондам пештар ман некбахт,
Боз шуд он ҳафт ҷумла як дарахт.
Ҳафт мешуд фард мешуд ҳар даме,
Ман чӣ сон мегаштам аз ҳайрат ҳаме.
Баъд аз он дидам дарахтон дар намоз,
Саф кашида чун ҷамоат карда соз.
Як дарахт аз пеш монанди имом,
Дигарон андар паси ӯ дар қиём.
Он қиёму он рукуъу он суҷуд,
Аз дарахтон бас шигифтам менамуд.
Ёд кардам қавли ҳақро он замон,
Гуфт: -"Анначму шаҷарро ясҷудон[3]",
Ин дарахтонро на зону на миён,
Ин чӣ тартиби намоз аст он чунон.
Омад илҳоми Худо, к-эй бофурӯз,
Ин аҷаб дорӣ зи кори мо ҳанӯз.

---

[1] "Ҷоаҳум баъда-т-ташаккук насруно" - "омад онҳоро баъд аз шак кардан ёрии мо" (Ишора ба ояи 110 сураи "Юсуф". "То он ҷо, ки расулон маъюс шуда ва гумон карданд, ки ваъдаи нусрати Худо хилоф хоҳад шуд, дар он ҳол вақти ёрии мо фаро расид")

[2] Бӯлахаб (Абӯлаҳаб) - бародари падари ҳазрати Муҳаммад (с.) ва яке аз душманони қасамхӯрдааш

[3] Анначму шаҷарро ясҷудон - ситора ва дарахт саҷда мекунанд

## ҲАФТ МАРД ШУДАНИ ОН ҲАФТ ДАРАХТ

Баъди дере гашта онҳо ҳафт мард,
Ҷумла дар қаъда пайи Яздони фард.
Чашм мемолам, ки он ҳафт арсалон,
То киёнанду чӣ доранд аз ҷаҳон.
Чун ба наздикӣ расидам ман зи роҳ,
Кардам ишонро салом аз интибоҳ.
Қавм гуфтандам ҷавоби он салом,
Эй Дақуқӣ, мафхару тоҷи кином.
Гуфтам охир чун маро бишнохтед,
Пеш аз ин бар ман назар наидохтед.
Аз замири ман бидонистанд зуд,
Якдигарро бингариданд аз фуруд.
Посухам доданд хандон, к-эй азиз,
Ин бипӯшидаст акнун бар ту низ.
Бар диле, к-ӯ дар таҳайюр бо Худост,
Кай шавад пӯшида рози чапгу рост.
Гуфтам ар сӯйи ҳақоиқ бишкифанд,
Чун зи исми ҳарфи расмӣ воқифанд.
(Ин сухан чун омад аз ман дар хитоб,
Он шаҳон дарҳол гуфтандам ҷавоб).
Гуфт агар исме шавад ғайб аз валӣ,
Он зи истиғроқ дон, н-аз ҷоҳилӣ.
Баъд аз он гуфтанд моро орзӯст,
Иқтидо кардам ба ту, ай покдӯст.
Гуфтам, оре, лек як соат, ки ман,
Мушкилоте дорам аз даври замаи.
То шавад он ҳал ба сӯҳбатҳои пок,
Ки ба сӯҳбат рӯяд ангуре зи хок.
Донаи пурмағзро хоки диҷам
Хилватию сӯҳбатӣ кард аз карам.
Хештан дар хок куллӣ маҳз кард,
То намонад рангу бӯю сурху зард.
Аз паси он маҳв қабзи ӯ намонд,
Пар гушуду баст шуд, маркаб биронд.
Пеши асли хеш чун бе хеш шуд,
Рафт сурат ҷилваи маънии шуд.
Сар чунин карданд хин фармон турост,
Таффи дил аз сар чунин кардан ба ҷост.
Соате бо ин гурӯҳи муҷтабо,
Чун муроқиб гаштаму аз худ ҷудо.

Ҳам дар он соат зи соат[1] раст ҷон,
З-он ки соат[2] пир гардонад ҷавон.
Ҷумла талвинҳо зи соат хостаст,
Раст аз талвин, ки аз соат бираст.
Чун зи соат соате берун шавӣ,
Чун намонад маҳрами Бечун шавӣ.
(Соате берун шав аз соат, дило,
То зи чунӣ ворахию аз чаро).
Соат аз бесоатӣ огоҳ нест,
З-онаш он сӯ ҷуз таҳайюр роҳ нест.
Ҳар нафарро бар тавилай хоси ӯ,
Бастаанд андар ҷаҳони ҷустуҷӯ.
Мунтасир бар ҳар тавила ройизӣ,
Ҷуз ба дастурӣ наёяд рофизӣ.
Аз ҳавас гар аз тавила бискулад,
Дар тавилай дигарон сар дар кунад.
Дар замон оҳурчиёни чусту х(в)аш.
Гӯшаи афсори ӯ гиранду каш.
Ҳофизонро гар набинӣ, эй аёр,
Ихтиёратро бубин беихтиёр.
Ихтиёре мекунию дасту по
Баркушо дастат, чаро ҳабсӣ, чаро?
Рӯй дар ин кори ҳофиз бурдай,
Ном таҳдидоти нафсаш кардай.

## Савол ва супориш

1. Қиссаи он марди савдогарро, ки барои тиҷорат ба Ҳиндустон мерафт, бодиққат хонда мазмуни онро нақл кунед.
2. Тӯтии маҳбуси бозургон пеш аз сафари соҳибаш ба Ҳиндустон аз ӯ чӣ хоҳиш кард?
3. Вақте ки бозургон ба Ҳиндустон расиду тӯтиёни зиёдеро дид, пайғоми тӯтии худро ба онҳо гуфт ё не?
4. Баъди бозгаштани бозургон ба ватани худ ва боз гуфтани ҳолати яке аз тӯтиёни Ҳиндустон ба тӯтии бозургон чӣ ҳодиса рӯй дод?
5. Маънии байти:

   "Нуктае, к-он ҷаст ногаҳ аз забон,
   Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон" -ро гӯед.

[1] Соат - асбоби вақтшиносӣ

[2] Соат - миқёси замон, як қисм аз бисту чор қисми як шабонарӯз

6. Бигӯед, ки афтидан ва мурдани тӯтии Ҳиндустон ва ҳолати тӯтии маҳбуси бозургон ба ҳам чӣ муносибат доранд?
7. Бигӯед, ки Ҷалолуддини Румӣ қиссаи бозургон ва тӯтии маҳбуси ӯро бо кадом мақсад овардааст? Чунин тарзи ифодаро дар адабиёт чӣ мегӯянд?
8. Мақсади шоир аз овардани байтҳои зер чист?

   Эй забон, ту бас зиёнӣ мар маро,
   Чун туӣ гӯё, чӣ гӯям мар туро?
   Эй забон, ҳам оташу ҳам хирманӣ,
   Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ?
   Эй забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,
   Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ.

9. Аз қиссаҳои боло феълҳоро ёфта ба дафтар бинависед ва замони онҳоро муайян намоед.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАМСИЛ

Тамсил калимаи арабист, маънои луғавиаш мисол овардан аст. Аммо дар адабиёт манзума ё порчаҳои шеъриро гӯянд, ки дар дохили достонҳои назмӣ ё асарҳои насрӣ омада, воқеа ва ҳодисаҳои пандомӯз, ягон афсона, қисса ва латифаҳои халқиро дарбар мегиранд. Хусусияти асосии тамсил он аст, ки дар сюжети нисбатан хурд ҳар гуна ашё, наботот ва махлуқоти ғайриинсонӣ иштирок намуда, чун инсон сухан мегӯянду хулқу рафтори одамиро иҷро мекунанд. Дар адабиёти гузаштаи мо тамсил ҳамчун ҳикояти хурди рамзӣ хеле маъмул буд. Намунаи чунин ҳикоятҳо дар эҷодиёти Саноӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҷомӣ бештар дучор меоянд. "Муш ва Гурба"-и Убайди Зоконӣ, "Баҳориёт"-и Сайидои Насафӣ, "Калила ва Димна", "Тӯтинома" намунаи хуби асарҳои тамсилӣ ба шумор мераванд. Шоирони бузурги адабиёти тоҷик барои ифодаи осони маънӣ ва ба зеҳни хонанда наздик намудани мақсад аз тамсил ҳамчун усули баён хеле хуб истифода намудаанд. Бештари достонҳои "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Румӣ, ки чанде аз онҳоро дар боло овардем, беҳтарин намунаи тамсиланд.

# УБАЙДИ ЗОКОНӢ



Номи Убайд кай равад зи ёди аҳли дил,
Чун гуфтаҳои ӯ ёдгори ӯст.

*Убайди Зоконӣ*

Гузаштагони Убайди Зоконӣ аз Арабистон ба Эрон кӯчида, дар Зокони Қазвин сукунат ихтиёр намуданд. Убайд соли 1270 дар хонадони вазири собиқ ба дунё омадааст. Ӯ таълими ибтидоиро дар зодгоҳаш - Зокон гирифта, баъдан дар мадрасаҳои шаҳри Бағдод таҳсил намудааст. Вале даҳшатҳои ҳаёти замони феодалӣ боиси дар мӯҳтоҷӣ зиндагӣ кардани Убайди Зоконӣ гаштаанд. Ин ҳақиқатро дар ашъори мазмуни тарҷумаиҳолӣ доштаи ӯ дучор меоем:

Дар хонаи ман зи неку бад чизе нест,
Ҷуз бангею пораи намад чизе нест.
Аз ҳар чӣ пазанд, нест ғайр аз савдо
В-аз ҳар чӣ хӯранд, ҷуз лагад чизе нест...

Ӯ соли 1370 аз олам чашм пӯшидааст. Убайди Зоконӣ нависандаи шӯхтабъ аст. Ҳаҷв равияи хоси эҷодиёти ӯ шинохта шудааст. Асарҳои ӯ дар шакли назм ва наср таълиф ёфтаанд. Мероси адабии Зокониро "Наводир-ул-амсол", рисолаҳои "Ахлоқ-ул-ашроф", "Садпанд", "Даҳфасл", "Дилкушо", "Ришнома", достонҳои "Ушшоқнома", "Мӯш ва гурба", "Фолномаи буруҷ", "Фолномаи вуҳуш ва туюр", қасидаю ғазал, қитъаву рубоӣ, тарҷеъбанд ва осори дар шаклҳои хурди манзум таълифнамудааш ташкил медиҳанд.

Мазмуни асосии эҷодиёти ӯ аз танқиди ақидаҳои кӯҳнашуда, афкори зиддихалқии замона, ҷаҳолатпарастӣ, кирдори ношоистаю баъзе урфу одатҳои мардум, эътирози зидди хонахаробии заҳматкашон аз ҷангҳои доимии дохилии ҷоҳталабон, тарғиби ақидаҳои ҳаётдӯстӣ, муҳаббати поки инсонӣ иборат аст.

"Рисолаи дилкушо" асари мансур буда, ба забони арабӣ ва тоҷикӣ таълиф ёфтааст. Он аз ҳикоятҳои хурд-хурд сурат гирифта, латифаҳои халқиро ба ёд меорад. Услуби нависанда агарчи ҳазлу мутоиба бошад ҳам, мазмуни ҷиддии танқидӣ дорад. Инро худи муаллиф ҳам ишорат намудааст:

Ба мазоҳат нагуфтам ин гуфтор,
Ҳазл бигзору ҷидд аз ӯ бардор!

## ҲИКОЯТҲО АЗ "РИСОЛАИ ДИЛКУШО"

... Чунин гӯяд муаллифи ин рисолат ва муҳаррири ин мақолат (Убайди Зоконӣ)... фазилати нутқ, ки шарафи инсонӣ бад-ӯ манут аст, бар ду ваҷҳ аст, ки: яке ҷид ва дигаре ҳазл ва руҷҳони (бартарӣ) ҷид бар ҳазл мустағнист (бой ва номӯҳтоҷ) ва чунон ки ҷид доим мӯҷиби малол мебошад, ҳазл доим низ боиси истихфоф (таҳқир ва кам шумурдан) ва касри арз мешавад...

### ҲИКОЯТ

Талхакро (номи қаҳрамони фолклорӣ дар Эрон, мисли Афандӣ) бо муҳиме пеши Хоразмшоҳ фиристоданд. Муддате он ҷо бимонд. Магар Хоразмшоҳ риояте, чунон ки ӯ мехост, намекард. Рӯзе пеши Хоразмшоҳ ҳикояти мурғон ва хосияти ҳар яке мегуфтанд.

Талҳак гуфт:

– Ҳеҷ мурғе аз лаклак зирактар нест.

Гуфтанд:

– Аз чӣ донӣ?

Гуфт:

– Аз бахри он ки ҳаргиз ба Хоразм намеояд.

### ҲИКОЯТ

Падари Ҳаҷӣ ду моҳии бузург бад-ӯ дод, ки бифрӯш. Дар кӯчаҳо мегардонид. Бар дари хонае расид. Зане хубсурат ӯро дид. Гуфт: "Як моҳӣ ба ман бидеҳ". Ҳаҷӣ моҳӣ бидод... хушаш омад, моҳии дигар бидод... Пас бар дари хона нишаста гуфт:

– Қадре об мехоҳам.

Он зан кӯзае бад-ӯ дод ва бихӯрд ва кӯза бар замин зад ва бишкаст. Ногоҳ шавҳарашро аз дур бидид ва дар гиря афтод.

Мард пурсид, ки:

– Чаро гиря мекунӣ?

Гуфт:

– Ташна будам. Аз ин хона об хостам. Кӯза аз дастам бияфтод, бишкаст. Ду моҳӣ доштам, хотун ба гарави кӯза бардоштааст ва ман аз тарси падар ба хона намеёрам рафт.

Мард ба зан итоб кард, ки "кӯзае чӣ қадр дорад?!"

Моҳиҳо бигирифт ва ба Ҳаҷӣ дод, то ба саломат равон шуд.

## ҲИКОЯТ

Туфайлиро пурсиданд, ки:

– Иштиҳо дорӣ?

Гуфт:

– Мани бечора дар ҷаҳон ҳамин матоъ дорам.

## ҲИКОЯТ

Султон Маҳмуд пире заифро дид, ки пушторае хор мекашад. Бар ӯ раҳмаш омад. Гуфт:

– Эй пир, ду динор зар мехоҳӣ, ё дарозгӯше, ё ду-се гӯсфанд, ё боғ, ки ба ту бидиҳам, то (ки) аз ин заҳмат халос ёбӣ?

Пир гуфт:

– Зар бидеҳ, то (ки) дар миён бандам ва бар дарозгӯше бинишинам ва гӯсфандон дар пеш гирам ва ба боғ биравам ва ба давлати ту дар боқии умр он ҷо биёсоям

Султонро хуш омад ва фармуд чунон карданд.

## ҲИКОЯТ

Шахсе бо дӯсте гуфт, ки:

– Маро чашм дард мекунад. Тадбир чӣ бошад?

Гуфт:

– Маро порсол дандон дард мекард, баркандам.

## ҲИКОЯТ

Кале аз ҳаммом берун омад, кулоҳаш дуздида буданд. Бо ҳаммомӣ моҷаро мекард. Ҳаммомӣ гуфт:

– Ту ин ҷо омадӣ, кулоҳ надоштӣ.

Гуфт:

– Эй мусулмон, ин сар аз он сарҳост, ки бекулоҳ ба роҳ тавон бурд?

## ҲИКОЯТ

Яке аз дигаре пурсид, ки:

– Қалияро ба қоф кунанд ё ба ғайн?

Гуфт:

– Қалия на ба қоф кунанд ва на ба ғайн, қалия ба гӯшт кунанд.

## ҲИКОЯТ

Лӯлие бо писари худ моҷаро мекард, ки "ту ҳеч коре намекунӣ ва умр дар батолат (бекорӣ ва танбалӣ) ба сар мебарӣ. Чанд бо ту гӯям, ки муаллақ задан биёмӯз, саг аз чанбар ҷаҳонидан ва расанбозӣ таълим кун, то (ки) аз умри худ бархурдор шавӣ. Агар аз ман намешунавӣ, ба Худо, туро дар мадраса андозамат, то (ки)

он илми мурдареги ишон биёмӯзӣ ва донишманд шавӣ ва то зинда бошӣ, дар мазаллат ва фалокат ва идбор (бадбахтӣ) бимонӣ ва як ҷав аз ҳеч ҷо ҳосил натавонӣ кард.

## ҲИКОЯТ

Қазвинӣ табаре дошт, ҳар шаб дар махзан (анбор) ниҳодӣ ва дар маҳкам бубастӣ. Занаш пурсид:

–Чаро табар дар махзан мениҳӣ?

Гуфт:

–То (ин ки) гурба набарад.

Гуфт:

–Гурба табар чӣ кунад?

Гуфт:

–Аблаҳ зане будай! Шушпорае, ки ба як ҷав намеарзад, мебарад, табаре, ки ба даҳ динор харидаам, раҳо хоҳад кард?!

## ҲИКОЯТ

Деҳқоне дар Исфаҳон ба дари Хоҷа Баҳоуддини соҳибдевон рафт. Ба хоҷасаро гуфт, ки "бо хоҷа бигӯй, ки Худо берун нишастааст, бо ту коре дорад". Ба хоҷа бигуфт. Ба эҳзори (ҳозир кардан) ӯ ишорат кард. Чун даромад, пурсид, ки:

–Ту Худоӣ?

Гуфт:

–Оре.

Гуфт:

–Чӣ гуна?

Гуфт:

–Ҳол он ки ман пеш деҳхудо ва боғхудо ва хонахудо будам. Нуввоби (яъне ноибон) ту деҳ ва боғ ва хона аз ман ба зулм бисутурданд. Худо (соҳиб) монд.

## ҲИКОЯТ

Қазвиниро дандон дард мекард. Пеши ҷарроҳ рафт.

(Ҷарроҳ) гуфт:

–Ду оқча бидеҳ, то (ки) барканам.

Гуфт:

–Як оқча беш намедиҳам.

Чун музтариб(дар изтироб ва ҳаяҷон бошанда) шуд, ноҷор ду оқча бидод ва сар пеш бурд ва дандоне, ки дард намекард, бад-ӯ намуд. Ҷарроҳ онро канд. Қазвинӣ гуфт: "Саҳв кардам". Он дандон, ки дард мекард, бад-ӯ намуд. Ҷарроҳ барканд. Қазвинӣ гуфт: Мехостӣ, ки сарфи ман барӣ ва ду оқча биситонӣ. Ман аз ту

зирактарам. Туро ба бозӣ харидам ва кифояти ту чунон кардам, ки як дандонам ба як оқча баромад.

### ҲИКОЯТ

Талҳакро пурсиданд, ки:

– Даюсӣ чӣ бошад?

Гуфт:

– Ин масъаларо аз қозиён бояд пурсид.

### ҲИКОЯТ

Гаронгӯше ба қазвинӣ гуфт:

– Шунидам, ки зан кардаӣ (гирифтаӣ).

Гуфт:

– Субҳоналлоҳ, ту ки чизе нашнавӣ, ин хабар аз куҷо шунидӣ?!

**Савол ва супориш**

1. Дар ҳикояти "Талҳак ва Хоразмшоҳ" кадом хислати қаҳрамон ошкор гаштааст?
2. Дар ҳикояти "Ҳаҷӣ ва кӯза" қаҳрамон бо кадом хислат тасвир ёфтааст?
3. Ғояи ҳикояти "Туфайлӣ"-ро чӣ тавр маънидод мекунед?
4. Дар ҳикояи "Султон Маҳмуд ва пири хоркаш" чӣ маънӣ дар назар дошта шудааст?
5. Тадбири дарди чашм дар ҳикояти "Дарди чашм ва давои он" чист?
6. Ҳикояти "Кал дар ҳаммом"-ро маънидод намоед.
7. Ҳикояти "Қазвинӣ ва табар" ба кадом фазилати хоси қаҳрамон равшанӣ меандозад?
8. Дар ҳикояти "Қазвинӣ ва ҷарроҳ" кадом хислати одам тараннум ёфтааст?
9. Дар ҳикояти "Талҳак ва қозиён" кӣ мазамат ёфтааст?
10. Дар ҳикояти "Гаронгӯш ва қазвинӣ" кадом фазилати инсонӣ мушоҳида мешавад?
11. Калимаҳои Хоразмшоҳ, туфайлӣ, матоъ, гаронгӯш, баркандам, шушпорае ва Қазвиниро аз рӯи маънӣ ва сохт шарҳ диҳед.

# МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУТОЯБА

Мутояба калимаи арабӣ буда, маънояш хушгӯӣ ва ҳазл мебошад. Тасвири ҳодисаи хандаовари ҳаёт дар адабиёти бадеӣ асоси мутояба мебошад.

Агар дар асари ҳаҷвӣ муҳимтарин нуқсонҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ сахт масхара шавад, дар мутоябот баъзе ҳодисаҳои хандаовар бо хушҳолӣ ва нармӣ тасвир мешаванд. Дар мутоябот хашму ғазаб ва нафрату адовати муаллиф зоҳир намегардад. Баъзан ҳатто ягон хислати хандаовари хубе ҳам мавриди мутояба қарор мегирад.

Дар вақти мутолиаи мутоябот хонанда механдад, вале ин ханда касеро озор намедиҳад.

Мутояба дар адабиёти тоҷик бештар ба шакли ҳикоят ва шеъри хурд, инчунин мазҳака навишта мешавад.

Дар танқиду адабиётшиносии тоҷик гоҳе ба ҷои калимаи мутояба истилоҳи умумибашарии юмор истифода мешавад. Ба ин маънӣ баъзан истилоҳи музҳика ва ҳазлро низ дучор омадан мумкин аст.

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ



Гар биҷӯянд ба сад қарн наёбанд, Камол,
Булбуле чун ту хушилҳон ба чаманҳои Хуҷанд.

Камоли Хуҷандӣ соли 1318 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Айёми кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии ӯ дар зодгоҳаш гузаштааст. Баъд таҳсилро дар мадрасаҳои Самарқанл, Тошканд ва Хоразм давом дода қариб ҳамаи илмҳои замонашро аз худ намудааст. Ӯ бештар ба адабиёт шавқу ҳавас дошт, шеъру нақл, ривояту афсонаҳои фаровонеро аз ёд карда буд.

Баъди хатми таҳсил муддате дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд ва Хоразм саёҳат кардааст. Дар синни 40 – 45-солагӣ бо роҳи Ҳиҷоз ба ҳаҷ сафар карда, баъди баргаштан дар шаҳри Табрез мемонад. Вақте Тӯхтамиш ба Табрез ҳуҷум мекунад, Камолро бо худ гирифта ба Олтинӯрда мебарад. Камол он ҷо дар шаҳри Сарой (наздикии Астрахан) ҳаёти осуда ва бофароғат гузаронидааст. Темурланг соли 1395 Саройро истило намуд. Камол баъди 10-11 соли ҳиҷрон ба Табрез бармегардад, зеро аҳли оилааш дар он ҷо буд. Минбаъд Камол зиндагии фақиронае дошт. Камол умри дароз дидааст. Вале ин умри азизи ӯ дар ғарибӣ зери азоби бекасӣ ва маҳрумӣ гузаштааст. Вай аз он бекасӣ ва оворагардӣ аз синаи пурдард нолаҳои дилхароши мебарорад:

Дилам ба зулфи ту чун аст, аз ин ғариб мапурс,
Ки шом чун гузарад бар ғариб, ман донам.

Камол, ки шоири ватандӯст буд, ҳеҷ гоҳ зодгоҳи азизи худ Хуҷандро аз ёд набаровардa, ҳамеша аз он ёд карда, аз хуҷандӣ будани худ фахр мекард:

Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол
Бовар намекунанд, ки гӯям: хуҷандиям.

Камол соли 1401 дар Табрез вафот кард. Ӯро дар боғи худаш, ки Биҳишт ном дошт, ба хок супурданд. Мақбараи ӯ то имрӯз боқист ва зиёратгоҳи аҳли хирад аст.

Аз Камоли Хуҷандӣ девоне боқӣ мондааст, ки аз 7335 байт иборат аст.

## ДАР ҒАРИБӢ

Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб.
Орзӯманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бе сару бе по ғариб?!
Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,
Меҳнати ғурбат надонад ҳеч кас, илло, ғариб.
Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист,
Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб!
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ кӣ афтад бо ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб.

**Савол ва супориш**

1. Ғазалро ифоданок қироат кунед.
2. Мазмуни ғазалро нақл кунед.
3. Чаро шоир аз ҳоли дар ғарибӣ доштааш шикоят кардааст?
4. Мисраи "Дар ҷаҳон то чанд гардам бе сару бе по ғариб"?! - чӣ маъно дорад?
5. Аз ин ғазал таъбирҳоро ёфта, ба дафтаратон нависед ва онҳоро маънидод намоед.

## ГУФТАМ: БА ЧАШМ!

Ёр гуфт: аз ғайри мо пӯшон назар, гуфтам: ба чашм!
В-он гаҳе дуздида дар мо менигар, гуфтам: ба чашм!
Гуфт: агар ёбӣ нишони номи мо бар хоки роҳ,
Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар, гуфтам: ба чашм!
Гуфт: агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бубар, гуфтам: ба чашм!
Гуфт: агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,
Боз месозаш чу шамъ аз гиря тар, гуфтам: ба чашм!
Гуфт: агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар, гуфтам: ба чашм!

Гуфт: агар гардӣ шабе аз рӯи чун моҳам ҷудо,
То саҳаргоҳон ситора мешумар[1], гуфтам: ба чашм!
Гуфт: агар дорӣ хаёли дур(р)и васли мо, Камол,
Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар, гуфтам: ба чашм!

**Савол ва супориш**

1. Бо луғати матни ғазал ошно шавед.
2. Ғазалро ифоданок қироат кунед.
3. Мазмуни ғазалро мухтасар нақл кунед.
4. Байти охирини ғазалро ба наср баргардонед.
5. Аз ғазал таъбирҳоро ёбед. Дар бораи онҳо маълумот диҳед ва гӯед, ки таъбирҳо аз калимаю ифодаҳо чӣ фарқ доранд?

## ОШӮБИ ҶОНӢ

Ошӯби ҷонӣ, шӯхи ҷаҳонӣ,
Беэътиноӣ, номеҳрубонӣ.
Гоҳам навозӣ[2], гоҳам гудозӣ[3],
Гоҳе чунинӣ, гоҳе чунонӣ.
Аз ту сабурӣ[4] кардан, нигоро,
Натвон, валекин ту метавонӣ.
З-ин сон, ки дорӣ аз хеш дурам,
Гар мирам аз ғам, аз ман надонӣ.
Гуфтам: нисорат созам дури ашк,
Гуфто: чӣ гӯям дур мечаконӣ.
Бо ту чӣ монад, Хизру Масеҳо,
Умре ту ҳаргиз бо кас намонӣ.
Гар аз Камол эй мӯнис, малӯлӣ,
Рафтам зи пешат, бурдам гаронӣ[5].

**Савол ва супориш**

1. Луғати матни ғазалро омӯзед.
2. Ғазалро бурро ва ифоданок қироат намоед.
3. Мундариҷа ва ғояи ғазалро таҳлил кунед.

---

[1] Мешумар - шумур
[2] Навозӣ - навозиш кунӣ
[3] Гудозӣ - азият диҳӣ
[4] Сабурӣ - сабру тоқат намудан
[5] Гаронӣ - вазнинӣ, мушкилӣ дидан

4. Таъбирҳоро аз ғазал ёфта шарҳ диҳед ва гӯед, ки онҳо барои ифодаи мазмуни ғазал чӣ аҳамият доранд.

## ДӮСТ МЕДОРАД ДИЛАМ ҶАБРУ ҶАФОИ ДӮСТРО

Дӯст медорад дилам ҷабру ҷафои дӯстро,
Дӯсттар аз ҷону сар дарду балои дӯстро.
Заҳмати худ бо табиби муддаӣ[1] хоҳам намуд,
То бисозад чораи дарду давои дӯстро.
Чун муроди[2] дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,
Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро.
Дар ҳавои[3] ӯ тавонад дод ошиқ сар ба бод,
Лек натвонад ниҳод аз сар ҳавои дӯстро.
Гар бадал кардӣ ба сад Фирдавс[4] гарди кӯи дӯст,
Ройгон[5] аз даст додӣ хоки пои дӯстро.
Дастбӯси дӯст мехоҳӣ, бишӯ даст аз ду кавн[6],
Дастолуда нашояд марҳабои дӯстро.
Дӯстиҳои ҳама олам бирӯб аз дил, Камол,
Пок бояд доштан хилватсарои[7] дӯстро.

**Савол ва супориш**

1. Шарҳи калимаҳои мушкилро аз луғат ёбед ва ба ёд гиред.
2. Ғазалро бурро ва ифоданок қироат намоед.
3. Мазмуни ғазалро ҳикоя кунед.
4. Дар ин ғазал дӯст дар маркази диққат аст. Бигӯед, ки шоир дар зери мафҳуми дӯст киро дар назар дорад?
5. Байти мақтаъро ба наср гардонед.
6. Аз матни ғазал таъбирҳоро ёфта ба дафтар нависед.
7. Бигӯед, ки таъбирҳои аз матн ёфтаатон ҳангоми қироат ва таҳлили ғазал чӣ аҳамият доранд?

[1] Муддаӣ - даъвогар, додхоҳ
[2] Мурод - мақсад, хоҳиш
[3] Ҳаво - ҳавас, орзӯ
[4] Фирдавс - боғи биҳишт
[5] Ройгон - муфт, бемеҳнат, безаҳмат, бепул, арзон
[6] Кавн - дунё, олам
[7] Хилватсаро - хилватхона, хонаи танҳонишинӣ

## ҲУСНИ МАТЛАЪ ВА ҲУСНИ МАҚТАЪ

Матлаъ калимаи арабӣ буда, маънои тулӯъгоҳ, яъне офтоббароро дорад, аз ин рӯ, оғози асари бадеиро матлаъ меноманд. Байти аввали ғазал ё қасидаро байти матлаъ мегӯянд.

Он матлаъ, ки аз ҳашви қабеҳ холӣ ва дорои бадеияти забони шеърӣ буда, калимаҳояш бо ҳамдигар таносуби мустаҳкам дошта, аз мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии асар огоҳ мекунад, ҳусни матлаъ мебошад.

Шоирону нависандагон кӯшиш менамоянд, ки оғози асари онҳо аз каломи марғуб шурӯъ шавад, зеро мутолааи давоми асар аз ҳусни матлаъ вобаста аст. Агар ибтидои асар ба хонанда фараҳ набахшад, хондани давоми он ба гумон аст. Устод Мирзо Турсунода зикре дорад, ки ӯ дар ёфтани матлаи шеър бештар меҳнат ба харҷ медодааст ва ёфтани матлаи нав барояш бозёфти калон будааст.

Яке аз шартҳои ҳусни матлаъ он аст, ки дар оғози сухан ифодае ба кор наравад, ки аз рамузи он маънии ноxуш ҳосил шавад.

Талаби дигари ҳусни матлаъ ба риояи хусусиятҳои ҷинсиву жанрии асар вобаста мебошад. "Ва дар ҳар кадоме алфозу таркиб лоиқи он оранд, масалан, дар қасида дар ҷазолату[1] матонат кӯшанд, дар ғазалу рубой-дар нозукиву равонӣ" (Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ).

Маънии луғавии "мақтаъ" ҷои қатъшуда буда, дар истилоҳ қисмати охирин, анҷоми асари бадеиро мефаҳмонад. Байт ё банди охирин дар шеър, достон, ҷумла ва ё порчаи хулосавии асари насрӣ, ки асар бо он хотима меёбад, мақтаъ аст.

Мақтаъ гоҳе хотима, анҷом ва фаровард низ номида мешавад.

Ҳусни мақтаъ хотимаи бисёр аъло гуфташуда мебошад. Мувофиқи ҳусни асар, мақтаъ бояд ба тамоми маънӣ барҷаста бошад, фикри баланди ҷамъбасткунанда дошта бошад. Зеро агар хотимаи асар барҷаста ва рағбатовар бошад, мазмуни асар дар хотири хонанда мемонад ва агар хотимаи асар хароб бошад, он асар зуд аз хотирҳо фаромӯш мешавад.

Ҳар як асари барҷастаи бадеӣ ҳусни мақтаъ дорад. Масалан, қасидаи "Шикоят аз пирӣ"-и устод Рӯдакӣ бо чунин мақтаъ хотима ёфтааст:

> Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
> Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

Баъзан ба ҷои ҳусни мақтаъ ҳусни интиҳо, ҳусни хотима ва бароати мақтаъ низ мегӯянд.

---

[1] Ҷазолат - пуррагӣ, устувории сухан, фасоҳат

# АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ



Қавофисанҷ мурғон, гӯ хамӯш бошед
дар бӯстон,
Ки Ҷомӣ омадаст аз ҷумла дар лутфи
сухан бар сар.

Ҷомӣ 7 ноябри соли 1414 дар деҳаи Харҷурди вилояти Ҷом ба дунё омадаст. Ҳангоме ки Ҷомӣ 11- сола мешавад, оилаи онҳо аз вилояти Ҷом ба Ҳирот меоянд. То ин дам Абдураҳмони Ҷомӣ дар назди падараш Низомиддин Аҳмад саводи пурра бароварда, инчунин забони арабиро то андозае аз худ карда буд.

Баъд аз ин Абдураҳмон дар Ҳирот, дар мадрасаи Низомия таҳсили илмро давом медиҳад. Ҷомӣ аз кӯдакӣ зеҳни бурро, ақли расо ва одати аҷибе дошт. Ба ҳар як чиз, ба ҳар як ҳодиса аз нуқтаи назари кунҷковӣ нигоҳ мекард. Фаъолияти эҷодии Ҷомӣ барвақт сар шуда буд. Ҳанӯз аз овони ҷавонӣ овоза ва ҳурмат пайдо кардани ӯ на танҳо дар ватани худаш, балки дар бисёр мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна ҳам бо далелҳо исбот шудааст.

Ҷомӣ 9-уми ноябри соли 1492 дар Ҳирот фавтидааст. Аз Абдураҳмони Ҷомӣ асарҳои бисёри манзуму мансур мерос мондаанд. Таърихнависони Шарқ ва Осиёи Миёна асарҳои Ҷомиро аз 34 то 99 номгӯй шумурдаанд. Калонтарин асарҳои ӯ "Баҳористон", китоби "Ҳафт авранг", ки аз ҳафт достони манзум иборат аст ва "Девони Ҷомӣ" - маҷмӯаи ғазалиёт мебошанд.

## ҲИКОЯТҲО АЗ "БАҲОРИСТОН"

Абдураҳмони Ҷомӣ бо шеъру сухани худ дар байни мардуми мо шӯҳрат ёфтааст. Машҳуртарин китоби насрии ӯ "Баҳористон" аст. Ин китоб дар пайравии "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ навишта шудааст ва аз ҳашт боб иборат буда, ҳар боби он аз ҳикоятҳои пандомез, оқилона, ҳикматҳои зиндагӣ, рӯзгори ибратбахши шахсони бузург ва шоирон ба ҳам омадааст. Як боби китоб аз масалҳои ширини амали парандагон ҳикоят мекунад. Ҷомӣ марди ҳикматшинос ва файласуф ҳам буд ва бо панду ҳикматҳо моро насиҳат мекунад ва панду андарз меомӯзад.

## ҲИКОЯТ

Искандари Румӣ дар овони ҷаҳонгирӣ бо ҳилаи тамом ҳисосреро бикушод ва ба вайрон кардани он фармон дод. Гуфтанд: "Дар он ҷо ҳакимест доно ва бар ҳалли мушкилоти ҳикмат тавоно". Вайро талаб дошт. Чун биёмад, шакле дид аз қабули табъ дур ва табъи аҳли қабул аз вай нуфур[1]. Гуфт: "Ин чӣ сурати ғариб ва чӣ шакли муҳиб[2] аст?" Ҳаким аз он сухан барошуфт ва хандон-хандон дар он ошуфтагӣ гуфт:

**ҚИТЪА**

Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Эй тиҳӣ аз фазилату инсоф!
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф!

Дигар гуфт: "Ҳар киро хулқ бо халқ на некӯст, пӯст бар бадан зиндони ӯст, чунон аз вуҷуди худ дар тангноест афтода, ки зиндон дар ҷанби[3] он азмгоҳест кушода".

**ҚИТЪА**

Касе, ки бо ҳама кас хӯи бад ба кор барад,
Ҳамеша дар кафи сад ғусса мумтаҳан[4] донаш.
Машав ба шаҳна[5], ки зиндон мақоми ӯ гардон,
Ки пӯст бар тани бадхӯ бас аст зиндонаш.

Ва дигар гуфт: "Ҳасуд ҳамеша дар ранҷ аст бо парвардигори хеш ситезасанҷ, ҳар чӣ дигаронро диҳад, вай написандад ва ҳар чӣ на насиби вай, дил дар он бандад".

**ҚИТЪА**

Эътироз аст бар аҳкоми ҷаҳондори ҳаким,
Одати марди ҳасадпеша, ки хокаш ба даҳан.
Ҳар чӣ бинад ба кафи ғайр, фиғон бардорад,
Ки чаро дод ба вай бесабаб онро, на ба ман.

Дигар гуфт: "Хирадмандони карим мол бар дӯстон шуморанд ва бехирадони лаим[6] аз барои душманон бигузоранд".

---

[1] Нуфур - нафратовар.
[2] Муҳиб - бадҳайбат.
[3] Ҷанб - паҳлу, тараф.
[4] Мумтаҳан - имтиҳоншаванда, дучори азобу сахтӣ.
[5] Шаҳна - посбони шаҳр, ҳокими шаҳр.
[6] Лаим - паст, хасис

## ҚИТЪА

Ҳар чӣ омад ба дасти марди карим,
Ҳама дар пои дӯстон афшонд.
В-он чӣ андӯхт сифлатабъи лаим,
Баъди марг аз барои душман монд.

Дигар гуфт: "Бо хурдон дар ҳазлу фисус овехтан обрӯи бузургӣ рехтан аст ва ғубори зиллату хорӣ ангехтан".

## ҚИТЪА

Эй, ки бар сифла медарӣ ҷома,
Ном, тарсам, ба гургият биравад.
Машав афсӯспеша бо хурдон
В-арна фарри бузургият биравад.

Дигар гуфт: "Ҳар кӣ бо зердастон шеваи муштзанӣ бар даст гирад, дар лагадкӯби забардастон бимирад".

## ҚИТЪА

Дило, гӯш кун аз ман, ки ин нуктаи хуш,
Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон.
Ки ҳар кас кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон.

## ҲИКОЯТ

Дар маҷлиси Кисро се тан аз ҳукамо ҷамъ омаданд: файласуфи Рум, ҳакими ҳинд ва Бузургмеҳр. Сухан ба он ҷо расид, ки сахттарини чизҳо чист. Румӣ гуфт: "Пирию сустӣ ба нодорию тангдастӣ". Ҳиндӣ гуфт: "Тани бемор бо андӯҳи бисёр". Бузургмеҳр гуфт: "Наздики аҷал бо дурӣ аз ҳусни амал".

Ҳама ба қавли Бузургмеҳр бозомаданд.

## ҲИКМАТ

Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд: тундӣ аз подшоҳон ва ҳирс бар мол аз доноён ва бухл аз тавонгарон.

## ҚИТЪА

Ин се кор аст, ки-ш нигорад зишт,
Аз се кас хомаи нигоранда:
Тундхӯии подшоҳи қавӣ,
Ҳирси донову бухли доранда.

## АЗ ТАМСИЛОТИ "БАҲОРИСТОН"

### ҲИКОЯТ

Рӯбоҳбачае бо модари худ гуфт:

– Маро ҳилае биёмӯз, ки чун бар кашокаши саг дармонам, худро бираҳонам.

Гуфт:

– Он ҳила фаровон аст, аммо беҳтарини ҳама он аст, ки дар хонаи худ бинишинӣ, на ӯ туро бинад ва на ту ӯро бинӣ.

### ҚИТЪА

Чу бо ту хасм шавад сифлае, на аз хирад аст,
Ки дар хусумати ӯ макру ҳила соз кунӣ.
Ҳазор ҳила тавон сохт в-аз ҳама он беҳ,
Ки ҳам зи сулҳу ҳам аз ҷангаш эҳтироз кунӣ.

### ҲИКОЯТ

Сурхзанбӯре бар магаси асал зӯр овард, то вайро тӯъмаи худ созад. Ба зорӣ даромад, ки:

– Бо вуҷуди ин ҳама шаҳду асал маро чӣ қадру маҳал, ки онро бигузорӣ ва ба ман рағбат орӣ?

Занбӯр гуфт:

– Агар он шаҳд аст, ту шаҳдро конӣ ва гар он асал, ту сарчашмаи онӣ.

### ҚИТЪА

Э хуш он марди ҳақиқат, ки зи пайғому салом
Рӯ битобад, ба сӯи моидаи васл равад.
Асл чун рӯй намояд зи паси пардаи фаръ,
Фаръро боз гузорад, ба сари асл равад.

### ҲИКОЯТ

Мӯреро диданд ба зӯрмандӣ камар баста ва малахеро даҳ баробари худ бардошта. Ба тааҷҷуб гуфтанд:

– Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ бореро ба ин гаронӣ чун мекашад?

Мӯр чун ин сухан бишунид, бихандиду гуфт:

– Мардон борро бо нирӯи ҳиммату бозуи ҳамийят кашанд, на ба қуввати тану захомати бадан.

### ҚИТЪА

Боре, ки осмону замин сар кашид аз он,
Мушкил тавон ба ёварии ҷисму ҷон кашид.
Ҳиммат қавӣ чу аз мадади раҳравони ишқ,
К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.

**Савол ва супориш**

1. Дар ҳикояи "Искандар ва ҳаким" Ҷомӣ киҳоро мазаммат кардааст?
2. Байти: "Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер.
   Кор шамшер мекунад, на ғилоф!"
   чӣ маънӣ дорад?
3. Ҳикояҳои "Хулқи бад", "Ҳасуди ситезасанҷ", "Хирадмандони карим", "Ҳазл бо хурдон", "Муштзанӣ бо зердастон", "Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд", "Ҳилаи аз ҳама беҳ", "Сӯрхзанбӯр ва магаси асал", "Мӯри боҳиммат"-ро шарҳ диҳед. Бигӯед, ки дар онҳо чӣ чиз тарғиб ёфтааст ва чӣ чиз мазаммат?
   Аз ҳикояҳои боло зарфҳоро ёфта ба дафтар бинависед ва тарзи калимасозии онҳоро шарҳ диҳед.
4. Се-чор ҳикояи "Баҳористон"-ро интихобан аз ёд кунед.

## "СИЛСИЛАТ-УЗ -ЗАҲАБ"

Ин ҳикоятро хонед ва мазмуни онро бозгӯед:

### ҚИССАИ РУСТОӢ, КИ ДАРОЗГӮШИ ПИРИ ЛАНГИ ПУШТРЕЗ БА БОЗОРИ ХАРФУРӮШОН БУРД

Содамарде зи ақл дуртарак,
Дошт дар деҳ яке заиф харак.
Хараке пиру сусту лоғару ланг,
Ки нарафтӣ ду рӯз як фарсанг...
Ҳаргиз аз зарби газ напаймудӣ,
Роҳро чуз ба газ напаймудӣ.
Буд доим зи захми марди салим,
Сурх кемухти[1] ӯ ба ранги адим[2].
Гар расидӣ ба ҷӯяке борик,
Ҳама олам бар ӯ шудӣ торик...
Рӯзе он содарӯй шаҳраш бурд,
Ба ҳарифони харфурӯш супурд.
Яке аз ҷамъ харфурӯшона
Баҳри ин кор риш зад шона.
Бонг мезад, ки кист дар бозор,

---

[1] Кемухт - пӯсти пушт

[2] Адим - сурх

Кӣ харад бахри худ хари раҳвор?
Хар магӯ, астари[1] ҷавону равон,
Сахт дар роҳу тунд дар майдон.
Ҷаҳад аз ҷой, агар расад ба масал,
Сояи тозиёнааш ба кафал[2].
Балки дар сояаш гар ояд пеш,
Гомҳо[3] бугзарад зи сояи хеш,
Меҷаҳад ҳамчу бод ҷой ба ҷой,
Меравад ҳамчу об дар гилу лой.
Ҳаст ҷӯйи бузургу наҳри азим,
Пеши ӯ кам зи ҷадвали тақвим.
Халқ аз он гуфтугӯй механдид,
Лекин он содамард чун бишнид
Сар фарогӯши харфурӯш овард:
– К-эй ба бозори харфурӯшон фард,
Агар ин қисса рост мегӯйи,
Роҳи ин арса рост мепӯйи,
Сухане гӯямат, ба ман кун гӯш,
Ба манаш боз деҳ, ба кас мафрӯш.
Дер шуд, к-инчунин сутуда улоғ,
Ки ту гуфтӣ, кунам ба шаҳр суроғ,
Эй аҷаб, к-он худ они ман будааст,
Рӯзу шаб зери рони ман будааст.
Ёр дар хонаю ба гирди ҷаҳон
Ман талабгораш ошкору ниҳон.
Посухаш дод, к-эй салимулқалб[4],
Карда даҳр аз ту фаҳму дониш салб[5],
Балки ҳаргиз туро набудаст он,
К-аз ту, гӯям касе рабудаст он.
Солҳо шуд, ки рокиби[6] ӯйӣ,
Қиссаи ӯ зи ман чӣ меҷӯйӣ?
Ба газофе[7], ки дар забон ду-се бор,
Рондам аз баҳри гармии бозор.

---

[1] Астар - хачир
[2] Кафал - рон
[3] Гом - қадам
[4] Салимулқалб - соддадил
[5] Салб - омӯхтан, ёд гирифтан
[6] Рокиб- савор
[7] Газоф - дурӯғ

Дар сифатҳои ин матоъи сақат[1]
Аз ҷаҳолат чӣ уфтӣ ба ғалат?!

## ҚИССАИ ОН ХИРС, КИ ОБАШ МЕБУРД

Хирсе аз ҳирси тӯъма бар лаби рӯд,
Баҳри моҳӣ гирифтан омада буд.
Ногаҳ аз об моҳие барҷаст,
Бурд холе ба сайди моҳӣ даст.
Пояш аз ҷой шуд, дар об афтод,
Пӯстин з-ин хато дар об ниҳод...
Об бас тез буду паҳновар,
Хирси мискин дар об шуд музтар.
Дасту по зад басеву суд надошт,
Оқибат хешро ба об гузошт.
Аз бало чун ба ҳила натвон раст,
Бояд он чо зи ҳила шустан даст.
Ҳамчу хике, ки пашм ноканда,
Бошад аз рахту бахт оганда.
Бар сари об чархзан мерафт,
Даст шуста зи ҷону тан мерафт.
Ду шиновар зи дур бар лаби об,
Баҳри коре ҳаме шуданд шитоб.
Чашмашон ногаҳ фитод бар он,
Аз таҳайюр шуданд хира дар он.
К-он чӣ чизаст, мурда ё зиндаст,
Пӯсте аз гумош огандаст?
Он яке бар канора манзил сохт
В-он дигар хешро дар об андохт.
Ӯ шино кард, то бар он бирасид,
Хирс худ махласе ҳаме талабид.
Дар шиновар ду даст зад маҳкам,
Боз монд аз шино шиновар ҳам.
Андар он мавҷ гашта аз ҷон сер,
Гоҳ боло ҳамешуду гаҳ зер.
Ёр чун дид ҳоли ӯ зи канор,
Бонг бардошт, к-"Эй киромӣ ёр!
Гар гарон аст пӯст, бигзораш,
Ҳам бад-он мавҷи об биспораш".

[1] Сақат- паст, ноқис, мурда

Гуфт: – "Ман пӯстро гузоштаам,
Даст аз пӯст боздоштаам.
Пӯст аз ман ҳаме надорад даст,
Балки пуштам ба зӯри панҷа шикаст"!
Ҷаҳд кун, ҷаҳд, эй бародари пук,
Пӯст донӣ зи хирсу хик зи хук.

### ТАМСИЛ

Гуфт рӯбоҳбачча бо рӯбоҳ,
К-"Эй зи макри сагони деҳ огоҳ.
Бозие кун кунун маро таълим,
Ки бад-он аз сагам набошад бим".
Гуфт: "Аз он бозие набинам беҳ,
Ки ту дар дашт бошӣ, ӯ дар деҳ.
Чашми вай бар ту, чашми ту бар вай,
Нафитад варна афтадат дар пай".

### ҲИКОЯТИ ПИРЗОЛЕ, КИ РОҲ БАР САНҶАР ГИРИФТА

Буд дар Марви Шоҳи ҷон[1] золе,
Ҳамчу золи ҷаҳон куҳансоле.
Рӯзе омад зи ханҷари ситаме,
Бар вай аз як-ду лашкарӣ аламе.
Аз тазаллум забон чу ханҷар кард,
Рӯй дар раҳгузори Санҷар кард.
Дид, к-аз роҳ мерасад Санҷар,
Бурда аз саркашӣ ба кайвон сар.
Бонг бардошт, к-эй парешон кор,
Гӯши худ сӯи синарешон дор!
Гӯши Санҷар чу он нафир шунид,
Борагӣ[2] сӯи гандапир кашид.
Гуфт, к-эй пиразан, чӣ афтодат,
Ки зи гардун гузашт фарёдат?
Гуфт: "Ман ранҷкаш яке золам,
Камтар аз сад ба андаке солам.
Хуфта дар хонаам се-чор ятим,
Дилашон баҳри ним нон ба ду ним.

---

[1] Шоҳи ҷон - шакли кӯтоҳи Шоҳи ҷаҳон, номи кӯҳнаи шаҳри Марв дар Туркманистони имрӯза

[2] Борагӣ - асп

Ғайри нони ҷавин нахӯрда таом,
Кардаи ширин даҳон зи мева ба ном.
Бо ман имсол гуфтугӯ карданд
В-аз ман ангур орзӯ карданд.
Сӯи деҳ ҷустам аз ватан дурӣ,
Тан ниҳодам бар ранҷи муздурӣ,
Дастам инак чу панҷаи муздур
З- обила пур чу хӯшаи ангур.
Чун зи деҳ дастмузди хеш ситадам,
Пур шуд аз орзӯшон сабадам.
Бо дили хурраму лаби хандон,
Рӯ ниҳодам ба сӯи фарзандон.
Як- ду бедодгар зи лашкари ту,
Дар раҳи адлу зулм ёвари ту.
Бар мани хаста ғорат оварданд,
Сабадам з-орзӯ тиҳӣ карданд...
Ту чунин фориға ҷигархорон
Аз ҷафои ту хуни дил борон.
Ин чӣ шоҳиву мамлакатдорист,
Дар дили халқ тухми ғамкорист?
Даст аз адлу дод доштаӣ,
Золимон бар ҷаҳон гумоштаӣ.
Гарчи имрӯз нест ҳадди касе,
Ки барорад зи зулми ту нафасе,
Чун ҳувайдо шавад садои нуҳуфт.
Чӣ ҷавоби Худой хоҳӣ гуфт?!...
Пеш аз он к-ат аҷал даҳон бандад,
Хасмат аз ашки дӯстон хандад,
Чашм бикшо, чу оқибатбинон,
Бинигар ҳоли зори мискинон".
Шоҳ Санҷар чу ҳоли ӯ донист,
Сабр бар ҳоли хеш натвонист.
Даст бар рӯ ниҳоду зор гирист,
Гуфт бар худ, ки ин чӣ коргарист?
Туф бар ин Хусравиву Шоҳии мо,
Туф бар ин зиштию табоҳии мо...
Баъд аз он гуфт, к-он ду золимро
В-он ду сардафтари мазолимро,
Дафтари умр пора-пора кунанд,
То ҳама золимон назора кунанд.

## ҲИКОЯТИ ҲОТАМ

Ҳотам, он баҳри ҷуду кому ато,
Рӯзе аз қавми хеш монд ҷудо.
Уфтодаш гузар ба қофилае,
Дид асире, ба пой силсилае.
Пешаш омад ба баҳри кушод,
Хост з-ӯ фидя[1], то шавад озод.
Ҳотам он ҷо надошт ҳеҷ ба даст
Бар вай аз бори он расид шикаст.
Холӣ аз лутф пой пеш ниҳод,
Банди ӯро ба пои хеш ниҳод.
Сохт з-он банди сахт озодаш,
Изни рафтан ба ҷои худ додаш.
Қавми Ҳотам зи пай расидандаш,
Чун асирон ба банд диданадаш,
Фидяи ӯ зи моли ӯ доданд,
Пои ӯ ҳам зи банд букшоданд.

**Савол ва супориш**

1. Дар қиссаи "Рустоии харфурӯш" кадом хислатҳои деҳотиён ошкор шудааст?
2. Тамсили "Хирс, ки обаш мебурд" ба ин қисса чӣ муносибат дорад?
3. Дар "Ҳикояти пирзоле, ки роҳ ба Санҷар гирифта" Ҷомӣ ба кадом бозёфти азим муваффақ ва комёб гаштааст?
4. Дар "Ҳикояти Ҳотам" кадом хислати наҷибу ҳамидаи инсонӣ ситоиш ёфтааст?
5. Аз "Ҳикояти пиразан ва Султон Санҷар" зарфҳоро ёфта ба дафтар нависед ва ба хелҳо ҷудо намоед.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ СЮЖЕТИ АСАРИ БАДЕЙ

Сюжет калимаи фаронсавист ва маънои чиз, яъне ашёро дорад. Дар адабиёт инкишофи амалиёт, робитаю ҳамбастагии лаҳзаҳои як воқеа ё силсилаи воқеаҳои асари бадеиро сюжет меноманд. Азбаски сюжет ба воқеа вобастагӣ дорад, пас он хоси асарҳои ҳамосавӣ, драмавӣ ва гоҳе лирикӣ мебошад. Ҳар гуна воқеа аз пайдоишу инкишофи зиддият ва ҳалли он иборат аст.

[1] Фидя - хунбаҳо, сарбаҳо

Сюжети асари бадеиро аз рӯи сохт ва таркиби худ ба ду навъ ҷудо кардаанд: сода ва мураккаб. Агар асари бадей дар асоси як воқеа ё чанд воқеаи хурди ба ҳам наздик ба вуҷуд омада бошад, онро сюжети сода меноманд. Бештари ҳикоя ва қиссаҳои хурд дар асоси як воқеа офарида шудаанд. Агар дар асари бадеӣ чандин воқеа ё силсилаи воқеаҳо тасвир шуда бошанд, пас сюжети он мураккаб аст. Достонҳои ҷудогонаи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ намунаи чунин сюжет шуда метавонанд. Ҳар як сюжети асари бадей вобаста ба пайдоишу инкишофи зиддият дорои унсурҳои асосӣ ва иловагӣ мебошад. Ба унсурҳои асосӣ: экспозитсия, яъне огоз (шинос кардани хонанда ба замону макони воқеа, яъне нишон додани заминаи пайдоиши зиддият); завязка, яъне гиреҳ (пайдо шудани зиддият дар байни ду қувва); рабт (инкишофи зиддият ва тараққӣ кардани қувваҳои ба ҳам зид ва маълум шудани самтҳои асосии образи асосӣ); кулминатсия, яъне авҷи олии ҳодиса (пурра равшан гардидани моҳияти образҳои асосӣ, ба дараҷаи ниҳоии худ расидани муборизаи ошкорои қувваҳо, ғалаба кардани як қувва бар қувваи дигар) ва ниҳоят развязка, яъне қатъ (ба охир расидани воқеъа, маълум гардидани мақсад ва ғояи асосии асар) дохил мешаванд. Унсурҳои иловагии сюжет аз пролог, яъне оғоз, муқаддима, дебоча ё сарсухан (хабар додани нависанда аз саргузашти қаҳрамони худ); эпилог, яъне анҷом, хотима, охирсухан, хулоса (маълумоти иловагии нависанда оид ба тақдири ояндаи қаҳрамони асар); руҷӯи лирикӣ, руҷӯи таърихӣ ва ҳикояҳои иловагӣ иборат мебошанд.

Шоирон ва нависандагони бузурги гузаштаи мо дар заминаи воқеаҳои замони худ ва замони гузашта сюжети асари бадеӣ офаридаанд, ки "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, достонҳои "Ҳафт авранг"-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон намунаи олии он ҳисоб меёбанд.

## ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ тахминан дар солҳои 20-уми асри XV дар деҳаи Байҳақи ноҳияи Сабзавори Эрон ба дунё омадааст. Ӯ илмҳои забону адабиёт, фалсафа, нуҷум (ситорашиносӣ), ахлоқ, риёзиёт, фиқҳ (қонуни шариат) ва воизиро (панду насиҳаткунанда дар масоили динӣ) аз худ намуда, доир ба ин илмҳо асарҳои алоҳида эҷод кардааст.

Кошифӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XV-XVI ҳамчун воизи беҳамто ва нотакрор шӯҳрат ёфта буд. Аз ин хотир,

муддате дар Нишопур ва Машҳад зиндагӣ карда, ба воизӣ машғул будааст. Соли 1455 Кошифӣ ба Ҳирот меояд ва ба духтари олими тасаввуф Саъидиддини Қошғарӣ хонадор мешавад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ баъдтар ба намояндагони мактаби адабии Ҷомӣ ва шахсан бо худи ӯ шинос мешавад. Ниҳоят соли 1505 дар Ҳирот Кошифӣ аз олам мегузарад.

Аз Кошифӣ мероси бузурги илмию адабӣ боқӣ мондааст. Миқдори асарҳои ӯро беш аз 40 адад медонанд, ки онҳо доир ба панду ахлоқ, ҳадис, нуҷум, риёзиёт, таърих, санъати иншонависӣ, санъати воизӣ, адабиётшиносӣ ва ғайра таълиф ёфтаанд. Кошифӣ дар "Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноъ-ул-ашъор" дар бораи 300 навъи санъатҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, талмеҳ, истиора, таҷнис, тазод, тавсиф ва ғайра маълумоти муфассали назариявӣ дода, фикрашро бо ашъори адибони гузашта ва муосири худ тақвият додааст.

"Кашф-ул-асрор" (доир ба тасаввуф), "Махзан -ул - иншо" (доир ба санъати иншонависӣ), рисолаи "Ҳотамия" (нақлу ривоятҳо доир ба Ҳотами Той), "Анвори Суҳайлӣ" ("Калила ва Димна") ва "Ахлоқи Мӯҳсинӣ" (доир ба ахлоқ) аз ҷумлаи асарҳои пурарзиши Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба шумор мераванд.

## ҲИКОЯТИ "КАЛИЛА ВА ДИМНА"

Ин ҳикоят тахминан дар асри IV ё соли 300 (яъне тақрибан 1700 сол пеш аз ин) аз тарафи муаллифи номаълуме дар Ҳиндустон таълиф гардидааст.

Аммо матни аслии он то замони мо омада нарасидааст. Он китобе, ки аз рӯи он таҳрирҳою тарҷумаҳои баъдина ба вуҷуд омадаанд, соли 1199 таҳрир ёфтааст. "Калила ва Димна" дар Ҳиндустон бо номи "Панчатанра" (яъне "Панҷ китоб") машҳур аст.

Ҳукмрони сулолаи Сосониён Хусрави Анӯшервон (531- 579) шунидааст, ки дар кӯҳҳои Ҳинд гиёҳе мерӯидааст ва агар онро ба мурда диҳанд, зинда мешудааст. Анӯшервон Барзӯя ном ҳакими худро ба Ҳиндустон мефиристад, ки он гиёҳро дастрас намояд. Барзуя дар кӯҳсори Ҳиндустон ин гиёҳро бисёр ҷустуҷӯ мекунад, вале онро пайдо карда наметавонад. Аз донишманди куҳансоли Ҳинд сирри ин гиёҳи "ҷонбахш"-ро мефаҳмад: гиёҳи ҷонбахш китоби "Калила ва Димна" будааст, ки суханони пандомӯзи он одамони нодони ба мурда баробарро донову бино мекардааст. Барзуя он китобро пайдо карда, аз он нусха мебардорад ва ба

Эрон назди Анўшервон меорад. Тахмин мекунанд, ки Барзўя "Калила ва Димна"-ро ба забони пахлавӣ тарҷума кардааст.

Дар натиҷаи ҳамлаи арабҳо бисёр осори тамаддун ва адабиёти халқҳои Эрону Осиёи Миёна аз байн рафт. "Калила ва Димна" дар қатори китобҳои нобуднашуда, хушбахтона, боқӣ монд ва дар асри VIII аз забони паҳлавӣ ба арабӣ бо қалами шоир ва мутарҷими машҳур Абдулло ибни Муқаффаъ тарҷума шуд.

"Калила ва Димна" баъдтар тадриҷан ба забонҳои юнонӣ, славянӣ, яҳудӣ, лотинӣ, ҳамагӣ ба шаст забон тарҷума шуда дусад маротиба тахрир ёфт.

Дар асри XII Абулмаолии Насруллоҳ "Калила ва Димна"-ро аз забони арабӣ аз нав ба забони форсӣ тарҷума намуд. То асри XV тарҷумаи форсии Абулмаолии Насруллоҳ шӯҳрати калоне дошт. Бо мурури замон баробари тағйироти сиёсию иқтисодӣ, ақидаву афкори иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, завқу писанди бадеӣ низ тағйир ёфт. Акнун зарурати аз нав таҳрир намудани "Калила ва Димна" ба вуҷуд омад. Нависандаи барчаста, олими намоён ва воизи беҳамтои асри XV Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба тарҷумаи Абулмаолии Насруллоҳ либоси нав пӯшонида, "Калила ва Димна"-ро аз нав тахрир намуд. Ӯ ба шарафи Шайх Аҳмади Суҳайлӣ, ки аз хосони Султон Ҳусайни Бойқаро (1468-1506) буд, ба ин китоб "Анвори Суҳайлӣ" ном гузошт.

Ҳикояти "Калила ва Димна" таърихи духазорсола дорад ва дар муддати бист аср, бешубҳа, аз ҷиҳати мазмун, сабк ва услуб борҳо тағйир ёфтааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба китоби "Калила ва Димна" ҳикояти подшоҳи Чин ва ба воситаи он ҳикояти Рой Добшилим ва Бараҳман Бидпойро дохил намуд.

Дар мамлакати Чин подшоҳи адолатпарваре буд, ки ӯро Ҳумоюнфол мегуфтанд. Ӯ Ҳуҷистаройи ном вазири донишманд ва соҳибтадбире дошт. Рӯзе шоҳу вазир бо лашкари зиёд ба шикор баромаданд. Рӯзи дароз онҳо дар дашту кӯҳсор ҷонвронy ҳайвонотро сайд намуданд. Баъди шикор шоҳ лашкари худро ҷавоб дода, ҳамроҳи вазир ва чанд тан аз сипоҳиён ба тарафи шаҳр равона шуд.

Ҳумоюнфол ба Хуҷистаройи таклиф намуд, ки дар ягон ҷои сояву салкин каме истироҳат намуда, пас ба роҳ даромоянд. Хуҷистаройи ӯро ба доманаи кӯҳе, ки марғзори сабзу хуррам ва чашмасорҳои бешумор дошт, овард. Онҳо дар лаби ин чашмаҳо

ва сояи дарахтҳо нишаста истироҳат мекарданд. Дар марғзор дарахти кӯҳнаи себ буд, ки аз нашъунамо монда, танаи он аз захми кирмон холӣ шуда буд. Дар ковокии ин дарахт занбӯрҳои асал хона сохта буданд ва бо навбату тартиб даробаро мекарданд. Ҳумоюнфол, ки ин ҳолро пеш аз ин надида буд, чӣ будани ин занбӯрҳо ва сабаби таку дави онҳоро аз вазири худ пурсид. Хуҷистарой ҷавоб дод:

–Ин занбӯрҳо гурӯҳеанд, ки манфиати бисёру зарари андаке доранд. Онҳо подшоҳе доранд, ки ба ҷусса аз онҳо бузургтар аст ва ҳамаи онҳо ба ӯ сари итоат хам кардаанд: барои идора намудани онҳо вазир, ҳоҷиб, дарбон, посбон ва нақиби лашкар таъин намудааст. Ҳар як аз ин занбӯрҳо барои худ аз мум хонаи шашкунчае сохтааст ва ба ҳукми султонашон аз хонаҳояшон берун меоянд. Амирашон мефармояд, ки онҳо тани худро ба ҳар чизи нопок олуда насозанд. Аз ин сабаб онҳо фақат болои гулу шукуфаҳои тоза нишаста, гардҳои онро мехӯранд.

Аз гарди ин гулу шукуфаҳо дар дохили онҳо шарбате ҳосил мешавад. Вақте ки ба хонаҳои худ меоянд, дарбонон онҳоро тафтиш мекунанд, агар мабодо аз онҳо бӯи баде ояд, ҳамон замон онҳоро ду пора карда мекушанд. Агар дарбонон тағофул кунанд ва дар ҳамин ҳол онҳоро ба хона роҳ диҳанд, подшоҳ аз ин бӯи бад хабардор шуда, ҳам он занбӯр ва ҳам он дарбонро мекушад. Агар фарзанди занбӯре аз занбӯрхонаи дигар ба хонаи онҳо даромаданӣ шавад, онро манъ мекунанд, агар гӯш накунад, ӯро низ ба қатл мерасонанд. Ривоят мекунанд, ки Ҷамшед тарзи давлатдориро бо усули ҳамин занбӯрҳо сохта будааст.

Ҳумоюнфол аз ин суханони Хуҷистарой дар ҳайрат монда гуфт:

"Аҷаб дар он аст, ки бо вуҷуди сирати ҳайвонӣ доштанашон якдигарро озор намедиҳанд ва ҳарчанд неш дошта бошанд ҳам, ҳосили он фақат шарбати нӯш аст. Мо дар байни одамон хилофи ин одатро мебинем, ки ҷамъе аз онҳо ба гурӯҳи дигаре зарар мерасонанд ва мехоҳанд, ки бунёде ҳамчун худро барандозанд".

Пас шоҳу вазир аз ахлоқи инсонӣ ва муносибати одамон бо ҳамдигар хеле сӯҳбатҳо карданд. Дар зимни ин сӯҳбат Хуҷистарой гуфт:

"Ҳар подшоҳи одил, ки мадори кори худро бар ҳикмат ниҳод, панду насиҳати ҳакимон ва донишмандонро дастуру амали кори худ кунад, ҳам мамлакаташ ободон ва ҳам раияташ хушдилу шодон

хоҳанд шуд. Чунончи Рой Аъзами Добшилими ҳиндӣ, ки асоси салтанати худро аз рӯи қоидаҳои ҳакими донишманд Бараҳман Бидпой сохта буд, рӯзгори худро ба комронӣ гузаронида.

Ҳумоюнфол мегӯяд, ки ӯ ҳам аз қиссаи ин Ройи Аъзам бисёрҳо шунидааст, аммо тафсили он то ҳол ба ӯ маълум нест. Сипас аз Ҳуҷистаройӣ хоҳиш намуд, ки ин қиссаро батафсил ба ӯ ҳикоят кунад.

Хуҷистарой гуфт:

–Дар яке аз кишварҳои Ҳинд подшоҳе буд, ки ӯро Рой Добшилим мегуфтанд. Добшилим ба забони ҳиндӣ подшоҳи бузург гуфтан аст. Добшилим шоҳи ниҳоят раиятпарвар ва саховатманд буд. Дар сӯҳбати ӯ пайваста ҳакимони донишманд ва олимони фозил ҳозир буданд.

–Рӯзе Добшилим маҷлисе ишрат ороста буд. Дар ин маҷлис аз хислатҳои писандида ва сифатҳои сутудаи одамон ва шоҳон сухан мерафт. Дар айни сӯҳбат сухан аз саховатмандӣ ва эҳсону инъом ба миён омад. Ҳама гуфтанд, ки барои инсон ва махсусан, шоҳон хислати беҳтарин ва писандатарин саховатмандӣ аст.

Добшилим чун ин суханҳо шунид, фармуд, ки дари хазинаро кушоянд ва зару сим ба хосу ом бидиҳанд. Аз ин саховат ва инъомҳои бисёру бешумори шоҳ хурду калон хурсанду хушдил шуданд.

Ҳамин шаб Добшилим дар хоб дид, ки пирамарди нуроние пеши ӯ омада гуфт:

–Имрӯз ту ганҷи гаронмояро ҳадяи хосу ом ва хурду калон кардӣ. Субҳидам бархез ва ба сӯи Машриқ бирав, ки дар он ҷо ганҷе ниҳон аст ва он насибаи туст.

Пагоҳии барвақт Добшилим аз ҷой бархеста, савор ба Шарқ равон шуд. Ӯ ба домани кӯҳи баландқуллае расид, ки дар зери он ғори бетаге буд. Бар дари он ғор пирамарди равшандиле нишаста буд. Добшилим чун назди он пир расид, салом кард, пирамард аз дилҷӯии шоҳ хурсанд шуда ӯро таҳният хонд ва гуфт:

–Шоҳо, ман ба расми тӯҳфа ганҷномаеро, ки аз падарам мерос мондааст, ба ту тақдим медорам. Дар он ганҷнома навишта шудааст, ки дар гӯшаи ин ғор ганҷи фаровоне ҳаст. Ман, ки аз давлати дунё даст кашидаам, мехоҳам, ки ин ганҷро ту бибарӣ ва сарфи давлати худ бисозӣ.

Добшилим ба хидмадгорон фармуд, ки атрофи он ғорро бикобанд.

Дар андак муддате хидматгорон сандуқҳои бисёре пайдо карда, пеши шоҳ оварданд. Добшилим фармуд, сари сандуқҳо кушоданд, дар онҳо симу зари фаровон ва тӯҳфаҳои бешумор диданд. Аммо дар байни ин сандуқҳо сандуқе диданд, ки бо бандҳои маҳкам баста ва қулфи румие ба он зада буданд. Ҳарчанд ҷустуҷӯ карданд, калиди ин қулф пайдо нашуд. Бо фармоиши Добшилим оҳангарони чобукдаст мувофиқи он қулф калиде сохта сандуқро кушоданд ва аз он дурҷе берун оварданд. Даруни он дурҷ ҳуққае буд. Ҳуққаро пеши шоҳ оварда кушоданд, ки аз он пораи ҳарире берун омад, дар рӯи ҳарир ба хати суриёнӣ чизе навишта буд.

Пас олимеро, ки аз хату забони суриёнӣ воқиф буд, ҳозир карданд ва он олим мазмуни ин хатро чунин шарҳ дод:

–Ин ганҷнома мактубест, ки анвои манфиату фоидаҳо дар он дарҷ ёфтааст. Мазмуни мухтасари он ин аст: Ман, ки Ҳушанг подшоҳам, ин нома ва хазинаро барои Ройи Аъзам Добшилим ниҳодаам. Медонам, ки вақте ки ҳамаи ин ганҷҳо насиби ӯ мешавад, ин васиятномаро низ байни ин ганҷҳо ниҳодам, то ки ӯ ба зару сим фирефта нашуда, аз рӯи ҳамин васиятнома корҳои худро анҷом диҳад. Васияти аввал он аст, ки агар подшоҳ ҳар касро аз ҷумлаи мулозимонаш ба худ наздик созад, ҳаргиз бадгӯии дигаронро дар ҳаққи ӯ қабул насозад. Зеро ҳар кӣ ба подшоҳ наздик шуд, албатта, ҷамъе аз ҳамкорони ба ӯ ҳасад мебаранд ва дар ҳаққи ӯ ҳар гуна бадгӯӣ мекунанд, то ӯро аз пой дароваранд. Васияти дуввум: ба маҷлиси худ касони хабаркаш ва ғараздорро роҳ надиҳад ва агар ин сифатро аз касе мушоҳида кунад, ҳар чӣ зудтар дар пайи пешгирии зарари ӯ шавад.

Васияти саввум: бо арбоби давлати худ ҳамеша тарики мувофиқат ва накӯхоҳиро риоя намоянд, зеро ба иттифоқи дӯстони якдилу якҷиҳат кор ҳамеша пешрав аст. Васияти чорум: ба лутфу меҳрубонии душман ҳаргиз бовар накунад, ки аз душман ҳаргиз дӯстӣ наояд.

Васияти панҷум: чун гавҳари мурод ба даст даромад, дар муҳофизати он ғафлат накунад, ки агар мабодо мақсуд аз даст равад, ба даст овардани он басо душвор аст ва дар рафтани он пушаймонӣ суд надорад. Васияти шашум: дар корҳо шитобзадагӣ ва сабуккорӣ накунад, балки тааммулу таанниро пеш гирад, ки зарари таъҷил бисёру манфиати сабру сукун бешумор аст. Васияти ҳафтум: ҳеч гоҳ тадбиру чораандеширо фурӯ нагузорад. Чун бинад, ки ҷамъе аз душманон ба қасди вай иттифоқ кардаанд,

салоҳ дар он бинад, ки бо яке аз онҳо дӯстиву меҳрубонӣ карда, ба ин васила роҳи халосӣ кунад. Васияти ҳаштум: аз касони ҳасуд ва бадкина ҳазар кунад ва ба нармзабонии онҳо мағрур нашавад, чун ниҳоли кина дар замини сина нишонда шуд, самари он танҳо зарару озор хоҳад буд.

Васияти нӯҳум: анвор ва бахшидани гуноҳро шиори худ созад ва мулозимони худро ба андак ҷарима ба азобу шиканҷа гирифтор насозад. Васияти даҳум: гирди озори ҳеч кас нагардад, то ки ба тариқи мукофот ба худи ӯ зарар нарасад. Васияти ёздаҳум: ба коре, ки мувофиқи тавру лоиқи ҳоли ӯ набошад, майл накунад. Васияти дувоздаҳум: дар корҳо ҳамеша ҳалиму вазнин ва босуб… от бошад. Васияти сездаҳум: мулозимони азим ва боварибахш ба даст оварда, аз мардуми хоин ва ғаддор дурӣ гузинад. Ҳар як аз ин васиятҳо, ки ёд кардем, достоне ва ҳикояте дорад. Агар Рой хоҳад, ки ба тафсили ин достону ҳикоёт хабар ёбад, бояд ба Сарандеб равад, ки сирри ин гуфтор дар ҳамон ҷо кушода хоҳад шуд.

Добшилим чун ин суханҳо шунид, бо ҷанде аз арбоби давлат азимати сафари Сарандеб намуда, ба роҳ баромад. Ӯ ба шаҳри Сарандеб расида, ду-се рӯз аз ранҷи роҳ баросуда, баъд бо ду-се тан маҳрамони худ ба сӯи кӯҳи Сарандеб равон гашт. Вақте ки ба болои кӯҳ расид, назараш ба ғоре афтод, ки он маскани ҳакими донишманд Бидпой будааст. Маънии Бидпой ба забони ҳиндӣ табиби меҳрубон гуфтан аст. Добшилим ба зиёрати ӯ рафт. Бараҳман Бидпой ӯро бо меҳрубонӣ қабул намуд, сабаби ранҷи қадам пурсид. Добшилим қиссаи худ ба Бараҳман бозгуфт ва аз васиятномаи Ҳушанг сухан ба миён овард. Добшилим як-як аз ин васиятҳоро ба ҳакими донишманд Бидпой Бараҳман арз мекард ва Бараҳман дар он боб ба Добшилим ҳикоятҳо мегуфт. Китоби "Калила ва Димна" баёни ҳамин суолу ҷавоби Рой ва Бараҳман аст.

## ҲИКОЯТИ ГУНҶИШК ВА СУСМОР

Шунидаам, ки ду гунҷишк бар шохи дарахте ошёна ниҳода ва аз матои дунё ба обу дона қаноат карда буданд. Бар сари кӯҳе, ки он дарахт дар поёни вай истода буд, бошае мақом дошт, ки дар вақти сайд кардан чун барқ аз гӯшае берун меҷаст ва соиқавор хирмани ҷони мурғони заифболро пок месӯхт.

Ҳар гоҳ ки гунҷишкон бача мебароварданд ва онро парронҷак мекарданд, боша аз камингоҳ берун ҷаста, бачаи онҳоро рабуда, тӯъмаи бачагони худ месохт. Он гунҷишкон аз

ошёнаи худ дил канда наметавонистанд. Боша бошад, ҳамеша бачаҳои онҳоро нобуд мекард.

Навбате бачагони онҳо қувват ёфта ва пару бол бароварда ҳаракат мекарданд. Падару модар ба дидори фарзандон хурсанд шуда аз вақти парвози онҳо хуррамӣ менамуданд. Ногоҳ андешаи боша ба хотири онҳо гузашт ва якборагӣ аз хурсандӣ боз монда ба изтиробу беқарорӣ нолаву зорӣ оғоз карданд. Яке аз фарзандонаш сабаби ин ҳол пурсид. Гуфтанд:

Аз мо мапурс, к-оташи дил то чӣ ғоят аст,
Аз оби дида пурс, ки ӯ тарҷумони мост.

Пас қиссаи зулми бошаро батафсил гуфтанд. Он писар гуфт:

–Ҳар дарде даво ва ҳар ранҷе шифое дорад. Мумкин аст, ки дар дафъи ин бало саъй кунед, ӯ аз сари мо бардошта шавад.

Ин сухан ба гунҷишкон мувофиқ омад. Яке аз онҳо ба бачагони худ нигоҳ карда истода, дигаре ба чораҷӯӣ парвоз кард. Чун қадре роҳ бипарид, дар андешаи он афтод, ки оё куҷо равам ва дарди дили худро ба кӣ гӯям:

Ба дарди дил гирифторам, давои дил намедонам,
Давои дарди дил корест бас мушкил, намедонам.

Охир ба хотираш омад, ки ҳар ҷонваре, ки ба назари ӯ аввал афтад, сухан ба вай бигӯяд ва илоҷи дарди дил аз вай биталабад. Иттифоқо Самандаре[1] аз маъдани оташ берун омада дар фазои саҳро сайругашт менамуд. Гунҷишк онро дид ва бо худ гуфт: "Биё то дарди дил ба ин мурғи булъаҷаб бигӯям, шояд, ки гиреҳ аз кори ман бикшояд ва маро ба сӯи чора роҳ намояд". Пас аз таъзим назди Самандар омад. Самандар ӯро дида гуфт:

–Дар башараи ту осори малол пайдост, агар аз ранҷи роҳ бошад, чанд рӯз дар ин ҷой иқомат кун, агар ҳолати дигар бошад, бигӯй, то ки чораи он ба қадри тоқати худ бубинам.

Гунҷишк забон бикшод ва ҳоли зори худ пеши Самандар арз кард:

Бар ҳар касе, ки шарҳ диҳам достони хеш,
Сад доғи тоза бар дили он нотавон ниҳам.

Самандар ин суханҳоро шунида гуфт:

–Ғам махӯр, ки ман ин балоро аз сари ту дафъ гардонам ва имшаб чунон кунам, ки хонаву ошёнаи ӯро бисӯзам. Ту ба ман манзили худ нишон деҳ ва худ ба сари фарзандон рав, то вақте ки назди ту оям.

---

[1] Самандар - ҷонварест пардор, ки гӯё дар оташ намесӯхтааст

Гунчишк нишони макони худ ба Самандар нишон дод, бо хотири шод ва аз бори ғам озод рӯ ба ошёнаи худ ниҳод.

Чун шаб даромад, Самандар бо ҷамъи ҳамҷинсони худ ҳар як миқдоре нафт ва гӯгирд бардошта ба он манзил равон шуд ва ба раҳнамунии гунҷишк худро ба наздикии он ошёнаи боша расонд. Боша бо фарзандон сер хӯрда ва дар хоб шуда буданд. Самандарон он чӣ аз нафту гӯгирд ҳамроҳ доштанд, ба ошёнаи онҳо рехта бозгаштанд. Аз шӯълаи оташ ошёнаи он золим афтод ва ҳамаи онҳо ба як бор бо хонаву ошёна хокистар шуданд.

Ситамгар зи зулм оташе барфурӯхт,
Чу зад шӯъла аввал ҳам ӯро бисӯхт.

**Савол ва супориш**

1. Боша чӣ хел паранда аст?
2. Самандар чӣ хел ҷонвар аст?
3. Чаро гунчишк ҳар сол бачаҳои худро тӯъмаи нафси боша мегардонид?
4. Гунчишк барои халосии бачаҳояш чӣ чора андешид?
5. Самандар ба гунҷишк чӣ сон ёрӣ расонид?
6. Аз ин ҳикоят ба кадом хулоса омадед?
7. Аз матн сифатҳои феълиро ёбед ва сохти онҳоро муайян кунед.

## ҲИКОЯТИ МОҲИХОР

Моҳихоре бар лаби обе ватан карда буд ва ба сайди моҳӣ рӯз мегузаронд. Чун заъфи пирӣ ба ӯ роҳ ёфт, аз шикори моҳӣ боз монд ва ба доми ғам гирифтор шуда бо худ мегуфт:

Дареғо қофилаи умр, к-он чунон рафтанд,
Ки гардашон ба ҳавои диёри мо нарасид.

Афсӯс, ки умри азиз ба бозича барбод додам ва чизе, ки дар мавсими пирӣ пои мардӣ тавонам намуд ё дастгирӣ тавон кард, захира наниҳодам. Имрӯз қуввате намондааст, ҳамон беҳтар аст, ки бинои кор бар ҳила ниҳам.

Пас чун андӯҳгин оҳзанону нолакунон бар канори об нишаст. Харчанге ӯро аз дур бидид, пештар омад ва гуфт:

–Эй азиз, туро ғамнок мебинам, сабаб чист?

Моҳихор ҷавоб дод:

–Чӣ гуна ғамнок набошам, ту медонӣ, ки сармояи зиндагии ман он буд, ки ҳар рӯз як-ду моҳӣ мегирифтам ва ба он хӯроки

харрӯзаам ҳосил буд. Имрӯз ду сайёд ин ҷо мегузаштанд ва мегуфтанд, ки "дар ин обгир моҳӣ бисёр аст, ҷораи онро дидан лозим аст". Яке гуфт "дар фалон обгир моҳӣ аз ин бештар аст, аввал кори онҳоро тамом кунем, пас ба ин ҷо меоем". Агар ҳол ҳамин хел бошад, ман бояд дил аз ҷони ширин бардошта бар талхии марг ниҳам.

Харчанг, ки ин хабар шунид, зуд бозгашт ва назди моҳиён рафт ва ин хабари шумро ба онҳо гуфт. Дар миёни моҳиён ҷӯшу хурӯш афтод, ба иттифоқи харчанг рӯй ба моҳихор ниҳоданд ва гуфтанд:

– Аз ту ба мо ин хабар расиду инони тадбир аз дастамон рабуд:

Чандон ки саропои муҳим менигарем,
Паргорсифат зи аҷз саргаштатарем.

Ҳоло бо ту машварат мекунем ва ту худ мегӯй, ки ҳастии ояндаи мо ба ту вобастааст. Пас дар ин кори мо чӣ андеша дорӣ?

Моҳихор ҷавоб дод:

– Ман худ ин сухан аз забони сайёдон шунидаам ва бо онҳо муқовимат кардан фоида надорад. Ба хотири ман ҳамин ҳила расид, ки дар ин наздик обгиреро медонам, ки обаш ба ҳадде мусаффост, ки донаи рег дар қаъри ӯ дидан мумкин аст. Бо ин ҳама ҳеч кас ба қаъри он расида наметавонад ва дидаи доми ҳеч сайёде ба он обгир наафтодааст:

Обгире ба сони дарёест,
Лек дарёи бесару поест.

Агар ба он ҷо кӯчида тавонед, бақияи умрро дар осоишу роҳат ва айшу фароғат хоҳед гузаронид.

Моҳиён гуфтаанд:

– Фикри хубест, аммо бе ёрии ту мо ба он ҷо рафта наметавонем. Моҳихор ҷавоб дод:

– Ман ҳар чӣ аз қуввату қудрат дорам, аз шумо дареғ нахоҳам дошт. Аммо фурсат танг аст, мумкин аст, ки соат ба соат сайёдон биёянд ва фурсат аз даст равад.

Моҳиён тавалло намуданд ва ба илтимоси бисёр қарор ба он афтод, ки моҳихор ҳар рӯз чанд моҳиро бардошта ба он обгир мерасонад.

Пас моҳихор ҳар пагоҳӣ чанд моҳиро мебурд ва ба болои он пушта, ки дар наздикӣ буд, нишаста мехӯрд. Вақте ки боз меомад, дар кӯч-кӯч таъҷил мекарданд ва ба якдигар пешдастӣ меҷустанд. Ҳар кас, ки ба зорию лобаи душман фирефта шавад ва бар бадгавҳарон эътимод раво дорад, сазои ӯ ин аст.

Чун рўзҳо бигзашт, харчанг ҳам ба он обгир рафтанӣ шуд. Моҳихорро аз он фикр огоҳӣ дод. Моҳихор андеша кард, ки "ман аз ӯ душмани сахттар надорам, беҳтар он аст, ки ӯро низ ба пеши ёронаш расонам". Пас пеш омад ва харчангро ба гардан гирифта рӯй ба ҳамон пушта ниҳод. Харчанг, ки аз дур устухони моҳиёнро дид, донист ки ҳол чист. Бо худ андешид, ки: хирадманд чун бинад, ки душман қасди ҷони вай дорад, агар фурсатро аз даст диҳад, дар хуни худ саъй карда бошад:

Чу хасм қасди ту кард, аз барои дафъи зарар,
Ба ҷидду ҷаҳд бикӯш, ар ба ақл машҳурӣ.
Ки гар мурод ба даст оядат, ба ком расӣ
В-агар ба ҳам нарасад, он замон ту маъзурӣ.

Пас харчанг худро бар гардани моҳихор ва ҳалқи ӯ фишурдан гирифт. Моҳихор пиру заиф буд, аз андак ҳалқфишорӣ беҳуш шуда аз ҳаво дарафтод ва ба хок яксон гашт. Харчанг аз гарданаш фуруд омад ва сари хеш гирифт ва наздики моҳиёни боқимонда омад, онҳоро аз сурати ҳол хабар дод. Дӯстонаш шод гашта, вафоти моҳихорро умре тоза ва ҳаёте беандоза шумурданд.

**Савол ва супориш**

1. Моҳихор аз чӣ афсӯс мехӯрд?
2. Моҳихор ба харчанг кадом макрро нақл кард?
3. Моҳиён чӣ тадбире андешиданд?
4. Моҳихор кадом ҳиларо пеш гирифт?
5. Харчанг аз моҳихор чӣ тавр қасос ситонид?
6. Аз ин ҳикоя чӣ хулоса баровардед?
7. Аз ҳикоят феъли ҳолро ёфта ба дафтаратон бардоред ва роҳҳои сохта шудани онро шарҳ диҳед.

## ҲИКОЯТИ ТАДБИРИ МАЙМУНҲО

Овардаанд, ки ҷамоате бузинагон дар кӯҳе маъво доштанд ва ба меваю гиёҳҳои он рӯзгор мегузарониданд. Иттифоқо дар шабе сиёҳтар аз дили гунаҳкорон ва тиратар аз дарунҳ табоҳрӯзгорон лашкари сармо ба онҳо тохтан овард ва аз сахтии сармо асари хун дар дили онҳо фушурдан оғоз кард. Бечорагон аз сармо ранҷур шуда паноҳе меҷустанд ва ба талаби он ба ҳар гӯшае медавиданд. Ногоҳ ба тарафи роҳ ёраи[1] дурахшоне афканда диданд ва ба

[1] Ёра - зеварест дурахшанда, ки занон бар соид банданд

гумони он, ки оташ аст, хезум ҷамъ оварданд, гирдогирди он ҷида дам дар ӯ медамиданд. Дар баробари онҳо мурғе бар дарахте овоз медод, ки "он оташ нест", аммо онҳо илтифот нанамуданд ва аз он кори бефоида боз наистоданд. Иттифоқо дар ин асно мурғе дигар он ҷо расид ва он мурғро гуфт:

–Ранҷ мабар, ки ба гуфтори ту аз ин кор бознамемонанд ва ту беҳуда ранҷур мешавӣ. Дар тарбияти чунин касон саъй намудан ҳамчунон бошад, ки шамшерро бар санг озмудан:

Ҳар кӣ дар асл бадниҳод афтод,
Ҳеҷ некӣ аз ӯ мадор умед.
З-он ки ҳаргиз ба ҷаҳд натвон сохт,
Аз кулоғи сиёҳ бози сафед.

Мурғ чун дид, ки сухани ӯ намешунаванд, аз ғояти шафқат аз дарахте фуруд омад, то насиҳати худро дурусттар ба гӯши онҳо расонад ва онҳоро дар ин ранҷи беҳуда, ки мекашанд, танбеҳ кунад. Бузинагон гирдогирди мурғ даромада сараш аз тан ҷудо карданд.

**Савол ва супориш**

1. Бо луғати ҳикоят шинос шавед.
2. Бигӯед, ки кадом калимаҳои навро омӯхтед?
3. Бузинагон ба чӣ сахтӣ гирифтор шуданд?
4. Онҳо ба чӣ фирефта шуданд?
5. Мурғон ба онҳо чӣ тавр муносибат намуданд?
6. Мурғи аввала ба ивази дилсӯзӣ чӣ подош гирифт?
7. Аз ин ҳикоят кадом панд бармеояд?
8. Чор мисраъ шеъри болоро ба наср гардонед ва таҳлили морфологӣ намоед.

## ҲИКОЯТИ КАБКИ ДАРӢ

Овардаанд, ки кабки дарие дар доманаи кӯҳе мехиромид ва ғулғулаи садои қаҳқаҳааш дар гунбади сипеҳр мепечид. Иттифоқан, бози шикорие дар он ҳаво мегузашт, чун кабки дариро дид, дилаш ба муҳаббати ӯ моил гашт ва ба худ андешид, ки дар ин олам ҳар касе бояд ёри мувофиқ ва рафиқи меҳрубоне дошта бошад:

Касе к-андар ҷаҳон ёре надорад,
Дарахти ишраташ боре надорад.

Ва ин кабк ёри хушманзар, хандонрӯ, сабукрӯҳ, ширинзабон ва латифҳаракот аст, дил дар сӯҳбати чунин рафиқ тозаву хуррам гардад:

Ёре бояд, чӣ гуна ёре бояд?
Ёре, ки гиреҳ зи кори ман бикшояд.
Ҳар гаҳ, ки ҷамоли хештан бинмояд,
З-оинаи дил ғубори ғам биздояд[1].

Пас оҳиста ба ҷониби кабк моил шуд ва кабкро назар бар вай афтод ва ҳазаркунон худро ба шикофи санге расонид. Боз аз ҳаво даромада, пеши он сӯрох нишаста гуфт:

– Эй кабк, пеш аз ин аз ҳунарҳои ту ғофил будам ва фазлу камоли ту бар ман зоҳир набуд. Имрӯз ба воситаи қаҳқаҳаи ту кушоише дар дили ман падид омад ва хиромидани дилфиребн ту маро сайд карда. Умед аст, ки минбаъд аз ман тарсону ҳаросон набошӣ ва ба сӯи ман майл намоӣ.

Кабк овоз дод, ки "Эй қаҳрамони комгор, даст аз ин бечораи меҳнатзада боздор, ҳар гоҳ ки обу оташ бо ҳам якҷоя шаванд, ману ту рафиқ шуда метавонем".

Боз гуфт:

Эй азиз, андеша кун, ки ман аз дӯстӣ бо ту ҳеч ғарaзе надорам, чанголи ман нуқсоне надорад, ки аз сайд бозмонда бошад; минқори ман қусуре надорад, ки аз хӯрдан оҷиз шуда бошам. Ман ғайр аз бо ту дӯсти ҳамдам шудан дигар мақсаде надорам. Ту аз сӯҳбати ман чандин фоидаҳо хоҳӣ дид. Аввалан, чун дигар бозҳо мебинанд, ки ту дар сояи парвариши ман ҳастӣ, ба ту тааддӣ намекунанд ва ба дидаи ҳурмат ба ту менигаранд; дуввум, ман туро ба ошёнаи худ мебарам ва ту аз кабкҳои дигар чӣ қадарҳо баланд зиндагӣ мекунӣ; сеюм, аз кабкҳо ҳар мокиёнеро, ки хоҳӣ, наздат меорам, бо вай бо хушиву хурсандӣ рӯз мегузаронӣ.

Кабк гуфт:

– Ту амири мурғонӣ ва инони ихтиёри мурғон ба қабзаи иқтидори туст ва ман яке аз фуқарои ту ҳастам. Агар аз ман кирдоре содир шавад, ки мувофиқи табъи ту набошад, пас сарпанҷаи ғазаби ту маро ба ҳалокат расонад. Беҳтар ин аст, ки дар гӯшаи хилват бинишинам.

Боз гуфт:

– Эй бародар, нашунидаӣ, ки дидаи дӯстӣ айбро намебинад ва ҳар зиштӣ, ки аз дӯст падид ояд, бағоят зебо менамояд.

---

[1] Биздояд - аз феъли зудудан, тоза кардан

Захри туро дӯст чӣ донад? - Шакар!
Айби туро дӯст чӣ бинад? - Ҳунар!

Ман, ки кирдори туро ба дидаи муҳаббат мебинам, дар гуфту шуниди ту чӣ гуна хати хато кашида метавонам?

Дидаи дӯст айббин набувад.

Кабк харчанд узрҳои писандида мегуфт, боз ҷавобҳои маъқулу дилпазир дар муқобили он меовард. Дар охир ба аҳду паймон кабкро аз сӯрох берун овард ва боз ӯро бардошта ба ошёнаи худ овард. Ҳар ду бо якдигар хуш баромада рӯзҳоро бо айшу тараб мегузаронидаид.

Ду-се рӯз аз ин миён гузашт, кабк ба боз тамоман боварӣ карда далерона сухан мегуфт ва беиб қаҳқаҳа мезад. Боз ҳам худро ба ношунидаиӣ зада аз сари интиқом дармегузашт, аммо кинаи он дар синааш ҷо мегирифт.

Рӯзе боз каме бемор шуд ва барои хӯрок аз ҷой ҳаракат карда наметавонист. Ҳама рӯз дар ошёна буд, чун шаб даромад, хеле гурусна монд ва кинаҳои кабк, ки ба мурури замон ҷамъ шуда буд, бозро хашмолуд сохт. Ҳарчанд аҳду паймонҳои гузашта ба хотираш меомад, аммо ҳеч ба ақлаш қабул намешуд ва барои хӯрдани кабк баҳона меҷуст. Кабк осори ғазаб дар башараи ӯ мушоҳида намуда, ба ақли хирад ҳалоки худро медид ва оҳи сард аз дили пурдард кашида, ба худ мегуфт: "Ки аз аввали ҳол назар ба поёни кор наяфгандам ва бо ғайри ҷинси худ пайвастам. Бинобар ин киштии умрам имрӯз ба гирдобе дарафтода, ки мухоли тадбир аз халоси он оҷиз аст:

На аз рафиқ вафою на аз ҳаёт умед.
На аз сипехр башорат, на аз замона навид!

Боз бошад, чанголи озор кушод ва минкори хунхор ба захри ситам об дода, баҳонаҷӯӣ мекард. Кабк аз рӯи эҳтиёҷ риояти одоб менамуд ва аз ин сабаб баҳонае барои боз пайдо набуд. Охируламр боз бетоқат шуда аз рӯи асаб ба кабк гуфт:

– Оё раво бошад, ки ман дар офтоб бошаму ту дар соя нишинӣ?

Кабк гуфт:

– Эй амири ҷаҳонгир, ҳоло шаб аст ва ҳама оламро сояи зулмот фурӯ гирифта, шумо аз тоби кадом офтоб ба захматед ва ман дар сояи чӣ чиз истироҳат дорам?

Боз гуфт:

– Эй беадаб, маро дурӯғгӯӣ месозӣ ва сухани маро рад мекунӣ, сазои туро додан лозим аст. Инро гуфту кабкро аз ҳам дариду хӯрд.

**Савол ва супориш**

1. Боз чӣ хел паранда аст?
2. Боз кабки дариро дида ба чӣ ҳиссиёт гирифтор шуд?
3. Боз ба кабк чӣ таклиф кард?
4. Мунозираи боз ва кабкро батафсил нақл кунед.
5. Ҷавоби кабк "Ҳар гоҳ, ки обу оташ якҷоя шавад" чӣ маънӣ дорад?
6. Боз ба кабк чӣ ваъда дод?
7. Кабк бо кадом рафтор ба дили боз кина ҷо мекард?
8. Боз чаро дар қасди ҷони кабк афтод?
9. Аз ин ҳикоя ба кадом хулоса омадед?
10. Мақоли халқии:

    "Шавад ҳамҷинс бо ҳамҷинс ҳамроз,
    Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз" - чӣ маънӣ
    дорад? Ин мақолро шарҳ диҳед.
11. Аз ин ҳикоят ҷонишинҳоро ёфта ба дафтаратон нависед ва хели онҳоро муайян намоед. Гӯед, ки он ҷонишинҳо ба кадом вазифа омадаанд?

## САЙИДОИ НАСАФӢ



Ҳар кӣ бо душманиии халқ равон аст чу
баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб
хӯрад.
*(Сайидо)*

Сайидои Насафӣ яке аз шоирони машҳур дар миёнаҳои нимаи аввали асри XVII дар Насаф (Қаршӣ) таваллуд ёфтааст. Соли таваллудаш аниқ маълум нест. Солҳои кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии ӯ дар Насаф гузаштаанд. Пас Сайидо ба Бухоро омада, таҳсилро дар мадраса давом медиҳад. Баъди хатми мадраса Сайидо ба зодгоҳаш барнагашта, то охири умраш дар Бухоро мемонад. Ӯ худаш косиби бофанда буд. Бинобар ин баробари шоирӣ ба касби бофандагӣ ҳам машғул шуда, зиндагиашро таъмин мекард.

Қисми зиёди шеърҳои Сайидо дар солҳои 70-уми асри XVII эҷод гардидаанд. Дар ин давр ӯ бо ҳаёти косибону ҳунармандон аз наздик шинос шуда, доираи ҷаҳонбинии ӯ васеъ шуда буд. Шеъри Сайидо дар дили халқ хеле зуд ҷо мегирифт, зеро бо мазмуни ҳаёти иҷтимоӣ, содагии баён ва санъати баланди бадеият манфиати табақаи заҳматкашон, бахусус, косибонро ифода мекард. Аз ин лиҳоз обрӯ ва эътибори Сайидо дар байни оммаи заҳматкаш торафт боло мешуд. Ӯ мехост, ки аз одамони бонуфузи табақаи боло ҳомие пайдо кунад ва бо Ҳоҷидодхоҳ ва Раҳимбии Юз наздикӣ пайдо мекунад. Вале дере нагузашта Ҳоҷидодхоҳ дар яке аз ҷангҳои феодалӣ ба қатл мерасад. Умедҳои аз Раҳимбӣ доштааш ҳам натиҷае намедиҳанд.

Сайидо тасдиқ мекунад, ки агар аз дастурхони золимон нӯши асал ҳавас кунӣ, ба ҷои он неши заҳролуд хоҳӣ чашид:

Нӯше, ки ҳавас мекунӣ аз суфраи золим,
Нешест, ки аз хонаи занбӯр барояд.

Сайидо худро аз арбобони давлат ва сармоядорон дур гирифт ва танҳо ба фазлу ҳунар ва қалами худ такя намуд.

Хомаамро такягоҳе дар ҷаҳон пайдо нашуд,
Муттакои хеш аз теғи забон дорам ҳанӯз.

Азбаски вазъияти зиндагӣ ниҳоят сахту душвор шуд ва илму ҳунар дигар қадре надошт, як қатор шоирон ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ва кишварҳои дигар ҳиҷрат намуданд.

Дар ин давра Сайидо пиронсол буд ва ниҳоят камбағал шуда буд, барои харҷи роҳи сафар маблағе ҳам надошт. Бинобар ин аз сафари Ҳиндустон худдорӣ менамояд. Аммо синфи ҳукмрон шоири озодфикру муборизро таъқиб намуда, ба ӯ фишор меоварданд, кӯшиш мекарданд, ки шеърҳои Сайидо дар байни халқ паҳн нашаванд. Вале шеърҳои Сайидо кайҳо боз дар дили халқ нақш баста буданд:

Маро кай метавонад аз забонҳо ҷамъ кард акнун,
Ман он рози ниҳон будам, ки берун аз даҳон рафтам.

Сайидо тақрибан дар байни солҳои 1707-1711 дар шаҳри Бухоро вафот кардааст.

Маҷмӯаи шеърҳои Сайидо, ки зиёда аз 8500 байтро дарбар мегирад, то ба мо омада расидааст.

## ОМАД БА ЁД

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,
Нолаи ҷуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.
Аз фиребу ваъдаҳои ӯ шудам розӣ ба марг,
Шаб ҳама шаб дасту теғи қотилам омад ба ёд.
Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам,
Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.
Сар назад аз киштзори умри ман ғайр аз сипанд,
Сӯхтам, чун мазраи беҳосилам омад ба ёд.
Сайидо, дидам ба хок афтода барги лолагун,
Теғи ноҳаққхӯрда сайди бисмилам омад ба ёд.

**Савол ва супориш**

1. Ғазалро бурро ва ифоданок қироат намоед.
2. Мазмуни ғазалро нақл кунед.
3. Дар мисраи "Аз фиребу ваъдаҳои ӯ шудам розӣ ба марг" шоир ваъдахилофии киро дар назар дорад?
4. Дар мисраи "Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам" зери мафҳуми "баҳр" чӣ дар назар дошта шудааст?
5. Байти охирини ғазалро ба наср гардонида нависед ва таҳлили морфологӣ намоед.
6. Пешояндҳоро ёфта, ба хелҳо ҷудо намоед.
7. Ғазалро аз ёд кунед.

## ҒАНИМАТ АСТ

Омад баҳору сайри гулистон ғанимат аст,
Базми висоли ғунчаи хандон ғанимат аст.
Бо қомати хамида равам сӯи бӯстон,
Наззораи бунафшаву райҳон ғанимат аст.
Эй боғбон, зи боғ ба берун чӣ меравӣ?
Будан ба пойи сарви хиромон ғанимат аст.
Эй ғунча, сар зи ҷайб ба девонагӣ барор,
Якчанд рӯз чоки гиребон ғанимат аст.
Паҳлуи худ зи хоки чаман барнамекашам,
Чун соя, хоби зери дарахтон ғанимат аст.
Эй Сайидо, чу бод ба ҳар ҷонибе марав,
Бар гирди хеш гард, ки даврон ғанимат аст.

**Савол ва супориш**

1. Ғазалро ифоданок хонда, мазмуни онро нақл кунед.
2. Бигӯед, ки Сайидо дар ин ғазал чиро ғанимат донистааст?
3. Байти аввали ғазалро ба наср гардонед ва ба дафтар навишта таҳлили морфологӣ намоед.
4. Байти охири ғазалро шарҳ диҳед ва аз маънои он хулоса бароред.
5. Аз ғазал пешояндҳоро ёфта, маънидод намоед, ки онҳо ба кадом вазифа омадаанд.
6. Ғазалро азбар кунед.

## "БАҲОРИЁТ"

... Мехоҳам, аз вухуш[1] замоне сухан кунам,
Дафъи малол[2] то шавад аз табъи мардумон.
Рӯзе мани ғариб дар айёми навбаҳор,
Аз кунҷи хона ҷониби саҳро шудам равон.
Дилам нишаста бар дари сӯрох мушаке,
Мекард худ ба худ сифати хешро баён:

[1] Вухуш (ҷамъи ваҳшӣ) - ҳайвонҳои ёбоӣ
[2] Малол - ғам

## МУШ

"Дорам даруни хона зи анвои[1] хӯрданӣ,
Аз арзану ҷувориву мошу биринҷу нон.
Баққол кардааст муҳайё барои ман,
Имрӯз ҳар матоъ, ки чидаст дар дукон.
Ҳар кас, ки ёфтаст таваллуд ба соли муш,
Гардад чун ман баҳушу адофаҳму нуктадон.
Гоҳе, ки аз ғазаб ба замин рахнаҳо кунам,
Аз ҷони санг наъра бароянд, ки алъамон.
Аҷдоди ман ба мири мушон такя мекунад,
Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон?!"

## РАСИДАНИ ГУРБА ДАР БАРОБАРИ МУШ

Дар васфи хеш буд, ки ногоҳ гурбае,
Худро расонд ҳамчу балоҳои осмон.
Зад силие, ки дар таҳи пояш фитод муш,
Гуфто: "Туӣ, ки омада даҳ пушт паҳлавон?
Эй беадаб, ту шарм надорӣ зи рӯи ман?
Аҷдоди ту шуданд ҳама пеши ман калон.
Обои[2] олии ту бувад кӯршабпарак,
Абнои[3] софили[4] ту ҳам аз ҷинси сифлагон.
Пур кардаӣ зи хок ба ҳар хона рафтаӣ,
Эй хонаҳои халқ зи дасти ту хокдон!
Дандонзанист кори ту ҳар ҷо, ки донаест,
Ҳастӣ ҳамеша душмани анбори мардумон.
Бар ман бубину нек тамошо бикун маро,
Яъне зи шер сурати ман медиҳад нишон.
Пар(р)андае, ки бигзарад аз пеши чашми ман,
Ӯро ба чанги хеш дарорам ҳамон замон...
Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,
Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлуи меҳмон".

---

[1] **Анвоъ (чамъи навъ)** - навъхо

[2] **Обо (чамъи аб)** - падарон, бобоён

[3] **Абно (чамъи ибн)** - писарон, авлод

[4] **Софил** - паст, бадкирдор

## РАСИДАНИ САГ

Ногоҳ зи гурба ин суханонро шунид саг,
Фарёд карду гуфт, ки: "Эй ҳамдами занон!
Монанди дуд дидадароист кори ту,
Аз дар бурун кунанд, дарой зи тобдон[1],
Дар хонае, ки як нафасе нест хӯрданӣ,
Бар бомҳо баромада гардӣ фиғонкунон.
Тифлону ақрабои ту, эй дузди косалес,
Омӯхтаанд дарбадариро зи модарон.
Гоҳе, ки нони сӯхтае баҳри ман диҳанд,
Аз пеши ман гирифта гурезӣ ба нардбон.
Аз хонае, ки парчаи ноне ба ман расад,
Шаб то ба рӯз бар дари ӯям нигаҳбон.
Ба ҳар даре, ки меравам ҳалқа мезанам,
Он хона эҳтиёҷ надорад ба посбон.
Бо он ки ҳаст мартабаи олие маро.
Дорам мани шикаста қаноат ба устухон".

## РАСИДАНИ ГӮСФАНД

Бар гӯсфанд чун хабари устухон расид,
Афтод оташе аҷаб ӯро ба магзи ҷон.
Он дам лабу даҳон зи чаро сохтан бубаст,
Худро ба як-ду хез расонид дар миён.
Гуфт: -"Эй палиди шумнафас, ҳадди худ шинос,
Бар устухони ман марасон ин ҳама забон!
Кори ту хунхӯрист ба саллоххонаҳо,
Ин ҷо шудӣ гурехта аз дасти сагкушон.
Пайваста кори ту ҷадалу ҷанг бо гадост,
Бар остон ту нолакунон, ӯ асозанон.
Бедории шаб аз ту бувад то дами саҳар,
Созад маҳалли файз туро хоб саргарон.
Ҳар рӯз вақти субҳ шубон мебарад маро,
Гоҳе ба сӯи дашт, гаҳе сӯи бӯстон...
Қассобро зи хуни манаш теғ сурхрӯст,
Бошад канораш чу хиёбони арғувон.
Симинбарон кабоби дилу гурдаи мананд,
Пайваста аст равғани ман шаъни дегдон".

---

[1] Тобдон - равзан барои ворид шудани рӯшноӣ ба хона

## РАСИДАНИ ГУРГ

Чун ин мубоҳиса ба биёбон фасона шуд,
Худро расонд гург бад-эшон давон-давон.
Бар гӯсфанд гуфт: "Дилу гурдаи ту чист?
Чун аст рӯдаҳои ту резам ба як замон?!
Гоҳе ба зери пушта ниҳон гардӣ аз гала,
Созад ба соҳиби ту маро куштанӣ шубон.
Доим даҳон ба равгани ту чарб мекунам,
Худ гӯ, ба пеши чанги ҳарисон туро чӣ шон?
Аҳволи ман чу шамъ ба ҳар базм равшан аст,
Дар пеши халқ нест маро ҳоҷати баён.
Дар хоби хеш ҳар кӣ бубинад шабе маро,
Гардад зи юмни[1] ман ҳамаи рӯз шодмон.
Гови замин чу дар назарам ҷилвагар шавад,
Созам ба як ишора ҷудо рони ӯ зи рон".

## РАСИДАНИ ГОВ

Дар гӯши гов бод расонид ин хабар,
Фарёд карду гуфт: "Чӣ гуфтӣ? Бигӯ ҳамон!
Ҳар ҷо ки дидаӣ ту маро, гаштаӣ душох,
Бовар намекунӣ, бикун имрӯз имтиҳон.
Ғургӣ, валек қатраи борон надидаӣ,
Нашнидааст гӯши ту овозаи сагон.
Гаҳ сулҳ мекунӣ ту ба чӯпону гоҳ ҷанг,
Гургоштист[2] кори ту пайваста бо шубон.
Шаб то ба рӯз дӯхтаам чашм бар замин,
Аз ман нагашта ҳеч кас озурда дар ҷаҳон.
Гоҳе ба гирди хирмани деҳқон шавам ба чарх,
Гоҳе ба халқ шир диҳам ҳамчу модарон.
Аҷдоди ман ба Одаму Ҳавво баробар аст,
Яъне мароcт гови замин аз бародарон".

## РАСИДАНИ УШТУР

Уштур шунида гуфт, ки: "Гӯсолаӣ ҳанӯз,
Берун накардаӣ сари худро зи коҳдон.
Обои[3] ту ба ҳеч қаторе набудаанд,
Овардаӣ ба зӯр ту худро дар ин миён.

---

[1] Юми - бахт, бахосиятӣ
[2] Гургоштӣ - сулҳи зоҳирӣ, рӯякӣ
[3] Обо - падару бобоён

Як раҳ ба пушту паҳлуи худ ҳам нигоҳ кун,
Аз хотири ту рафта магар чӯби говрон?
Бар гарданат зананд чу дузд айрии душох[1],
Аз коҳдон баранд сӯи дашт каш-кашон...
Пайваста хор меҳӯраму бор мекашам,
Ҳаргиз нагашта хотирам аз сорбон[2] гарон.
Ҳар чо, ки будаам, ба ду зону нишастаам,
Дар бар кашида чомаи малла чу сӯфиён".

## РАСИДАНИ САНГПУШТ

Овози гирудори шутур чун баланд шуд,
Дарҳол сангпушт биёмад тапон-тапон.
Дар пушт чор оина, дар пеши рӯ сипар,
Бар даст санг, барзада доман чу чимриён[3].
Аз санг рафта - рафта чу оташ забона зад,
Огози гуфтугӯй бигуфт: -"Эй сабукинон[4]!
Кунчора дидай магар имшаб ба хоби хеш?
Ё гов гаштай ба хаёли чувозрон?
Дар умри хеш мисли ту лӯъбат надидаам,
Кӯтоҳаклу пойдарозу шикамкалон.
Дар зери бор нолакунон хоб меравӣ,
Хезӣ зи чой ҳамчу заифони погарон[5].
Дандони ту саросар агар бишканам, равост,
Ҳаргиз туро касе назада санг бар даҳон.
Маълум шуд ба даҳр[6], шутурдил[7] ту будай,
Бошад ҳамеша чашми ту бар дасти сорбон.
Аз фока[8] рӯзу шаб ба шикам санг бастаам,
Донанд халқ, дар бағалам ҳаст тоҳи[9] нон.
Дар гӯшае нишастааму хок меҳӯрам,
Бигзаштаам ба чилланишинӣ зи зоҳидон[10].

---

[1] Айрии душох - юғ
[2] Сорбон - сарвари корвони шутурҳо
[3] Чимриён - мардуми содлаи авом
[4] Сабукинон - кӯтоҳфикр
[5] Заифони погарон - занони ҳомиладор
[6] Даҳр - дунё, олам
[7] Шутурдил - кинаҷӯ, бадхоҳ
[8] Фока - камбағалӣ, нодорӣ
[9] Тоҳ - як дона, якто
[10] Зоҳид - парҳезгор, порсо

Рўзе, ки офтоб ба гармӣ шавад, алам,
Он рўз эҳтиёҷ надорам ба соябон".

## РАСИДАНИ ХОРПУШТ

Бар гӯши хорпушт чу ин моҷаро расид,
Ҳар мӯй гашт бар тани ӯ неши[1] хунфишон.
Чун мӯр нарм - нарм қадамро ба раҳ ниҳод,
Паҳлӯи сангпушт нишасту бигуфт: -"Ҳон!
Бар гирди хеш маъракае ҷамъ кардаӣ,
Дорӣ ба пушт сандалие ҳамчу қиссахон.
Аъҷубавор[2] дар таҳи сандуқ ҷо шавӣ,
Айёри косапушт туро аз мусоҳибон[3].
Саҳроиён зи косаи чӯбини ту ба танг,
Искотиёну[4] косагарон аз ту дар фиғон.
Ҳаргиз надидаам ба барат ҷомаи дуруст,
Домони ту ҳамону гиребони ту ҳамон.
Аз дидани ту сӯҳбати ин қавм[5] шуд хунук,
Эй баднамой, хезу бирав зуд аз миён!
Ман умри худ ба хоркашӣ сарф кардаам,
З-он ваҷҳ[6] гармрӯӣ намоям ба мардумон.
Пероҳане ба сӯзани худ бахя[7] кардаам,
Дорам ба дӯш ҷомаи шодӣ чу ҳоҷиён.
Бошад ҳамеша дар шаби моҳтоб хоби ман,
Болину бистарам ҳама хорест парниён".

## РАСИДАНИ РӮБОҲ

Оҳанги хорпушт чу рӯбоҳ гӯш кард,
Аз шиддате, ки дошт равон гашт думзанон.
Фарёд карду гуфт: -"Маро дур дидаӣ?
Имрӯз ҳамчу хор баровардаӣ забон.
Дорӣ ба худ ғурур чу пирони хоркаш,
Оташ занам, ки дуд барояд туро зи ҷон!

---

[1] Неш - озор, захр

[2] Аъҷубавор - ҳайратовар

[3] Мусоҳиб - ҳамсӯҳбат

[4] Искот - партофтан, афкандан

[5] Қавм - мардум, қабила

[6] Ваҷҳ - сабаб, ҷиҳат

[7] Бахя - чок, кӯк, дарз

Аз ҷунбиши ту дар ҳаракат буттаҳои хор,
Пайваста хурду резаи ман аз ту дар гумон.
Гар бинии ту канда ба дастат диҳам равост,
То пеши халқ сар набарорӣ ба ину он.
Ман муддатест, хона дар ин дашт кардаам,
Накшодаам ба хеч кас аз хеш достон.
Паҳлу ба офтоб занад пӯстини ман,
Доранд орзӯи маро пир то ҷавон.
Шабҳои дай[1] ба воситаи пӯст мекашам,
То субҳ ҳамчу мағз дар оғӯш дилбарон...
Гоҳе ки рӯбарӯй шавад душмане маро,
Ёбам зи рӯи ақли худ аз дасти вай амон[2]".

## РАСИДАНИ ХАРГӮШ

Харгӯш сар ба хоби фароғат ниҳода буд,
Бедор гашту гуфт ба рӯбоҳ он замон:
"Як зарра ақлу ҳуш агар доштӣ ба сар,
Ҳаргиз зи хона по наниҳодӣ бар остон.
Шабҳо равӣ гу дузд ба сӯи маҳаллаҳо,
Чашмони худ чароғ кунӣ бахри мокиён.
Бисёр зинда-зинда туро пӯст кандаанд,
Афкандаанд мурдаи ту паҳлуи сагон.
Бар ҳар каси фақир муяссар намешавам,
Ҷон медиҳанд дар талабам мардуми калон.
Моланд агар ба пайкари[3] худ равғани маро,
Бешакку шубҳа, дафъ кунад дарди устухон.
Гоҳе, ки ман ба одамиён ром мешавам,
Пайваста умри хеш кунам сарфи он макон".

## РАСИДАНИ МАЙМУН

Харгӯш чун ҳикояти худро тамом кард,
Маймун шунида паҳлуяш омад нафасзанон.
Гуфт: -"Эй дарозгӯш, чаро лоф мезанӣ?
З-одамгарӣ на туро ному на нишон!
Чун муши думбурида намоӣ ба чашми ман,
Ё бачаи бузе, ки бувад ҳар тараф давон.

---

[1] Дай - зимистон

[2] Амон - наҷот

[3] Пайкар - тан, бадан

Зин доштӣ ба пушт, туро мешудам савор,
Ҳастӣ ба пеши ман ту ҳам аз ҷумлаи харон.
Бикшо зи хоб чашму сари худ баланд кун,
Дар дасту пои ман назари хешро бимон.
Яъне ки нест сурати ман кам зи одамӣ,
Аммо кашидаам қадами худ аз он миён.
Нашъунамои ман шуда дар кӯҳсори Ҳинд,
Асли ман аз Фарангу[1] маро ном кордон.
Ҳар ҷо ки бешаест, дар ӯ сайр мекунам,
Ҳастам ба гирду гӯшаи ӯ ҳамчу боғбон.
Аз меваҳо ба паҳлуи худ паҳн кардаам,
Гоҳе зи туршу гоҳ зи ширину нордон".

## РАСИДАНИ ОҲУ

Оҳу расиду гашт ба ӯ рӯ ба рӯву гуфт:
"Кам дидаем одами думдор дар ҷаҳон.
Одам касе ба сурати одам намерасад,
Бе мағз эътибор куҷо дорад устухон.
Гоҳе зи сӯи шаҳр туро уфтад гузар,
Гардӣ ту пойкор[2] ба арбоби лӯлиён.
Дар пеши халқ масхарагӣ пеша мекунӣ,
Тифлон ба кӯчаҳо зи қафои ту кафзанон[3].
Гаҳ найнавозу гоҳ шубонӣ, гаҳе гадо,
Гоҳе асо ба даст шавӣ аз ясовулон[4].
Дар даҳр агарчи сурати ман нест одамӣ,
Лекин маpост сурати некӯ чу дилбарон.
Чашмам бувад зи ғамзаи Лайлӣ барандатар,
Девонаи мананд чу Маҷнун паривашон.
Гардад зи бӯи мушк муаттар димоғҳо,
Бар ҳар тараф, ки рӯй ниҳам ҳамчу навхатон.
Гоҳе, ки ҳамчу бод шавам дар давандагӣ,
Барқи ситезакор наёбад зи ман нишон".

---

[1] Фаранг - Фарангистон; мансуб ба Фаранг, Европа

[2] Пойкор - хизматгор

[3] Кафзанон - дастзанон

[4] Ясовул - саворе, ки дар рикоби амирон ва сардорон меравад; хизматгори дарбор

## РАСИДАНИ ПАЛАНГ

З-ин гуфтугӯ паланг даромад ба ҷастухез,
Худро расонд дар паси оху ҳамон замон.
Гуфт: -"Эй гурезапой, зи чангам куҷо равӣ?
Бо ман масоз ҷилвагарӣ ҳамчу духтарон!
Нофи туро ба коми харифон буридаанд,
Бошанд хонаводаи ман аз ту комрон[1].
Гар бар сари ту сояи калхот[2] уфтад,
Дар зери пой хоб равӣ ҳамчу мокиён.
Яъне, ки ман ба хуни ту имрӯз ташнаам,
Аз роҳи ташнагӣ ба лаби ман расид ҷон.
Аз қаҳр агар ба хок занам чанги хешро,
Чангу ғубор тира кунад рӯи осмон.
Аз силиям кабуд бувад рӯи фили чарх,
Акси думи ман аст, ки гӯянд Каҳкашон".

## РАСИДАНИ ФИЛ

Ошуфта гашт филу равон шуд сӯи паланг,
Дандон ба якдигар зада ҳамчун мубориზон.
Дум хода карда омаду хобонд гӯшро,
Хартум[3] бар замин заду гуфт: -"Эй алочапон!
Аз нохуни паланг чӣ нуқсон ба пои фил?
Тоҷи хурӯсро чӣ ғам аз нӯли мокиён?
Тундӣ макун, ки чарми ту бисёр дидаам,
Чун тахтапӯст дар таҳи пои қаландарон.
Гӯӣ, ки ҳеҷ кас набувад дар баробарам,
Дар ҳар канор ҳаст, маро чун ту ҷокарон[4].
Дар рӯзи ҷанг зери алам по сутун кунам,
Бошам бар остони дари фатҳ[5] пуштбон…
Чун теғи обдор саропой ҷавҳарам,
Дандони ман равост, ки созанд зарнишон.
Дар пушти ман ниҳанд агар кӯҳи Қофро[6],
Монанди барги коҳ наёяд маро гарон.

---

[1] Комрон - хушбахт

[2] Калхот - навъе аз парандагони дарранда, чӯчагирак

[3] Хартум - бинии фил, ки дарозу овезон аст

[4] Ҷокарон - хизматгорон

[5] Фатҳ-ғалаба, фирӯзӣ

[6] Кӯҳи Қоф-номи кӯҳи баланди афсонавист, ки гӯё гирди оламро гирифтааст

Хартуми ман чу гурз бувад вақти гирудор,
Ҳар мӯи ман ба тундиву тезӣ бувад синон[1].
Умрам ҳазор сол бувад дар миёни халқ,
Кам нест зиндагониям аз умри ҷовидон.
Бузругтаре[2] зи ман набувад дар миёни қавм,
Имрӯз зиндафил маро гуфта метавон".

## РАСИДАНИ КАРК

Карк[3] ин сухан зи фил шуниду қадам ниҳод,
Сар то ба пой чину гиреҳ карда абрӯвон.
Дар пушту паҳлуяш халае зад ба шоху гуфт:
-"Эй тангчашм, ҳарф магӯ ин ҳама калон!
Аз филмоти ҳодиса ғофил нишастаӣ,
Дорӣ ту эътимод[4] ба умри сабукинон.
Хартум наяст[5] он, ки ба ӯ фахр мекунӣ,
Андохта ба биният айём ресмон…
Хат мекашӣ ба бинии худ кӯчаҳои шаҳр,
Аз пушту паҳлуи ту ғуломон саводхон…
Рӯзи масоф[6] синаи худ мекунам сипар,
Гарданд рӯбарӯй зи пуштам диловарон.
Хоҳам, ки ҳамла дар сафи пиру ҷавон кунам,
Дар дил маро на бим зи тиру на аз камон.
Хосияти аҷиб ба шохам навиштаанд,
Ҳар кас нигоҳ дошт, гурезанд ҷинниён".

## РАСИДАНИ ШЕР

Шер аз камин бaромаду омад, ба карк гуфт:
-"Эй шохношикаста[7], бикаш пой аз миён!
Бо ҳар кӣ монда шох ба шох истодаӣ,
Азбаски дар канори биёбон шудӣ калон.
Эй сахтрӯй, сустқадам, чобукӣ макун,
Ҳастӣ ту пеш як қадам аз гови подабон.

---

[1] Синон - найза
[2] Бузругтар - бузургтар
[3] Карк - ҳайвонест аз оилаи ширхӯрҳо, ки дар нazди бинӣ 1-2 шох дорад
[4] Эътимод - бовар
[5] Наяст - нест
[6] Масоф - ҷанг, мубориза, майдони ҳарб
[7] Шохношикаста - худсар, мағрур, саркаш

Тифлонат аз забони ту парҳез мекунанд,
Бошӣ ту дар миёнаи ин қавм бадзабон...
Ҳаргиз шикори дигареро нахӯрдаам,
Як раҳ ба хуни мурда наёлудаам даҳон.
Дар бешае, ки мераваму мекунам қарор.
Берун зи қахтсол шаванд аҳли он макон.
Бо ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон".

### РАСИДАНИ МӮРЧА

Дар фикри дона мӯрчае буд даргузар,
Омад ба шеру гуфт, ки: -"Эй Рустами замон!
Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар,
В-арна чаро ҳақир шумориву нотавон?
Хӯроки аҳли байти ман аст аз нитоҷи[1] ту,
Доим пур аст хонаам аз шербаччагон.
Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони мананд аз ту комрон.
Мӯре шунидаӣ, ки Сулаймони[2] вактро
Бар аҳди худ ба рони малах карда меҳмон.
Ин рутба[3] шуд муяссари ӯ аз шикастагӣ[4]
В-арна чӣ ҳадди мӯрчаву лашкари гарон?"
Чун аз забони мӯрча ин ҳарф шуд баланд,
Таслим карда-карда расиданд ваҳшиён...

**Савол ва супориш**

?

1. Мазмуни "Баҳориёт"-ро мухтасар нақл кунед.
2. Дар симои ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ киҳо дар назар дошта шудаанд?
3. Мунозараи мӯрча ва шерро шарҳ диҳед.
4. Аз гуфтаҳои мӯрча чӣ хулоса бармеояд?
5. Аз қисмати "Расидани мӯрча" пешояндҳоро ёфта, сохт ва таркиби онҳоро муайян намоед.
6. "Расидани мӯрча"-ро азбар кунед.

---

[1] Нитоҷ - насл,зот

[2] Сулаймон - номи пайғамбаре, ки тамоми ҳайвонот мутеи ӯ буданд

[3] Рутба - мартаба, унвон, мақом

[4] Шикастагӣ - ба маънии хоксорӣ, фурӯтанӣ

## МУНОЗАРА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Мунозара яке аз намудҳои достони ахлоқии фалсафӣ мебошад. Шоир бо мунозараи ду шахс ё ду ҷинс фикрҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва сӯфиёнаи худро баён мекунад. Мунозара дар адабиёти форсу тоҷик аз замонҳои қадим вуҷуд дошт. Қадимтарин намунаи он "Дарахти Асурик" аст, ки ба забони паҳлавии ашконӣ дар асрҳои II-III навишта шуда дар он мунозараи дарахти нахлу буз оварда шудааст. Дар асри XI беҳтарин мунозараҳоро Асадии Тӯсӣ, дар асри XV Орифи Ҳиравӣ ва Толиби Ҷоҷармӣ навиштаанд ("Гӯю чавгон", "Замину осмон", "Габру мусулмон" ва ғайра).

Мунозара як навъи махсуси тамсил мебошад. Мунозараро гоҳо қисса низ мегӯянд. "Ҳайвонотнома" ё "Баҳориёт"-и Сайидои Насафӣ, ки сар то по тамсил аст, як намунаи барҷастаи мунозара мебошад.

# АДАБИЁТИ МУОСИР

## МАЛИКУШШУАРО БАҲОР

Маликушшуаро Муҳаммад Тақии Баҳор яке аз шоирон ва нависандагони бузурги давраи охири Эрон мебошад. Адабиётшиносон ӯро "яке аз ситорагони тобони осмони адаби Эрон" мешуморанд.

Баҳор як умр барои мудофиаи ҳуқуқи халқи худ, барои халосии вай аз чанголи истисморгарони дохилӣ ва империалистони хориҷӣ, барои ба зиндагонии осуда, озод ва маданӣ расонидани мардуми ватанаш мубориза бурдааст. Баҳор яке аз насрнависони барҷастаи замони худ буда, дар эҷоди насри нави содa ва фаҳмо яке аз арбобони пешқадами матбуоти Эрон будааст. Вай бо асарҳои илмии худ ба омӯзиши забону адабиёти форс ҳиссаи арзанда гузоштааст.

Баҳор бо шеърҳои худ ба муқобили зӯроварони замона ва ба тарафдории халқи худ ҷидду ҷаҳд кардааст.

Муҳаммад Тақии Баҳор соли 1886 дар шаҳри Машҳад дар оилаи шоири машҳури Хуросон Маликушшуаро Муҳаммад Козими Сабурӣ ба дунё омад. Ҳанӯз дар айёми наврасӣ истеъдод ва завқи шоириаш маълум гаштааст. Ӯ аввалин шеърҳояшро ба падараш нишон дода, нахустин дарси шеърнависиро аз падараш гирифт. Ӯ донишҳои замони худро дар пеши устодони машҳури Хуросон аз худ карда ҳанӯз дар ҳаждаҳсолагиаш ба қасидасароӣ шуғл варзидааст.

Бо сар шудани аввалин ҳаракатҳои инқилобӣ дар Эрон соли 1907 шӯҳрати Баҳор низ ибтидо ёфт. Баҳор аз соли 1910 ба нашр намудани рӯзномаҳои "Навбаҳор" ва "Тозабаҳор" шурӯъ кард. Бо мақолаҳои оташин ва шеърҳои ҳаяҷонбахши худ ба муқобили мустамликачиёни хориҷӣ - империалистони англис ва ҳукумати подшоҳии Русия, ки дар он давра барои дар байни худ тақсим карда гирифтани Эрон чангу ҷидол доштанд, садои эътироз баланд кард. Баҳор дар сафи аввали муборизони роҳи озодӣ истода, аввалин натиҷаҳои фаъолияти озодихоҳонро ҳимоя намуд ва чандин бор ҳабс ва бадарға карда шуд.

Вақте Ризохон бо қасди ҳукмронии Эрон шудан ба майдон омад, Баҳор аз ҷумлаи муқобилони ӯ буд ва дар тамоми муддати ҳукмронии Ризохон, ки баъд худро шоҳи Эрон эълон намуд, аз бадхоҳони он ба шумор мерафт, дар таҳти таъқибу назорати политсия мегашт. Бинобар ин дар зиндагиаш нашр кардани

куллиёти ашъораш ба вай муяссар нагардид. Куллиёти дучилдаи шоир фақат пас аз вафоташ, дар соли 1956 нашр гардидааст.

Баҳор дар баробари фаъолияти сиёсӣ фаъолияти пурсамари илмии худро низ давом дод. Ӯ аввал дар Дорулмуаллимин ва пас аз ташкил карда шудани Донишгоҳи Теҳрон дар он ҷо дарси адабиёти форсӣ ва услубшиносӣ мегуфт. Асари машҳури сечилдаи Баҳор "Сабкшиносӣ ё татаввури (дигаршавии) насри форсӣ" дар соҳаи тадқиқоти забон ва услуби насри форсӣ - тоҷикӣ асари хеле муфид ва мӯътабаре буда, барои таърихи адабиёти форсу тоҷик аҳамияти бузурги илмӣ дорад.

Тарҷумаҳои Баҳор аз забони паҳлавӣ ("Андарзи Озарбади Меҳраспандон", "Рисолаи мотигони шатранҷ" ва "Ёдгори Зарирон"), иштироки вай дар таълифи сарфу наҳви дучилдаи забони форсӣ ва китобҳои хониш барои мактабҳои миёнаи Эрон, асарҳои адабӣ ва таърихии вай дар бораи аҳволи Фирдавсӣ, Монӣ, Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, "Таърихи аҳзоби сиёсии Эрон" аз ёдгориҳои пурарзиши илмӣ мебошанд.

Баҳор охирин рӯзҳои умри худро, ки бештар дар бистари беморӣ мегузаштанд, ба мубориза барои сулҳ ва осоиш сарф намуд. Ӯ аз рӯзи аввали таъсиси ҷамъияти тарафдорони сулҳ дар Эрон дар сари ин ҳаракат меистод. Ӯ байрақдори сулҳ шуданро барои худ ифтихори бузурге мешумурд. Баҳор дар ин давра яке аз қасидаҳои ҷовидонии худ "Ҷуғзи ҷанг"-ро навишт. Ӯ аз бoрони тӯҳмат ва игвоҳое, ки аз тарафи мухолифонаш ба сараш мeборид, парвое накарда мегуфт: "Ман амри (кори) сулҳро ба хотири сулҳ, на ба хотири он касоне, ки дар бораи он сӯҳбат мекунанд, дӯст медорам. Хоҳ ҳаводорони сулҳ аз Амрико ва Инглистон бошанду хоҳ аз Шӯравӣ ва Чин, фарёди сулҳхоҳи асил қобили эҳтиром аст".

Баҳор яке аз аъзои фаъоли ҷамъияти алоқаи мадании Эрон ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буда, барои мустаҳкам шудани ин алоқа хизматҳо кардааст.

Баҳор 21-уми апрели соли 1951 дар Теҳрон аз дунё гузашт.

### ЭЙ ЗАН

Ҷавонбахту ҷаҳонорой, эй зан,
Ҷамолу зинати дунёӣ, эй зан.
Садаф хон асту соҳибхона ғаввос[1],
Ту дар вай гавҳари яктой, эй зан.

[1] Ғаввос - касе, ки ба оби баҳр фурӯ рафта, аз таги он садаф мебарорад, ки дурр дар даруни он мешавад

Ту якто гавҳарӣ дар дурҷи[1] хона,
В-аз он беҳтар, ки гавҳарзоӣ, эй зан.
Ту дар айни латофат зӯрмандӣ,
Ту ҳам гавҳар, ту ҳам дарёӣ, эй зан.
Чу мағз андар сару чун ҳуш дар мағз,
Ба ҷову лоиқу шоёӣ, эй зан.
Ту нури дидаи равшандилонӣ,
Азеро[2] дархӯру[3] дарбоӣ[4], эй зан.
Табиат худ чу коне пур зи лафз аст,
Ту он алфозро маъноӣ, эй зан.
Таолиллаҳ, ки дар боғи накӯӣ,
Чу гул покизаву зебоӣ, эй зан.
Хато гуфтам, зи гул некӯтарӣ ту,
Ки ҳам зебову ҳам доноӣ, эй зан.
Туро ҳоҷат ба ороиш набошад,
Ки худ по то ба сар ороӣ, эй зан.
Наими[5] зиндагиро бо ту бинам,
Ҳамоно нури чашми моӣ, эй зан.
Муаммои ҷаҳон ҳал кардию боз,
Ту худ асли муаммоҳоӣ, эй зан.
Набудӣ зиндагӣ, гар зан набудӣ,
Вуҷуди халқро мабдоӣ[6], эй зан.
Бинои некбахтиро ба гетӣ,
Ту ҳам меъмору ҳам банноӣ[7], эй зан.
Кавокиб[8] ҷумла тан гӯшанд, чун ту,
Шабонгаҳ гарми ло-лолоӣ[9], эй зан.
Биғалтад ашки анҷум чун бари тифл,
Ту чашм аз хоби хуш бикшоӣ, эй зан.
Табиат ҷазбаи ишқ аз ту омӯхт.
Ки ту худ ишқро мабноӣ[10], эй зан.

---

[1] Дурҷ - қутии ҷавоҳир
[2] Азеро - аз ин сабаб
[3] Дархӯр - лоиқ, сазовор
[4] Дарбо - даркорӣ, зарур
[5] Наим - неъмат, мол: хушгузаронӣ
[6] Мабдо - асос, ибтидо
[7] Банно - устои бинокор
[8] Кавокиб - ситораҳо
[9] Ло-лолоӣ - аллагӯӣ
[10] Мабно - бунёд

Табоеъ гоҳ лутфу гоҳ қаҳранд,
Ту лутф аз фарқи сар то пой, эй зан.
Биҳишти воқеӣ ҷоест, к-аз меҳр,
Ту бо фарзандгон он ҷой, эй зан...
Дареғо, гар ту бо ин ҳушу идрок,
Ба ҷаҳл аз ин фузунтар пой, эй зан.
Дареғо, к-аз ҳисоби худ ватанро,
Ба ниматан фалаҷ фармоӣ, эй зан!

**Савол ва супориш**

1. Шоир кадом хислатҳои наҷиби занро васф кардааст?
2. Байти "Ту якто гавҳарӣ дар дурҷи хона
   В-аз он беҳтар, ки гавҳарзоӣ, эй зан!"
   чӣ маънӣ дорад?
3. Кадом хислатҳои номбарнамудаи шоирро шумо дар феълу рафтори модари худ мебинед?
4. Мазмуни шеърро ба қисмҳо ҷудо намуда нақл кунед.
5. Байти охирини шеърро ба наср гардонида таҳлили морфологӣ намоед.
6. Аз шеър пасояндҳоро муайян намуда, ба дафтаратон нависед. Гӯед, ки дар кадом мисраъ пасоянд ба ҷои пешоянд омадааст?
7. Дар хона ба мазмуни шеър таваҷҷӯҳ намуда, дар васфи модари худ иншо нависед.

## ЧАШМА ВА САНГ

Ҷудо шуд яке чашма аз кӯҳсор,
Ба раҳ гашт ногаҳ ба санге дучор.
Ба нармӣ чунин гуфт бо санги сахт:
– "Карам карда роҳе деҳ, эй некбахт!"
Гарон санги тирадилу сахтсар,
Задаш силию[1] гуфт:
– "Дур, эй писар!
Наҷунбидам аз сели зӯрозмой,
Кий ту, ки пеши ту ҷунбам зи ҷой?!"
Нашуд чашма аз посухи санг сард,
Ба кандан дар истоду ибром[2] кард.

[1] Силӣ - тарсакӣ

[2] Ибром кардан - исрор кардан, истодагарӣ кардан

Басе канду ковиду кӯшиш намуд,
Қ-аз он санги хоро раҳе баркушуд.
Зи кӯшиш ба ҳар чиз хоҳӣ расид,
Ба ҳар чиз хоҳӣ, камоҳӣ[1] расид.
Бирав, коргар бошу уммедвор,
Ки аз яъс ҷуз марг н-ояд ба кор!
Гарат пойдорист дар корҳо,
Шавад саҳл пеши ту душворҳо.

**Савол ва супориш**

1. Бо луғати шеър ошно шавед.
2. Шеърро бурро ва ифоданок қироат намоед.
3. Жанр ва ё санъати мунозараро дар шеър муайян намуда, он пораро такроран хонед.
4. Чаро чашма ба санг бо нармӣ муроҷиат намуд, вале санг бо дуруштӣ ва нописандӣ, ҳатто бо торсакӣ ба чашма ҷавоб дод?
5. Ба санг чӣ баҳо медиҳед?
6. Оқибати нописандӣ ва якравии санг чӣ шуд?
7. Шоир ба кадом кори наҷиб даъват кардааст?
8. Хулосаи шеърро аз байти мақтаъ ёбед.
9. Пешояндҳои содаро аз шеър ёфта, ба номию аслӣ ҷудо намуда ба дафтар нависед.

## ВАРЗИШ

Тани зинда воло ба варзандагист[2],
Ки варзандагӣ мояи зиндагист.
Ба варзиш гарою сарафроз бош,
Ки фарҷоми[3] сустӣ сарафкандагист.
Ба сахтӣ диҳад марди озода тан,
Ки поёни танпарварӣ бандагист.
Диле боядат равшану тан дуруст,
Агар ҷон-т ҷӯёи фархундагист.
Касе, к-ӯ тавоно шуду тандуруст,
Хирадро ба мағзаш фурӯзандагист.

[1] Камоҳӣ - чунон ки лозим аст

[2] Варзанда - варзишкунанда

[3] Фарҷом - анҷом, оқибат

Ҳунар ҷӯй, то ком ёбиву ноз.
Ки ҷӯяндагӣ роҳи ёбандагист!
Зи варзиш маёсою кӯшанда бош,
Ки бунёди гетӣ ба кӯшандагист.
Дурахшидани ин баланд офтоб,
Зи бисёркӯшию гардандагист.
Ниёгон-тро[1] варзиш он моя дод,
Ки "Шоҳнома" з-эшон тобандагист.
Ту низ аз ниёгон биёмӯз кор,
Агар дар сарат шӯри сарзиндагист[2].

**Савол ва супориш**

1. Луғати шеърро омӯзед.
2. Шеърро ифоданок қироат намоед.
3. Мазмуни шеърро нақл кунед.
4. Кадом мақоли халқии тоҷикӣ дар ин шеър истифода шудааст?
5. Шоир тандурустиро мояи чӣ донистааст?
6. Шоир оқибати танпарвариро дар чӣ дидааст?
7. Панҷ амали некро номбар кунед, ки шоир ба он даъват намудааст?
8. Байти мактаъро ба наср гардонед ва таҳлили морфологӣ намоед.
9. Пешояндҳои изофӣ ва беизофаро аз шеър ёфта, ба дафтаратон нависед.

[1] Ниёгон - падарону бобоён, аҷдод
[2] Сарзиндагӣ - шӯҳратмандӣ

# СОТИМ УЛУҒЗОДА



Нависанда ва драманависи муосири тоҷик Сотим Улуғзода 1-уми сентябри соли 1911 дар деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст.

Сотим Улуғзода дар мактаб-интернати ноҳияи Чуст таҳсил намуда, ба Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд дохил шуда, онро соли 1929 хатм намудааст. Баъди хатми Дорулмуаллимин чанд вақт аз фанни адабиёти тоҷик дар он ҷо дарс гуфтааст.

Соли 1930 ба Душанбе кӯчида омадааст. Ў сараввал котиби масъули рӯзномаҳои "Комсомоли Тоҷикистон" ва "Тоҷикистони сурх", пас ҷонишини муҳаррири масъули маҷаллаи "Барои адабиёти сотсиалистӣ" ва баъдан котиби масъули Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда кор кардааст.

Соли 1940 ба аспирантураи назди Институти адабиёти ҷаҳонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба номи Горкий ба Маскав фиристода шуд.

Бо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз аспирантура ба ҷанг рафт. Мухбири ҳарбии якчанд рӯзномаҳои дивизия ва фронтҳо буд.

Дар охирҳои соли 1944 аз фронт ба ақибгоҳ даъват карда шуд. То соли 1946 раиси Садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

Аз соли 1951 узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб шуда буд.

Фаъолияти эҷодиашро ба ҳайси мунаққид ва адабиётшинос оғоз намуда буд.Дар матбуоти даврӣ мақолаю асарҳои тадқиқотии Сотим Улуғзода аз соли 1930 пайдо шуда мунтазам чоп мешуданд.

Соли 1939 песаи "Шодмон" ва соли 1940 песаи "Калтакдорони сурх", соли 1944 песаи "Дар оташ"-ро ба табъ расонидааст.

Дар солҳои баъдиҷангӣ драмаҳои таърихии ӯ "Рӯдакӣ" (1958), "Темурмалик" (1968) "Алломаи Адҳам" (1970), "Восеъ" (1971) таълиф ёфта, ба рӯи саҳна баромаданд.

Сотим Улуғзода дар соҳаи кинодраматургия низ мақоми хосе дорад. Киноповести "Ибни Сино" (1954), "Қисмати шоир" (1957), ки соли 1960 дар кинофестивали мамлакатҳои Осиё ва Африка сазовори мукофоти "Уқоби тиллоӣ" гашта буд, шӯҳрати адабиёт ва санъати тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ бори дигар намоиш доданд.

Асарҳои мансури Сотим Улуғзода: повести "Ёрони боҳиммат" (1947), романи "Навобод" (1953), повести "Субҳи ҷавонии мо" (1954), повести "Қаҳрамони Днестр, Висла ва Одер" (1965), романи "Восеъ" (1967), Достонҳои "Шоҳнома" (дар ду ҷилд, 1967), романи "Фирдавсӣ" ва повести "Ривояти суғдӣ" (1977) муаллифи худро ҳамчун нависандаи нобиғаю нотакрор ва яке аз саромадони насри тоҷик ба хонанда шинос менамоянд.

Сотим Улуғзода – Нависандаи Халқии Тоҷикистон, Корманди Шоистаи санъати Тоҷикистон соли 1997 дар шаҳри Маскав аз ҳаёт чашм пӯшид.

## ПОРЧАҲО АЗ "РИВОЯТИ СУҒДӢ"

### ВИРКАН

1

Савдогари ғаюр ва корчаллони суғдӣ дар пайи суд ба куҷоҳое ки намерафт. Роҳҳои дуру дарози Хитой, Ҳиндустон, Эрон, Рум[1] ба вай монанди кӯчаҳои шаҳри худаш Самарқанд ё Бухоро, ё ки Пайканд шинос буданд.

Корвонҳои бозаргонии Суғдиён "Роҳи абрешим"-и кабирро, ки бо вай абрешими хитоӣ ба Эрон ва Рум бурда мешуд, мепаймуданд. Тилло, навшодир, зарфҳои нуқра, карбосу алочаи машҳури занданечӣ, дебо, чарми нафис, кимхоб, гилем, камону сипару ҷавшанҳои аълои суғдиро ба мамолики Шарқу Ғарб мебурданд. Инчунин ба тавассути онҳо молҳои бозаргонии кишварҳои мухталиф ба ҳамдигарашон интиқол меёфт. Аҷаб нест он бозаргоне, ки ба Шайх Саъдӣ гуфта буд, ки мехоҳад гӯгирди порсӣ ба Чин, косаи чинӣ ба Рум, дебои румӣ ба Ҳинд, пӯлоди ҳиндӣ ба Ҳалаб, обгинаи ҳалабӣ ба Яман, Бурди[2] яманӣ ба Порс бурдан мехоҳад, бозаргони суғдинажод бошад.

Яке аз он корвонҳо дар соли 673 мелодӣ ба Яман рафта буд, дар он ҷо бозаргонон шуниданд, ки амири араби Хуросон Убайдулло

---

[1] Рум - Византия

[2] Бурди - карбоси дурушт

ибни Зиёд аз Ҷайҳун гузашта Суғдро тохта, Бухоро, Пайканд ва шаҳру деҳоти дигарро тороҷ кардааст. Бозаргонон, ки дар Суғд оилаҳошон монда буданд ва коху кошонаҳо, молу мулк доштанд, аз ин хабари нохуш ба ҳавотир афтода, дастгоҳи тиҷоратиашон саросема барчиданду роҳи бозгашт пеш гирифтанд.

Корвон бо соҳили Баҳри Аҳмар роҳи биёбон мепаймуд. Вайро дастаи муҳофиз - бист нафар чокирони[1] мусаллаҳ, ки онҳоро бозаргонон аз ҷумлаи ҷавонони далери суғдӣ яккачин карда ба киро гирифта буданд, мушоият мекарданд. Бештарини чокирон аспсавор буданд, дигарҳошон дар каҷоваҳо ба ҳар шутур ду нафарӣ савор шуда мерафтанд.

Корвон дар чиҳил рӯз ба Мадина расид. Акнун боз ҳамон гуна роҳи дур ва пурмашаққати Шом дар пеш буд.

Офтоб сӯзон, ҳавои регзорон чун дами кураи оташ тафсон. Зангӯлаҳои панҷсаду сӣ уштури пурбор дар хомӯшии биёбони Ҳиҷоз нағмасози мақоми якнавохт…

Рӯзи саввуми сафар баногоҳ дар ақиби корвон аз дур сиёҳии саворонe намудор гашт. Саворон аз хомаи баланди рег сарозер шуда тез-тез пеш меомаданд.

Сарҳанги чокирон, ки бо нисфи дастаи худ дар думи корвон буд, аз эҳтиёт якеро сӯи нисфи пешгарди даста давонд, ки огоҳ ва ҳушёр бошанд.

Саворони пайдошуда бо ҳамон гуна яроқе, ки чокирон доштанд, яъне бо шамшеру ханҷару найзаҳо мусаллаҳ буданд. Маълум набуд онҳо кистанд: сипоҳиёни амири Мадина ё сарбозони ягон шайхи бодия? Ё балки роҳзанон бошанд?

Бадтарин гумони корвониён рост баромад: саворони ношинос наздик омада якбора бо ҳаёҳу ба болои чокирон тохтанд. Чокирон сари роҳи онҳоро гирифтанд, задухӯрд ба вуқӯъ пайваст. Муборизони ҳар ду тараф дар фаввораи гарди тафсон ба ҳам омехта шамшер мезаданд ва найза мекӯфтанд.

Яке аз чокирон, марди сисолаи тануманд, шонафарох, ришсиёҳ, ҷавшан дар бар ва кулаҳхӯди мисин бар сар, савори аспи саманди кашқа, бо нахустин ҳамла ду роҳзанро аз асп фурӯ ғалтонд ва найзаи саввумиро бо як зарби шамшери дарозаш шикаст. Аз як роҳзани захмхӯрда ҳангоми ғалтидани ӯ шамшерашро рабуда, бо ду шамшер ба ду даст бар чапу рост ва пасу пеш задан гирифт.

---

[1] Чокирон - сарбозон (бо суғдӣ)

Ин мард сарҳанги чокирон буд. Виркан ном, ғуломи бозаргони бухорой Нуфарн.

Яке аз роҳзанон, ки ҳамчунин ҷавшану кулоҳдор буд, ба Виркан дарафтид. Виркан араби миёнасоли зеботалъат ва хушсавлатеро дар баробари худ дид, ки зоҳиран саркардаи роҳзанон буд, ришу бурути кӯтоҳи базебе, чашмони калону сиёҳи шарорафшон дошт, аз ваҷоҳаташ шуҷоат меборид. "Шояд Молик ибн-ур-Райб ҳамин мард бошад" – ба дил гузаронид Виркан, зеро корвониён дар Мадина шунида буданд, ки дар он навоҳӣ роҳзани бебоке, Молик ибн-ур-Райб ном, бо дастаи ғоратгарони худ пайдо шудааст. Виркан хато накард: саркардаи роҳзанон ҳақиқатан Молик ибн-ур-Райб буд. Дуяшон бо ниҳояти тундӣ ва шиддат шамшерзанӣ карданд.

Ба зудӣ дасту гардан, китфу ронҳои ҳар ду хунин гашт. Араб дар ҳоли чорхези аспи тозиаш ба чапу рост чандон меҳамид, ки сараш қариб ба замин мерасид ва аз таги асп ба шиками аспи ҳариф ё пои савори он шамшер заданӣ мешуд, ҳам гоҳо ба болои зин рост истода ҳамла меовард. Воқеан ҷангисавори пурҳунаре буд.

Аммо паҳлавони суғдӣ ҳам аз вай намемонд.

Дар айни задухӯрд чокирони пешгарди корвон ҳам даррасиданд ва ба роҳзанони латхӯрдаву чанде қурбонҳо дода дарафтиданд.

Он гоҳ Молик навмед шуд, ӯ наърае кашида бо забони худ чизе гуфт, зоҳиран ба шариконаш фармони ақиб гаштан дод, ки онҳо якбора гурезон шуданд ва баъд саркарда ҳам аз пасашон фирор кард.

Мақтулу маҷрӯҳони дастаи Молик дар регзор монданд, аспҳои онҳоро шариконашон етак карда бурданд.

Аз чокирон ҳам як нафар ҳалок, се нафар захмӣ ва маиб шуда галтида монда буданд.

Рафиқонашон онҳоро бардошта сӯи корвон, ки пештар рафта қарор гирифта буд, равон шуданд.

Корвониён онҳоро бо нидоҳои таҳсину офарин истиқбол карданд. Чанде аз хизматгорон зуд ба гӯркобӣ ва дафни мурда, як корвонии солхӯрда аз доруҳои эҳтиётии бозаргонон ба марҳам молидан дар ҷароҳатҳои се чокири захмдор машғул гардиданд.

Дар ин асно аз Нуфарн, хоҷаи Виркан, рафторе ба зуҳур омад, ки ҳеҷ кас ва алалхусус Виркан мунтазири он набуд. Хоҷа чӣ гуна бо роҳзанон набард кардани ғуломашро назора карда буд,

ҳоло вай нохост Вирканн саропо дар гарду регу хун олударо оғӯш карда, аз сару пешониаш бӯсида ба ситоиш даромад:

– Дер зӣ, паҳлавонам, гурди сафдарам, диловарам! Агар ту намебудӣ, ҳоли мо чӣ мешуд? Ту корвонро наҷот додӣ, моро аз аҷали муаллиқ раҳонидӣ!

Нуфарн он қадар ба таассур ва риққат омада буд, ки ҳатто дар чашмони аз офтоби сӯзон ва гарди биёбон сурхгаштааш ашк ҳалқа зада, ду-се қатраи он ба риши сиёҳу сафедаш шорид. Сипас хоҷа ба корвониён мурожиат карда гуфт:

Вирканро ман ба чорсад дирам харида будам, вай имрӯз баҳои худро садчанд ва балки ҳазорчанд карда ба ман бозгардонд. Ҳамин ки сиҳат саломат ба ватан расидем, ман ба мукофоти фидокорие, ки дар муҳофизати корвон ва ҷони мою шумо аз ин диловар ба зуҳур омад ва ба шукронаи наҷот ёфтанамон аз қатлу ғорат, Виркани азизамро аз ғуломӣ озод мекунам. Оре, ман ба вай озодӣ мебахшам. Шумоёнро ба ҳамин қавли худ гувоҳ мегирам.

Шарикони бозаргонии Нуфарн, чокирон ва дигар аҳли корвон ҳама ба вай офарин хонданд, олиҳимматии ӯро ситоиш карданд ва ботинан хурсанд буданд, ки шарики савоби ғуломозодкунӣ шуданд. Бозаргонон ба Виркан, ки аз ин пешомади ногаҳонӣ, аз ин хушбахтии ғайричашмдошт моту маҳбут ва забонаш лол гашта буд, хитоб мекарданд, ки:

– Ба хоҷаат таъзим кун, шукр гӯй! Дасташонро бибӯс!

Пахлавон саросема ба хоҷааш ҳам таъзим кард, ҳам шукр гуфт ва ҳам дар пешаш ба зону афтида дасташро бӯсид...

4

Вай аз падари суғдӣ ва модари турк таваллуд ёфта буд.

Падараш Ревахшиён аслан самарқандӣ буда, бисту панҷ сол дар кишвари туркон Читтесу (Ҳафтрӯд) зист.

Суғдиён дар сарзамини туркон ҳам то ҳудуди Хитой сокин шуда, дар қади "Роҳи абрешим" ҷо-ҷо ба худ деҳаҳо, шаҳрчаҳо сохта буданд ё ки дар авулҳои туркон дар байни бошандагони тагҷоӣ мезистанд. Баъзе аз он деҳаю авулҳо манзилгоҳи корвонҳои роҳгузар буданд. Ревахшиён дар яке аз манзилгоҳҳо гумоштаи як нафар бозаргони самарқандӣ буд. Дар ҳамон ҷо вай туркдухтареро ба занӣ гирифт. Зан дар вақти зоиши аввал мурд, кӯдакаш зинда монд, вайро бо шири буз, оҳу, асп парвариданд. Бача то бистсолагӣ дар Читтесу ба тарбияи падараш буд. Монанди ҳамсолони туркнажоди кӯчманчии худ аз сесолагӣ аспсаворӣ омӯхт. Чун ба

воя расид, ҷавони бокитфу бозу, нерӯманд ва ниҳоят чобуке гардид. Аз аспи савории худ ба пушти аспи ромношудаи гурезон меҷаҳид ва онро то ром накунад, аз пушташ намефаромад. Шикордӯст буд, бо шикорчиён пайваста ба шикори гург, рӯбоҳ, гавазн мерафт.

Падараш дар пирсолагӣ ба Самарқанд баргашт дар деҳаи Ревдод, ки зодгоҳаш буд, сукунат ихтиёр кард.

Фарзанди даштҳои беканор ва кӯҳҳои баланд Виркан ба деҳқонию боғдорӣ одат накард, ҳавасаш ба асп ва камон буду бас. Аспе дошт саманди қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум, ки ба вай Рахши пасин ном ниҳода буд, яъне Рахши пешин аспи Рустами Дастон аст ва ин пас аз вай. Ҷавон ҳар гоҳ, ки ба Рахши пасин менишаст, худро шаҳсавори ҷаҳон ҳис мекард. Бо он асп ба шикор мерафт, чавгонбозӣ мекард, (чавгонбозӣ писандтарин бозии ҷавонони Суғд буд), дар маъракаҳо савора гӯштӣ мегирифт. Дар ду бозии охир аксаран ғолиб мебаромад. Дар байни ин шуғлҳо вай ҳафтае як бор-ду бор аз дараи Киштут бо ду уштури падараш ангиштсанг кашонда дар бозори Самарқанд мефурӯхт.

**Савол ва супориш**

1. Зодгоҳ ва айёми бачагии Вирканро шарҳ диҳед.
2. Виркан дар Ревдод ба чӣ корҳо машғул буд?
3. Корвони суғдиёнро чӣ маҷбур кард, ки пеш аз мӯҳлат бар ватан баргардад?
4. Дар роҳ чӣ ҳодисаи мудҳиш рух дод?
5. Виркан дар биёбони Ҳиҷоз чӣ корнамоӣ нишон дод?
6. Аз матн пайвандакҳои таркибиро ёфта нависед.
7. Тарзи истифодаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

## НАНИМАНЧА

## 5

Дар Ревдод ҷомашӯйзанаке буд. Наниманча ном духтаре дошт, ки хона ба хона гашта пӯшоки чиркин мегундошт ва баъди шустан онро ба соҳибашон оварда медод. Вай ҳафтдаҳро пур карда ба ҳаждаҳ қадам монда бошад ҳам, шавҳар накарда буд, ҳол он ки духтарони чордаҳ-понздаҳсоларо бавоярасида медонистанд ва ба шавҳар медоданд. Наниманча худаш шавҳар кардан намехост, зеро аз якка мондани модари пири дардмандаш андеша дошт ва модараш ҳам аз ҳамин тарсида духтарашро маҷбур

намекард. Занак барвақт бева монда, дар чилсолагӣ аз меҳнату машаққати зиндагӣ пир гашта буд ва ҳам тез-тез бемор мешуд. Ду бор ду сағирро ёфта хонадомод карданӣ шуд, лекин духтараш онҳоро рад кард. Агар хостгоре мебаромад, ки розӣ мешуд, ки модарарӯси оянддаашро ба хонаи худ бараду пояд, Наниманча шояд ҳоло шавҳардор мебуд, аммо чунин хостгоре ҳанӯз набаромада буд. Духтарак ба чеҳра зебо набуд, лекин дилкаш буд, пайкари рехтаи мавзуне дошт. Мардон ба вай бо чашми ҳавас менигаристанд, ҷавонон гап мепартофтанд, аммо Наниманча аз ҷумлаи духтароне буд, ки мақоли "Даст расону ба бало мон" дар ҳаққи онҳо гуфта шудааст. Вай ба болои чақчақию серғайратӣ шаттоҳ ҳам буд, бало буд, бо забони тундаш ба як гап ду гап мегардонду ба кулӯхандоз санг меандохт. Дар хонаводаи ғарибашон мардина набуд, лекин ба ҷои мардина Наниманча бас буд, вай кори ҷавонмардиро мекард.

Модару духтар пӯшоки Ревахшиён ва Вирканро ҳам мешустанд.

Рӯзе аз рӯзҳо пӯшоки шустаи онҳоро ба ҷои Наниманча модараш овард.

Ҳангоме ки занаки нимҷон ва хастаҳол бухчаи вазнинро ба замин гузошта аз даруни он пӯшоки падару писарро мебаровард, Ревахшиён ба вай раҳмаш омад ва пурсид:

Чаро бухчаро худат бардошта гаштай, духтарат куҷост?

Занак ҷавоб надода ба замин нигарист, оби ба чашми ҷӯкидаи камнураш омадаро бо нӯги сарпечи даридааш пок кард.

Чӣ хабар? Магар ба Наниманча ҳодисае рӯй дод? – ба хавотир афтод пирамарди раҳмдил.

Ҳодиса гуфтию мондӣ, – ҷавоб дод занак ва давоми суханашро бо душворӣ ба забон ронд: – Ин гапро ба кас гуфта намешавад, лекин ба ту мегӯям, ту одами бохирадӣ, рози касонро ифшо намекунӣ. Духтарам... дуҷон шудааст. Зан дар ин ҷо боз гирист. – Шармандаам ман, додар. Ба мурданам сад бор розиям, лекин аҷал ҳам ба ман механдаду маро намегирад...

– Аз кӣ? Аз кадом зиногари нокас бошад?

– Ман чӣ донам? Вай намегӯяд. "Напурс, айб ба худам" мегӯяду дигар гап намезанад... Ҳомилагиаш маълум... Шарм карда аз хона намебарояд.

Ревахшиён андешаманд шуда, дигар пурсуков накард, ба музди ҷомашӯӣ ним галбер ҷав бароварда дода, занакро гуселонд.

Рози ғамангези занак дили пирамардро сиёҳ кард. Ва ин фақат аз роҳи раҳмдилӣ набуд, балки ваҷҳи дигаре ҳам дошт.

Чанде пеш Виркан аз падараш хоста буд, ки Наниманчаро ба зании ӯ хостгорӣ кунад. Гуфта буд: "Модарашро ҳам ба хона меорам, очаю духтар хизмати рӯзгори туро ҳам мекунанд". Аммо Ревахшиён ин гапро ҳатто шунидан нахост, қатъиян рад кард. Вай аз хешии ҷомашӯйзанаки дарбадар ор мекард. Ҳоло пирамард аз хаёли он, ки бо рад кардани хоҳиши писараш аз ғайри ихтиёри худ як дараҷа сабабгори бадбахтии духтарак ва модари ӯ шудааст, азияти виҷдон мекашид.

Виркан аз шикор баргашт.

Ревахшиён розро ба дилаш гунҷонида натавониста ба вай гуфт:

–Ҷомашӯйзанак омада буд, гирёну нолон. Духтараш аз кадом як зиногари нокас обистан шудааст.

Виркан якбора дар ҷои нишастааш безобита шуд, чашмонашро калонтар кушода, сӯи падараш ҳамида пурсид:

– Обистан?

– Оре, – аз безобита шудани писараш тааҷҷуб карда ҷавоб дод Ревахшиён.

Виркан бархост, андешаманд қадаме чанд дар рӯи ҳавлӣ гашт, лаби ҷӯй дикак нишаста дар оби он даст шуст, боз хест, мурғони сайд кардаашро аз ҷое, ки гузошта буд, бидуни зарурат бардошта, ба ҷои дигар гузошт: сипас баргашта назди падараш нишасту гуфт:

– Ман... Падари кӯдакаш манам.

– Ту? – пирамард ба шунида бовар кардан намехост.

– Оре, падар, ман.

– Ту чӣ кор кардӣ, лаънатӣ? – шӯрид Ревахшиён. – Агар ин роз ошкор шавад, туро ба дор мекашанд, ӯро сангсор мекунанд!

– Ором бош, падар, Наниманчаро ба занӣ мегирам. Акнун ту не гуфта наметавонӣ. Кайҳост, ки дӯсташ медорам.

Ревахшиён якбора дам фурӯ баст, ҳеч нагуфт.

Фасли харбузапазӣ буд. Виркан аз полизча, ки падараш дар ҳаёти пушти боми хонаашон кошта буд, ду харбузаи калонро канда оварда ба хурҷини андохт, боз ду нони тобагӣ ва аз чорто мурғи титав, ки он рӯз сайд карда буд, дутояшро андохт ва хурҷинро ба китфаш гирифта равон шуд.

## 7

Нимвайрона кулбаи шустагарзанак дар канори деҳа ба лаби чилдиробаи сой меистод.

Модару духтар аз болои тавораи пастаки хасин Виркани хурҷин бар дӯшро, ки калон-калон қадам партофта ба сӯи дари ҳавличаи онҳо меомад, дида ҳайрон шуданд: писари Ревахшиён пеш аз ин ба хонаи онҳо хеч наёмада буд. Наниманча бошад, ба болои хайраташ бедасту по ҳам шуд. Виркан низ ҳар дуро медид ва аз онҳо чашм наканда хандон меомад. Наниманчаи бекарор сурх шуд, сафед шуд ва ниҳоят саросемаю харосон худро ба даруни кулба гирифта дари онро пӯшид.

Модараш аввал аз ин ҳолу ҳаракати вай тааҷҷуб кард, сониян сабабашро ба фаросат дарёфт. Нахустин бор дарёфт ва ба худ ларзид.

– Шод бош, хола! – ин нидои ҷавонмард занакро ба худ овард. (Суғдиён ҳанӯз "саломалайкум"-и арабиро намедонистанд, ба ҷои салом "Шод бош" ё ки "Хуш бош" мегуфтанд.

Кадбону ба суфачаи зери дарахти пири сершоху барги зардолу пӯстак андохт. Виркан дар он нишаст.

– Ин камак савғотиро бигиру аз имрӯз маро фарзанд бигӯ, – ҷавон ба хурҷини дар лаби суфа гузоштааш ишора кард.

– Духтаратро бихон.

Аммо аз занак пештар худи Виркан ба духтарак овоз дод.

– Баро, Наниманча, ман пеши ту омадам. Касон дуи моро ба ҳам пайвастан нахостанд, Худоён пайвастанд. Ту барои ман паҳлавонписаре хоҳӣ овард.

Ваҳ чӣ суруре аз ин суханон бар синаи Наниманча роҳ ёфт, чӣ рӯшноие ба дилаш тофт! Вай гӯё аз ғайб овози фариштаи сурушро шунид, ки аз толеи фирӯз ва истиқболи рахшонаш башорат медод. Дилшикастагӣ, тарсу ваҳми бадномӣ, ғами бекасӣ ва бепанохӣ, ки вақтҳои охир пас аз маълум шудани обистаниаш ҷони ӯро дар шиканҷаи азоб андохта буданд, ба як бор нопадид гаштанд. Вай даст ба шиками як қадар баромадааш, - хаёлан ба китфи кӯдаки ҳанӯз ба олам наёмадааш ниҳода, хушбахт ва ризоманд, ҳамчун касе, ки ғарқи орзӯи ширине бошад, бо чашмони намгирифта ба дуродур менигарист ва девори хона ҳам гӯё ба ин дурнигарии ӯ монеъ намешуд. Гар дар ин дам назари Виркан ба вай меғалтид, чӣ малоҳати дилрабое дар вай медид ва шояд ба худ мегуфт, ки арӯсаш воқеан зебост, нозанин аст. Алҳақ шодию хушбахтӣ ҳатто безебро зебо ва пирро барно мегардонад.

Фақат Виркан дар ҷавоби даъваташ аз кулба чунин овозе шунид:

– Намебароям! Бирав!

Аммо ин овози ноз буд, на қаҳр. Виркан хандиду боз гуфт:

– Хуб, барову худатро ба ман бинамой, баъд меравам.

Модар ҳам духтарашро садо карда:

– Баро! Аз кӣ шарм медорӣ? Он вақт, ки бо ин ҷавон хилват мекардӣ, шарм надоштӣ ва акнун медорӣ? Баро зудтар, беҳаё, меҳмонро пазирой кун! – гуфт, лекин худаш даҳонашро бо нӯги остин пӯшонда табассум мекард; гуфтораш ба шунидан сарзаниш буд ва ба фаҳмидан навозиш.

Баъди андак фурсат Наниманча аз дари кулба намоён шуд; рӯяшро бо банди дасташ панаҳ карда буд, паҳлунокӣ дар дами дар истод. Виркан ба наздаш рафт, оҳиста даст ба китфаш гузошт, арӯс китф ҷунбонда дасти ӯро дур кард; домод дар ҳоле, ки лабханд мекард, овозашро қасдан дурушттар намуда гуфт:

– Ба ман нигар, духтарак! Тезтар ана он титавҳоро пар бикан ва кабоб бикун, ки ман гуруснаам.

Наниманча ҳам акнун хандида, сурх шуда, як нигоҳи шармзадаи гурезон ба рӯи Виркан афканду бо ҷадал сӯи суфра равон шуд...

**Савол ва супориш**

1. Дар бораи Наниманча ва оилаи ӯ маълумот диҳед.
2. Симои ботинӣ ва зоҳирии ӯро шарҳ диҳед.
3. Машғулияти асосии Наниманча аз чӣ иборат буд?
4. Модари Наниманча кӣ буд ва бо кадом хислатҳои хоси худ фарқ мекард?
5. Аз матни "Наниманча" пайвандакҳоро ёфта, шарҳ диҳед, ки онҳо ба кадом вазифа омадаанд?

## МУРОД ВА НОМУРОДӢ

### 8

Дертар Вирканро мастии ҷавонӣ ва гурури паҳлавонӣ ба васвасаи зӯрозмой бо паҳлавони Суғд андохт. Ба ин вайро ёру ҷӯраҳояш ҳам якзайл тарғиб мекарданд: "Ту бо ин китфу ёл, бо ин зӯри паҳлавонӣ, ки дорӣ, ғолиб мебарой. Нахустпаҳлавонӣ ҳаққи туст". Ҳатто мегуфтанд, ки агар вай аз хариди лавозимоти набард - сипар, кулоҳу ҷавшан андеша дошта бошад, онҳо тайёранд ин чизҳоро худашон шарикона бароящ бихаранд. Виркан ҷазм кард.

Расми суғдиён буд, ки хар сол рӯзи якуми моҳи Навсард, ки сари соли суғдӣ - Наврӯз буд ва оғози тобистон ҳисоб меёфт, нахустпаҳлавони Суғд муқаррар мегардид, бо ин тарик, ки он рӯз барои пахлавон суфраи таому шароб густурда мешуд, хар кӣ аз он таом ва шароб хӯраду нӯшад, бо ҳамин худро рақиби паҳлавон эълон карда, ӯро ба майдони мубориза мехонд. Агар дар майдон бар вай ғолиб ояд, худаш паҳлавони якуми Суғд мешуд. Мағлуб ба дасти ғолиб кушта мегардид.

Боре Виркан аз бозори Самарқанд ба Ревдод баргашта уштурони аз бори ангишт холишударо дар дашт раҳо карду ба хонаашон омада падарашро дар боғчаашон машғули токбурӣ ёфт. Дуяшон дар лаби ҷӯй барои дамгирӣ нишастанд.

Виркан гуфт:

– Падар, Наврӯз наздик аст.

– Наздик, – тасдиқ кард пирамард ва пурсид: – Чаро ту ёди Наврӯз кардӣ?

– Ман бо Ёдхишетак набард кардан мехоҳам. Ёдхишетак номи паҳлавони Суғд буд. Ревахшиён ҳайрон шуд, бодиққат ба писараш нигаристу гуфт:

– Туро чӣ шуд? Магар дар кони ангишт бо шимну[1] дучор шудӣ ва ӯ туро гумроҳ кард?

– Не, падар шимнуро ман надидам. Даме ки ин хаёл дар ман пайдо шуд, дилам бо худоёни бузургамон Зарвон, Баг, Митра буд, ин хаёлро ба дили ман онҳо андохтанд.

– Охир ба Ёдхишетак агар даст наёбӣ, кушта хоҳӣ шуд! Чӣ магар аз ҷонат сер шудӣ?

– Хоҳу ноҳоҳ рӯзе ҷон маро тарк мекунад, пас чӣ фарқ дорад, ки андак пештар ё андак дертар. Аммо агар худоён маро мададгор шаванду бар паҳлавони Суғд даст ёбам, ҳароина сарфарозӣ ёфтаам.

– Ба занат гуфтӣ?

– Ҳанӯз не. Вай албатта, розӣ намешавад, мешӯрад. Келинат даст задани маро ба ҳеҷ як коре, ки андак хатаре дар вай бошад, намехоҳад.

– Зеро ҳар хатаре, ки ба сари ту ояд, ба сари вай ва фарзанди ояндаи шумоён ҳам омадааст.

–Агар ту маро манъ накунӣ, ман ба Наниманча мегӯям, ки падарам ин корро раво донист ва иҷозатам дод.

---

[1] Шимну (ба суғдӣ) - дев, аҳриман, иблис

Ревахшиён ба сукут рафт ва сипас гуфт:

– Ман туро аз оқибати ин кор огоҳ кардам. Ту кӯдак нестӣ, марди рашид ва ҳушмандӣ, худат хуб биандеш. Аммо агар ба набарди Ёдхишетак ҷазм кунӣ, аввал ба вагн[1] бирав, назр бикун, аз магупат[2] дуо бигир.

Худи Ревахшиён бе он ки аввал ба парастишгоҳ бираваду аз пешвоёни мазҳаб дуо бигирад, ба ҳеч кори муҳим ибтидо намекард, марди солеҳ ва тақводоре буд. Дар ризояти ӯ ба набарди писараш бо паҳлавони Суғд низ сухани Виркан, ки гуфт ин хаёлро худоён ба дили вай андохтаанд, бетаъсир набуд.

**9**

Дар ду хонаи айвон дар миёна Виркан бо занаш ва модарарӯсаш мезистанд. Ревахшиён рахти пирии худро ба қазноқ кашида буд, қазнокро аз лақулуқ холӣ ва андова карда буданд. Бо пайдо шудани ду зан рӯзгори хона, зисту зиндагӣ дар вай низом гирифт. Даруну берун доим рӯфтаю чинда, хонаҳо озода, ҳар рӯз дар сари вақт оташдон гарм ва дег ҷӯшон, пӯшокҳо покиза. Ин ҳама аз кӯшишу ғайрати кадбонуи ҷавон ва модари ӯ буд. Аҳли хонавода бо ҳам меҳрубон буданд. Нанимаича зани маҳбуба буд ва худаш ҳам шавҳарашро аз ҷон дӯсттар медошт. Гӯё саодат бо саломат ҳамъинон буд. Фақат як чиз ҳамчун пораи абре дар рӯзи равшани офтобӣ соягустари хотир шуда буд: тарси мӯҳтоҷӣ. Аз ду уштур яке барои тӯи арӯсӣ ба фурӯш рафт ва нисфи пасандози ангиштфурӯшӣ ҳам харҷ шуд (нисфи дигари онро Виркан ба рӯзи мабодо нигоҳ медошт). Ҳосили ним ҷуфт замин ва ҳамин миқдор боғ то нимаи зимистон ҳам намерасид. Ангишткашӣ бо як уштур суди казоӣ надошт. Виркан ин шуғлро тарк кард; шикор ҳам камтар (зеро ба ҷои падари пиргашта хоҳу ноҳоҳ дар замину боғ кор кардан лозим буд) ва аммо хароҷоти оила бештар шуда буд. Дасти беамони мӯҳтоҷӣ, нодорӣ дари ин хонаро мекӯфт.

Мақсади ниҳонии Виркан аз набарди паҳлавони Суғд рафъи ҳамин мӯҳтоҷӣ буд. Зафар бар Ёдхишетак ӯро паҳлавони лашкари подшоҳ хоҳад кард ва ин мансаб ба вай ном, иззат, дороӣ хоҳад овард.

Виркан ба Нанимаича, ки нияти пурхатари шавҳарашро ҳеч намеписандид, ба таври нимҳазлу нимҷиддӣ манзараи ҳаёти бо ҷоҳу ҷалолеро тасвир мекард:

---

[1] Вагн - парастишгоҳ, оташкада

[2] Магупат - мугӣ калон, нигоҳдорандаи оташи муқаддас

– Ту ҳарирру дебо хоҳӣ пӯшид, барракабоб бо шароби ноб хоҳӣ хӯрд. Ба меҳмонӣ равӣ, ба ҷашнҳо ё ба дарбори подшоҳ равӣ, ё ки ба гармоба равӣ, дар тахти равон хоҳӣ рафт, бо ғуломону канизон хоҳӣ рафт. Дар кӯчаҳо мардумон тахти равони туро аз дур дида хоҳанд гуфт: "Ана Наниманчабону, зани нахустпаҳлавони Суғд, ба дарбор ё ба ҷашн ё ба гармоба равон аст".

Не, Наниманча ба ин афсонаю афсун фирефта намешуд.

– Магӯ, Виркан! – Ҷавоб медод ӯ. – Ман хоҳони ҳарирру дебо нестам, кабобу шароб ҳам дар гӯр шавад; ман бо ту ба нони ҷавину оби ҷӯш серам. Зорӣ мекунам, азизам, аз ин хаёлоти хом даргузар ва худатро, маро, фарзанди ояндаамонро дар хатар наандоз.

Виркан аз изҳори нияти худ ба занаш пушаймон шуд. "Чаро гуфтам? – надомат мекард ӯ. – Гуфтан лозим набуд. Зан аз чор девори ҳавлӣ берунро намебинад, аз кори дунё бехабар аст, дили мардро намедонад. Лекин ман, – мегуфт ӯ ба худ, – ман мардам, набояд бо гапи зан аз нияте, ки худоён ба дилам андохтанд, баргардам".

Боре вай ба Самарқанд рафта, аз он ҷо бо сипар, ҷавшан ва кулоҳи мисин баргашт. Маълум шуд, ки уштурро фурӯхта, ба пули он пасандози ангиштфурӯширо зам карда ин анҷомро харидааст.

Наниманча аз зорию илтиҷои беҳудааш маъюс шуд, гирист. Аммо акнун ӯро ба ҷуз тан ба қазо додану дуои ҷони шавҳарашро кардан ва ҳаросону ларзон оқибати корро нигарон шудан чора набуд.

## 10

Ризояти падар ҳосил шуда буд, акнун Виркани зардуштимазҳаб бузғолаеро барои назр кашола карда пайи ривояти худоён ба оташкадаи Самарқанд рафт.

Чун аз дарвозаи баландтоқ вориди саҳни васеи парастишгоҳ шуд, дид, ки мағупати сафедриши мӯйдароз ва сапуро бараҳна пеши оташхонаи тиллокорӣ дар айвони дарози мунаққаш ва мусаввар, ки бар ҳашт сутуни кандакории нафис қарор гирифта буд, нишастааст. Вай донандаи китоби муқаддаси "Авесто" ва нигоҳдорандаи оташи абадӣ буд. Ба эътиқоди зардуштиёни оташпарасти Суғд он оташро ҳазор сол пеш писари Сиёвуш барафрӯхта будааст, онҳо дар қатори худоёни бисёр Сиёвушро ҳам мепарастиданд ва рӯзи марги ӯро, ки дар моҳи ҳафтуми суғдӣ воқеъ шуда будааст, мотам гирифта, сиёҳ пӯшида, побараҳнаю гирён ва синазанон мегаштанд.

Мағупат нишаста буду китоби дуоҳои зардуштӣ "Офарингор"-и дар варақҳои чарми ҳайвонот навишташударо мехонд. Виркан бузғоларо ба муғбачаи хизматгор супурд ва мӯкиашро кашида побараҳна ба айвон баромаду аввал сӯи оташхона саҷда кард ва сипас назди мағупат зону зада, дасти ӯро гирифта бӯсиду гуфт:

– Эй донои доноён, донандаи ошкору ниҳон, воқифи асрори замину осмон, барои ман аз худоён нерӯ бихоҳ, ки нияти набард кардан дорам.

Мағупат пурсид:

– Ту кистӣ?

– Виркан, писари Ревахшиёни ревдодӣ.

– Магар туро душмане пеш омадааст?

– Не, бо Ёдхишетак – паҳлавони Суғд набард мекунам.

Мағупат чашмони хираи мижгонрехтаашро калонтар кушода, ба андоми гӯянда нигарист, лекин дар вай чандон нишони паҳлавонӣ надид: на китфу бозуи сутург, на синаи чун сипар дамида, на гардани ғафси пуррагу пай. Виркан ҷавонмарде қадаш аз миёна болотар, шонафароҳи миёнборик ва хушпайкар буд. Фақат дастҳояш, панҷаҳои дурушти шахшӯлаш, ки ҳоло ба рӯи зонувони ӯ ёзида буданд, аз нерӯмандии ӯ хабаре медод: чунин менамуд, ки он панҷаҳо ниҳоят сахтчанголанд ва ҳар чиро қапанд, чун анбӯри оҳанин мекапанд.

Ва инчунин нигоҳи ҷасуронаи чашмони калони мешии ӯ як навъ гувоҳи шуҷоати ниҳониаш буд.

– Агар ба Ёдхишетак даст ёбам, ба ваги ду сар гӯсфанд бахшиш меорам, – гуфт боз Виркан.

Мағупат бо овози хиррӣ дуое аз дуоҳои зардуштиро хонда ба ҷавонпаҳлавони номҷӯй дар набарди хатарноки ӯ зафар талабид.

– Эй подшоҳи худоён, Зарвон, аё Митра, аё Баг, шумоёнро мепарастам; бандаи худатон Вирками Ревахшиёнро мададгор бошед, бар нерӯи тану ҷонаш бияфзоед ва дар разму набардҳо забардасташ кунед...

**Савол ва супориш**

1. Ҳаваси нахустпаҳлавони Суғд шудан дар дили Виркан чӣ хел пайдо шуд?
2. Ревахшиён ба Виркан чӣ маслиҳат дод?
3. Наниманча ба азму нияти Виркан чӣ ҷавоб дод?

4. Ҷашни Наврӯз ва разми нахустпаҳлавонҳоро тавсиф намоед.
5. Виркан аз кӣ дуо гирифт?

## 11

Дар Суғд ҳеч яке аз маросимҳои бисёри суғдиён бо чунин фароҳӣ, шукӯҳ ва хуррамии тамоми халқ ҷашн гирифта намешуд, чуноне ки Наврӯз гирифта мешуд. Марду занҳо, бачаҳо либосҳои рангоранги идона пӯшида ба сайри саҳроҳо, боғу бӯстонҳо мебаромаданд ва ба шарафи вуруди тобистони файзбор таронаҳо мехонданд, бозиҳои гуногун барпо менамуданд. Меҳмондориҳо, зиёфатҳои ҳамдигарӣ авҷ мегирифтанд.

Ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар дар сайргоҳи беруни шаҳр баргузор мешуд: дар он ҷо созанда ва сарояндагон, гӯяндагон, раққосон, шаъбадабозон издиҳоми халқро дилхуш мекарданд. Ҷавонон гӯштингирӣ, чавгонбозӣ мекарданд, пойга метохтанд.

Дар сояи садаи калон, рӯи тахтасуфаи баланд барои нахустпаҳлавони Суғд хони алвон густурда, дар лаълиҳои биринҷӣ нон, гӯшти пухта, кӯзаи шароб гузошта шуда буд. Дар сари хон касе набуд, худи паҳлавон дар як канори сайргоҳ бо саворони ишхид[1] саргарми чавгонбозӣ буд.

Саворе ҷомаи абрешимини сабзу гулобӣ дар бар ва камарбанди нуқра дар камар, аспи саманди қашқаашро тунд ронда омаду дар пеши тахтасуфа пиёда шуд. Аспро набаст, ҷилавашро раҳо кард: ҷонварро ба набаста истодан дар наздикии соҳибаш аз аввал одат кунонда буд.

Аҳли ҷашн Виркани ревдодиро, ки дар маъракаҳо як бору ду бор дида буданд, шинохтанд ва зуд бар вай гирд омаданд, зеро пай бурда буданд, ки пиёда шудани ӯ дар наздики хони зиёфати паҳлавони Суғд бесабаб нест. Виркан даст дар сина ниҳода ба гирду пеш сӯи марду занҳо салом кард ва ба болои тахтасуфа баромада нишасту аввал аз кӯза ба ҷоми калони сафолин шаробро пур рехта покиза дам кашид ва сипас нон ва гӯштро бо луқмаҳои калон-калон хӯрдан гирифт. Табъаш чоқ, чеҳрааш хандон буд. Аз издиҳоми мардумон ғалоғула, нидоҳои таҳсину тасанно баланд шуданд:

– Офарин, Виркани далер!
– Ҳамоварди Ёдхишетак танҳо туӣ...
– Ту ӯро мағлуб мекунӣ!...
– Худоён паҳлавонии Суғдро ба ту фармудаанд!...

[1] Ишхид - лақаби подшоҳи Суғд

## 12

... Инак дар майдони машқи сарбозон Ёдхишетак паҳлавони паҳлавонон ва Виркани чӯяндаи ин номи фохира аз ду ҷониб бaромаданду шутурмурғвор ҷаҳида-ҷаҳида, дастҳояшонро чун боли уқоб афшонда-афшонда ба истиқболи якдигар равон шуданд.

Дар миёнҷои майдон ба якдигар расида ду даст ба ду даст гирифтанду як-як китф ба китф расонда воҳӯрӣ карданд. Ҳар ду то миён луч, мӯи сари ҳар ду то буни гардан фаромада ва бо чамбараки нафиси симин баста. Ёдхишетак бузургпайкар, сари синаву китфони тавонояш пурмӯй, қадаш аз ҳариф ним сар баландтар.

Виркан нисбат ба ӯ борик, мушакҳои бозувонаш ва ду паҳлӯяш арғамчинвор печида ва ҷаста.

Дар гирдогирди майдон тамошобинон – мардумони шаҳр, сарбозон, аъёну ашроф, дарбориёни ишхид ҳалқа задаанд. Дар ҷои баланд ишхиди заррининкулоҳу камар, риши кӯтоҳу сиёҳи наълшаклаш ба гирди чеҳрааш аз чакка нимҳалқазада, дар иҳотаи дарбориёни худ бар тахт нишаста буд. Офтоби пагоҳонӣ тобон, карнайҳо, таблу нағораҳо пурсадо.

Паҳлавонон гарми гӯштингирӣ. Гоҳ аз дӯшу миёни якдигар гирифта фурсате оромона алвонҷ мехӯранд ва гоҳе тундутез гардида ҳамдигарро бардошта заданӣ мешаванд. Зӯр ба тарафи Ёдхишетак буд. Вай ҳарифро бо вазни филонаи худ пахш карданӣ мешуд ё ки сабук ба дӯш, ба паҳлу, ба болои сар мебардошту меандохт, лекин Виркани чобук ҳар бор ба по меафтид ва намеғалтид, балки худи паҳлавонро зер карданӣ мешуд. Вай ҳам се бор поҳои Ёдхишетакро аз замин канда бо тамоми қувваташ ӯро чаппагардон карданӣ шуд, лекин поҳои оҳанини Ёдхишетак ҳеҷ қатъ намешуданд ва ҳар бор сутун шуда соҳибашонро аз ғалтидан нигоҳ медоштанд, устувор ва қавӣ буданд.

Ҳар дам ҳаёҳу ва ғулғулаи тамошобинон бонги таблу карнайҳоро пахш мекард.

Паҳлавонон қариб ду соат гӯштӣ гирифтанд, аммо зафар ба ҳеҷ тараф даст надод.

Он гоҳ ишхид амр кард, ки бас кунанд ва баъд аз пешин савора гӯштӣ гиранд.

Аммо гӯштингирии савора ҳам, бо вуҷуде ки хеле тӯл кашид, натиҷа надод, саворон якдигарро аз зин канда наметавонистанд. Ишхид дилтанг шуда маъракаро барбаст ва фармуд, ки паҳлавонон рӯзи дигар бо найза набард кунанд.

## 13

Дар бозгашт ба шаҳр Ёдхишетак дар ақиби ишхид бо ҳамроҳии саворони вай мерафт. Ишхид дар нисфи роҳ ӯро ба назди худ хонд. Ёдхишетак шитобон рафта дар наздики вай аз асп фаромаданӣ шуд (дар пешгоҳи подшоҳ савора ҳозир шудан мамнӯъ буд), лекин ишхид ишора кард - иҷозат дод, ки савора ояд. Паҳлавон чанде дар паҳлуи вай асп ронд. Ишхид пурсид:

– Ҳарифатро чӣ гуна ёфтӣ?

– Ҳарифи шоистаест шоҳам, – ҷавоб дод Ёдхишетак. – Ба нерӯ шерро монад, ба тезчангӣ палангро ва ба чобукӣ гурбаро.

– Ту аз ӯ бим дорӣ?

– Не, шоҳам, ғуломи шоҳам умедвор аст, ки бо мадади худоён ва меҳрубонии шоҳи бузург фардо бар вай зафар ёбад.

– Аммо чунин умедро ӯ ҳам дорад.

– Оре, лекин ғуломи шоҳам гумон намекунад, ки умеди Виркан бо дилпурӣ бошад.

– Пас ту бо дили пур умедворӣ?

– Охир, ғуломи шоҳам бо мадади худоён ва меҳрубонии шоҳи бузург дар се соли гузашта се навбат бар рақибон зафар ёфт, пас чаро бо дилпурӣ умедвор набошад, ки ин навбат ҳам худоён ва шоҳи бузург ба вай меҳрубон ва мададгор хоҳанд буд?

– Мо хоҳони зафари туем, аммо… ҳайф аст, ки ҷавонпаҳлавоне чун Виркан кушта гардад.

– Савганд ба Заврони бузург, ки инро ғуломи шоҳам низ намехоҳад ва агар шоҳи бузург нафармояд, ғуломи шоҳам ӯро намекушад, аммо ғуломи шоҳам чӣ кунад, ки ин расмро пешиниён ниҳодаанд…

Оре, паҳлавони номдори найзаву шамшеру каманду камон Ёдхишетак аз зафар ёфтани худ дар набарди фардо дилаш пур буд.

Пас Виркан чӣ?

Виркан дар шубҳа афтода буд.

Ёдхишетак аз гумони ӯ пурзӯртар, пурҳунартар баромад. Дар гӯштии савора Виркан қариб буд, ки мағлуб шавад.

Дар хонаашон вай парешонхотир менамуд, камгап буд. Ревахшиён, ки дар маърака ҳозир ва гӯштингирии писарашро бо дили тапон назора карда буд, ба андешаи Виркан пай бурд ва гуфт:

– Бешак, Ёдхишетак аз ту пурзӯртар аст, аммо назар ба ту зудтар монда мешавад. Ту аз вай ҷавонтар ва чобуктарӣ, ҳам

пурбардоштар; ба гумон, агар ту тавонӣ, ки набардро кашола дода ӯро монда кунӣ, шояд ғолиб барой.

Аммо ин маслиҳатҳои падар хотири Вирканро осуда накард. Вай шабҳангом боз ба зиёрати оташкада рафта аз магупат дуою фотиҳа гирифт.

## 14

Пагоҳӣ роҳи аз шаҳр то майдони машқи сарбоз беш аз пеш пуртараддуд буд. Тӯда-тӯда пиёдаҳо, аспакиҳо, аракиҳо ба он сӯ мешитофтанд. Ишхид бо мушояати дарбориён ва чокиронаш низ дар он ҷо ҳозир гашт.

Ёдхишетак савори аспи гарданфарози йурғаи ҷиран, Виркан савори саманди қашқаи худ ба майдон даромаданд. Ҳар ду бо ҷиҳозу аслиҳаи ҷанговарон: найза, зиреҳ, сипар, кулаҳхӯди мисини рӯпӯшакдор муҷаҳҳазу мусаллаҳ.

Гулбонги духулу наъраи карнайҳо оғози набардро эълон кард.

Паҳлавонон аз ду ҷониби майдон сари аспони шиҳакаши беқарорро ба чорхези пурҳайбате андохта, найзаҳоро ба пеш рост карда ба муқобили якдигар тохтанд.

Пайконҳои пӯлодини найзаҳо яке ба сипари Ёдхишетак ва аз они ӯ ба зиреҳи Виркан дар ғояти тундӣ кӯфта шуданд, аммо нахалиданд, ғеҷиданд, аспони ҷангӣ ба ҳам бархӯрда шиҳаи пурғулғулае кашида ду пои пеш барафроштанд, гузаштанд, рафтанд.

Издиҳоми халқ аз ҳаяҷон дам ба дарун кашида садое намебаровард. Имрӯз ин набард бояд бо ҳалоки яке аз паҳлавонон анҷомад.

Ҳамлаҳо, мусодамаҳои шадиду каттол дувоздаҳ карат такрор шуданд. Найзаи ҳамлаовар гоҳ бо зарби чобуконаи найза муқобил гардонда мешуд, гоҳ ба сипару зиреҳ ё кӯҳаи зин бармехӯрд, гоҳо ҳариф дар лаҳзаи хатар зуд ба ин ё он паҳлу хамида пайкони ҷоншикорро чапғалат медод.

Дар карати сездаҳум найзаи Виркан аз зарби гарони силоҳи рақиб шикаст. Ёдхишетак ҳамон лаҳза бо тамоми қувваташ ба зери шиками зиреҳпӯши Виркан найза зад, ӯро аз болои зин чапагардон карда партофт.

Ғиреве аз издиҳоми халқ бархост. Фарёди ҷонхароши марде баланд гардид:

– Вой писарам! Ҷавонмарг шудӣ! Э вой, хок бар сарам!

Ревахшиён ду дасти мусибат ба сар мезаду менолид.

Виркани латхӯрдаву дар замин ёзида ҳаракати бархостан кард, лекин Ёдхишетаки савор найзаашро ба синаи ӯ фишурда ӯро чунбидан, нафас рост кардан намемонд.

Ғолиб дар ҳамин ҳолат сӯи ишхид таъзим кард.

Ишхид бояд ба вай бо ишора иҷозати куштан диҳад ва он гоҳ паҳлавон найзаашро ба гулӯи мағлуб халонда ӯро хоҳад кушт.

Аммо ишхид диранг мекард, таммул мекард, – шояд дилаш ба Виркан месӯхт.

**Савол ва супориш**

?

1. Либос ва лавозимоти ҷангии Вирканро тавсиф намоед.
2. Ёдхишетак аз Виркан чӣ бартарӣ дошт?
3. Размн Виркан ва Ёдхишетакро батафсил накл кунед.
4. Ишхид дар размгоҳ чӣ саҳме дошт ва нисбати Виркан чӣ назар дошт?
5. Аз матн пайвандакҳоро ёфта, ба хелҳо ҷудо намоед.

## 15

Дар ҳамин лаҳза як марди фарбеҳҷуссаи паҳнриши чомадароз аз байни издиҳом пеш баромада, сӯи ишхид таъзим кард ва бо овози баланд гуфт:

– Зиндагонии подшоҳи бузург дароз бод, ман хуни Вирканро харидам!

Гӯянда бозаргони машҳури бухорой Нуфарн буд, ки бо кори бозаргонии худ ба Самарқанд омада буд. Маънии хитоби Нуфарн ин буд, ки: агар Ёдхишетак розӣ шавад, ман Вирканро аз вай ба ғуломӣ мехарам. Мағлуби набард асири ғолиб ҳисоб меёбад, ғолиб ӯро одатан мекушад, аммо агар подшоҳ иҷозаташ диҳаду харидор пайдо шавад, метавонад накушаду фурӯшад.

Агарчи Виркан мағлуб шуд, Нуфарн паҳлавониву диловарии ӯро дар майдон дид ва тан дод. Ба бозаргони давлатманде чун ӯ барои муҳофизати корвонҳояш дар роҳҳои пурхатари машриқу мағриб ҳамин гуна чокири далер даркор буд.

Виркан ба Ёдхишетак хитоб мекард, ки:

– Бикуш маро! Ба фурӯхтан розӣ нестам, зудтар бикуш!

Ёдхишетаки зотан нармгуфтор ва хушмуомила ба вай ҷавоб медод, ки:

– Худат медонӣ, додар, ризояти асирро намепурсанд. Баъд, ана ишхид ишора кард, ки туро фурӯшам. Хайрият аз рехтани хуни ту халос шудам. Ту зинда мемонӣ, Виркани далер.

Вай баҳои Вирканро чаҳорсад дирам кард. Мардумон ҳайрон монданд: охир, ин баҳои як нафар ғуломи оддист. Ёдхишетак метавонист асири паҳлавонашро ақаллан ду баробар зиёд баҳо кунад.

– Паҳлавони Суғд монанди кӯдак сода аст, – мегуфтанд мардумон.

Асп, сипар, чавшану кулоҳи Виркан ҳам аз они Ёдхишетак шуданд. Бозоргон аспро аз вай ҳамчунин ба чорсад дирам харид.

Никоҳи Вирканy Наниманча бекор шуд, зеро дар муоҳидаи издивоч, ки ба расми суғдиён шавҳар ва зан дар пеши қозӣ мебастанд, гуфта шуда буд, ки агар яке аз тарафайн ба асорат ё ғуломӣ афтад, тарафи дигар аз қайди никоҳ озод шумурда мешавад.

Бозоргон ғуломи зархаридашро бо ҳамроҳии падари дилрешу дилафгори вай ба манзили худ - ба меҳмонхонаи ошнои самарқандиаш бурд.

Бо падару писар гуфтор нарм дошт, меҳрубонвор муомила мекард.

Ревахшиён аз вай ичозат хост, ки Виркан ба Ревдод рафта, бо занаш хайрбод кунад.

- Албатта, - гуфт бозоргон. – Худам ҳам дар ин фикр будам. Падаратро гуселон, Виркан, то фардо ба ту рухсат, фардо ба ҳамин чо биё, пасфардо сафар мекунем.

Вакте ки падару писар ба Ревдод расиданд, посе аз ша гузашта буд.

Он шаб ҳавлии онҳо мотамсаро гардид.

Пагоҳӣ Ревахшиён, Наниманча ва модараш Вирканро т сари роҳи Самарқанд гусел карданд. Монанди озодорон навҳа мекарданд, айнан монанди азодороне, ки чигарбандашонро ба роҳи охир гусел мекунанд.

Дар кӯчаҳои деҳа ба онҳо як тӯда мардон, занон ва бачагон ҳамроҳ шуданд. Аксари онҳо низ мегиристанд. Виркан чеҳрааш тирагун буд, хомӯшона қадам мезад.

Падараш, занаш, модарарӯсаш ӯро охирин бор оғӯш карданд, фиғон карданд, видоъ гуфтанд, ашки ҳасрат рехтанд.

Чун вай ба роҳи калон афтод, Наниманча худро ба замин партофт, дар хок чӯлид, ду даст аз қафои шавҳараш ёзонда фарёд зад:

- Виркан! Бидон, ки шавҳари аввалу охирам туй!.. Аввалу охир!... Аввалу охир!!!...

Баъди ду рӯз бозаргони бухорой Виркани нокому номуродро ба ватани худ гирифта бурд.

Дар ин ҷо вай Вирканро саиси калон - сари саисони худ таъйин кард.

Наниманчаи мусибатзада азбаски дигар зани Виркан ва келини Ревахшиён ҳисоб намеёфт, гирёну нолон, дар қадаш кӯдаки ҳафтмоҳа, бо модараш ба кулбаи пешинаашон кӯчиданд.

Ревахшиён дар хона танҳо монд. Акнун вай, агар тавонад, мебоист ба бекасӣ одат мекард.

Рӯзе чанд гузашт, як бегоҳ дар ҳавлии холимондаи Ревахшиён нохост Ёдхишетак пайдо гардид. Ревахшиён дар зери толори баланди ток рӯи суфа бедор хобида буд. Вай ба саломи паҳлавон алек нагирифт, аз бистараш, ки намади кӯҳнае буду бас, зеро пирамарди ғамзадаи дилафгор ба ҷогаҳ андохтан ҳам ҳавсалааш намонда буд, барнахост ва меҳмонашро ба нишастан таклиф ҳам накард. Паҳлавон ба лаби суфа нишаста гуфт:

– Аз ман ранҷиданат беҷост. Гуноҳи ман чист?... Чаро ту шукр намекунӣ, ки ба ҳар ҳол писарат зинда монд?... Ноумед нашав, шояд вай рӯзе ба ту баргардад... Инак ман ба ту баҳои ӯро овардам, ин чорсад дирамро бигир. – Гӯянда ҳамёни пурро ба пеши Ревахшиён афканд. Паҳлавон марде бошараф ва покният буд.

– Намехоҳам, бубар! – ба паҳлу хобида бо алам гуфт Ревахшиён.

– Ба захми дилам намак мапош. Ман фарзандфурӯш нестам.

– Ман бо писарат на бо ихтиёри худам набард кардам, на бо ихтиёри худам фурӯхтамаш, аз ман маранҷ, падар. Пул азони туст. Ёдхишетак инро гуфта бархост ва тез-тез қадам монда сӯи дари берун равон шуд.

**Савол ва супориш**

1. Виркан ба кадом мурод бо нахустпаҳлавони Суғд набард намуд?
2. Калимаҳои "шимну", "вағн" ва "мағупат"-ро маънидод намоед ва гӯед, ки Виркан пеш аз ба набард рафтан аз кӣ дуо гирифт?
3. Манзараи Наврӯз ва ба набарди паҳлавонон баромадани суғдиёнро тасвир намоед.

4. Чаро Виркан ғуломи Нуфарн гардид?
5. Аз матни "Мурод ва номуродӣ" ҳиссачаҳоро ёфта ба дафтаратон нависед ва сохти онҳоро шарҳ диҳед.

## МОЛИК ИБН - УР - РАЙБ

### 17

Чанде пеш накӯкорони ҳокими Мадина бори дуввум аз пайи ӯ афтода буданд, лекин ӯро ҳеч дошта наметавонистанд. Паланги биёбонӣ ҳилагар буд, дум ба даст намедод.

Падари бодиянишини Молик ибн - ур - Райб ҳам роҳзан буд. Шабҳо баромада роҳи мусофиронро мепоид, пагоҳӣ писари навҷавонашро низ ҳамроҳ мегирифт.

Молик пас аз марги падараш касби ӯро маҳкам ба даст гирифт ва равнақ дод. Чун баъди як ғорату куштори фоҷеъ навкарони ҳокими Мадина ба таъқиби роҳзани қотил баромаданд, Молик ба Ироқ гурехт ва дар Басра пайдо гашт. Амири Ироқ, бародари халифа, мустабидтарин ва хунхортарин ҳокимони араб - Зиёд ибни Абусуфён буд. Молик ба хизмати ӯ рафт, амир ӯро аввал ҷаллод ва сониян, миршаби Басра таъйин кард. Боре мардумони Басра бар амиру амалдоронаш шӯрида буданд, ки сарбозони амирро ғарқи хун карданд ва сипас Зиёд гардиши мардумро баъд аз хуфтан дар кӯю кӯчаҳои шаҳр манъ кард, ба асасҳо фармон дод, ки шаб ҳар киро дар кӯчаҳо ёбанд, бикушанд.

Он гоҳ теғи хунрези Молик ибн-ур-Райб ба ҷавлон омад. Вай шаб ҳама шаб дар кӯчаҳо одам шикор мекард ва ҳар киро медид, хоҳ мард, хоҳ зан ва хоҳ кӯдак бошад, мекушт. Дар аввалҳо вай қурбониҳои худро пеш аз куштан калимае чанд "истинтоқ" карда, боиси дар кӯча пайдо шуданашон, аз фармони амир огоҳ будан, ё набуданашонро мепурсид, лекин баъди як воқеа онҳоро бе ҳеч пурсиш якбора кушта партофтан гирифт. Воқеа ин ки вай шабе аз шабҳо араберо бо ду сар гӯсфанд дар буни деворе ёфт ва пурсид: "Кистӣ ва чаро дар ин ҷо нишастаӣ!" Араб гуфт: "Аз бодия омада будам, мехостам гӯсфандамро кушаму фурӯшам, лекин дер расидам, акнун онҳоро нигоҳ медорам, то ки пагоҳ бикушам". Молик бовар кард ва мардакро накушта ба зиндон бурд. Рӯзи дигар ӯро дар пешгоҳи амир ҳозир кард, амир узри он мардро шунида гуфт: "Ба суханат бовар кардам, лекин ман дар мамлакат расм ниҳодаам, ки кӯчагардони баъд аз хуфтанро бикушанд, агар ман туро зинда гузорам, фардо шаб дигаре омада ҳамчунин

баҳонае хоҳад кард ва ин расм табоҳ хоҳад шуд. Ту бегуноҳӣ, аммо барои табоҳ нашудани расм бояд кушта шавӣ". Асас ин сухани амирро дар гӯши хуш гирифт ва ба сафҳаи хотираш навишт. Вай арабро бо ишораи амир дар пеши ӯ бо шамшер сар бурид ва ду гӯсфанди ӯро тасарруф кард. Аз он баъд шабе набуд, ки Молик панч - шаш марду занро накушад.

Дар фосилаи байни ин кушторхо вай ба хонахои мардум зер карда медаромад ва мардонро баста ё ки ронда, бо зану духтаронашон зино мекард.

Бо ин ҳама саффокию дарандагии ӯ занҳо ошиқаш мешуданд, зеро чавони барнои ғаюре ва ба илова қасидагӯй ва сарояндаи хушовозе буд. Яке аз занони соҳибчамоли Зиёд ибни Абусуфён, ки шефтаи Молик буд, баъзе шабхо дар либоси мардона пинҳонӣ ба манзили ӯ ё дигар чои хилвати ваъдагӣ меомад. Боре шабҳангом Молик дар кӯю кӯчаҳо машғули мардумшикорӣ буд, ки марде аз асас бехабар, фаши салла ба рӯй кашида, шитобон аз наздики ӯ гузашт. Молик аз паскӯчаи торик барчаста ӯро хапгир ва бо як зарбаи ханчар сарнагун кард. Саллаи мақтул аз сараш париду аз зери салла мӯи дарозаш баромада парешон гашт: вай зан буд, ҳамон зани барнои амир, маъшуқаи Молик, ки дар либоси мардона шояд ба манзили ошиқи қотилаш мешитофт.

Молик нахустин бор аз куштори бошитобаш пушаймон гашт ва тарсид, аммо тарсаш аз пушаймонӣ бештар буд, вай гурехт.

Пас аз чанде вай, ҳамчун қотиле, ки бешуурона ба чои чиноятащ бармегардад, боз дар Ҳичоз, дар навохии Мадина пайдо гардид. Ва боз як даста қотилонро ба худ гирд оварда ба касби пештараащ машғул шуд.

Қасди ғорати корвони суғдӣ охирин қасди роҳзании Молик дар Ҳичоз буд, ки ба нокомӣ анчомид.

Дере аз ин воқеа нагузашта вай дастгир шуд. Аммо ин бор ҳам толеаш ба вай мададгор омад. Сарҳанги ноэҳтиёткори мадинагӣ асири худро ба як нафар навкараш супурд, ки ба зиндон барад ва худаш пеш рафт. Молик дар як манзил аз навкар пинҳонӣ ресмонеро, ки дастҳояш ба он баста шуда буданд, ба танаи дарахт молида кариб ба канда шудан расонида буд. Чун боз ба роҳ афтоданд, навкар савор буд ва асирро пиёда меронд, дар биёбон Молик ба ногоҳ ресмонро канда ва дастҳояшро раҳо карда барчасту ба қабзаи шамшери навкар чанг зад, навкар наёми онро гирифт, шамшер аз наём баромада ба дасти Молик даромад,

Молик онро ба сари навкар зада ӯро кушт ва аспи ӯро савор шуда аз ақиби сарҳанг тохт, вайро ҳам ёфта кушт ва гурехт.

Ба Бодият-уш-Шом, яъне биёбони Сурия гурехт; аз он ҷо боз ба Басра ғалтид ва натарсид, зеро дар ин миён Зиёд ибни Абусуфён аз аморати Ироқ маъзул ва ба ҷояш каси дигар таъйин шуда буд.

Молик дар Шатт -ул-Араб ба маллоҳии киштии бозаргонони ҳиндӣ киро шуда, муддате дар Халиҷи Форс шино кард ва дар охир якчанд маллоҳи дигарро ба худ ёр гирифта, як миқдор зару сим ва ҷавоҳироти бозаргононро дуздида, дар бандари Абушер ба хушкӣ - ба замини Форс фаромаду дигар ба киштӣ барнагашт.

Вай дар роҳи Абушер - Шероз аз нав ба роҳзанӣ сар кард...

**Савол ва супориш**

1. Молик ибн-ур-Райб кӣ буд? Дар бораи машғулияти айёми ҷавонии ӯ нақл кунед.
2. Молик чаро аз Мадина ба Ироқ гурехт?
3. Зиёд ибни Абусуфён кӣ буд?
4. Молик дар Басра ба чӣ корҳо машғул шуд? Хунхориҳои ӯро нақл кунед.
5. Молик аз кадом кораш пушаймон шуд?
6. Қасди ғорати корвони суғдиёнро дар Ҳиҷоз, ки ноком шуда буд, ба ёд оред. Кӣ ӯро шикаст дод?
7. Молик чӣ тавр аз дасти сарҳанги мадинагӣ раҳо ёфт?
8. Дар бораи маллоҳӣ ва дуздию роҳзании ӯ дар Шероз нақл кунед.
9. Аз матн хиссачаҳоро ёбед, онҳоро аз рӯи хелҳояшон ба сутунчаҳо нависед. Тарзи навишти онҳоро шарҳ диҳед.

## 21

Роҳи Саид ба Хуросон аз болои Басра ва Форс афтода буд. Муовия ба волии Басра фармон навишт, ки ба Саид ёрӣ кунад ва чӣ қадаре ки тавонад лашкар, пул ва мол, аслиҳа барояш муҳайё созад.

Саид ин фармон ва байрақи амирро гирифта бо мушояати дусаду чанд нафар моҷароҷӯён, муштоқони молу сарват ва мулозимон ба роҳ афтод.

Чун ба Басра расид, волии Басра фармони халифаро хонда, ба Саид ду миллион дирам пул ва дигар лавозимоти сафари ӯро дод ва ҳам амр кард, ки зуд аз тамоми вилоят мардуми силоҳдорро гирд оваранд.

Дар як ҳафта ду ҳазор мардуми бесару сомони ғазоталаб ва омодаи қатлу ғорат гирд омаданд, инчунин волӣ аз зиндонҳо дуздону одамкушонро бароварда ба ихтиёри Саид дод. Ба-дин тариқ амири нави Хуросонро сипоҳе иборат аз чор ҳазор сарбоз муҳайё гардид.

Саид бо ин лашкар сӯи Форс саворӣ намуд.

Чун ба Шероз расид, волии Шероз аз лашкари ҷаррори Саид тарсида ҳар чӣ Саид аз вай талаб кард, ҳамаро пазируфт ва ҳозир гардонид. Минҷумла зиндонҳои вилоятро холӣ ва бандиҳоро ба ихтиёри Саид вогузор кард.

Сипоҳи амири Хуросон боз ба ду ҳазор "дузду роҳзану каллабур" афзуд. Ин калимаҳоро дар нохунак гирифтани мо аз он сабаб аст, ки гирифторони банду зиндонро арбоби замона ҳамин тавр меномиданд. Ҳол он ки агар ҷинояткорони касбию зотиро истисно кунем, бештарини зиндониён мардуми камбағали аз адои хироҷ сар кашида, ё ба хоҷаҳои бемурувввати худ нофармонӣ карда, ё бар ҳукуматдорони ситамгар шӯрида, ё ки ба тӯҳмати нокасон дучор шудагон буданд, фақат, ҷазои ноҳақ, маҳрумӣ аз мулку мол, хории аҳлу аёл, гирифтории дуру дароз ба азобу шиканҷаи зиндон оқибат шахсияти онҳоро табоҳ, ахлоқашонро фосид гардонида, худашонро ба дараҷаи ёбоигӣ расонида буд. Ба онҳо дигар чӣ мемонад? Дигар ҳар чӣ пеш ояд, барояшон фарқ надошт. Дар бораи зиндониёни Басра ҳам, ки акнун сарбозони амири Хуросон шуда буданд, гап ҳамин.

Саид дар беруни шаҳри Шероз ба дашти чодир зада буд. Ду ҳазор марди ҷангҷӯи ғоратмуштоқ дар пешгоҳи ӯ саф кашиданд. Саид он шамоилҳои аҷибу ғариб, он мардумони сару побараҳна, мӯи сарҳошон то китфу ришҳои чиркинашон то сари сина фаромада, чашмҳояшон гуруснаву пажмурдаи кундигоҳ, дар дасту пою гарданҳошон нақши занҷиру кундаю завлонаро аз назар мегузаронд. Дар байни онҳо чашми амир ба марди қоматбаланди хуштаркиб ва хушсимое ғалтид, ки бо ин фазилатҳояш аз дигарон ҷудо шуда меистад. Фармуд он мардро ба наздикаш оваранд, ӯ сӯи амир баланду бурро:

– Ассалому алайкум, ё айюҳ-аламир, – гӯён таъзим кард.

– Ту кистӣ? – пурсид Саид.

– Абд-ул-амир[1], – ҷавоб дод мард.

– Номат чист?

– Молик. Молик ибн-ур- айб.

---

[1] Абд-ул-амир - ғуломи амир

Оре, ин мард ӯ буд, ҳамон паланги биёбонҳои Ҳиҷоз, Сурия, Форс. Ӯро дар он қарибӣ навкарони ҳокими Шероз бо таъқиби дуру дарози пурмашаққат дастгир карда буданд. Вай дар зиндон мунтазири ҳукми ҳоким буд. Саид дар Мадина номи ӯро борҳо шунида буд ва ҳеҷ гумон накарда буд, ки бо вай дар Форс вомехӯрад. Тааҷҷуб кард ва дам назад. Чун муоянаи сипоҳи форсӣ поён ёфт, амир ба чодари худ баргашт ва фармуд, ки Моликро ба наздаш оваранд.

**22**

Молик ба чодар даромада таъзим баҷо овард ва ба ишораи Саид дар пойгаҳ ба канори қолини сурх зону зад.

– Чӣ тавр ба Форс ғалтидӣ?

– Нахостам ба дасти Марвон ибни Ҳаким сарбурида ё сар ба дор шавам, – ҷавоб дод Молик.

Марвон ибни Ҳаким амири Ҳиҷоз ва аз бадхоҳони Саид буд. Молик, ки инро медонист, бо бурдани номи Марвон хост ба Саид рамуз кунад, ки: "Бадхоҳи ту бадхоҳи ман ҳам ҳаст".

– Туро ғуломони Марвон дастгир карданд, ту онҳоро куштӣ ва гурехтӣ?

– Ҳамин тавр, амир.

– Чӣ гуна тавонистӣ?

– Эй амир, сайёд агар палангро ба дом орад, бояд аз худ бохабар бошад, зеро паланг дар банду дом ҳам паланг аст. Сайёдони ман ин пандро фаромӯш карда буданд.

– Шунидам, ки ту аз он пештар корвони суғдиёнро зада будӣ?

– Муваффақ нашудам.

– Чаро?

– Паҳлавоне бо навкаронаш муҳофизи корвон буд. Ман то он рӯз бо гурди сангисаворе чун ӯ дучор нашуда будам.

– Ба зиндони Шероз чӣ гуна ғалтидӣ?

– Аз беэҳтиётии худам, амир.

– Марде бад-ин сурати накӯ ва мардонагӣ, ки туӣ, чаро роҳ заданро раво медорӣ, моли мардум ба ноҳақ мебарӣ, хуни бегуноҳонро мерезӣ?

– Аз тангдастӣ, амир. Дигар ин ки пайваста мехоҳам бахшиш кунам, дар ҳаққи дӯстонам эҳсон раво дорам, симу зар надорам. Меситонам, вомехӯрам ва мебахшам.

"Вай ҳоҷиби[1] ман мешавад ва ҳам паҳлавони сипоҳ" – ба дил гузаронд Саид ва пурсид:

[1] Ҳоҷиб - дарбон, муҳофизи шахсӣ

– Агар ман туро аз мӯхтоҷии симу зар бихарам, роҳзаниро тарк мекунӣ?

Молик ғаниматҳои ҷанг ва дар кишвари суғдиёни "кофир" имкони фароҳи ғорату яғморо ба хаёл оварда ҷавоб дод:

– Чаро накунам? Дар хизмати ту хулку атвори хуб пайдо мекунам ва шукри онро ба худ лозим мешуморам.

– Пас биё ба хидмати ман бош, – гуфт амир, – то он чӣ Худо рӯзӣ диҳад, бо ҳам харҷ кунем. Хӯроку пӯшокат аз ман. Ғайр аз ин ба ту ҳар моҳ панҷсад дирам медиҳам, то ба касе, ки мехоҳӣ, бубахшӣ.

– Зиндагонии амирам дароз бод, қабул дорам, – бархоста таъзим кард Молик.

Вай чунин бахту давлатро ҳаргиз ба хаёлаш ҳам наёварда буд...

**Савол ва супориш**

1. Саид ибни Усмон кӣ буд ва дар Мадина чӣ рӯзгоре дошт?
2. Халифаи замон Муовия ба авлоди халифаи Усмон ибни Аффон чӣ хел назар дошт?
3. Муовия бо кадом мақсад Саид ибни Усмонро ба наздаш даъват намуд?
4. Мусоҳибаи онҳо бо чӣ анҷом ёфт?
5. Пас аз амири Хуросон таъин шудан Саид ибни Усмон ба чӣ кор машғул шуд?
6. Оё Саид дар аҳди амириаш ҳамчун марди худотарсу порсо боқӣ монд?
7. Саид бо Молики роҳзан чӣ хел муносибат намуд?
8. Калимаҳои "муҳаддис", "фақеҳ", "байъат", "ишхид", "афшин" ва "ҳоҷиб"-ро маънидод намуда, аз рӯи сохт таҳлил намоед.
9. Аз матн ҳиссачаҳоро ёфта, гӯед, ки пас аз онҳо кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

## ХОҶА ВА ҒУЛОМ

### 23

Корвони суғдиҳо аз сафари дусолаи бозаргонӣ баргашта, дар баҳори соли 675 ба диёри худ расид.

Корвониён чун дар Омул аз Ҷайҳун гузаштанд, ба чашмашон манзараҳое басо ғамангез боз шудан гирифтанд: аз соҳили рӯд то

Бухоро шаҳру деҳот валангор, бисёрии ҷўйҳо хушкида, бештарини заминҳои киштро шўраву янтоқ пахш карда, дарахтони боғҳо бурида, ё аз бех барканда ва ё каллак шуда буданд. Ҷо-ҷо барзгар, ба суғдӣ кадевор-деҳқони ҷулҳундипӯше ба назар мерасид, ки бо ҷуфти говони лоғару коҳил замин шудгор мекард.

Суғди Бухоро тороҷ шуда буд.

Гӯё тӯфони офатборе аз ин сарзамин гузар карда буд.

Оре, гузар карда буд, аммо на тӯфони табиат, балки тӯфони ғорату яғмо.

Онро кишваркушоёни бегонае оварда буданд, ки ба як даст шамшеру ба як даст Қуръон, сарзаминҳои он сӯи Ҷайҳунро забт ва салтанати худро дар онҳо бар устухони халқҳо устувор гардонида ва акнун дар тараддуди он буданд, ки мамолики ин сӯи рӯдро ҳам тасхир кунанд, валекин аз шикастани муқобилияти мардонаи суғдиён ва туркони муттафиқи онҳо оҷиз омада, ҳоли зор ба тохтутозҳо, ба мақсади ғоратгарӣ ва асиргирӣ иктифо менамудаанд. Порсол амири Хуросон Убайдулло ибни Зиёд, фарзанди ҳамон Зиёд ибни Абусуфён, ки дар Ироқ куштору яғморо ҷорӣ ва дар Басра ба асасҳои худ амр карда буд, ки баъд аз хуфтан ҳар киро дар кӯчаҳои шаҳр биёбанд, бикушанд, нохост бо лашкари гароне ҳуҷум овард. Бухориён ба ҷанг бархостанд. Бо даъвати хотун - маликаи Бухоро Туркон ба вай як миқдор лашкар фиристодаанд. Лашкари Убайдуллоҳ агарчи шумораш бештар ва силоҳаш мукаммалтар буд, бо вуҷуди ҳамлаҳои пуршиддат шаҳри ба муҳосира афтодаро гирифта натавонист. Вай барои он ки бухориёнро ба таслим шудан водор кунад, дар шаҳрчаҳо ва деҳоти атроф харобкории азиме сар кард. Ин амири бистипанҷсола ниҳоят баттол ва шаддод буд, ҷанги ғоратгариро бо ниҳояти бераҳмӣ мебурд.

Бо фармони вай лашкариёнаш "...дарахтонро меканданд, - хабар медиҳад ровии ахбор, - деҳаҳоро вайрон месохтанд ва шаҳрро низ хатар буд", яъне Бухороро ҳам харобзор гардонданӣ буданд.

Аз гирди шаҳр ба шаш ҷониб деҳаҳои сераҳолӣ, киштзорҳо, боғҳо, ҷӯйборҳо, роҳҳо дар масофаи чандин фарсах ба биёбон табдил ёфтанд. Бухориён маҷбур шуданд сулҳ биҳоҳанд. Убайдуллоҳ зар ва моли фаровон талаб кард.

Хотуни шӯрбахт барои халосӣ аз офати ҷангу муҳосира ва наҷоти кишвар аз харобии тамом ночор ба додани хироҷи талабкардаи Убайдуллоҳ розӣ шуд. Ғоратгарон ин "товон"-ро

руёнда, чандин ҳазор ҷавонон ва духтарони суғдиро асир гирифта "ғанимат"-и беҳисоби яғмогариашонро ба садҳо уштур бор карда, хоку хокистари ободиҳои дирӯзаро дар қафои худ гузошта рафтанд.

**24**

Нуфарн ба бошишгоҳи худ деҳаи Искиҷкат омад. Дар он деҳаи косибон ва ҳунармандон вай дастгоҳи тиҷоратӣ, дуконҳои бофандагӣ, устохонаҳо ва дар лаби ҷӯйбори Сомчин кушки бошукӯҳе дошт. Дар устохонаҳо, дуконҳо ғуломон, қарздорон ва муздуронаш кор мекарданд. Дар ҳақиқати амр соҳиби Искиҷкат ӯ буд, аз ҳазор ҷуфт (ҷуфти гов) замини корами деҳа қисми бештаринаш ба вай тааллуқ дошт. Деҳаро вай горатшуда, кушку дукону устохонаҳояшро тороҷгашта, аҳли хонаводаашро мусибатзада ва гирён ёфт. Бештарини ғуломон, хизматгорон ва канизонашро сипоҳиёни амири Хуросон ба асорат бурда, дигарҳошон ба ҳар тараф гурехта парешон гашта буданд.

Нуфарн сахт ғамгин шуд, гирист, лекин ғаму андӯҳаш дер накашид, вай ки аз сафари бозаргонӣ бо хеле мол ва симу зар баргашта буд, ба зудӣ бо ғайрату кордоние, ки хоси ӯ буд, ба обод кардани макон ва барқарор намудани корхонаҳои худ машғул гардид.

Виркан бошад, ҳушу ёдаш ба Самарқанд, ба Наниманча ва фарзанди нодидааш буд. Наниманча агар ба савгандаш истода ва шавҳар накарда бошад (не, не, "агар" надорад, вай на он гуна занест, ки аз савгандаш гардад!), ҳар гоҳ ки Виркан мувофиқи ваъдаи хоҷа аз ғуломӣ озод шуд, ба вай бармегардад. Зани маҳбубаашро тасодуф, фалокат ба вай талок кард, худаш талоқ накардааст ("Оҳ ҳамсари азизам, чаро ман сухани туро нагирифтам, паҳлавони Суғд шудан хостам! Пушаймонам, Наниманча, аз ин пушаймонӣ ва надомати пурдард дилам хун аст"). Тани зораш аз ӯ ҷудост, аммо равонаш бо ӯст; аз чашмаш ғоиб, аммо дар дилаш ҳозир. Наниманча писар зоида бошад ё духтар? Кӯдак агар зинда - саломат бошад, ҳоло дусола шуд. "Оҳ писарҷонам, ё духтарҷонам, оё падари бадбахтат рӯзе туро медида бошад?" - ба дилаш ҳасрат мехӯрд Виркан.

Интизории рӯзи озодӣ карору ороми ӯро бурида буд. Аммо Нуфарн аз баргаштанаш ба Искиҷкат як ҳафта гузашта бошад ҳам, аз озод кардани ғуломи худ даҳон намекушод. Гӯё ваъдаи дар биёбони Ҳиҷоз додаашро фаромӯш карда буд.

Дар ин миён вай бо корҳои тиҷоратии худ ду бор ба Бухоро рафт. Виркан ӯро мушоят кард. Дар бозорҳои шаҳр Виркан

самарқандиҳои шинос ва ревдодиҳоро меҷуст, то ки аз онҳо аҳволи писараш ва занашро суроғ кунад. Самарқандиҳо хешони ӯро ё намешинохтанд, ё ки падарашро шиносанд ҳам, аз аҳволи ӯ хабар надоштанд, ревдодиҳо бошанд, ба вай дучор намеомаданд, то ин ки ниҳоят дафъаи дуввум рафтани ӯ ба Бухоро як нафар ревдодӣ дучор омада, ба Виркан хабари саломатии падараш ва занашро расонд ва гуфт, ки Наниманча бо модараш писарчаи Вирканро калон мекунанд... Виркан гирист. Аз бозориён ибо накарда, аз бозе, ки ба ғуломӣ афтода буд, аввалин бор гирист. Ҳам аз шодӣ, ҳам аз аламу андӯҳи ҷудоӣ мегиристу ашки талхашро бо мушташ пок мекард.

Тоқаташ тоқ шуда буд, ба Искичкат баргашта, ваъдаи Нуфарнро ба ёди вай овард:

–Хоча, хати бароти маро кай медиҳед?

– Хати барот? – хоҷа худро ҳайроншуда нишон дод.

– Шумо ваъда дода будед.

– Ваъда? Он рӯз ту маро бо наҷот додани корвон хушнуд кардӣ, ман туро бо ваъдаи озодӣ хушнуд кардам; ҳисоби дуямон баробар аст, – гуфт Нуфарн.

Виркан, гӯё ки мушти гароне ба сараш хӯрда бошад, гаранг шуда монд, ҳатто ба тезӣ забонаш ба гуфтор ҳам наёмад.

– Шумо... дурӯғ гуфта будед? Ваъдаатон дурӯғ буд? – пурсид ӯ ниҳоят.

Ин тарз гуфтори ғулом бо хоҷа густохӣ, нофармонӣ ҳисоб меёфт, Нуфарн дар ғазаб шуд:

– Палид! Саг! – дод зад вай. – Ман туро аз мурдан халос кардам, умратро харидам. Ту даҳ умри дигар бинӣ ва хизмати маро кунӣ, боз ҳам ҳаққи маро адо карда наметавонӣ, кӯрнамак! Бори дигар аз озодиат даҳон накушо, ки ба сутун мебандамат.

Нуфарни аҳдшикан аз ғулом ва чокири баҳодуре чун Виркан ҷудо шудан намехост. Аммо вай қавлашро дар пеши гувоҳони бисёре дода буд! Оё бозаргони номдоре чун ӯ розӣ мешавад, ки ба дурӯғгӯӣ, фиребгарӣ ном барорад?

Виркан ба худ қарор дод, ки домани хоҷаро раҳо накунад.

**26**

Бозаргонон рӯзи ба Бухоро расиданашон хотунро зиёрат карданӣ буданд, аммо вай дар шаҳр набуд, дар Фарахша буд (деҳи қадимаи Варахша, воқеъ дар чаҳор фарсахии шаҳр ба роҳи Хоразм, бошишгоҳи бухорхудотҳо буд, онҳо дар он деҳ қалъа ва

кох доштанд), дар он ҷо писари хурдсолаш Туғшодаи валиаҳд дар бистари бемори хобида буд, малика аз сари болини ӯ дур намешуд, вай хабар фиристода буд, ки бозаргононро дертар пас аз сиҳат ёфтани шоҳзода қабул хоҳад кард. Шарикони самарқандӣ ва пайкандии Нуфарн ночор дар интизории аз Фарахша баргаштани малика дар Бухоро монда буданд. Онҳо ба Нуфарн хабар доданд, ки малика баргашт ва ба қабули бозаргонон ҳозир аст. Нуфарн ҳадяву пешкаши барои малика тайёр карда мондаашро бардошта бо мушояати Виркан, ки ҳамчун саиси калон савора мерафт ва чанде аз ғуломону хизматгорони дигараш, ки аз паси хоҷа пиёда медавиданд, ба Бухоро равон шуд.

Бозаргонон ба қалъа даромаданд, хизматгору саисҳошон дар Регистон монда мунтазири баромадани хоҷаҳои худ шуданд.

Аз чоштгоҳ то нисфи рӯз мунтазир шуданд, то ки маросими қабул дар ҳузури малика ба охир расиду бозаргонон аз қалъа баромаданд. Дар ҳамин вақт Виркан ниятеро, ки дар дил дошт, ба амал овард:

– Ба ҳазратҳо сухане дорам, агар ба густохӣ ва беадабӣ нагиранду иҷозатам диҳанд, мегӯям, – дар ҳоле, ки лаҷоми аспи Нуфарн ба дасташ буд, сӯи бозаргонон таъзим карда гуфт ӯ.

Бозаргонон истода ба вай нигоҳ карданд. Нуфарн чин ба абрӯ оварда гӯшашро сих кард. Бозаргони пайкандӣ, ки пас аз воқеаи биёбони Ҳиҷоз ба Виркан бо назари лутфу навозиш менигарист, гуфт:

– Бигӯ, паҳлавон, чӣ сухане дорӣ?

– Ҳазратҳо ба хотир доранд, ки хоҷаам ба ман ваъдаи озодӣ дода буданд.

– Оре, ба хотир дорем. Гуфта буданд, ки ба ватан расидан замон туро озод мекунанд.

– Ман шодӣ карда будам, умедвор шуда будам, аммо... Виркан суханашро катъ карда ба Нуфарн нигарист, аз вай рӯ гардонд ва хомӯш монд. Нуфарн ба тундӣ лаҷоми аспро аз дасти Виркан рабуд, яке аз ғуломонаш давон омаду хам шуд чорповор бар ду пой ва ду даст истод, хоҷа ба пушти вай по ниҳода ба зин барнишаст ва ба бозаргонон рӯ оварда Вирканро нишон дода гуфт:

– Ин ғуломи кӯрнамак аз худ рафтааст. Ҳамон як даҳан сухани маро, ки дар Ҳиҷоз ба тариқи навозиш барои хурсандии ӯ гуфта будам,маҳкам гирифта ба ман даъво мекунад. Бубинед густохӣ,

нофармонии ин ғуломи зархарид то ба кучо расидааст! Озод шудан мехоҳад!

Сипас хоҷа ба болои Виркан "дуаспа тохт": –Ту нобакор, носипос, ба ман чӣ хизмати фавқулоддае кардӣ, чӣ кор нишон додӣ, ки дар ивазаш озодӣ бихоҳӣ? Дуздонро рондӣ, корвонро муҳофизат кардӣ. Хуб, ин хизмат- ку дар ӯҳдаи ту буд, ман туро ба сафар маҳз барои ҳамин кор бурда будам, маҳз барои ҳамин туро мехӯронидам, мепӯшондам. Ту фаромӯш кардӣ, ки ман туро аз чанголи марг раҳонида бақияи умратро харида будам. Боке нест, инро чубу тозиёна ба ту дурусттар фаҳмонда мемонад!

– Пеши хоҷаат зону бизан! Бахшиш бихоҳ!– гуфт яке аз бозаргонон ба Виркан.

– Тавба кун!– фармуд дигаре.

– Тавба мекунам, бахшоиши ҷасоратамро мехоҳам, ҳар хидмате, ки фармоянд, ба ҷон мекунам, аммо хоҷаам аввал ба ваъдаашон вафо кунанд,– ҷавоб дод Виркан.– Худашон умедвор карда буданд, ноумед накунанд, диламро нашикананд, охир ман ҳам одамам, бандаи худоёнам, агарчи ғуломам. Дар чашмони Виркан ашк намудор гашт.

– Қавл ё ваъдае, ки хоҷа ба ғулом медиҳад, эътибор надорад, – гуфт бозаргони дигаре,– хоҷа ҳар вакт, ки хоҳад, метавонад ваъдаи худро ботил кунад. Инро ҳамаи ғуломон медонанд, фақат ту намедонистай.

– Ман аз кучо донам? Шунида будам, ки бузургон аз қавли худ намегарданд, бекавлиро беномусӣ мешуморанд.

Бозаргони пайкандӣ ба Виркан дилаш месӯхт, бинобар ин бо мулоямат гуфт:

– Ба ҳар ҳол хоҷа ҳамаи моро ба ваъдаашон гувоҳ гирифта буданд. Мо инро кори хайр дониста, ба олиҳимматии хоҷа тан дода, ҳатто худамонро ҳам дар савоби озод кардани ғулом якдарача шарик дониста хушнуд шуда будем. Хоҷа, албатта, соҳибихтиёранд, аммо ба ҳар ҳол, нағз мешуд, ки...

– Шумо, ки инчунин ҷӯёи савоб будаед, бо ҳиммати олии худатон аз ғуломонатон якеро озод кунед, то ман аз олиҳимматии шумо ибрат бигирам,– ба миёни сухани пайкандӣ давида киноя кард Нуфарн.

Пайкандӣ дар ҷавоби ӯ даҳон кушода буд, ки мизбони бозаргонон – шарики бухории онҳо ба сухан ҳамроҳ шуда моҷарои сарзадаро қатъ кард:

– Гап тамом, азизон, – гуфт ӯ. – Кори ин ғуломро ба ихтиёри хоҷааш ҳавола мекунем. Биравем, ки вақти наҳории нимрӯзист.

Вай савор шуд, аспашро ба роҳ андохт, бозаргонон аз пасаш ба кушки ӯ равон шуданд.

## 27

Нуфарн рӯзи дигар ба Искиҷкат баргашт. Вай таҳдиди худро фаромӯш накарда буд. Дар саисхона ба саисҳо ва дигар хизматгоронаш фармуд, ки Вирканро либос аз танаш барканaнд, ба сутун банданд ва бизананд. Онҳо рафиқони Виркан буданд, аммо аз фармони хоҷа чора набуд, шаш нафар хоҳам- ноҳоҳам ба сӯи ӯ қадам заданд. Ҳарчанд имою ишораҳошон ба Виркан ин маъниро мефаҳмонд, ки: "Ҳеҷ гап не, ба мо таслим шав, мо ҳамин тавр ба намуд чӯб мефароремy сахт намезанем", лекин паҳлавон ба сутун баста шуданро ба худ ор медонист.

Ӯ якеро лағате заду ғалтонд, саиси дуввум ҳам аз зарби мушти ӯ замингир шуд. Бо вуҷуди ин онҳо аз ваҷоҳати хоҷа ваҳмида ба Виркан ҳамлаовар шуданд, Виркан дастколиро бардошта ниҳеб кард:

– Ҳар кадомат аз ҷонат сер шуда боші, наздик биё!

Ниҳебаш ҷиддӣ буд, бо Виркан ҳазл карда намешуд, онҳо инро медонистанд. Оне, ки аз зарби мушт замингир шуда буд, базӯр хеста ба пои Нуфарн ғалтид, дигарон низ ҳамчунин карданд ва гириста ба зорӣ даромаданд:

– Хоки поятон шавем, хоҷа, ба мо раҳм кунед, вай моро мекушад: ба ҷои вай моро занонед.

– Тарсуҳои нобакор! – бо сари онҳо дод зад Нуфарн. – Шаш кас аз як кас тарсидед! Дар вуҷудатон як зарра мардӣ нест, ҷомаи занон пӯшед!

Вай дар ҳоли ночории ғазаболуд истод-истоду баъд сӯи Виркан:

– Ҳоло биист, ман адаби туро дигаргуна хоҳам дод! – гӯён ба аломати азму ҷазм ришашро қабза карда бадар рафт.

Ба нокомӣ анҷомидани додхоҳии назди бозаргонон Вирканро сахт маюс карда бошад ҳам, вай ба худ қарор дода буд, ки дертар, ғазаби хоҷа пасанда ки шуд, аз вай барои рафтан ба Самрқанд ба муддати кӯтоҳ иҷозат пурсад, аммо акнун баъди воқеаи саисхона дари чунин хоҳишро ҳам аз ҳар тараф баста медид.

Аз мобайн як ҳафта гузашт, хоҷа ба Виркан кордор нашуд,– шояд дар байни ғуломҳои худ ба Виркан "дигаргуна адаб додан"-

ро фаромӯш карда ё ки барои кор фурсат наёфта буд. Виркан бошад, кӯшиш мекард, ки ба чашми хоҷа камтар намудор шавад.

## 28

Рӯзе аз рӯзҳо ба ҳавлии беруни Нуфари пирамарде ворид шуд. Дар танаш чакмани сурхи дарида, дар пояш мӯкии кӯҳна, вай хастаҳол менамуд. Виркан падарашро базӯр шинохт. Падару писар якдигарро оғӯш карда гиристанд.

– Падарҷонам, худат омадӣ, мебоист ман ба дидани ту мерафтам, лекин чӣ кунам, ки хоҷа рухсатам намедиҳад, охир ман асирам, падарҷонам, келинат, набераатро дидӣ? Онҳо сиҳат - саломатанд?

– Шукр, писарам, ҳар ду саломатанд, ба ту дуруди пазмонию муштоқӣ мефиристанд. Ҳамдеҳаи мо бо ту дар бозори Бухоро вохӯрда будааст, ба ман хабари туро овард, ман пагоҳии дигар баромада ба ин сӯ равон шудам.

– Бечора падарам, писари бехирадат ба сари ту ҳамин қадар ғаму кулфат овард. Лаънат ба рӯзе, ки хаёли паҳлавонӣ кардам, панди туро нагирифтам, сухани келинатро гӯш накардам ва ба ин асорати нангин афтодам. Ту гуноҳи маро бахшидӣ ё не, падарҷон?

– Бахшидам, писар. Охир, ҷавон будӣ, ҳанӯз рӯзгорнодида, неку бад наёзмуда будӣ. Ман ҳам дар синни ту дар сарам чӣ савдоҳое, дар дилам чӣ ҳавою ҳавасҳое ки надоштам. Лекин ноумед машав, дилшикаста машав, писарам. Ҳар як роҳро поёне, ҳар шаберо саҳар ҳаст,бошад ки асирии ту ҳам ба поён ояд. Аз омадани ман мақсад танҳо дидор нест, мақсадам озодии туст.

– Ту мехоҳӣ маро озод кунӣ? – бо ҳайрату хаяҷон пурсид Виркан.

– Оре, гуфт Ревахшиён, – бо ҳамин ният омадам. Дар хона ҳар чӣ фурӯхтанӣ буд, фурӯхтам, ба вағн назр кардам, аз мағупати бузург дуо гирифтам.

– Падарҷонам!

Баҳои туро овардам, ба хоҷаат медиҳам, шояд ба озод кардани ту розӣ шавад.

– Чорсад дирам?

– Оре.

– Аз куҷо ёфтӣ, падар?

Ревахшиён пул овардани паҳлавони Суғдро нақл кард, гуфт: "Ёдхишетак одами покдил аст, хайрхоҳи туст". Ревахшиён бо умеде, ки рӯзе писарашро харида гирифтан муяссар шавад, ба

мӯхточию маҳрумиҳои сахт тоқат карда, он пулро сарф накарда, ду сол боз нигоҳ дошта омада буд.

Виркан дар ҳоле ки боз ба чашмонаш об омада буд, ду дасти пирамардро гирифта бӯсид:

– Падарҷонам, дили ту бошишгоҳи худоён аст, кони меҳр аст. Агар дуямон ба умедамой расему ман озод шавам, дар ду дунё ба ту бандавор хизмат мекунам.

Озодии ту барои ман саодати ҳар ду дунёст, дигар ба ман ҳеч чиз даркор нест. Агар озодии туро нодида бимирам, саодати он дунё ҳам ба ман даркор нест; ман дар дами ҷон канданам аз худоҳо, аз Зардушт рӯ мегардонам ва муртади дӯзахӣ мемирам.

– Ин тавр магӯ, падар.

– Модоме ки худоҳо ба подоши ибодати шастсолаам ба ман асорати писари ягонаамро медода бошанд, аз онҳо даргузаштани ман равост.

Ревахшиён аз ҳисси хорӣ лабонаш меларзиданд, дар кунҷи чашмони хастаи камнураш ду қатра ашк ҳалқа зад. Виркан ба холи падараш он қадар дилаш сӯхт, ки мехост дод гӯяд, фарёд кашад, сарашро ба дару девор занад, зеро барои ба ин ҳол расидани пирамард худашро гунаҳкор медонист.

Вай падарашро дар бошишгоҳи худ ҷой дод.

**29**

Нуфарн ба куҷое рафта буд, бегоҳирӯзӣ баргашт. Виркан ва хизматгорони дигар дар дами дарвозаи кушк аз вай истиқбол карданд ва ёрӣ дода аз аспаш фуроварданд. Ревахшиён дар як канор ду даст ба пеш гирифта истода буд. Виркан ба хоҷа ӯро нишон дод.

– Падарам ба хизмат омадаанд, – гуфт.

Ревахшиён ба Нуфарн таъзим кард, хоҷа истода бо кароҳат сӯи ӯ нигарист ва тааҷҷубомез пурсид:

– Ба хизмат?

– Оре хоҷа, арзи бандагӣ дорам, – гуфт Ревахшиён.

– Чӣ арз? – Нуфарн ду даст бар пушт ва чашмонашро нимпӯш кард, ки одатан арзи аҳли хоҷатро дар ҳамин ҳолат мешунид.

– Зиндагиат дароз бод, хоҷа, – ба арзи муддао шурӯъ кард Ревахшиён, – ба карами ту умедвор омадам. Ду сол нахӯрдам, напӯшидам, бо сад риёзату машаққат чорсад дирам баҳои писарамро андӯхтам ва ба ту овардам. Пири нотавонам, бекасам, ба ман раҳм кун, хоҷа, ба аёлу кӯдаки ин ҷавон раҳм кун, ки аз ин

зиндаҷудой аз шавҳару падар дилрешанд, ятим, бепаноҳ, бесару сомон мондаанд. Сарнавишти шум буд ё наҳсии рӯзгор, ки писари озодам асир афтод. Ту бо караму ҳиммати худ аз марг наҷоташ додӣ, бар ман ва ӯ миннати беҳад ниҳодӣ, мо туро дар ду дунё сипосгузорем. Акнун чӣ мешавад, ки бо ҳамин караму ҳиммат ба ӯ озодӣ бахшӣ. Фарзанди ягонаамро ба ман боз бидеҳ, хоҷа, - Ревахшиён дар ин ҷо худро бохт, донаҳои ашки шӯр ба ришаш шориданд, – асои пириамро боз бидеҳ, ба вай беваи ҷавони шӯрбахт ва кӯдаки ятим шавҳару падарашонро боз бидеҳ. Худоён давлататро даҳчанду садчанд зиёда кунанд, ба раҳму шафқати ту умедвор омадам. Аз ман ин пасандози бечорагиамро бигиру Вирканамро раҳо кун, хоҷаи азиз.

Нуфари ҳамоно ду даст дар пушт фурсате ба замин нигоҳ карда хомӯш истод, ғуломон ва хизматгоронаш ба вай чашм дӯхта буданд, гӯё бо забони нигоҳ илтиҷо мекарданд, ки: рад накун! Розӣ шав!

Ниҳоят хоҷа сар боло карда ба гуфтор омад:

– Хуб, ман розиам, ки писаратро озод кунам, аммо... – Нуфари суханашро қатъ карда ба ҳозирон нигарист ва табассуми шодӣ дар чеҳраи Ревахшиён, Виркан ва хизматгорон барқзадаро дида дудил гашта: шарти озодии ғуломро гӯяд ё баъд? Қарор дод, ки ҳозир гӯяду монад. "Савдо савдост, ман чаро дар фикри суд набошам ва зиёни худ хоҳам?" – ба дил гузаронд ӯ ва гуфт: – "Аммо ту он чорсад дирамро, ки писарат ба он харида шуда буд, қарз бишмор ва писаратро гарави қарз. Лекин ман ба касе ҳасана намедиҳам, фоидаи ҳармоҳа се дар сад то панҷ дар сад медиҳам. Аз ту фоидаи ақалл, яъне се дар сад мегирам. Чаро? Чунки агар он пул ба дастам мебуд, ман бо вай тиҷорат мекардам, чорсад дирам дар ин муддат чор ҳазор дирам мешуд. Ту пули маро бо фоидааш бидеҳ ва гараватро ки писарат бошад, аз ман биситон. Сухан тамом".

Нуфари инро гуфта ба дарвоза даромаду рафт.

### 30

Вай боварӣ дошт, ки пирамард дирамро бо фоидаи беш аз дусолааш дода наметавонаду аз талабаш дармегузарад.

Ревахшиёни дармондаву ҳайрон бо даст миёнашро гирифта ба суфача паҳлуи дарвоза фурӯ нишаст ва пушт ба девор дода чашмонашро пӯшид. Вай дар ин лаҳза ба каси якбора даргирифтае монандӣ дошт. Виркан дар паҳлуи ӯ ҷой гирифт. Ҳар

ду хомӯш, ғарқи хаёлоти андӯхбори худ буданд. Хизматгорони хоҷа ҳар яке паси кори худ рафтанд.

Фурсате ба хомӯшӣ гузашт, падару писар гӯё маҷоли сухан гуфтан надоштанд. Сипас Виркан бархоста даст дар бағали Ревахшиён кард ва:

– Биё, падар, ба ҳуҷра меравем, – гӯён ӯро гирифта бурд...

Вай кунҷаки каҳдонро, ки ҷои хобаш буд, ҳуҷра номид. Он кунҷакро вай аз кох холӣ карда аз бӯрё тавора кашида буд. Порае намад, пӯстаки буз, обдастаи сафолин ва як косаи чӯбин анҷоми "ҳуҷра"-ро ташкил мекарданд. Ғуломон ва хизматгорони дигар ҳам дар анборҳо, ҳезумхонаҳо ва ҳатто оғилхо барои худашон ҳамин гуна "ҳуҷраҳо" сохта дукасӣ-секасӣ ҷойгир шуда буданд.

Падару писари ғамзада шаб ҳама шаб дар кунҷаки тори лаҳадмонанди каҳдон фоидаи се дар сади "қарз"-ашонро ҳисоб мекарданд. Дар бисту панҷ моҳу нуздаҳ рӯзи гузашта фоидаи қарз сесаду чанд дирам баромад, ки бо иловаи тани қарз ҳафтсаду чанд дирам мешуд. Ин миқдор пулро Ревахшиёну Виркан дар умрашон ҳеҷ гоҳ ба даст надоштанд.

Ревахшиён зуд ба Самарқанд, ба деҳаи худ баргаштанӣ шуд.

– Заминро мефурӯшам, – гуфт ӯ. – Ба иҷора дода будам, ба худи иҷорадор мефурӯшам, ӯ дербоз онро харидорӣ мекунад. Ним ҷуфт замин ақаллан ба сесад - сесаду панҷоҳ дирам меравад.

Пирамард шитоб мекард, зеро ҳар як рӯзи таъхираш ба қарзаш меафзуд.

Вай рафт ва баъди ду ҳафта боз дар Искиҷкат ҳозир гардид. Заминашро фурӯхта сесаду шаст дирам ба даст оварда буд. Дар сурате, ки ӯ Вирканро аз ғуломӣ озод мекард, аз даст рафтани замин чӣ аҳамияте дошт? Падар тайёр буд, ки озодии писаршро ба ҷон бихарад.

Нуфарн ночор Вирканро раҳо кард.

**31**

Падару писар ба Ревдоди Самарқанд баргаштанд.

Виркан аз дари ҳавлӣ даромада хӯрҷинро аз китфаш афканду нанишаста ҳамон дам ба манзили Наниманча шитофт.

Зан шавҳари баногоҳ аз дар намудоршудаашро дида, бехудона ба сӯяш тохт, лекин ба вай нарасида беҳуш гашт. Виркан давон рафта ӯро дар бағал гирифта аз ғалтидан нигоҳ дошт. Ҳам вай ва ҳам модари Наниманча тарсиданд: мабодо ки шодимарг шуда бошад. Ӯро саросема ба рӯяш об пошида ба ҳуш оварданд.

– Агарчи мемурдам ҳам, беормон мерафтам, чунки туро дидам, Виркан, озод дидам, – мегуфт ӯ ба шавҳараш, – зиндаю саломат дидам, ба муродам расидам.

Виркан бошад, Шеркавичи дусолаи ҳайронмондаро ба синааш пахш карда дасту почакҳояшро мебӯсиду мегирист...

**Савол ва супориш**

1. Ба рафтору кирдори Ёдхишетак чӣ хел баҳо медиҳед? Кадом маслиҳатҳои некбинонаи ӯ лоиқи таҳсинанд?
2. Муколамаи Ревахшиён ва Нуфарнро таҳлил намоед.
3. Тарзи зиндагии ғуломону хизматгарони Нуфарнро шарҳ диҳед.
4. Корвони бозаргонони суғдӣ аз сафари дусола баргашта ба чӣ манзараҳо вохӯрданд?
5. Нуфарн деҳаи худ Искичкатро дар кадом ҳолат ёфт?
6. Ӯ дар ҷавоби хати бароти Виркан чӣ гуфт?
7. Баъди зиёрати Хотун талаби Виркан чӣ натиҷа дод?
8. Ревахшиён писараш Вирканро чӣ тавр аз ғуломии Нуфарн озод кард?
9. Лаҳзаи дилхоҳро аз матн интихоб намуда, онро ҳамчун муколама истифода кунед ва бигӯед, ки дар муколама кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

## ҲАБИБ ЮСУФӢ



Ҳабиб Юсуфӣ соли 1916 дар оилаи мударрис дар гузари Боғимайдони шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсола вай ба Техникуми педагогии мардонаи тоҷикии шаҳри Самарқанд дохил шудааст. Дар соли 1935 техникумро хатм намуда, дар мактабҳои миёна аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегуфт. Вале фақат дарс гуфтан ҷавони донишдӯстро қонеъ намекард. Бинобар ин тирамоҳи соли 1936 ӯ ба факултаи филологияи шӯъбаи шабонаи Дорулфунуни давлатии Ӯзбекистон дохил шуд. Таҳсили шабона ӯро қонеъ карда натавонист. Аз сентябри соли 1937 ба шӯъбаи рӯзона гузашт.

Шароити хуби мактаби олӣ ба Ҳабиб Юсуфӣ имконият дод, ки аз ҷиҳати ғоявӣ ва сатҳи дониш зуд инкишоф ёбад. Баъд аз хатми таҳсил соли 1940 ба Душанбе омада, дар Институти забон, адабиёт ва таърихи филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ходими илмӣ таъйин шуд.

Ҳабиб Юсуфӣ шоир, тарҷумон ва ходими илмӣ буд. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ асарҳои Пушкин ва Лермонтовро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд.

Ҳабиб Юсуфӣ моҳи марти соли 1942 ба сафҳои Армияи Советӣ даъват шуд. Ӯро аввал ба Омӯзишгоҳи ҳарбии миномётии шаҳри Пенза фиристоданд. Ҳабиб Юсуфӣ техникаи ҳарбиро омӯхта бо рутбаи лейтенанти хурд ба ҳимояи Ленинград фиристода шуд. Дар яке аз мактубҳояш, ки 19-уми ноябри соли 1943 навишта буд, "...Он рӯзҳо дур нестанд, ки душмани малъунро аз дарвозаҳои ин шаҳри азим дур андозем" гуфтааст.

Ҳабиб Юсуфӣ дар байни афсарону аскарони қисмаш ҳамчун инсони оддӣ, хоксор, дӯст ва рафиқи хуб, соҳиби дониши баланд шинохта шуда буд. Ӯ аз мутолиаи китоб ғофил намешуд. Дар яке аз мактубҳояш ҳатто ишора намудааст, ки ӯ китоби Л.Н. Толстой "Ҷанг ва сулҳ"-ро бо забони русӣ хонда истодааст.

Ҷанговар ва афсари ватандӯст бозгашти худро фақат бо роҳи сарҳадҳои ғарбии мамлакат ва аз дохили Берлин муайян намуда,

"...агар саломатӣ бошад, роҳи мо ба Самарқанд ва Сталинобод ба воситаи Берлин аст..." навишта буд.

Аммо дили пурҷӯшу хурӯш, ки саршори муҳаббат ба ватан буд, 15 феврали соли 1945 аз тири фашистони манҳус абадӣ аз кор монд, вале номи ӯ дар дили хонандагонаш абадӣ гашт.

Ҳабиб Юсуфӣ шеъргӯиро барвақттар оғоз карда бошад ҳам, ба таври расмӣ соли 1936 шеърҳояшро эълон намудааст. Соли 1939 нашр шудани аввалин маҷмӯаи шеърҳои ӯ "Таронаи ватан" шӯҳрати ӯро зиёд ва эътирофи умум гардонид.

## БА ВАТАН

Гар, ватан, дилро ту мехоҳӣ, фидо созам ба ҷон,
Дил барои меҳри ту, эй меҳри ман, бошад макон.
Дил, бидон, аз баҳри ту як лаҳза ҳам бегона нест,
Ҳамчу мурғе карда андар шохи меҳрат ошён.
Ту чунон маҳбубаи ошиқнавозӣ, меҳри ту
Ҷо гирифта дар дили меҳнаткаши рӯи ҷаҳон.
Шавкати дил, шодии дил, ҳастии дил бо ту аст,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, бифармо, дил ба фармонат равон.
Аз чӣ ман дилро макон дар синаи худ додаам?
З-он ки меҳри ту намуда синаи дилро макон.
Хирмани ғамҳои дилро оташи меҳри ту сӯхт,
Доимо дилро баҳор асту баҳораш бехазон.
Дил дар оғӯши чу бӯстони ту доим хуррам аст,
Бо ҳазорон дилбарони дилрабои дилситон.
Дил куҷо тоқат намояд душманат гар дам занад,
Аз барои дафъи ӯ кӯшиш намояд ҳар замон.
Ҳамчу Маҷнун дил ба саҳрои ҷунун овора нест,
Масти ҷоми меҳнат асту ёр бо лайливашон.
Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,
То шавам чун қаҳрамонони ту ман ҳам қаҳрамон.

**Савол ва супориш**

1. Шеърро мутолиа ва қироат намуда, мазмуни онро нақл кунед.
2. Дар кадом мисраъ аз доираи дили шоир берун баромадани меҳри ватан мушоҳида мешавад?
3. Қудрати меҳри ватан ба чӣ ташбеҳ ёфтааст?
4. Ишқи шоир аз ишқи Маҷнун бо чӣ фарқ кардааст?

5. Имлои пешоянд ва пасояндҳоро шарҳ диҳед.
6. Байти мақтаъро ба наср гардонида, ба дафтар нависед ва таҳлили морфологӣ намоед.

## БА ҲАР КУҶОТ РАВАМ, ДИЛ ДИЁРИ МАН ГӮЯД

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама бештар ватан гӯяд.
Ватан, чу нағмасарой аст дил, зи ишқи ту,
Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд.
Ба ин таронаву ин рангу бӯ, ки ҳастӣ ту,
Сазад саросари саҳни туро чаман гӯяд.
Дар оғӯши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд.
Ҳазор як сифататро адо нахоҳад кард,
Ҳазор шоир агар асрҳо сухан гӯяд.
Тамоми ҳастии худро фидо кунад ба ту халқ,
На сар, на қалб, на дида, на ҷон, на тан гӯяд.
Ту з-он қавӣ, ки ба ҳар ҷой халқи заҳматкаш
Туро замини ману такягоҳи ман гӯяд.
Хушам, чу ишқи ту Ширин шудастам, ар халқам
Маро дар ишқи ту Фарҳоди кӯҳкан гӯяд.
Бигираму бигузорам, ватан: "Қалам бигзор,
Бигир тегу ба фарқи адӯ бизан" - гӯяд.

*Соли 1938.*

**Савол ва супориш**

1. "Забони ман зи ҳама бештар ватан гӯяд" – гуфтани шоир аз чӣ шаҳодат медиҳад?
2. Чаро шоир ватанро хазинаи илҳоми дили худ номидааст?
3. Ҳар гӯшаю канори ватанро диёри худ номидани шоир чӣ маъно дорад?
4. Аз байти: "Ту з-он қавӣ, ки ба ҳар ҷой халқи заҳматкаш,
   Туро замини ману такягоҳи ман гӯяд"
   хулоса бароред.
5. Шоир ишқи ватанро ба кадом маъшуқаи таърихӣ ва худро ба кадом ошиқи ӯ ташбеҳ додааст?
6. Аз шеър пайвандакҳоро ёфта ба дафтаратон нависед ва вазифаи онҳоро муайян намоед.

## МАН ВАТАНРО БЕШ АЗ ҲАРВАҚТА ДОРАМ ДӮСТТАР

Вақти он аст,
Эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи тег!
Вақти он аст,
Эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
Решааш бурри зи бех,
То расӣ,
Манҳус - анчарро[1] кунӣ бешоху барг!,
Як чаҳон ишқи Ватан дорад дили халқи азим,
То ватанро дӯст дорад,
дӯст дорад то абад.
Сад чаҳон нафрат ҳам аз баҳри разилони фашизм,
То фашистонро кунад
Бо нафраташ гӯр оқибат!
Чун Ватан мардона дар чанг омадаст, имрӯз ман
Ин ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар!,
Чун ман ин сон байни майдон пурдилу фирӯзманд,
Дорадам имрӯз аз ҳаррӯза ёрам дӯсттар:
Он на ман бошам амон бидҳад ба душман мушти ман,
Он на ман, к-ин дам фитам дар фикри кори дигаре.
"Он на ман бошам, ки рӯзи чанг бинӣ пушти ман,
Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре".[2]
Вақти он аст,
Эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи тег!
Вақти он аст,
Эй сухан,
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам, решааш буррӣ зи бех,
То расӣ,
Манҳус - анчарро кунӣ бешоху барг!

---

[1] Анчар - (ангар) - номи дарахти заҳрдор

[2] Байт аз Саъдии Шерозист

**Савол ва супориш**

1. Шеърро бурро ва ифоданок қироат намоед.
2. Мазмуни шеърро нақл кунед.
3. Шоир кудрати қаламу суханро ба чӣ ташбеҳ додааст?
4. Зери мафҳуми "манҳус - анчар" кӣ дар назар дошта шудааст?
5. Чаро шоир ин қадар қатъӣ ба қаламу сухан рӯ овардааст?
6. Дар сарлавҳаи шеър кадом ҳиссиёти шоир баён ёфтааст?
7. Мақтаъи шеър аз кадом мисраъҳо сар мешавад?
8. Пайвандакҳоро ба хелҳо ҷудо карда, ба дафтар нависед.

## БОҚӢ РАҲИМЗОДА



Боқӣ Раҳимзода 15-уми майи соли 1910 дар Сорбоғ, ки яке аз деҳаҳои зеботарини ноҳияи Ғарм ба ҳисоб меравад, ба дунё омадааст. Дар давраи кӯдакӣ, бо амри тақдир, падари ӯ аз сар рафт. Баъди марги падар Боқӣ муддате дар хонаи амакҳояш - Миразизу Мирзораҳим умр ба сар бурда, бо ёрии онҳо ӯ дар мактаби кӯҳнаи деҳаашон савод омӯхт. Боқӣ, ки худ табиатан бачаи зираку доништдӯст буд, дар муддати ниҳоят кӯтоҳ асосҳои саводи мактаби кӯҳнаро аз худ намуд. Вай аз хурдсолӣ ба шеъру шоирӣ рағбати зиёд дошт, девони ғазалиёти Саъдию Ҳофизро пайваста меомӯхт.

Баъди ташкил шудани мактабҳои шӯроӣ, ӯ аз ҷумлаи нахустин шогирдони болаёқати он мактаб буд. Боқӣ Раҳимзода аввал Техникуми педагогии шаҳри Самарқанд (1931), баъдтар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд (1938) ва ниҳоят Институти омӯзгории шаҳри Душанберо (1941) бо баҳои аъло хатм намуд. Шавқи шеър барвақт дар қалби ӯ ҷой гирифта буд, аввалин шеърҳои ӯ солҳои 30-юм дар саҳифаи рӯзнома ва маҷаллаҳо чоп шуданд.

Аввалин китоби шеърҳои ӯ соли 1945 бо номи "Ба фронт" чоп шуд, ки дар онҳо қаҳрамониҳои халқи бузурги шӯравӣ ва ғалабаи он васф шудааст. Боқӣ Раҳимзода шоири тавоно буд, ашъори ӯ содаю фаҳмо ва самимӣ аст. Дар шеърҳои ҳаҷвиаш шахсони ваъдабозу оилабезор, булҳавасу танбалро мазаммат мекард. Барои бачаҳо суруду таронаҳои зиёд навиштааст.

Ҳунар ва истеъдоди баланди шоирии Боқӣ дар шеърҳои "Чашмасор", "Баҳори умр", "Қиссаи кӯҳсор", "Республикаи ман", "Мусича ва рӯбоҳ", "Муаллим", "Халқи бузургворам" ва ғайра хеле хуб зоҳир шудааст.

Боқӣ Раҳимзода дар баробари шоири ҳақиқӣ будан, инсони бузург ва тарбиятгари шоирони ҷавон буд. Аз соли 1948 то охири ҳаёташ мушовири Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро дар ӯҳда дошт. 30-юми январи соли 1980 Боқӣ Раҳимзода дар Душанбе ҳаётро падруд гуфт.

Дар шеъри "Муаллим" иззату эхтироми халкро нисбат ба омӯзгор хеле самимӣ баён намудааст.

**МУАЛЛИМ**

Шеъре ба номи некат, омӯзгор, дорам,
Дар анҷуман ба дастат чун тӯҳфае супорам.
Баҳри сипоси хотир дастат ҳамефишорам,
Миннатпазирам аз ту доим ба рӯзгорам.

***

З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,
Дар олами маонӣ ҳам роҳбар муаллим.

***

Ҳарфе дуруст хондам, аз шавқ медамидӣ,
Нокис, ки менавиштам, бар хеш метапидӣ.
То сарбаланд бошам, бисёр сар хамидӣ,
Бори гарони меҳнат бар дӯши худ кашидӣ.

***

З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,
Дар олами маонӣ ҳам роҳбар муаллим.

***

Омӯхта бароям одоби гуфтугӯро,
Во карда пеши чашмам дунёи орзӯро.
Суде барои мардум бахшанда бин Амуро,
Дар роҳи бахтёбӣ маънои ҷустуҷӯро.

***

З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,
Дар олами маонӣ ҳам роҳбар муаллим.

***

Дар гиру дори ҳастӣ, гуфтӣ, ки боҳунар шав,
Бар авҷ сар кашидӣ, аз қаър бохабар шав,
Аз дониши замонат пайваста баҳравар шав,
Дар ҳифзи халқу кишвар фарзанди номвар шав.

***

З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,
Дар олами маонӣ ҳам роҳбар муаллим.

***

Тақдири насли миллат бар зиммаи ту бор аст,
З-ин бештар ба дунё дигар чӣ эътибор аст?

Омӯзгор он гаҳ мамнуну бахтёр аст,
Шогирди бовафояш бар халқ ифтихор аст.

***

З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,
Дар олами маонӣ ҳам роҳбар муаллим.

**Савол ва супориш**

1. Шеърро ифоданок ва ба тарзи бадеӣ қироат намоед.
2. Мазмуни шеърро мухтасар нақл намоед.
3. Дар шеър кадом хислатҳои ба муаллим хос тараннум ёфтаанд?
4. Дар шеър кадом воситаҳои тасвир ва санъатҳои лафзӣ истифода шудаанд?
5. Ғояи асосии шеърро муайян намоед.
6. Аз шеъри "Муаллим" зарфҳоро ба дафтар навишта, онҳоро аз ҷиҳати сохташон шарҳ диҳед.
7. Шеърро азбар намоед.

## ХАЛҚИ БУЗУРГВОРАМ

Чун Вахши саркаши худ аз шавқ сар кашидам,
Шайпури фатҳи халқам бори дигар кашидам.
Ҳар қатраи ҷабинаш бо шеър баркашидам,
Оре, ба риштаи назм дурру гуҳар кашидам.

***

То бахшам аз бароят, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Қалби замин фишурда, мардона чок кардӣ,
Обу арақ зи рӯят сад бор пок кардӣ.
Шуд рӯзҳо, ки дидам тарки хӯрок кардӣ,
То пунбадонаеро берун зи хок кардӣ.

***

З-ин рӯ, туро сурудам, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Ҳар як ниҳоли пахта чун тифл парваридӣ,
То ки набинад офат, роҳат ту ҳам надидӣ.
Бори гарони меҳнат бар дӯши худ кашидӣ,
То сарбаланд гардӣ, бисёр сар хамидӣ.

***

З-ин рӯ, туро сароям, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Фасли баҳор дидам пур аз ғубор рӯят,
Бо қомати хамида дар киштзор рӯят,
Обу арақ чакида аз тор-тори мӯят,
Барқи зафар шукуфта андар канори рӯят.

***

Дил пурумед гуфтам, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Ранҷи кашидаатро обу замин бидонад,
Қадри баланду пастӣ худ пахтачин бидонад.
Ҷонбозиҳои заргар лаълу нигин бидонад.

***

Заркору заргарӣ ту, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Ҳар кас агар шуморад кори ту саҳлу осон,
Лаънат ба ӯ бигӯяд ҳар фарди поквиҷдон.
Раззоқи олам астӣ, эй баргузида деҳқон,
Васфи туро сароям, то ҳаст дар танам ҷон.

***

Ҷонам фидои номат, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Ҳам Вахшу Ленинобод, кӯлобию ҳисорӣ,
Дар гирудори меҳнат бинмуда ҷонсупорӣ,
То дар ривоҷи кишвар саҳми расо гузорӣ,
Байроқи обрӯро маҳкам нигоҳ дорӣ.

***

Таҳсинкунон бигӯям, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Дар Беларус будам, васфи туро шунидам,
Маҳсули ранҷи дастат дар ҳар куҷо бидидам.
Чун кӯҳсори Помир аз фахр сар кашидам,
Дар пешвози тӯят аммо ба сар давидам.

***

То бар ту шеър бахшам, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Иҷрои қавл кардӣ, ин аст сарфарозӣ,
Тобида мӯйлабро бинмой рақсу бозӣ,
Иди Кабири Октябр, бешубҳа, аз ту розӣ,
Бо ин умед додат ҳар гуна имтиёзе.

***

Додат бузургворӣ, халқи бузургворам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

***

Рӯзи барори корат ин шеър тӯҳфа орам,
Афсӯс, бехтар аз ин чизи дигар надорам.
Бинмо қабул аз ман, халқи бузургворам,
Чун барги сабз онро бар ту ҳамесупорам.

***

Ту аз ману ман аз ту, дигар сухан надорам,
Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.

**Савол ва супориш**

1. Шеърро бо диққат мутолиа карда, мазмуни онро нақл намоед.
2. Дар хусуси меҳнати софдилона, пурмашаққат ва боифтихори деҳқон ҳикоя кунед.
3. Шоир дар шеъри худ изҳори хурсандию шодии зиёде кардааст. Сабаби онро гӯед.
4. Тавсифу ташбеҳҳои шеърро ёфта, онҳоро ба дафтаратон кӯчонед.
5. Шеърро азбар кунед.

## АБДУЛҲАҚ БЕТОБ

Шоири муосири афғон Абдулҳақ Сӯфии Бетоб соли 1888 дар шаҳри Кобули Афғонистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ ба забони дарӣ (форсии кобулӣ) асарҳои илмӣ ва адабӣ эҷод намудааст. Абдулҳақ Бетоб таълими ибтидоиро дар оила гирифта, ба омӯзиши илмҳои диния, адабиёти форсӣ ва арабӣ машғул шудааст. Аз соли 1918 сар карда дар соҳаи маориф фаъолият

намуда, баъдтар ба ҳайси профессори Университети Кобул машғули таълими донишҷӯён будааст. Бетоб дар эҷоди шеър сабки ҳиндиро пайравӣ намуда, вале саъй дошт, ки мақсадро ба забони содатаре баён кунад. Ӯ соли 1952 ба унвони ифтихории "Маликушшуаро" мушарраф гардида буд. Шеърҳои Абдулҳақ Бетоб дар рӯзномаю маҷаллаҳои Тоҷикистон ва китоби "Намунаи ашъори шоирони муосири афғон", ки соли 1958 нашр шуда буд, ба табъ расидаанд.

Мавзӯи ашъори Бетоб хеле рангоранг ва доманадор аст. Тараннуми озодӣ, шукри озодию соҳибистиқлолӣ намудан ва ба қадри неъмати соҳибихтиёрӣ расидан матолиби асосии эҷодиёти Бетоб аст.

Бетоб соли 1969 дар шаҳри Кобул фавтидааст.

## САХТ ВА МУШКИЛ

Ба сахтӣ дар сияҳчол[1] орамидан,
Ба кунҷи танги зиндон дар хазидан,
Аз оби зиндагонӣ даст шустан,
Умеди офият[2] аз ҷон буридан.
Раҳи селоб бо хошок бастан,
Ба мӯ кӯҳи гаронеро кашидан,
Хазафро[3] гавҳари шаҳвор кардан,
Ба мижгон санги хороро буридан,
Ба шустан бурдан аз зангӣ сиёҳӣ,
Ба фарқи сар ба лоши[4] кӯҳ давидан,
Зи сахтиҳои чархи фитнаангез
Ба зери осиёсанге хазидан,
Набошад он қадарҳо сахту мушкил,
Ки худро зери дасти ғайр дидан!

**Савол ва супориш**

1. Шоир рӯзи сахттаринро дар чӣ дидааст?
2. Шоир ҳамватанони худро ба чӣ даъват кардааст?
3. Пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунандаро ёфта, дар ду сутунча ба дафтарҳо нависед.
4. Мавқеи пайвандакҳоро дар ин шеър шарҳ диҳед.

[1] Сияҳчол - чоҳи беоб, ки гунаҳгоронро дар он маҳбус мекарданд

[2] Офият - сиҳатӣ, саломатӣ, тандурустӣ

[3] Хазаф - сафол, сафолин, зарфи сафолӣ

[4] Лош - қулла

## НЕЪМАТИ ИСТИҚЛОЛ

Неъмате беҳтар зи истиқлол нест,
Ҳоҷати бисёри қилу қол нест.
Даври ӯ чун даври соғар нашъабахш,
Аҳди ӯ ҷуз аҳди маймун фол нест.
Ин саодат, ин каромат, ин шараф
Ҷуз насиби миллати фаъол нест.
Айшу озодӣ муродиф будаанд,
Миллати маҳрум аз ӯ хушҳол нест.
Кай ба ваҷҳи эътибораш ҷо бувад,
Ҳамчу он мурғе, ки ӯро бол нест.
Шукри Эзид, миллати озоди мо,
Ҷуз ба зери дасти истиқлол нест.
Ҳар кӣ ҷо дорад ба мулки мустақил,
Ҳеч гоҳе халқи ӯ помол нест.
Васфи истиқлол кун аз рӯи шавқ,
Эй суханпарвар, забонат лол нест.
Ҷуз тараққии ҳақиқии ватан
Ҳеч Бетобо, маро омол нест.

**Савол ва супориш**

1. Мисраи "Аҳди ӯ ҷуз аҳди маймун фол нест" чӣ маънӣ дорад?
2. Саодат ва шаъну шараф насиби кадом миллат будааст?
3. Фаъол буданро чӣ тавр тасаввур ва маънидод мекунед?
4. Мақсад ва амали Бетоб аз чӣ иборат будааст?
5. Пайвандакҳоро ёфта, аз рӯи сохт ва таркиб шарҳ диҳед.
6. Ду байти шеърро ба наср гардонед ва пайвандакҳоро истифода баред.

## ҒУРУРИ ХОҶА

Хоҷа, мағрурӣ чунин бо рахти абрешум чаро?
Кардаӣ монанди кирми пилла худро гум чаро?
Дил ба хусни пӯст бастан айни бемағзӣ бувад,
Гаштаӣ ҳасратпарасти сурати қоқум чаро?
Гӯшагирӣ аз халоиқ[1] гар на ҳикмат будааст,
Менишаст охир Фалотун дар миёни хум чаро?
Рӯзаро гар ҳаст пеши аҳли олам лаззате,
Мешавад аз рафтани ӯ ид бар мардум чаро?
Давлати саршори Бетобӣ бароям медиҳад,
То бувад мумкин, диҳам аз даст пои хум[2] чаро?

**Савол ва супориш**

1. Шеърро байт ба байт маънидод кунед.
2. Байти охиринро ба наср гардонед ва таҳлили морфологӣ намоед.
3. Мавқеи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

## МАБОД

Маҳрами сурати ту шишаи аккос мабод,
Дили савдозада з-ин рашк ба васвос мабод.
Илтифоте ба кас аз нози нигоҳаш накунад,
Ё Раб, арбоби назар ин ҳама бепос мабод.
Домани симбарон рафта зи дастам умрест.
Номуродии кас аз меҳнати ифлос мабод.
Хунчакон аст дил аз кобиши мижгони касе,
Офати ҷони кас ин наштари алмос мабод.
Хасми осоиши мо пайкари хам гардидааст,
Мазраи айши касе дар дами ин дос мабод.
Заррае гар битапад хуни ҷигар мегардад,
Дили Бетоб ба ин мартаба ҳассос мабод.

**Савол ва супориш**

1. Шеърро бурро ва ифоданок қироат кунед.
2. Мазмуни шеърро маънидод намоед.
3. Калимаҳои "маҳрам", "савдозада", "илтифот", "номуродӣ", "наштар", "пайкар", "мазраъ"-ро аз рӯи маънӣ ва сохту таркиб шарҳ диҳед.

[1] Халоиқ - ҷамъи халқ
[2] Хум - зарфест барои шаробгирӣ

## ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ



Фазлиддин Муҳаммадиев 15 июни соли 1928 дар шаҳри Самарқанд дар оилаи муқовабанд ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна ходими адабии рӯзномаи "Тоҷикистони сурх" буд.

Соли 1951 мактаби марказии комсомоли назди Кумитаи марказии комсомолро дар шаҳри Маскав хатм намуд ва ба кори рӯзноманигорӣ машғул шуд. Ҷонишини муҳаррири рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ("Комсомоли Тоҷикистон"), муҳаррири "Газетаи муаллимон", мудири шӯъбаи рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ", котиби масъули маҷаллаи "Занони Тоҷикистон", мудири шӯъбаи наср ва котиби масъули маҷаллаи "Шарки сурх" ("Садои Шарқ") буд.

Соли 1962 курсҳои олии адабиро дар назди Институти адабии ба номи М. Горкий дар шаҳри Маскав хатм намуда, дар идораи маҷаллаи "Хорпуштак", киностудияи "Тоҷикфилм" ва нашриёти "Ирфон" кор кардааст. Баъдтар вазифаҳои мудири нашрияи Сарредаксияи Энсиклопедияи Советии Тоҷик, сармуҳаррири Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба Кинематографияро ба ӯҳда дошт.

Аз июни 1978 котиби Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуда кор кардааст. Очерку ҳикояҳои аввалини Ф. Муҳаммадиев дар нимаи дуюми солҳои 50-ум дар матбуот пайдо шуданд. Масалан: "Раиси нав" (1955), "Муҳоҷирон" (1956), "Фаттоҳ ва Музаффар" (1958) ва ғайраҳо.

Соли 1958 маҷмӯаи очерку ҳикояҳои ӯ, соли 1960 повести "Таркише, ки ба вуқӯъ наомад", соли 1963 "Одамони кӯҳна", соли 1964 "Бибӣ - Зайнаб", соли 1969 маҷмӯаи ҳикояҳо таҳти унвони "Сози мунаввар" аз чоп баромадаанд.

Соли 1974 романи "Палатаи кунҷакӣ" баромад. Қариб ҳамаи асарҳои ӯ ба забони русӣ тарҷума шудаанд.

Асарҳои Ф. Муҳаммадиев ба забонҳои ӯзбекӣ, латишӣ, арманӣ, эстонӣ, қазоқӣ, туркманӣ, қирғизӣ, украинӣ, белорусӣ, немисӣ, полякӣ, арабӣ, венгерӣ, чехӣ ва булғорӣ низ тарҷума шудаанд.

Аз рӯи сенарияҳои Ф. Муҳаммадиев киностудияи "Тоҷикфилм" филми бадеии кӯтоҳметражи "Задухӯрд" (1973); филми мустанади "Субҳи кишвари ман" (1974), филми бадеии "Вохӯрӣ дар дараи марг" (1980) ва ғайраро ба навор гирифт. Филми бадеии "Вохӯрӣ дар дараи марг" дар кинофестивали XIII сазовори мукофот ва дар кинофестивали мамлакатҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ, ки дар шаҳри Тошкент гузашт, сазовори диплом гардид.

Фазлиддин Муҳаммадиев дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ меҳнати самараноку сермаҳсул ба харҷ додааст. Тарҷумаҳои тоҷикии романҳои Андре Стил "Зарбаи аввал", М. Садовяну "Ҷазираи гулҳо", повестҳои Чингиз Айтматов "Ҷамила", "Алвидоъ, Гулсарӣ", М. Левин "Ҳаяҷони саввум", А. Қаҳҳор "Модаркалони меҳрубони ман", "Овоз аз тобут", В. Губарев "Мӯъҷизакори бузург" ва ҳикояҳои алоҳидаи Чехов, Драйзер ва нависандагони пешқадами адабиёти муосири хориҷӣ ба қалами Фазлиддин Муҳаммадиев мутааллиқанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев бо унвони ифтихории Корманди Шоистаи маданияти Тоҷикистон ва Ҷоизаи ҷумҳуриявии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ мушарраф гардидааст.

Ӯ 15-уми июни соли 1986 фавтидааст.

## "ОДАМОНИ КӮҲНА"

Ҳавлии Зиё-амакро, ки мо он ҷо иҷора нишастаем, ҳамсарам Ойшахон ёфта буд. Худам ҳам ду-се рӯз кофтуков карда, чанд ҷои бобро таки чашм карда будам, лекин хонаҳои ман ёфта ба табъи завҷаи мӯҳтарам нафорид.

– Ҳавлии Зиё-амак боғ дорад, гулзораш ҳаст, аз шафаташ оби софи чашма мегузарад, ки барои ҷомашӯӣ баҳо надорад, – мегуфт Ойшахон гапи худро гузаронидани шуда ва ногоҳ ваҷоҳаташ тағйир ёфта, аз оромона баён кардани далелҳо ба таънаю маломат гузашта рафт: – Шумо марди кӯча, аз куҷо медонед, ки ҷомашӯӣ чисту азоби он чӣ гуна мешавад?

Ба ин таъна ман, албатта, метавонистам ҷавоб бидиҳам. Метавонистам ба ёди ёри фаромӯшхотир расонам, ки мо порсол дар яке аз маҳаллаҳои каноти Душанбе истиқомат мекардем ва ман аксари рӯзҳои истироҳат бо кашшак аз ним фарсах роҳ об мекашондам, вале Ойшахон ва модарам, гӯё дар пеши ҷумаки водопровод нишаста бошанд, обро шар-шар ба тағораҳо ва аз тағораҳо ба ҷӯи партов рехта нобуд мекарданд.

Ман забон хоидаму ҷавоб надодам.

– О монед, ки бачаи бечора ҳам се-чор рӯз аз ҳавои тоза нафас гирад, – гуфт ҳамчунон далелҳои нав оварда Ойшахон. – Наход саломатии фарзанди худатонро наҳоҳед? Гап намезанед-ку!.. Гап занед…

– Гапи шумо маъқул, азизакам. Хонаҳои ман ёфтагӣ ҳама нобоб буданд. Ҳавлии Зиё-амак ҷаннат асту бас, – гуфтам ман ва бо ҳамин ҷонамро аз мунозираи беохир муфт раҳо кардам.

Илоҷи дигар набуд. Агар мегуфтам, ки аз ҳавлии Зиё-амак то ҷои кори ман, яъне то мактаб, се чақрим роҳ аст ва дар ин роҳи нав ҳанӯз на автобус мегардад, на ягон нақлиёти дигар, илова ба ин худи Ойшахон ҳам то дорухонааш, ки он ҷо кор мекунад, бояд камаш ним соат пиёда роҳ тай кунад, ғайр аз ҳамаи ин роҳи яслии писарчаамон чап мешавад – агар ин чизҳоро мегуфтам ҳам, аздусар суде намекард. Чунки завҷаи якраҳаи ман ё дар бораи аҳамияти пиёдагардӣ, чунон ки мегӯянд, лексияи пурмазмуне мехонд, ё худ: "Давча нашуда ғулунг шудаед магар, ки аз пиёда шудан метарсед?" гуфта як панди дурударози кинояомез хонда, боз ҳам сухани худро мегузаронид.

Чӣ мегӯед, ки дар оилаи мо риояи майлу хоҳиши якдигар ё ба ибораи дигар гӯем, демократияи оилавӣ ном чиз баъди хонадор шуданамон фақат як-ду моҳ вуҷуд дошту бас. Рафта-рафта инони ихтиёри рӯзгор, ҳатто ихтиёри соатҳои истироҳатӣ ва баъзе масъалаҳои касбу кори ман ба дасти завҷаи мӯҳтарамам гузашт, чунон нарм ва номаълумакак гузашт, ки худам нафаҳмида мондам.

Эҳтимол, шумо дар дилатон гӯед, ки "худат ҳатӯл будай, сазои сарат, акнун манол ва ҷанги хонаатро ба кӯча мабарор". Агар ҳамин тавр фикр кунед, пас шумо хушбахтед, зеро маълум мешавад, ки занатон Ойшахони ман барин якраҳаи қайсар набудааст ва шумо, инсони саодатманд, ҳар рӯзи Худо маҷбур намешудаед, ки дилатонро хун ва майнаатонро об карда, сафед будани шир ё мисол гирем, дар шохи дарахт рӯидани себро исбот карда нишинед.

Ростӣ гап дар сари мунозираҳои ману ҳамсари ман ҳам нест. Ҳар зоғеро як доғе, гуфтаанд. Оилае, ки аз ягон ҷиҳат норасоие, ақаллан ягон носазоии майдаяке надошта бошад, ба хаёлам, дар олам нест. Сабаби ҳикоят сар кардани ман ин, ки баъди кӯчида омадан ба ин ҷо дере нагузашта ман аз касбу корам, аз хату саводи понздаҳ сол хонда баровардаам ва ниҳоят аз тақдире, ки иҷоранишинам кардааст, тамом безор шудам.

Дар ҷои нав фақат як шаби аввал тинҷ гузашт. Лашулуши рӯзгорро дар ду хонаи иҷорагирифтаамон ҷо ба ҷо кардем ва азбаски аз бардорумони кӯч устухонҳои баданам сӯзиш мекард, як бурда нону як пиёла чои ширин хӯрда дарҳол ба хоб рафтам.

– Хӯҷаин, хезед, хезед, ҷонакам, рӯз чошттох шуд, – гуфта Ойшахон мӯйсарамро тит ва гарданамро қитиқ карда, маҷбурӣ бедорам сохт.

Ҳо, завҷаи меҳрубон маро ҳамеша бо номҳои рангоранги аҷоиб хитоб мекунад. "Хӯҷаин", "соҳиб", "муаллим" аз қабили он номҳост. Гоҳо, агар табъам хиратар бошад, ин гуна муроҷиат ба ман киноян нешдор барин мерасад. Аммо аксаран "майлаш, вай хурсанд бошад, мешавад", – мегӯяму мемонам, яъне аз тахти дил қаҳрам намеояд.

– Соҳибони ҳавлӣ моро ба ношто чеғ заданд. Наравем, айб мешавад. Зуд бошед, дастурӯй шуста, либос пӯшед, – гуфт боз Ойшахон.

Ноҷор аз ҷои хобам бархостам.

Агар касе шуморо ба ношто таклиф кунад, шумо бояд хобатонро ҳаром карда ё аз баҳри кору бори худатон баромада, ҳатман ба он ҷо биравед. Дар акси ҳол айб мешудааст, гунаҳгор мешудаед ва мардум дар кӯча шуморо "ҳо ана фалонӣ" гӯён бо ангушт нишон дода масхара мекардаанд.

Дидед муҳокимаронии Ойшахони маро?

Агар ман "чаро айб мешудааст, магар айбу гуноҳ барин чизҳо меъёре надоранд, ки баҳудаву беҳуда ба домани кас часпидан мегирифтаанд?" – гуфта аз завҷаи мӯҳтарами худ мепурсидам, чандон кори аҳлона намешуд. Чунки аздусар ба ӯ суханамро маъқул кунонида наметавонистам, фақат вақт беҳуда мегузашту бас.

Соҳибони ҳавлӣ - як зан ва ду марди солхӯрда дар рӯи тахтакати васеъ, ки зери толори баланди ангур сохта буданд, дар сари дастархон менишастанд. Синни калонтари онҳо ба ҳаштод расида ва ду нафари дигар тақрибан дар байни шаст ва ҳафтод буд. Чун салом дода ба ҷои таклифкардаашон нишастам, ҳамсарам ба ман нигоҳ карда ба шиносо кардани мо шурӯъ намуд. Ӯ ин корро тавре мекард, ки одатан ҷавонон дар кӯча ва боғҳо, дар клуб ва театрҳо мекунанд.

– Соҳиби хонаҳои мо нишаста – ана ин кас, Зиё-бобом, – гуфт Ойша ва ба сӯи мӯйсафеде, ки аз ҳама калонсолтар менамуд,

ишора кард. – Ахрор-амакам ва Икбол – холаам, ана дар ин хонахо истиқомат мекунанд, – суханашро давом кунонид Ойшахон ва аввал ба сӯи мард ва зани аз Зиё-бобо ҷавонтаре, ки паҳлуи ҳамдигар менишастанд, бо табассум назаре андохт, сипас қатори хонаҳоеро, ки аз паҳлӯи дари ҳавлӣ то ба девори ҳамсоя тӯл мекашид, бо даст нишон дод.

... Заррина ҳамон духтараке, ки дина ба кӯчфарории мо кӯмак мекард, набераи Ахрор-амакам ва Икбол – холаам аст. Вай саҳар хеста ба хонаи пионерон рафт, – гуфта нутқи муфассали худро ба анҷом расонид ҳамсари ҳамадонам.

– Бисёр нағз, бисёр нағз! – хитоб кардам ман баъди он, ки гулӯи аз ҳаё ва ҳаяҷон хушкшудаамро бо зӯрӣ сурфакунон тар кардам. Дар дилам: "аз афти кор, боз ягон чиз гуфтан лозим будагист!" гӯён илова кардам: – Ман... э-э... яъне мо бисёр хурсанд, ки ба ин ҷо кӯчида омадем, яъне бо шумоён ҳамсоя шудем.

Зор монад ҳамин "яъне"-гӯии ман! Як рафиқи ҳамкасбам дар миёни чашму абрӯ "яъне" мегуфт, ӯро масхара карда мегаштам, аз такрор кардан ба худам одат шуда мондааст. Беҳуда намегуфтаанд, ки айб макун ба хешат, лавида биёд ба пешат.

– Албатта, – ба ман ҷавоб гардонида гуфт Ахрор-амак, – шумо хурсанд шавед, мо ҳам хурсанд. Мо ба ҳар ҳол одамони кӯҳна ҳастем, лекин ҳаракат мекунем, ки дар ин ҷо шумо, ҷавонҳо ҳам зиқ намешавед...

– Не, чаро! Чаро зиқ мешудаем?! – гуфтам ман. – Барои мо сӯҳбати одамони умрдидаи соҳибтадбир бисёр қимат аст.

Ба ҳамин тариқа, чанд ҷумлаи лутфомез раддубадал шуд. Ман аз лаълии пур аз ангури чавз, ки яқин ба тозагӣ аз ток канда буданд, як шингил чудо карда гирифта, бо нони сермағзу мулоими хонагӣ ба хӯрдан сар кардам.

Дар муқобилам Зиё-бобо менишаст. Вай ришу мӯйлаби тунуки сап-сафед дошт ва чеҳраи сиёҳгунаш дар иҳотаи ин ришу фаши сафед, тӯпии арақчини сафед ва яктаҳи суф аз будаш зиёдтар сиёҳгун менамуд. Аксари дандонҳояш рехта, лунҷҳояш фурӯ нишаста буданд. Лекин гӯшҳои бобо намуди аҷоибе доштанд. Онҳо дар асл ҳам паҳни калон буданд ва бар замми ин гӯё, вазифаи худро хатман аъло адо карданӣ бошанд, ба пеш моил шуда, чунон ки аппаратҳои овоздораки аэродромҳо мекарданд, рост ба тарафи овоз нигаронида шуда буданд.

Ахрор-амак баръакс марди пуррапайкари баландқомат ва сафедчехраи хушандоме буд: чашму абрӯю гӯшу бинию лабу дахони муносибе дошт. Ришу мӯйлаби кӯтоҳ қайчикардашудааш ба худаш бисёр мезебид ва қиёфаашро то андозае ба қиёфаи олимони ҷаҳондидаи пуртамкин монанд мекард. Дар дидани аввал, яъне дина бегоҳӣ, аз чӣ сабабе бошад, гумон кардам, ки вай одами ҳавобаланд аст ва ба ҳар касу ҳар чиз бо назари ҳаҷвомез менигарад. Оре, дар чеҳрааш як табассуми писхандомезе сайр мекард. Гӯё мегуфт, ки "ку, бубинем, чӣ махлуқед шумо, аз дастатон чӣ кор меояд?...".

Аммо хушбахтона, имрӯз дигар хел менамуд. Ба мо нарм, ҳалимона ва бо меҳрубонӣ муомила мекард.

Иқбол-хола бошад, байни ошхонаву тахтакат мокувор рафту омад мекард. Ибораи одами пир ё пиразан ба вай намечаспид. Дар чашмонаш ҳанӯз шӯълаи ҳаёт барқ мезад, дар хунаш зоҳиран ғайрати ҷавонона мечӯшид. Ӯ низ мисли шавҳараш бардам қадам мемонду бо овози буррои боқувват гап мезад. Ҳангоми хандидан ё табассуми кушод карданаш, чунон ки дар паси абрҳои тираи тирамоҳ гоҳо порчаи осмони софи нилгун падидор мешаваду ба дили кас лаҳзае ҳам бошад, фараҳе, нашъае мебахшад, ҳамин тавр дар ду бари рухсораш аз таки тӯри оҷингҳои реза осори ҳусни зиёдатӣ аён мегардад ва баъди лаҳзае ҳамчунон тез нопадид мешуд.

Иқбол-хола ба косаҳо ширчой кашида овард. Дар рӯи косаҳо равғани маска об шуда, порча-порча лапида ялаққос мезад.

Инони сӯҳбат қайҳо боз дар дасти ҳамсари ман буд. Вай гӯё ки соҳибони ҳавлиро камаш аз айёми кӯдакишон мешинохта бошад. "Иқбол-холаам бист сол дар артели дӯзандаҳо кор кардаанд", "Ахрор-амакам аслан аз Исфара мешаванд", "Зиё-бобом фалону фалон корҳоро кардаанд" – гуфта ба ман таърифи онҳоро мекард. Дар чанд дақиқа тарҷумаи ҳоли мӯйсафедонро гуфта дод. Ҳанӯз ақаллан як чойник чой тамом нашуда, ман фаҳмидам, ки Зиё-бобо ва Ахрор-амаку занаш дар асл робитаи хешутаборӣ надоштаанд. Зиё-бобо аз ӯзбекҳои Фарғона будаанд. Занашон, вақте ки ҳанӯз дар яке аз колхозҳои Фархор кор мекардаанд, вафот карда будааст. Падарашон баъди ҷанг дар ҳамин ҳавлӣ чашм аз олам пӯшидааст. Як писар доштаанд, ки соле ҳашт моҳ дар кӯҳу дараҳо гашта кони маъдан мекофтааст, яъне геолог будааст.

Ахрор-амаку Иқбол-хола ҳам як писар доштаанд, ки дар ҷанг ҳалок шудааст. Дар давоми чаҳор соли ҷанг чандин маротиба дар

табобатхонахои фронт аз дами марг халос шуда, ҳатто тирамоҳи соли 1944 орден, ҳам таътили якмоҳа мукофот гирифта, се ҳафтаро дар пеши падару модар ва зани ҷавонаш гузаронидааст. Аммо боз ба армия баргашта, баъди ду рӯзи расман тамом шудани ҷанг - ин мусибатро бинед, ки баъди расман тамом шудани ҷанг! - аз дасти як номарди манҳус, як фашисти дар калом гӯр пинҳоншуда ҳалок гардидааст. Келинашон баъди ин фоҷиа касал шуда, ба дарди сил гирифтор шуда, кӯдаки ширмакро ятим монда, аз дунё рафтааст. Заррина, ҳамон духтараки шонздаҳсолае, ки ифодаи чеҳра ва чашмонаш калонвор андешманд менамуд, ягона нишонае будааст аз он ду фарзанди дилбанд.

Дар ибтидои нақли андаке бемавриди Ойшаи ман Икбол-хола даст аз ширчою нон кашида, муддате бо сари хам нишаст, баъд аз кат ҳамчунон бо сари хам фаромада, оби чашмонашро бо нӯги қарсаш пок карда, ба сари оташдон рафт.

Аҳрор-амак низ даст аз хӯрок кашида, ба кадом як гӯшаи дастурхони яла чашм дӯхта нишаст. Хомӯшии гароне ба миён омада, чанд дақиқа тӯл кашид. Ман ба ҳамсарам таънаомез нигоҳ кардам, вале ӯ низ нигоҳи маънидоре карда, фаҳмонид, ки ҳеҷ кори бечо накардааст; баръакс маҳз ҳамин тавр карданаш лозим буд.

Ниҳоят Аҳрор-амак як-ду бор сурфа карда, косаро ба даст гирифт ва ширчои боқимондаро бо як дам кашидан фурӯ бурда, ба ман муроҷиаткунон гуфт:

– Келин ба мо гуфтанд, ки ба газетаҳо мақола навишта меистолаед. Ин бисёр кори сара, писарам муаллим, "Юсуф Сафо" гуфта имзо мекунед - а? Ҳа, бале, ман ҳам дар газетаи шаҳрамон чизҳои шуморо хондаам. Боре кадом киноҷиро таъриф карда будед, дар ёдам ҳаст, офарин, писарам муаллим.

Ман аз ин таъриф боз арӯси дирӯза барин сурх шуда рафтам. Ҳатто дилам сахт ба тапидан даромад.

– Баъзан ҳамту... агар вақти зиёдатӣ бошад, – гуфтам нимгурма карда, – ягон чизи навиштанбоб рост омада монад, яъне аз бекорӣ кадукорӣ гуфтагӣ барин...

– Хоксорӣ, албатта, чизи нағз, писарам муаллим. Аммо ба мақоланависӣ кас ҷиддӣ машғул шавад, меарзад. Бисёр кори хайр аст. Меҳнаткаши бовиҷдонро таъриф карда, осонаш гирем, рӯҳашро бардоштан, ё ягон каллафаҳми лаванд, ё ин ки фиребгари фукаш дар осмонро, осонаша гирем, ба рӯи об баровардан кори

оличаноб аст, албатта. Ба ин кори нек чӣ мерасад? Чӣ гуфтед, тағо? – Аҳрор-амак ба Зиё-бобо рӯй овард.

Аммо мӯйсафед, бо вуҷуди он ки як гӯши худро карнайчавор қатъ карда, ба сӯи гӯянда нигаронида буд, маънои суханони ӯро аниқ нафаҳмида будааст.

– Худо умрашро диҳад, чиянатон ҳам аз кӯҳ ки фаромад, зимистони дароз ба газит, сонӣ ба вай... ҳоло номаш чӣ буд... вай... китоб барин ҳаст-кӯ?

– Журнал, - луқма партофт ҳамсари ҳозирҷавобам.

– ... Ҳа ба ҷурнолҳо урусӣ карда калон-калон хатҳо менависад, – гуфта ниҳоят суханашро ба як азоб тамом кард, Зиё-бобо.

Писарчаи мо аз хоб бедор шуда, гиря кард. Модараш ба сӯи хона давид. Вай ки набуд, муддате сукут ба миён омад. Ман акнун имконият ёфтам, ки бафурсат ба муоинаи ҳавлӣ машғул шавам.

Ростӣ ҳам дар ин ҷо баҳри дили кас кушода мешуд.

Дар пеши хонаву айвонҳо ҳавзаҳои озодаю мавзуни ток қад барафрохтаанд. Гарчи қисми зиёди рӯи ҳавлӣ ва боғча бо полизи сабзавот банд буд, ба назар чунон мерасид, ки сар то сари ҳавлӣ аз'гулбуттаҳост. Гулҳои серҳосилтарини садбарг, бедгул, гулҳои яксолаи рангоранг, хусусан оташгул ва тоҷи хурӯс дар ҳамин фасли охири тобистон ҳам анбӯҳ-анбӯҳ шукуфта, ба дидагони кас манзараи дилфиребро ҷилвагар месохтанд.

Дар ҳавзаҳои ангур аксари сарҳои ширабаста аз ҳуҷуми занбӯру гунҷишкон бо халтачаҳои ҳарранга муҳофизат карда шуда буданд. Дар ҳар ҷо ҳар ҷои ҳавзаҳо, дар шохпули айвонҳо тӯрҳои бедона ва қафаси кабкҳо овезон буд. Парандаҳо ҳоло нағмасароӣ намекарданд, фақат гоҳ-гоҳ ба девори қафасҳо минқор зада, ё аз дилтангӣ ҷастухезкунон тапар-тупур садо мебаровroutед ва зиндончаҳои худро алвонҷ медоданд.

"Дар воқеъ, чунон ки худашон мегӯянд, одамони кӯҳна-дия, аз дил гузаронидам ман. – Мурғони бегуноҳро дар қафас дошта, аз нағмаи ҷонварони маҳбус лаззат ҳам мебаранд".

Ношто тамом шуд. Аҳрор-амак ба кори худ - ба пункти пахта рафт.

– Зафарҷонро зудтар ба яслиаш бурда монед, мураббияаш боз бевақт оварданд, гуфта ба сари ман ғур-ғур накунад. Тез бошед, азизам, зудтар ҷунбед! – гуфта Ойшахон ҳам фармоиш дода, ҳам навозиш карда ба дорухонааш рафт.

Зиё-бобо каланди майдаяки ялаққосиро, ки аз кор фармудан дамаш суда шуда, шакли моҳи нопурраро гирифта буд, бардошта ба полизи картошка даромад.

Иқбол-хола ба рӯи кат ду-се кӯрпачаро болои ҳам партофта, айнаки камонакҳояш ресмониро ба нӯги биниаш савор карда, ба чокдӯзӣ машғул шуд.

– Дар пеш як маросим дорем, муаллим, – гуфт Иқбол-хола ба кораш аз дур нигоҳ карданамро пай бурда, – абраи кӯрпачаҳоро нав карда монам мегӯям.

"Ин мӯйсафедон чӣ маросим дошта бошанд? Фарзанде надоранд, ки синнаш ба тӯю сур муносиб бошад. Заррина ҳанӯз бача аст..." гуфта худ ба худ хаёл мекардам, ки фармоишоти завҷаи мӯҳтарама ба хотир расиду Зафарҷонро бардошта, ба яслии ӯ шитобидам.

**Савол ва супориш**

1. Ойшахон ҳавлии Зиё-амакро чӣ тавр тавсиф намуд?
2. Чаро шавҳари Ойшахон ҳавлии Зиё-амакро ҷаннат гуфт?
3. Шавҳари Ойшахон аз кадом хислатҳои завҷааш шикоят кардааст?
4. "Демократияи оилавӣ риоя намешавад" гуфтани шавҳари Ойшахонро чӣ тавр мефаҳмед?
5. Ойшахон шавҳарашро бо кадом номҳо хитоб мекард?
6. Ойшахон дар сари дастархон соҳибхонаҳоро чӣ тавр бо шавҳараш шинос намуд?
7. Аз ин рафтори Ойшахон чӣ хулоса баровардан мумкин аст? Кадом хислати ӯ дар ин лаҳза ошкор гардид?
8. Аз матн тавсифи симои Ахрор-амакро ёбед.
9. Аз матн ҳиссачаҳоро ёфта, ба дафтаратон нависед ва вазифаи онҳоро муайян намоед.
10. Ҳиссачаҳоро аз рӯи сохташон ҷудо намуда, дар сутунчаҳо нависед.

...Аз яслӣ баргашта, ҳамроҳи Зиё-бобо таҳтул кардем. Мо дар болои кат рӯ ба рӯи як дигар , гап назада, ҳар кадоме бо хаёли худ банд, даҳон меҷунбонидем. Ман худ ба худ тааҷҷубкунон мегуфтам, ки ба шарофати ҳамсарам хислатҳои нав пайдо карда

истодаам, ки дар айёми муҷаррадиам набуд. Масалан, бо одамоне, ки дирӯз шинос набудам, акнун зуд ошно шуда, унс мегирам. Як ҳафта қабл аз ин Зиё-бобо куҷо буду ман дар куҷо. Акнун гӯё ба амаки худ дар сари як дарстархон нишаста, тахтул мекунам. Икбол-хола ба мо чой дам карда медиҳад...

Бобо даст пок кардани маро дида, аз бағалаш қоғазеро бароварда дод, ки хонам.

Ин ариза буд. Лекин чӣ хел ариза, ба кӣ ва дар бораи чӣ гуфта пурсед! Агар аз ин пеш касе ба ман мегуфт, ки пири ҳаштодсолаи гӯшвазнине чунин як ариза менависонад, ба ҳеч ваҷҳ бовар намекардам. Аммо ариза ҳоло дар дастам ва он аз номи нафақагир Зиёдулло Қаршибой соли таввалудаш 1882. "Ба Комитеи Марказии партия. Ба Маскав." – навишта шуда буд.

Ана матни он:

"...Ариза аз шумо илтимос мекунам, ки аризаи мана гӯш кунетон. Ман ба ҳукуматамон то дастам омадана хизмат кардам. Акнун пир шудам, хӯш ки бошад, синнам ба таки ҳаштод рафта дакка зад.

Чӣ мешуд, ки аракфурӯшия манъ кунед. Радиё ҳар рӯз зиёни арак гуфта медиҳад. Лекин магазинҳо аз арақ ва вино пур. Ба шишаҳои хушрӯи арақ равған, ҳар хел дорувор андохта фурӯшанд, намешавад? Бо ҷои ин бучка-бучка пева мефурӯшанд, ба ғайр аз ин регистрану ошхонаҳо ҳам бисёр арақ мефурӯшанд.

Аз каллаи азон то хуфтан дар ҳама ҷо савдои шароб дар авҷ. Одамҳо маст шуда, якдигарро хафа мекунанд. Ҳар хел касофатҳо мешавад. Мошинаҳо бачаҳоя зер мекунанд. Дар шаҳрчаи мо ҳам, дар Душанбе ҳам, дар Регар ҳам, хӯш ки бошад, дар Фаргона ҳам аҳвол ҳамин.

Ба Шумоҳо, калонҳои мамлакат ин, албатта, маълум. Илтимоси ман ҳамин, ки шаробфурӯшия манъ кунед, кадаган кунед, ки ному нишонаш намонад.

Дӯсти ман устоди гарамсози заводи пахта Аҳрор Ҷаббор ба ман приграми нави партияро аз газит хонда дод. Бисьёр речаи нагз кашидед. Навиштагӣ суханҳоятон ҳама мешавад, Худо хоҳад. Гуфтаҳои Ленин шуд. Акнун инаш ҳам мешавад. Хӯш ки бошад, ба шумоҳо дуо рафтагӣ, халқпарвар ки ҳастед, речаҳотон иҷро мешавад. Худи ҳозир карда истодагӣ корҳотон ҳам, хӯш ки бошад, ҳамин кадар арзонӣ-амонӣ ҳам,вай ба осмон баромадагӣ йигитча ҳам-ҳамаш пештар акаллан дар маталҳо набуд.

Одамхоя боз нағзтар тарбия карданӣ бошед, корамо боз пешрав шавад гӯед, хама додар-бародар барин аз як гиребон сар бароранд гӯед, арақа маъи кунетон.

Илохо, барака ёбетон, гуфта бо илтимос: нависандаи ариза нафақагир Зиёдулло Қаршибой, соли таваллудаш 1882",

Дар паси когаз ба тарзи илова навишта шуда буд:

"Агар хоҳиши мӯйсафедхоя ба инобат гиретон, ба муродатон мерасетон. Ҳамаи мӯйсафедхо дуогӯтон гуфта аризанавис: нафақагир Зиёдулло Қаршибой.

Ба хамаатон, бисёр салом"

Аризаро мехондаму ханда нафастангам мекард. Ниҳоят, токат карда натавониста, баланд хандидам. Мӯйсафед ҳам аввал ба ман нигох карда, лабханде кард, баъд дар ваҷоҳаташ аломати ранҷиш пайдо шуд. Сипас гӯшашро ба пеш қат карда ва ба шунидани фикри ман омода шуда пурсид:

– Механдед, уғлум, аз афти кор, маъқул нашуд аризаи ман?

– Не, бобо, ариза маъкул-куя, лекин дар ин ҷо як гапи дигар хаст.

"Як гап хаст" гуфтаму лекин чӣ навъ ба мӯйсафед фахмондани он гапро намедонистаму Зиё-бобо хамчунин даст ба гӯши худ чашм ба рӯи ман мунтазир менишаст.

Ниҳоят, хар чӣ бодо бод гӯён ба арзи акидаи худ сар кардам. Гуфтам, ки давлати мо зотан тарафдори майфурӯшӣ ва талабгори фоидаи он нест. Вай хар дақиқа омода аст, ки аз бахри ин савдо ва фоидаи он гузашт кунад, ба нафъи саломатии фукароям, ба хотири тинҷӣ, осоишӣ ва саодати миллион оилахои мамлакатамон гузашт кунад. Аммо чӣ илоҷ, ки шаробнӯшӣ, мисли дигар одатхои бади кӯхна, одати ҷонсахтест ва онро ба як амр, бо як имои бурут аз байн бардошта намешавад.

Агар барои тамокукашон фабрикахои давлатӣ хел-хел папиросу сигархо набароранд, худи мардум ёфта, папирос сохта кашидан мегиранд. Агар аракфурӯширо манъ кунанд, низ хамин гуна манзара ба миён меояд. Мардум шароби дастӣ кашидан мегиранд. Он гох хаинотӣ, савдогарӣ, хар гуна касалихо ва касофатхо аз шароби нопоки дастӣ зиёд шуда мераванд...

Хулоса, хар чизе дар ин бора медонистам, ба ҳамин тарика ва услуб ба Зиё-бобо гуфтам. Вале хар қадар зиёдтар сухан кунам, аломати норозигӣ дар чехраи ӯ хамон кадар зохир мегардид.

Баробари лаб фурӯ бастани ман бобо гуфт:

– Шумо, уғлум, мақсади маро фаҳмидед. Ин аризаро як каси андак чаласаводтар навишта дод. Дидед, ҳар чӣ гӯям, нарезонданачаконда ба коғаз кӯчонидааст. "Хӯш ки бошад" навиштааст, "дуо мекунем" навиштааст. Оё ба Маскав ҳамин хел корҳои нодаркори мӯйсафедонаро навишта фиристондан мумкин? Айб аст. Ман, уғлум, аз шумо илтимос карданӣ будам, ки ҳамин аризая аз нав навишта диҳед. Гапҳои бамаънӣ катӣ, хушрӯӣ, маданӣ карда, хӯш ки бошад, маъния ба бутумаш афтонда навишта диҳед, гуфтанӣ будам.

Пас, ҳамаи он ваъзе, ки ман бароям ҷигар хун карда хондам, беҳуда рафтааст. Мӯйсафед аз қасди худ даст кашиданӣ нест. Аризаашро аз нав навишта медиҳаму аз ӯ халос мехӯрам. Охир ҳамин тавр ҳам кардам. Лекин дар нусхаи нав аз номи бобо илова кардам, ки бидуни аризаи мазкур ҳам ман (яъне нафақагир Зиёдулло Қаршибой, соли таваллудам 1882) медонам, ки шумо (яъне ходимони КМ партия) дар ин хусус пайваста фикр мекунед ва тадбирҳо меандешед. Пас аризаро фақат бо мақсаде нависондам, ки бигузор вай чун илтимоси пире дар ягон ҷои идораатон бошад ва аз хоҳиши куҳансолон доимо хотиррасон кунад. Бигзор, ки соати вопасини шаробфурӯшию мастию аластӣ барин одати бадро ақаллан андаке бошад ҳам, боиси наздик овардан шавад.

Бо аризаи Зиё-бобо банд шуда, ба шӯъбаи маориф, ки дар он ҷо маро ба ҳайати кадом як комиссияе дохил карданӣ буданд, таъхир карда рафтам. Вале бояд иқрор шуд, шунидани миннатдориҳои фаровон ва дуогӯиҳои Зиё-бобо ба ҳар ҳол бароям гуворо буд.

Ҷои гап нест, ки ҳоҷати касеро баровардан, ё чунон ки Зиё-бобо мегӯяд, кори савоб кардан ба одам ҳисси қаноатмандӣ мебахшад. Лекин дар урфият шакарро камтар ширин мегӯянд. Кори савоб ҳам ба меъёраш бошад, хуб мешудааст. Ҳоло аз давоми ҳикоятам хоҳед дид, ки ман чаро ин тавр мегӯям.

Мактуби оид ба савдои сайёри карасин дар газета чоп шуд. Ҳамон рӯз Аҳрор-амак аз кораш барвақттар баргашта рост ба сӯи хонаи мо омад ва гарму ҷӯшон аҳволпурсӣ карда гуфт:

– Писарам, агар нимсоатак вақт дошта бошед, ҳамроҳи ман як гардиш мекардед. Ҷон писар, ҷон муаллим!

Агар як шахси обрӯманд, ки дар кӯчаву бозори шаҳр ба ӯ мардум аз дур лукат шуда салом медиҳанд ва бо ӯ ҳамсӯҳбатиро барои худ шараф барин як чиз медонанд, агар чунин одам аз шумо бо оҳанги илтиҷо илтимос кунад, чӣ хел қабул намекунед!

Ҳамроҳ ба гардиш баромадем. Гардиши мо зоҳиран ба саёҳати сайёҳони ҳақиқӣ шабоҳат дошт. Яъне ҳар ду пахлу ба пахлу қадам мезадем. Аҳрор-амак ба ман кӯчаҳо, тангкӯчаҳо, ҳавлиҳои атрофро нишон дода, дар бораи таърихи ободии онҳо, доир ба касбу кор ва феълу хӯи бошандагони онҳо нақл мекард.

Рӯз бегоҳ шуда бошад ҳам, офтоби моҳи август ҳаворо сахт тафсонида буд. Охир ин ҳамон офтобе буд, ки аз тафси он маҳз дар ҳамин рӯзҳо харбузаву ангур шакар мебандад. Кӯраки пахта гӯшт гирифта, ба шукуфтан сар мекунад! Ман ҳар дам арақи сару рӯямро бо рӯймолча пок карда, мабодо Аҳрор-амаки коргар маро дар нозукбадании интеллигентӣ таъна кунад, гӯён баробараш бардам-бардам по мемондам. Ба монанди "ҳай-ҳай аҷаб!" ҳар гуна нидоҳо бароварда нишон доданӣ мешудам, ки ба ин саёҳат бисёр мароқ дорад, аз он басо хушам омадааст ва ҳатто хушбахтам.

Мо ба кӯчаи калон баромада, аз тангкӯчаи дарози сарбасте дохил шудем, ки сар то сараш зоҳиран, ба ҳамин қарибӣ асфалт пӯшонида шуда буд. То миёнаи танкӯча расида, бозистодем. Дарвозаи калони дутабақаи пешгоҳи тангкӯча нимроғ буд. Касе танҳо эзорчаи кӯтоҳе дар тан аз оби водопровод бо рӯдаи резинӣ чангу лои мошини сабукраверо мешуст.

– Дар ин ҳавлӣ раиси комбинати ҳунармандӣ истиқомат мекунад, – гуфт Аҳрор-амак ва маро аз оринҷ дошта ба роҳи омадаамон ҳидоят карду мақсади худро баён намуд.

Аҳрор-амак маро ба ин ҷо барои нишон додани тангкӯчаи асфалтпӯши раиси комбинат оварда бадааст. Ман бояд дар бораи раис, дар бораи аз мансаб ва обрӯяш сӯистифода бурдани ӯ ба газета мақолаи сахте менавиштам. Аҳрор-амак, ки депутати Совети шаҳр аст, бо гӯши худ шунида ва бо чашми худ дидааст, ки чӣ тавр яке аз депутатҳо дар сессия, дар пеши аҳли ҷамъияти шаҳр ҳамин одамро барои айби дигараш, идораҳоро аз хешу табори худ пур карданаш сахт танқид карда, ба зери обу арақ мононда буд, аммо чӣ шуду чӣ монд, ки дар ҳаққи раиси мағрур касе чора надид. Шояд роҳбарони раҳмдил гуфтанд, ки ба аспи хуб як қамчин басандааст, барои ӯ худи ҳамин танқид ҳам ҷазои кофист. Аммо маълум шуд, ки вай он қадар ҳам "аспи хуб" набудааст. Дар шаҳрчаи мо бисёр чойхое ҳастанд, ки онҳоро дар навбати аввал асфалт пӯшонидан лозим буд. Масалан, аз ҳама заруртараш саҳни пункти пахта, ки Аҳрор-амак он ҷо кор мекунад, ё кӯчаи

табобатхона, ё худи истгоҳи автобусҳои байнирайонӣ. Ин хел ҷойҳои заруриро номбар кардан гиред, як рӯйхат шуда меравад.

– Акнун аз рӯи инсоф гӯед,– маро аз роҳ боздошта чашмони аз изтироби ботинӣ шӯълапошгаштаашро рост ба рӯям дӯхта бо овози баланд савол дод Аҳрор-амак. – Даҳҳо тонна асфалтро ба як тангкӯчаи нодаркор рехта, осонаша гирем, нобуд кардан чӣ корест? Охир аз он ҷой ғайр аз "Волга"-и раис ва мошини меҳмононаш касе намегузарад-ку! Ин ҷиноят нест магар? Чаро ин тавр мекунанд мардум? Охир вай аъзои партия-ку! Агар ба халқ нафъ расонида натавонад, ақаллан зарар нарасонида, кори худро буд карда мегашт, намешуд? О, ин кучоя гапаш, писарам муаллим.

– Менависам, амак, парво накунед, боб карда менависам,– гуфтам бо ҳарорате, ки бидуни шубҳа аз таъсири суханони ҳамсӯҳбатам, бештар аз таъсири ҳолати пуризтироби ӯ пайдо шуда буд. Инро гуфтаму зуд пушаймон шудам, ки чаро "боб карда менависам" гуфтам? Ҳоло дар навиштани мақолаҳои масъулиятноки танқидӣ малакае надошта бошам, ин лофи бемаънӣ, ин худситоии зормонда аз куҷо пайдо шуд?!

• – Ба қадри ҳолам зӯр мезанам, амак, парво накунед, – такрор кардам ваъдаамро бо андаке таҳрири эҳтиёткорона.

– Мебахшед, писарам муаллим, шуморо аз коратон мемононам, – андаке ором шуда гуфт Аҳрор-амак. – Лекин худатон мебинед, ки илоҷи дигар надорам. Агар навиштан аз дасти худам меомад, чӣ хуш буд! Афсӯс, ба хондан як навъу ба навиштан ғайр аз, осонаша гирем, дуову салом дигараш зӯрӣ мекунад. Ба касе як илик хат навиштан ҳам гоҳо ба ман малол, росташро гӯям. Илоҷаш бошад, осонаша гирем, даҳ мошин пахтаро ба китфам монда мекашонаму хатнависиро аз каси дигар илтимос мекунам.

Муддате гап нозада роҳ гаштем. Аслан хонаи раиси комбинат аз ҳавлии Зиё-бобо ду-се ҳавлӣ онсӯтар воқеъ гашта буд (наздик будани он аз садои доираву думбаки ҳаррӯзаи ҳавлии сермеҳмони раиси саховатманд ҳам маълум буд), лекин роҳаш аз кӯчаи калон будааст. Бинобар ин саёҳати мо тахмин як соат тӯл кашид.

– Бо худи раис сӯҳбат кардан шарт будааст, албатта, – гуфт Аҳрор-амак, вақте ки ба дари ҳавлиамон наздик расидем. – Агар хоҳед, ман ҳамроҳӣ мекунам.

Ман барои таклифаш ташаккур хонда, кӯмакашро қабул накардам.

Дар хонаи мо ду кас – завҷаи мӯҳтарамаи ман ва Зиё-бобо ба сари мизи хатнависии ман ҳам шуда, зӯр зада ариза менавиштанд.

Бале, ариза! Боз ариза! Боз ба сари аризанависӣ омада мондам! Бовар кунед, дар сари варақ баробари дидани калимаи "Ариза" дилам шуввӣ карда, баданам чиррос зада рафт.

– Э, э, зудтар биёед-е, азизакам, муаллимакам, хӯҷаинакам, ҷонакам, ба куҷо ҳаял карда рафтед? Ману бобом ариза менависем гуфта азоби ҷаҳаннамро кашида нишастем, – гуфт бо навозиши фаровони одатии худ Ойшахон ва кушодарӯёна ба пешвозам давида, аз дастам дошта, ба сари миз кашола кард. – Як задани оҳангару сад задани сӯзангар! Бобоҷон ҳозир дадаи Зафарҷон ҳар қадар ариза бошад, то як пиёла чой нӯшидани мову шумо навишта медиҳанд. Ҳамин тавр не, ҷонакам?

– Албатта, – албатта! – хитоб кардам ман ҳам табассуми зӯрбазӯракӣ сохта, аммо дар дилам илова кардам: "Нав аз кор омада, нафасамро рост мекунам гуфта будам, ки Аҳрор-амакатон ба саёҳат бурданд ва ба гарданам супориши тозае бор карданд. Акнун шумо бо бобоҷонатон чой нӯшида, чақ-чақ карда нишинед, ман аризанависӣ мекунам, балотон ба ҷонам!"

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,
Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард.–

Зери лаб замзама кардам ман.

– А, чӣ гуфтед азизам? – пурсид Ойшахон бо хавотир.

Ҳеч чиз нагуфтаам. "Марҳамати шумо зиёд", – гуфтам.

Зиё-бобо мехостааст, ки ба ҳукумати республика ариза навишта, аз комиҷроияи шаҳри худамон шикоят кунад, ё мулоимтар карда гӯем, гилагузорӣ кунад ва хоҳиш намояд, ки хизматҳои барои ободии колхозҳои ин ҷо ва колхозҳои Фархор кардааш, инчунин мӯйсафедӣ ва нафақагир буданашро ба инобат гирифта, амр диҳанд, ки дар як гӯшаи боғчаи ӯ пивахона насозанд. Ҳар чӣ созанд, сохтан гиранд, лекин пивахона, ё ресторан, умуман шаробхона насозанд.

Ба он чизе, ки аз аризаи чаламондаи Ойшахон навиштагӣ хонда фаҳмидам, худи Зиё-бобо суханони зеринро илова карда:

– Ман, углум, даъвои зиёде надорам. Мехоҳам, ки дар манзили падарам чароғи падарамро равшан карда шинам. Дар ҷое, ки раҳматӣ падарам кор мекард, истиқомат ва истироҳат мекард, агар мастҳо арақ хӯрда, ар-ар карда мегашта бошанд, дах дасти падарам ҳам аз гӯр берун мемонаду худам ҳам аз дунё норозӣ меравам.

Боз дар кучое дар вучудам қатъияте пайдо шуда ва ба Зиё-бобо гуфтам:

– Хайр, ота, биёед, ҳал кардани ҳамин масъаларо ман ба ӯҳда мегирам. То имкон ҳаст, ҳаракат мекунам, ки дар кунчи ҳавлиатон пивахона насозанд. Аммо ба ҳукумат ариза наменавиштем. Ба хаёлам, дар он чо бе аризаи мову шумо ҳам кор бисёр будагист.

Аз афти кор, ин дафъа дар оҳанги гуфторам дар воқеъ ҳам қатъият ва ҳам эътимод кофӣ ҳис карда мешудааст, ки Зиё-бобо зуд розӣ шуд. Ҳатто хурсанд шуд, ки ман барои аз сидқи дил дар ин кор кӯшиш кардан ваъда додам.

Инак, мактубе навиштам. Мактуб ба раиси комичроияи шаҳр аз номи худам, яъне муаллими фалон мактаб, фалонӣ фалонизода... Навиштам, ки пирамард ба иморат шудани як гӯшаи боғчааш муқобил нест, лекин ба сохта шудани машруботхона ҳаргиз розӣ нахоҳад шуд. Агар илочаш бошад ва агар ин боиси вайрон шудани нақшаи меъмории шаҳр намешуда бошад, барои ягон муассисаи дигаре иморат кунанд.

• Мактубро навиштам, хонда додам, ба конверт андохта маҳкам кардам. Акнун мебоист аз пайи ичрои супориши Ахрор-амак мешудам.

Дар бораи раиси комбинат чӣ гуна чизе навиштанам ва чӣ тавр навиштанамро намедонистам. Ҳис мекардам, ки машқҳои мухбирии пешинаам чизе дигар асту ин дигар. Гоҳо дилтанг шуда он рӯзеро, ки ба ин чо ба сифати ичоранишин кӯчида омада будем, лаънат мехондам.

Зарбулмасале мегӯяд: "Мо ба бӯи кабоб омадем, дидем, ки хара доғ мекунанд". Маро завчаи меҳрубонам барои ичоранишинӣ ба ин чо овард, – фикр мекардам ба худам, – яъне барои истиқомат кардан, монанди пештара ба осоиштагӣ ва оромӣ бо кору зиндагонии худ машғул будан. Аммо ҳоло рӯз ба рӯз равшантар мебинам, ки осоишро то даме, ки ин чоем, видоъ гуфтан лозим меояд.

Пеш ҳамин, ки чизи навиштабобе пайдо мешуд, фурсат ёфта, бе малоли хотир, бе халаву хингил нишаста, бахазур менавиштам. Ҳоло дар ин соҳа низ, ба ибораи расмӣ гӯем, дар соҳаи фаъолияти чамъиятии худ низ сардор ва роҳнамое пайдо карда будам, ки осуда нафас гирифтан намегузоштанд.

Хайрият, ин гуна андешаҳои дилгиркунанда фақат гоҳ-гоҳе ба сарам роҳ меёфтанд. Дарвоқеъ, чӣ хуб аст, ки табъи одам

якзайл тираву хира намемондааст, кайфияти ӯ ҳамеша дар тағйир будааст мисли ҳавои баҳорон; гоҳе хуршеди тобон.

Дар асnoи димоғчоқиам ба ин масъалаҳо бо тааммул ва тамкине, ки - хоҳишмандам худситой нашморед, - шоистаи одамони умрдидааст, нигоҳ мекардам. "О, ту, бандаи ношукр, – худро сарзаниш мекардам дар дилам, – тоқиатро ба осмон намеғуррони, ки дар паҳлуи ҳамин гуна одамон зиндагӣ мекунӣ?! Падари худат-ку як умр аз музофоти худ берун қадаме нанихода, фикру зикраш фақат ба хӯрондану пӯшондани зану бачаҳош банд буд. Бузургтарин воқеа, муҳимтарин маросим дар ҳаёти худ – тӯи фарзандонаш буд.

Рост, дар мо ҳоло ин хел одамоне, ки ҳар рӯзу ҳар замон ғами ягон норасоии зиндагониро мехӯранд, бисёранд. Лекин аз байни калонсолон Аҳрор-амак баринаш кам вомехӯранд. Пас, агар барои нағз ташкил карда нашудани савдои карасин, барои нобуд шудани асфалт, ноободи монанди ягон гӯшае, ки аз тангкӯчаи раиси комбинат дида барои халқ ҳазорон маротиба фоиданоктар аст, ин пирамард ғам мехӯрад ва ташвиш кашаду мани муаллим, одами аз ӯ ҷавонтар, саводноктар ғам нахӯрам, пас дар сиришти ман нуқсоне ҳаст.

Баъд воқеаҳои дидаам, хусусан, воқеаҳои рӯзҳои охиринро дар хотири худ такурӯ карда, мулоҳиза мекардам, барои исботи кашфиёти тозаам далел меҷустам.

Ҳайҳот, ин гуна далелҳо ба осонӣ ёфт мешуданд.

Чанд рӯз қабл аз ин дар истгоҳи автобус меистодам. Истгоҳ аз тахтапуле суфашакл иборат буд, ки ҳам вазифаи худ-яъне ҷои ҷамъомади мусофиронро адо мекард, ҳам вазифаи пулро, ки аз он пиёдаҳо мегузаштанд. Наздн тахтапул, дар як гӯшаи он, дар поёнтар симчӯбе воқеъ гашта буд. Симчӯб дар офтоб теға меистод, ба болои тахтапул дарахтони акатсия сояи ғафс афканда буданд.

Як деҳқони халтадор ва ҷавони кулоҳпӯши европой, ки тахмин ҳамсинни ман буд, ҳамроҳ дар соя меистодему ду тоҷикзан дар таҳи симчӯб дар зери офтоби сӯзон диккак менишастанд. Ҳама омадани автобусро интизор будем. Ман аввал ба занҳо, ба сарулибосу қиёфаи онҳо, ҳатто ба он ки онҳо дар офтоби тафсон менишастанд, эътиборе надодаам. Дар қарибии истгоҳ нонвойхона воқеъ гашта буд, ҳар дам бӯи хуши нони гарм ба димоғам мерасид ва ман дар бораи хонаи худ, дар бораи писарчаам Зафарҷон, ҳамсарам Ойшахон, инчунин дар бораи Иқбол-хола, ки нонҳои хушрӯю болаззати хонагӣ мепазад, фикр мекардам..

Ҷавони кулоҳпӯш сепояи кадом як асбоби оптикӣ дар зери бағал аз ин сари тахтапул ба он сараш нооромона ва ба хаёлам, андаке асабонӣ қадам мезад. Ногоҳ ӯ дар назди занҳо аз қадамзанӣ бозистод, коматашро сахле хам карда ба онҳо гуфт.

– Апа, почему твоя здесь сидит? Вот здесь надо сидеть… – ва ба ҷои соярави тахтапул ишора намуд. Вай ба хотири он ки занҳо мақсади ӯро зудтар бифаҳманд, забони русиро қасдан вайрон карда ҳарф мезад.

Занҳо дар ҷавоб чизе нагуфтанд, фақат карсҳояшонро поёнтар фароварда, рӯи худро тамом панаҳ карданд.

Ман акнун пай бурдам, ки онҳо дуртар "аз назари мардҳои номаҳрам" дар офтоб менишастанд, дар беҳи симчӯб тани худро гунчакунон дар як вазъияти раҳмовари бечорагонае менишастанд. Дар тан қабат-қабат пироҳанҳои нави лас ва атласи базеб, дар по кафшҳои нав, дар сар тоқиҳои минчоккорию зардӯзӣ доштанд, аммо дар чунон як ҳолате ба ҳамдигар ҷафс шуда, ба худ печида менишастанд, ки гӯё он ҷо кӯчаи ободи шаҳрчаи озодаи ҳозиразамон не, балки гӯшаи бозори қадимаи асрҳои гузашта бошад.

Дар дилам ҳисси ногуворе, ҳисси махлути хиҷолат, қаҳр ва тараҳҳум пайдо шуда, кайфамро парронид. Ба гӯшае, ки занон менишастанд, чобук наздик шуда гуфтам:

– Ҷаро охир, ба соя қаҳтӣ омадагӣ барин, дар офтоб мешинед? Рост мегӯяд-дия ин кас, дар соя шинед, чӣ мешавад?

Занҳо дилу бедилон аз ҷояшон бархоста, ба гӯшаи соярави истгоҳ гузашта, рӯ ба ҳамдигар зич шуда истоданд.

Ҷавони сепоядор ба ман муроҷиат кард:

– Марҳамат карда, пурсед аз инҳо, ки чӣ кораанд?

Ман пурсида ҷавобашро тарҷима кардам, ки колхозчианд.

– Ана, колхозчӣ будаанд! – гуфт ба оҳанги гилаомез он ҷавон. Боз дар гӯшае мурғи касалӣ барин ба худ печида нишастаанд! Айб аст гӯед, ба онҳо, коматашонро бардоранд! Ин чӣ гап! Хуни одам ҷӯшида меравад…

Автобус омад. Он ҷавон ба занҳо "апа, чакон-чакон, ха-а молодец", гӯён онҳоро ба автобус савор кунонид, баъд мо ҳам савор шуда, ҳар кадоме ба кори худ рафтем. Лекин андоми ин ҷавони кушодарӯй, сарулибоси чанголуди ӯ дергоҳе аз пеши назарам намерафт. "Хуни одам ҷӯшида меравад!" гуфтанаш тамоми рӯз дар гӯшам садо медод.

"Чаро хуни ман намечӯшид" – гуфта мепурсидам аз худ. Аввал ин ки чаро ман дар он ҳолати ба шаъни инсон нозеб нишастани занҳоро пай набурдам? Шояд ба дидани ин гуна манзараҳо одат кардаам? Бояд танте буд. Одат кардаам. Ба дидани ҳазорон занони ҳаммиллатам, ки дар идораҳо, муассисаҳои гуногун кор мекунанд, ходимони давлат, арбобони илм ва санъат, раисони колхоз, суд, директорони заводу фабрика, котибони комитетҳои партия ва комсомол шуда кор мекунанд, одат кардаам. Ба дидани бисёр ва бисёр заноне, ки ҳанӯз қадри инсонии худро пурра нашинохтаанд, аз дӯғи шавҳару таҳдиди Қуръону фишори урфу одати кӯҳнаи касофатовар ҳанӯз меҳаросанд, низ одат кардаам...

**Савол ва супориш**

1. Зиё-бобо дар аризае, ки ба муаллим дод, чӣ талаб кардааст?
2. Муаллим ба Зиё - бобо дар ҷавоби аризааш чӣ гуфт?
3. Аҳрор-амак пас аз чоп шудани мақолаи муаллим оид ба савдои сайёри карасин боз чӣ корро бор кард?
4. Ба фикри шумо талаби Зиё-бобо ҳақ аст, ё ноҳақ?
5. Дар шароити имрӯза ба аризаи Зиё-бобо чӣ ҷавоб медоданд?
6. Кадом шароит маҷбур сохт, ки муаллим ба навиштани мақолаи танқидӣ розӣ шавад?
7. Аз матн ҷумлаҳоеро, ки ҳиссача доранд, ба дафтаратон бардоред ва гӯед, ки пас аз ҳиссачаҳо кадом аломатҳои китобатӣ гузошта мешавад?

***

Пагоҳӣ ҳанӯз вақти аз хоб хестанам нашуда, ғалмағали занон, ки дар рӯи ҳавлӣ барпо буд, бедорам кард. Аз байни гуфтушуниди Иқбол-хола ва Заррина дам ба дам овози Ойшаи ман ҳам шунида мешуд. Мабодо ҳамсарам ҷанҷоле бархезонда бошад гуфта, бохавотир гӯш андохтам. Охир кӣ занеро дидааст, ки ӯ бо ягон ҳамсояаш ақаллан андаке ҷанҷолу ҳархаша накарда бошад?

– Чаро шумо ин қадар маро азоб медиҳед? – бо оҳанги гиряомез мепурсид Заррина.

– О ман чӣ кор кардам, бачем, чӣ шуд? Охир туро задам, ё дуои бад кардам, ё кучуката рав, гуфтам, ё пишаката пишт, гуфтам? Чӣ гуноҳ гузаштааст аз мани сарсахт?!

– Ҳа боз худатонро ба нофаҳмӣ мезанед... Билети комсомолиамро ба мағзи Қуръонатон мондед-ку!.. Ё намондед?

– Э бас кун-е, махмаддоно! Нагуфта бошам, акнун мегӯям, ки илоҳӣ садқаи каломи шарифи Худованд шавад ҳамон белати камсамолат!

– Ҳой кампир, ҳақорат накун! – нохост ба мунозира мудохила карда, ба занаш пӯписа карда монд Аҳрор-амак. – Ҳар гап занӣ-зану ба белаташ кордор нашав.

Заррина аз тарафгирии бобо рӯҳ пайдо карда, ҳуҷуми худро ба сари модаркалонаш қувват медод:

– Мо ба намозу ниёзи шумо кордор нашудаем-ку! Худатон маро дар миёни ду гап махмаддоно, бачаи охиратзамон гуфта дашном медиҳед-ку!

– О ман чӣ гуноҳ кардам, а, мусулмонҳо, о ба ин тирмизак гап занетон. Ойшахон, духтарам, ақаллан шумо гап занед. Пинчакаша шӯям гуфта, аз кисааш ҳамин белати падаркусураш баромад. Мани сарсахт, ин чиз барои духтарам азизу ав ...ё гуфта, гум нашавад, рӯи хона рӯбак-рӯбак нагардад гуфта, ба даруни чилди Қуръони шариф мондам, аз номакаш гардам. О, ту тирроничак, шукр намекунӣ, раҳмат бибиҷон, намегӯӣ, ки ман ин дафтарчаи нақшината ба ҳамин хел як ҷои азизу киромӣ эҳтиёт кардам? А? О ин кучоя гапаш, мусулмонҳо, ба хизмат тӯҳмат-ку!

– Шумо ба чилдаш не, ба мағзи китобатон мондед, – ҳамчунон гиряомез гуфт Заррина ва ба зӯрии алам амали ислоҳнопазир будани ҳодисаи рӯйдода тоб оварда натавониста ҳунгос зада гирист.

Ойшаи ман, албатта, ба мобайн даромада, онҳоро ба ифоқа оварданӣ мешуд. Ӯ тарафи Иқбол-холаро зер карда мегуфт, ки он кас билети набераашонро дар ҳақиқат аз сари эҳтиром ва эҳтиёткорӣ ба мағзи Қуръон рост кардаанд, яъне дар айни ҳол, мегуфт завҷаи донишманди ман ба забони сиёсӣ гузашта, Иқбол-холаам ақидаҳои иҷтимоии Зарринаро ҳурмат кардаанд, ки ин рафтори бисёр оличанобонаест. Дар ин кор заррае таҳқир ё қасди бад нест.

Намедонам, мунозира бо чӣ анҷом пазируфт. Маро дубора хоб бурдааст. Лекин чандон дер ва бароҳат хобида натавонистам.

Ин дафъа худи ҳамсарам бедор карда гуфт:

– Зафарҷонро худам ба яслӣ мебарам, азизам. Шумо дарравак либосатонро пӯшида ба Иқбол-холаам ёрмандӣ кунед. Хезед, ҷонакам.

– Чӣ гуна ёрмандӣ? Чӣ шудааст?

Дар дилам мегуфтам, ки Худоё Худовандо, холо-ку чашм аз хоб кушода калимаи "ёрмандӣ" ё "ариза"-ро мешунавам, пагоҳфардо, бе ҳеч шак ва шубҳа, асло имконияти чашм ба истироҳат пӯшидан ё дақиқае ёзидан нахоҳад монд. Яқин аст, ки кор ба ҳамин оид шуда истодааст.

Завҷаи мӯҳтарама саволамро бечавоб мононда, "зуд бошед, ҷонакам, ним соат камтар хобед, осмон ба сари мову шумо пару намеафтад" гӯён писарчаамонро бардошта баромада рафт.

Аз берун нағмасароии бедонаҳо ба гӯш мерасид. Як порчаи калони шуои офтоб ба девори сафеди хона афтода, хонаро аз нури нарми ширранг пур карда буд. Мошине дар сари кӯча ғуррос мезад. Ғурриши мотораш гоҳ пасту гоҳ баланд мешуд, ба хаёлам, ба ҳавои алла садо мебаровард.

Чашмонам худ ба худ пӯшида мешуданд. Охир соати сеи шаб хобида будам. Мехостам боз сар ба болин гузораму ба олами орому бароҳати хоб баргардам.

Дар ин асно Иқбол-хола сар ба даҳлез, ба хонаи мо даровардa, бо изтироб гуфт:

– Муаллимҷон, илоҳо хока гиред, зар гардад, писарам, мана дастгирӣ кунед, ки ҳолам табоҳ.

– Наход? Чаро, хола? – гуфтаам мани хоболуд бемаврид.

– Намедонам, муаллимчон, ин чӣ диданӣ буд маро. Сари калобаамро тамом гум кардам. Барака ёбед, як ёрмандӣ кунед. Илоҳо ҳузури писаракатонро бинед.

– Ба амакам чиз шудааст?

– Не-е, амакатон шукр, тукмоки тар барин. Амонаткасса гурехтааст.

– Чӣ?

– Амонаткасса, мегӯям, гурехтааст.

Дар як лаҳза хоб аз сарам парид.

Ман дастурӯй мешустам, либос мепӯшидам. Иқбол-хола дар таки дари мо ба як ҳолат истода, ҳар замон оби чашмонашро пок карда, воқеаро ба ман шарҳ медод:

– Бист сол дар артелҳо кор карда, бо нӯки сӯзан ғундоштагӣ як қадар нақдинаамро ба гапи амакатон даромада, ба амонаткасса монда будам. Дили худам пур набуд, бачекам, дар ҳар ду рӯз рафта хабар гирифта меомадам. Маро чӣ чини каччак задааст, ки се рӯзи охир рафта напурсидам, хабар нагирифтам.

Ман ҳарчанд кӯшиш карда, фаҳмониданӣ мешудам, ки дар ин ҷо иштибоҳе ҳаст. Кассаи амонатӣ муассисаи давлатист ва он ҳеҷ гоҳ ба ҷое нагурехта буду нахоҳад гурехт. Ин гапи ношуданист ба мисли он ки дарё даргирифт гуфта овоза кунанд.

Аммо ба Иқбол-хола гап таъсире надошт. Ӯ оҳувоҳи худро бо авҷи торафт баландтар давом медод:

– Пагоҳӣ муаллимҷон, хезам, ки чашми чапам пир-пир мепарад. Оҳ, гуфтам ба худам, ягон дилсиёҳӣ дар пеш аст. Ҳеҷ дидаед, ки чашми чапи одам аз каллаи азон ба паридан дароянд? Охир кори ношуданӣ шуд-дия. Аввал вай Зарринаи тирронҷаатон, ба сарам доду фиғон бардошт, ки белати камсамолама ба пеши китобат монда, ҳақорат кардӣ, гуфта. Баъд кӯча бароям, ки ин аҳвол: аз амонаткасса на пай ҳасту на ҳайдар. Ба болои сӯхта намакоб, як бача тракторашa оварда, хонаи амонаткассая вайрон мекунам гуфта истода буд.

Иқбол-хола маро ба яке аз чорраҳаҳои шаҳрчаамон овард, ки он ҷо чангу хоки кулбаҳои кӯҳна ба осмон печида буд. Пештар дар ин ҷо, дар паси дукони газетафурӯшӣ як қатор кулбаҳо буданд, ки дар онҳо амонаткасса, сартарошхона ва устохонаи каллапӯшдӯзӣ ҷой мегирифт. Ҳоло ҷавонписаре айнаки калони чангдорак ба чашм ниҳода, даҳону биниашро, бо рӯймоле баста, он кулбаҳоро бо булдозер ба замин ҳамвор мекард. Ду нафари дигар аз пасу пеши мошин чӯбу чаҳсҳоро ғундошта, ба як сӯ тӯда мекарданд.

Дар воқеъ, аз амонаткасса на ном буду на нишон. Ба ҷавони булдозерчӣ бо имову ишорат фаҳмонидам, ки ба ӯ саволе дорам. Вай ҳарчанд, ки аз сабаби катъ шудани кораш норозӣ буд, айнакҳояшро кушода сар аз кабина баровард ва худ аввал ба мо савол дод:

– Эҳтимол пурсиданӣ ҳастед, ки амонаткасса ё дукони каллапӯшдӯзӣ ба куҷо рафт?

– Бале, ба амонаткасса кор доштем. Шояд пеш аз вайрон карданатон дар девораш ба эълоне чашматон афтода бошад?

– Не, ҳеҷ гуна эълоне надидаам. Ба ман гуфтанд, ки ин бокимондаи шаҳри кӯҳнаро нест кун, ман нест карда истодаам. Дигар аз чизе хабар надорам.

– Нигоҳ кунед, муаллимҷон, чашмакони ин бача бозӣ мекунанд, – гуфт Иқбол-хола ба таки гӯшам пичирросзанон.

Булдозерчӣ хотири мушавваш ва ҳаракатҳои маъюсонаи Иқбол-холаро дида, зоҳиран, аз таки гап огоҳ шуд, ки ба ӯ рӯй оварда табассумкунон гуфт:

– Натарсед, хола, пулатон гум намешавад. Баръакс дар чои нав хам фоида зоида хоб кардааст. Ин чо магазини нав месозем, фоидаи пулро оварда, чиз мехаред. Натарсед, – такрор намуд ӯ ва ба ман: – Ба амонаткассаи шахрӣ телефон кунед, мегӯянд, – гуфту мошинашро ба харакат дароварда ба кафо ронд, то ки аз дуртар ба шаст омада, охирин похсадевори кулбаро вайрон кунад.

То ба Икбол-хола ёфта нишон додани чои нави амонаткасса рӯз чошттох шуд ва ман ночор бо шиками гуруснa ба кор рафтам. Ба замми ин аз камхобӣ ва папироскашию даводави зиёд сарам чарх мезаду дилам бехузур мешуд.

Чанд рӯз хамвор, бе тағйироти шоистаи диккат гузашт. Ахрор-амак ба ман супориши нав намедод. Зиё-бобо низ бо маслихате намеомад, ё аризанависӣ намефармуд. Икбол-хола хамчунон ба кадом як маросими худ тайёрӣ медид. Рӯзи бозор вай ва шавхараш гӯсфанде харида омаданд. Аз Ойшахон пурсидам, ки мӯйсафедон ба чӣ гуна маросиме тайёрӣ мебинанд, низ намедонам гуфт. "Хайрият, гуфтам дар дилам, чизи завчаи ман намедонистагӣ хам будааст дар олам".

Шабхо фикру зикри ман ба навиштани фелетон банд буд. Аввал чизе навиштам, ки ба маколаи танкидӣ шабохат дошт. Чун дидам, ки дар иншоям якта-нимта чумлахои фелетонӣ вомехӯранд, хурсанд шудам ва ахд кардам, ки зӯр зада фелетоне барорам.

Росташро гӯям, ин дафъа кори ман мисли он ки дар вокеъ хам матбуотчии касбӣ бошад, вусъату хашамати чиддӣ пайдо карда буд. Мухаррири газетаи шахрамон, марди доно ва дар муомила мехрубону самимӣ, маро дар кироатхона дида, ахволпурсӣ кард. Сирри фелетоннависиро ба дилам ғунчонда натавониста (алалхусус, ки ин сирро аз мухаррир пинхон доштан кори бефоида буд), фелетони чаларо, ки дар чайбам чахоркат шуда мехобид, бароварда дар гӯшае ба ӯ хонда додам. Маслихатхои хуб дод. Инак, кор вусъату суръати чиддие пайдо кард ва хамаи диккати маро ба худ кашида, дар калбам торафт бештар шавк меангехт.

Ахрор-амак бошад, аз афти кор, гумон мекард, ки ман навиштани маколаи танкидиро дар бораи раиси комбинат касдан кашол медихам, ба хаёли ӯ, ман аз танкид кардани яке аз обрӯмандтарин одамони шахр истихола мекунам, агар луб-луч карда гӯем, буздил хастаму намехохам зиндагонии осоиштаи худро халалдор кунам. Вай ба ман рӯзхои аввала барин бо чехраи

кушода вохӯрӣ намекард, аз корубору зиндагониам савол намедод, дар хусуси мақола ҳам даҳон намекушод. Маълум буд, ки андешаҳои ташвишомези худро муваққатӣ пинҳон медорад, қарор додааст, ки оқибати корро гаронборона мунтазир шавад. "Канӣ, об ба куҷо рафта қарор мегирад?.."

Лекин агар аз ягон мавзӯъ сӯҳбате сар шавад, тавре сухан мекард, ки гӯё маро ба мубоҳиса даъват кардан мехоста бошад.

Боре дар рӯи ҳавлӣ папирос кашида менишастам, ки ба наздам омад, аз ину он гапзанон кардем.

– Ҳозир, писарам муаллим, ба хаёлам, одами бепарво нисбатан зиёд шуда мондааст, – гуфт ӯ бидуни робитаи мантиқие, ки он чӣ қабл аз ин муҳокима мешуд. – Ҳа, назар ба он айёме, ки осонаша гирем, пояи ҳамин ҷамъияти мо сохта мешуд, муросокорӣ бисёртар вомехӯрад. Аз ваҷоҳати шумо дида истодаам, ки гапи ман маъқул нашуда. Эътироз кардан мехоҳед. Лекин даъвои ман ҳақ аст. Росташро гӯям, ин нафақат фикри ман, балки фикри аксари калонсолонест, ки сӣ-сиюпанҷ сол муқаддам дар ин ҷоҳо милтиқ ба китф, осонаша гирем, каланд мезаданд, ё аз ҷохса девори аввалин иморатҳоро мебардоштанд. Агар аз ин ҷиҳат ба касе даҳон кушоед, мегӯяд, ки э, монед, ҳамаи шумоён мӯйсафедон ҳамин хел, ба хаёлатон дар давраи ҷавонии шумо ҳама чиз беҳтар буд, одамон нағзтар буданд, акнун ҳамааш футур рафтааст. Мардуми куҳансол ҳамин хел мешудааст, мегӯянд. Ин ба кас алам мекунад, писарам муаллим.

Чӣ гуфта метавонистам ман дар ҷавоби ӯ? Русҳо як мақол доранд, ки аз суруд калимаеро дур кунед, дигар он суруд намешавад. Аҳрор-амак, бо вуҷуди хислатҳои бисёр хубаш, ки ба шарофати онҳо ман ба ӯ меҳр баста будам, ба муболиға майли калоне доштааст. Мисолҳои ҷудогонаи тӯрачигӣ, мансабпарастӣ ё қаллобии баъзе одамро дида, хулосаҳои муболиғанок мебаровард. Фаразан, мешунид, ки мудири фалон анбор як миқдор моли давлат ё ҷамъиятро хӯрда кораш ба тафтиш афтода бошад ҳам, баъди ду-се моҳи давуғеҷ моҳи беайбу ситораи бедум барин софу беғаш шуда баромадааст. Яъне аз ҷазои ҳаққонӣ халос хӯрдааст. Вай ин воқеаро гаштаву баргашта ба хотир оварда бисёр ғам мехӯрад, азоб мекашад; гоҳо чунон ноором, бесаришта ва оташин мешуд, ки гумон мекардед, дар воқеъ ҳам, сухан дар бораи ҷиноятқорони алоҳида не, балки дар бораи ягон қувваи ҷиддие меравад, ки ба ҷамъият вай хатари бузурге дорад.

Дар ин гуна маврид Аҳрор-амак нопоконро , ки боиси ин гуна ноадолатӣ мешуданд, соатҳои дароз дашном медод, ҳақорат мекард ва дар охир сахт афсӯс мехӯрд, ки аз дасташ намеояд он коре, ки мехост, дар ин сурат бикунад.

Рӯзе ба сари мунозираи Аҳрор-амаку ҳамсарам расида омадам. Пирамард бо овози баланд, гӯё оташин шуда гап мезад.

– Не ! – мегуфт ӯ, – таърифу тавсиф аз дасти ҳар кас меояд, аммо танқид-не. Ман танқиди бенеши, осонашро гирем, атоланаморо намегӯям. Танқиде мегӯям, ки одилона бошад ҳам, осонаша гирем, то ба мағзи устухон кор кунад. Дӯст бошад, таъриф накунед. Таъриф одаму оламро вайрон мекунад...

– Охир, амак, бо як худи танқид чӣ навъ... - Ойша ба эътироз даҳон кушода буд, ки Аҳрор-амак мобайни суханашро бурид.

– Сабр кунед, духтарам, ман гапамро тамом кунам. Ҳа, таъриф одаму оламро вайрон мекунад. Хайр, одаму оламро нею, осонаша гирем, одамро. Оламро бошад, на вайрон мекунаду на обод... Ана ҳар дуи шумо ба қарибӣ аъзои ҳақиқии партия мешавед, аз рӯи инсоф гӯед, дар ҳамин шаҳрчаи мо чӣ аҳволеро мебинед? Ба маҷлисҳо рафтед, дар митингҳо иштирок кардед, аз зиндагонии шаҳр огоҳед. Бигӯед, охир... Бояд иқрор шавед, ки ҳама ба таъриф одат кардаанд, аз даҳони ҳама равған мечакад. Плани семоҳа иҷро шавад, – митинг, тантана, ҳаёҳӯй, суросур... Барои бачаҳо якта майдончаи бозӣ сохта шавад ҳам, маҷлиси тантанавӣ, ура-ура, шод бош, зинда бош ва ғайра ва ҳоказо. Касе намегӯяд, ки маддоҳонро лаҷом задан лозим. Агар уставро ба хотир оварда, камбудиеро танқид карданӣ шаванд, як ба чапу рост, як ба пасу пеш боэҳтиёт назаре андохта, баъд танқидашро бо сад ҳилаю мақом пардапӯш ё мулоим карда бо узру маънии зиёде баён мекунанд. Шумо духтарам, осонаша гирем, доруи талхро фақат барои бачаҳо ба мағзи қанд печонида, хушхӯр карда медиҳед, ба калонсолҳо не. Медонед, ки одами калон доруи талхро бе фиребу тақал ҳам хӯрдан мегирад. Охир давлату ҷамъияти мо ҳам, шукр, калон шуд, чилупанҷсола шуд.

Аҳрор-амак хомӯш шуд. Иқбол-хола як чойник чой оварда ба пеши шавҳараш монд.

Амакатон асло аз баҳсу талош сер намешаванд, – гуфт ӯ ба Ойша. – Ҳоло тирамоҳ шавад, Қобилҷон – писари Зиё-таго аз кӯҳ биёяд, ана бо вай баҳсу мунозира карданашро бинед. Пирию хартозӣ гуфтагӣ барин.

– Эй занак, боз сар кардӣ-дия, – норозиёна рӯй турш кард Ахрор-амак.

– Охир, шумо мудом бо одамон оташин шуда, гӯё чанг карда истодагӣ барин, дӯғ зада гап мезанед. Дили ман зира зада меистад, ки мабодо аз ин коратон ранҷанд…

– Натарс, кампир, намеранҷанд, – мулоимтар шуда гуфт Ахрор-амак ва суханашро, гӯё лаҳзае ҳам қатъ намуда бошад, ҳамчунон давом кунонид: – Заррина як рӯз чанд латифаи хитой хонда буд. Яктааш ба ман бисёр маъқул шуд. Ҷавоне мадрасаро хатм карда, пеш аз рафтан ба ҷои хизмат, ба музофоти дурдасте ба назди муаллими дӯстдоштааш медарояд, то ки хайрбод кунад, ё осонаша гирем, бо кавли кӯҳнаҳо, фотиҳа гирад.

– Ба ҳаёти мустақилона қадам мемонӣ, – мегӯяд устодаш. Оё дар дилат тарсу бим ё ташвиш, ё шубҳае нест?

– Не, муаллим, – ҷавоб медиҳад шогирди собиқ. – Барои муомила бо одамони ноозмуд қаблан тадбири эътимодноке тайёр кардаам.

– Ин корат хуб, – мегӯяд устод, – илоҷи вокеъа қабл аз вуқӯъ бояд кард. Вале бигӯ, тадбири ту чӣ гуна аст?

• – Ман 100 дона таъриф ва тавсиф тайёр кардаам. Ба ҳар кадоме аз сардорони оянда яктой аз он гуфта, дилашро ба даст хоҳам овард.

– Охир, писарам ин корат хуб нест-ку. Хушомад гуфтан манъ аст. Бо тамаллуқ нон хӯрдан бешарафист, – мегӯяд муаллим хашмгин шуда.

– Чӣ чора, устоди мӯҳтарам, – мегӯяд шогирд. – Одамоне, ки мисли шумо, қабоҳати тамаллуқкориро мефаҳманд ва аз он нафрат доранд, дар мамлакат аҳён-аҳён ёфт мешаванд. Аксари мардум хушомадпарваранд.

– Рост мегӯӣ, – розӣ мешавад муаллим, – аксари мардум хушомадпарваранд. Хайр, ҷораи дигар ки набошад, роҳи сафед металабам.

Шогирд, ба ҳамин тариқа, фотиҳаи устодро гирифта ба кӯча мебарояд, ки он ҷо як рафиқаш ӯро нигарон будааст.

– Ҳа, чӣ шуд? – мепурсад рафиқаш.

– Аз 100 таъриф яктоаш сарф шуд, акнун 99-то монд, – мегӯяд шогирд.

Ҳақ асту рост ҳамин латифа. Кӣ таърифро бад мебинад? Ин хислати инсонист. Дар воқеъ, ҳеч гуна нағзу бад ба сари инсон аз осмон намеафтад, ҳамааш аз сиришти худи ӯ сар мезанад…

Ахрор-амак аз сухан лаб фурӯ баста ба чойнӯшӣ сар кард. Вай гӯё дар ҳақиқат ҳам бо мо мунозира карда, аз мо ранҷида бошад, сарпӯши чойникро дар чояш асабонӣ давр занонда, бозӣ медоронд. Ба мо нигоҳ намекард, назараш дар пешгоҳи боғ, дар ким-кадом нуктаҳои номаълум сайр мекард.

Ман пай бурдам, ки вай он нутқи аҷоибашро дар бораи таърифу танқид, ҳам он латифаи хитоиро низ ба ман расонида мегуфт. Яъне духтарам ба гу мегӯям, келинам ту ҳам шунав, гуфтанӣ мақоли халқ барин. Вай ҳамчунон гумон мекард, ки ман яке аз ашхоси номдору бонуфузи шаҳрро танқид карда, сари худро ба ҷанҷол мононданӣ нестам. Аз чӣ сабаб бошад, ба ман аз ин нукта савол намедод. Аммо маро низ чизе аз забон нигоҳ дошта намегузошт, ки ба ӯ аз худам дониста, дар ин бобат маълумоте бидиҳам.

Дар ин кор, аз афташ, маро иззати нафси худ монеъ мешуд. Равшану аён ҳис накунам ҳам, дар ким-кадом гӯшаи шуурам ҳамин гуна як хаёли кӯдакона вуҷуд дошт, ки ман ба ҳар ҳол муаллим, шахси маълумоти олидор ҳастам ва дар назари мӯйсафедон бояд соҳибихтиёрии худро дар ҳар қадам таъкид намоям.

**Савол ва супориш**

1. Чаро Заррина бо модаркалонаш ҳархаша бардошт?
2. Оё Заррина кори дуруст кард?
3. Шумо дар чунин ҳолат чӣ хел рафтор мекардед?
4. "Амонаткасса гурехтааст" гуфтани Иқбол-хола чӣ маънӣ дошт?
5. Иқбол-хола чӣ хел аз ҳақиқати ҳол огоҳ шуда таскин ёфт?
6. Чаро муаллим аз омадан ба ҳавлии нав пушаймон буд?
7. Одамони кӯҳна бо кадом хислати худ фарқ мекунанд? Ба онҳо чӣ хел баҳо дода метавонед?
8. Дар матн кадом мақолҳои халқӣ истифода шудаанд?
9. Аз матн нидоро ёфта, гӯед, ки он ба кадом вазифа омадааст?
10. Нидоҳоро аз рӯи сохташон шарҳ диҳед.

# АМИНҶОН ШУКӮҲӢ



Аминҷон Шукӯҳӣ (Ҳоҷибоев) 10-уми июни соли 1923 дар деҳаи Румони ноҳияи Хуҷанд дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст.

Курсҳои муаллимиро гузашта, дар мактабҳои Хуҷанд аз забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфтааст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сафи кормандони Умури дохила кор кардааст. Аз соли 1947 ба кори рӯзноманигорӣ гузашта, ба ҳайси мудири шӯъба, котиби масъул, ҷонишини муҳаррири рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" шуғл варзидааст. Соли 1955 факултаи рӯзноманигории мактаби олии ҳизбии назди Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттифоқи Советиро дар шаҳри Маскав хатм намуда, муҳаррири рӯзномаи ҷумҳуриявии "Тоҷикистони Советӣ" таъин шуд. Соли 1961 котиби раёсат, баъдтар муовини садри Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гашта кор кардааст. Аз соли 1967 то соли 1976 Раиси Комитети радио ва телевизиони давлатии Тоҷикистон буд. Пас аз он танҳо ба кори эҷодӣ машғул шудааст.

Шеърҳои аввалини Аминҷон Шукӯҳӣ соли 1942 дар рӯзномаи вилоятии "Стахановчӣ" чоп шудаанд.

Маҷмӯаи аввалини шеърҳои ӯ "Суруди чашмасор" соли 1948 аз чоп баромад. Минбаъд маҷмӯаҳои "Ватани сулҳ" (1952), "Рӯзҳои мо" (1954), "Садои дил" (1956), достони "Кӯчабоғи ошиқон" (1962), драмаи мусиқии "Кӯчабоғи ошиқон" (1964), ки Театри ба номи Пушкин ба саҳна гузошт, либреттои операи "Бозгашт", ки Театри опера ва балети ба номи С Айнӣ соли 1967 ба саҳна гузошта буд, маҷмӯаи шеърҳои "Нафаси гарм" (1964), маҷмӯаи шеърҳои "Табассуми ту" (1966, дар Боку бо забони озарӣ) чоп шуданд. Ашъори Шукӯҳӣ ба забонҳои украинӣ, белорусӣ, қазоқӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ, литвонӣ ва ғ. тарҷума шуда, борҳо дар Афғонистон, Эрон ва Чехословакия нашр шудаанд. Шукӯҳӣ дар наср ва драма низ асарҳои назаррас дорад.

Аминҷон Шукӯҳӣ 17 майи соли 1979 аз олам гузаштааст.

## МО ТОЛИБИ СУЛҲЕМ

Мо мардуми ин кишвари дар авҷу барорем,
Як зарра ҳам аз душмани худ тарс надорем.
Лекин ҳама чун як дилу ҷон сулҳшиорем,
Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем.

***

Моро Ватану модару ҷонона азиз аст,
Меҳри дилу ободии ҳар хона азиз аст.
Осудагию кори далерона азиз аст,
Ҳар як қадами худ ба ҳамин азм гузорем.

***

Сулҳ аст чунон қалъаи пурқудрати маҳкам,
Маҳкам бикунад боз варо халқ дамодам.
Ҳар кас, ки бихоҳад шарафи одаму олам,
Ӯ ҳамраҳи мо бошаду ҳамфикру қарорем.

***

То ҳифз намоем ҳама пиру ҷавонро,
То дур кунем аз ҳама ҷо офати ҷонро,
Хунмаст ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳонро
Бо тантана бар суди адолат бисупорем.

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни шеърро маънидод намоед.
2. Мисраи "Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем" чӣ маънӣ дорад.?
3. Дар байти: "Хунмаст ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳонро
   Бо тантана бар суди адолат бисупорем"
   калимаи "хунмаст" чӣ маънӣ дорад ва "ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳон" киҳоанд?
4. Ин байтро ба наср гардонед ва таҳлили марфологӣ намоед.
5. Калимаҳои "сулҳшиорем", "осудагӣ", "пурқудрат", "хунмаст" "ҷанобон", "ҷаҳон"-ро аз рӯи сохт ва маънӣ таҳлил намоед.

## ШАҲРИ АЗИЗАМ

Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Наравад ишқи ту дур аз сари ман.
Ман зи айёми ҷавонӣ ба барат,
Ёфтам нашъунамо чун писарат.
Сайр кардам ба гулу гулзорат,
Лолаҳо чидаам аз кӯҳсорат.
Дасту рӯ шуста ба оби дарё,
Тохтам шодикунон бар саҳро.
Ҳар замон боди сабо бегила,
Менамуд аз сару рӯям сила.
Ту ба оғӯши худат чандин сол
Парвариш кардӣ маро ҳамчу ниҳол.
Пас дари илм ба ман бикшодӣ,
Ақлу идроку заковат додӣ.
Чу ба ҳуснат ту диламро бурдӣ,
Меҳр бастам ба ту ман аз хурдӣ.
Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Ҳар нафас ёди ту болу пари ман.

***

Дар шаби равшани айёми баҳор,
Буд чашмам ба раҳи ҷонон чор.
Зери по пур зи алафҳои кабуд,
Оби анҳор ҳамехонд суруд...
Гар расад шарфаи тое аз роҳ,
Менамудам ба ҳамон сӯй нигоҳ.
Дил ба сад кӯчаю чашмам як сӯ,
Дар раҳаш буду бинам аз паҳлӯ,
Омадааст... аз ҳаяҷон сурх шудам,
Аҷабо ман ба чӣ ҳолат будам!
Зеб дода ба қаду андомаш,
Куртаи рангу гули бодомаш.
Аввалин дафъа дар он шаб ба ҳаёт
Бӯса кардам зи лаби ҳамчу набот.

***

Буд гарчанд табиат ба пинак,
Лек зад барги сафедор чапак.
Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Шафаќи толеи ман, ахтари ман.
Субҳ чун пардаи шаб боло кард,
Чеҳраи софи туро зебо кард.
Буд ҳангоми гули шафтолу,
Беқарор ин дили ман чун моку.
Рафтам он рӯз ба сад завқу виқор
Бори аввал ба сари меҳнату кор
Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Гулшани тозаи номовари ман

***

Ту маро мебарӣ бо роҳи сафед,
Бесабаб не, ҳама дунё баумед.
Баски додӣ ту ба ман авҷу камол
Ҳам гули бахт ва ҳам истиқбол.
Ман аз они туву ту з-они ман,
Ҳадя бар роҳи ту ин ҷони ман!

**Савол ва супориш**

1. Шеърро қисм-қисм ҷудо намуда, ифоданок қироат намоед.
2. Мазмуни қисматҳоро алоҳида маънидод кунед.
3. Шоир дар ин шеър ба чӣ даъват кардааст?
4. Байти: "Ман аз они туву ту з-они ман,
   Ҳадя бар роҳи ту ин ҷони ман!" - чӣ маънӣ дорад?
5. Дар шеър кадом мисраъ такрор шудааст?
6. Дар ин мисраъ шоир шаҳрашро ба чӣ ташбеҳ додааст?
7. Боз кадом санъатҳои сухан дар шеър истифода шудаанд?
8. Мазмуни яклухти шеърро ба шакли нақл ба дафтар нависед. Дар нақл нидоро истифода баред.
9. Гӯед, ки пас аз нидоҳо кадом аломатҳои китобат кор фармуда шудаанд?

## ҲУРМАТИ МӮИ САФЕДАШ

Ба нураш гарчи ин хуршеди ховар,
Фаро гирад ҷаҳонеро саросар,
Намегардад валекин он баробар
Ба ин пурқувватӣ бо меҳри модар!

Фақат модар ба ҳар гармову сармо,
Ҳамеша бар сари гаҳвораи мо,
Накарда мижа таҳ, биншаста шабҳо,
Бипарвард ӯ чу ҷон бигрифта дар бар.

Вуҷудаш чун ба фарзанд аст пайванд,
Варо хонад ба худ ҷону ҷигарбанд.
Агар хоре занад бар пои фарзанд,
Дили модар шавад ғамгин мукаррар.

Барои фикру ёди пурумедаш,
Барои ҳурмати мӯи сафедаш,
Ба ҷон ҳам ҳурмату иззат кунедаш,
Набошад то ки чашмаш ҳеч гаҳ тар.

**Савол ва супориш**

1. Шеърро ба тарзи мушоира ба навбат қироат намоед.
2. Дар банди аввали шеър қудрати модар чӣ тавр тавсиф ёфтааст?
3. Дар банди дуюм шоир фарзандро ба чӣ ташбеҳ додааст?
4. Дар банди саввум модар фарзандро чӣ хондааст?
5. Дар банди чаҳорум шоир фарзандро ба чӣ даъват кардааст?
6. Шеърро азбар кунед.
7. Дар мавзӯи "Меҳри модар" нақл нависед. Дар нақл ҳиссачаҳо ва нидоро истифода баред.

# ЛОИҚ ШЕРАЛӢ



Лоиқ Шералӣ 20 - уми майи соли 1941 дар Мазори Шариф, ки яке аз деҳаҳои хушманзари ноҳияи Панҷакент аст, ба дунё омадааст. Аввал мактаби ҳаштсола, баъд Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакентро ва дар охир Донишгоҳи омӯзгории Душанберо (1963) хатм намудааст. Падараш колхозчӣ буд. Фаъолияти шоирии ӯ хеле барвакт - аз айёми донишҷӯияш оғоз ёфтааст. Аввалин шеъраш-"Ном" соли 1959 дар маҷаллаи "Садои Шарқ" чоп шуда буд. Аз нахустин рӯзҳое, ки қалам ба даст гирифту касби шоириро ихтиёр кард, ба назми бузурги классикон майл ва таваҷҷӯҳи зиёде дошт ва бесабаб нест, ки шеъри Рӯдакию Фирдавсию Саъдию Ҳофизу Мавлавию Ҷомиро сабақи шоирӣ ва ҳунари суханварии худ медонад. Лоиқ аз ҷумлаи шоироне буд, ки афкори адабӣ ва таърихии халқи худро хеле хуб аз худ кардааст. Вай нисбат ба шеъру шоирӣ ақидаи махсус дошт. Шоир "бояд бисёр мушоҳидакору дақиқназар ва ҳассос бошад ва аз ҳама мушоҳидаҳояш чизеро тасвир кунад, ки то ҳол ягон шоири дигар нагуфта бошад, ё агар гуфта бошад, ин шоир бояд онро такрор накунад. Барои ин корро ӯҳда кардан дониши бемисли адабӣ доштан лозим аст, то кас донад, ки киҳо чиҳо гуфтаанд". Ба ақидаи Лоиқ шоири ҳақиқӣ "фарзанди айём", "минбари виҷдон", "сарбози миллат", "ровии армони халқ", "чашми замона", "оинаи давр", "Қуръони ҳамаи миллатҳо" бояд бошад.

Дили пурэҳсоси ин шоири маҳбуб 30-юми июни соли 2000 дар Душанбе абадан аз тапиш монд.

Лоиқ шоири лирик мебошад. Қаҳрамони лирикии ӯ ҳам оқилу ҳам муқтадир аст, олами маънавии бой дорад, ғами ҷаҳону ҷаҳониёнро ғами худ медонад, мероси гаронбаҳои гузаштагонро мисли гавҳараки чашми худ нигоҳ медорад. Тарзи сухани Лоиқ низ нотакрор аст, вай аз дили мардум ва барои мардум мегӯяд. Лоиқ инсонро бо тамоми фазилатҳояш васф мекунад, аммо симои модар мағз андар мағзи эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад. Модарномаҳои Лоиқ дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми махсус доранд. Лоиқ

дар бештари анвои адабӣ шеър мегӯяд, аммо дар сурудани ғазалу рубоию дубайтӣ ҳамто надорад. Вай муаллифи китобҳои "Сари сабз" (1960), "Илҳом" (1968), "Нӯшбод" (1971), "Соҳилҳо" (1972), "Ташнадил" (1974), "Хоки ватан" (1975), "Марди роҳ" (1984), "Вараќи санг" (1980), "Хонаи чашм" (1982), "Рӯзи сафед" (1984), "Хонаи дил" (1988), "Дасти дуои модар" (1991), "Фарёди бефарёдрас" (1997), "Ангораҳо" (2001), "Куллиёт" (2001) мебошад.

Лоиқ дар баробари шоири хуб будан, тарбиятгари шоирони навқалам низ мебошад. Ӯ солҳои зиёде раиси шӯрои шеъри Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Лоиқ барои ашъори дилписандаш сазовори мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва унвони "Шоири халқии Тоҷикистон" гардидааст. Дар шеърҳои "Забонгумкарда", "Корези Фирдавсӣ" ва "Модарам" беҳтарин хислатҳои қаҳрамони лирикии шоир ифода ёфтаанд.

## ЗАБОНГУМКАРДА

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,
Дар замину дар замон гумкардае.
Ин нишон гумкардаеву дигаре,
Хештанро бенишон гумкардае.
Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,
Дигаре ганҷи равон гум кардааст.
Ин яке гар ними нон гум кардааст,
Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.
Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,
Он яке шӯру шарар гум кардааст.
Ин яке гум карда гар моли падар,
Дигаре панди падар гум кардааст.
Гар яке бому даре гум кардааст,
Дигаре номи фаре гум кардааст.
Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,
Ин забони модарӣ гум кардааст.
Аз тамоми ину он гумкардагон
Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон
З-он ки гум карда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.
Бок не, гар доварӣ гум кардааст,
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.

Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.
Он яке қадри сухан гумкардае,
Дигаре боғу чаман гумкардае.
Аз забони модарӣ гумкарда лек,
Мерасад рӯзе ватангумкардае...

**Савол ва супориш**

1. Шоир дар ин шеър аз чӣ таассуф кардааст?
2. Оқибати забони модариро гум кардан ба чӣ меорад?
3. Тақдири забонгумкарда оқибат аз рӯи пешбинии шоир чӣ мешавад?
4. Аз ин шеър дарачаи қиёсии зарфро ёбед.
5. Шеърро азбар намоед.

## КОРЕЗИ[1] ФИРДАВСӢ

Орзӯе дошт Фирдавсӣ ба дил,
Ранҷи чандинсола гар судаш диҳад,
Бахри подоши суханҳои баланд,
Силае[2] гар шоҳ Маҳмудаш[3] диҳад.

Дар деҳи Бож аз барои ҳамдеҳон,
Аз барои хайр корезе канад.
Об орад бар замини хушклаб,
Ташнагиҳои заминро бишканад.

Лек не Маҳмуд инъомаш бидод,
Не замини ҳамдеҳонаш об хӯрд.
Шоир андар орзӯи ҷӯи об,
Ҳамчу оби ҷӯй печу тоб хӯрд.

Орзӯи шоир андар дил бимурд,
Об н-омад ҳеч андар ҷӯи ӯ.
Лек корезе, ки андар назм кард,
Пур бувад ҷовид з-оби рӯи ӯ.

---

[1] Корез - чоҳҳое, ки аз зери замин ба якдигар пайваста буда, рафта рафта оби онҳо ба рӯи замин мебарояд ва барои обёрӣ истифода мешавад

[2] Сила - мукофот, музде, ки барои шеър дода мешавад

[3] Маҳмуд - Маҳмуди Ғазнавӣ, яке аз султонҳои сулолаи Ғазнавиён

Оре, корезе, ки андар назм кард,
Ҷовидон ҷорист бар нафъи башар.
Лек дар ӯ об не, хуни дил аст,
Лек дар ӯ об не, хуни ҷигар.

**Савол ва супориш**

1. Орзӯи Фирдавсӣ чӣ будааст?
2. Орзӯи шоир кадом хислати наҷиби ӯро ошкор намудааст?
3. Магар орзӯ мемирад?
4. Кадом санъатҳои бадеӣ дар шеър истифода шудаанд?
5. Байти шашуми шеърро ба наср гардонед.

## БА МОДАРАМ

Ба кунҷи сандалӣ[1] биншаста шабҳо модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният,
Ки рӯзи тӯй дида дар қади ман, бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният.
Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!
Наёбад чашми камбинат ба ҷустан чашми сӯзанро,
Биларзад дасти пурэҷози ту дар қабзаи пирӣ,
Валекин боз медӯзӣ ту дастархони гулдӯзӣ,
Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ.
Чӣ дунёест дунёи умеди ту, аё модар, аё модар!
Ниҳону пардагӣ бигзашт даврони ҷавоният,
Ҳаётат дар гуселу пешвози зиндагӣ тай шуд.
Бикун бо гӯшаи қарси сапедат пок ашкатро,
Ба дунё одамӣ як бор меояд ба пои худ,
Ба оҳи тобнокат аз куҷо акси садо ҷӯй, аё модар, аё модар!
Нарафтӣ берун аз як деҳ, надидӣ рӯи оламро,
Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ, зиндагӣ кардӣ.
Ба гирди деҳа гӯё домани гардун биҷаспида,
Туро барбаст роҳи нияту азми ҷаҳонгардӣ,
Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту, аё модар, аё модар!
Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,
Ту доим "Ҳафтяк" мондӣ ба зери болини кӯдак,

[1] Сандалӣ - чорпояи маълум, ки бар болои оташ гузошта, ба рӯяш кӯрпа андохта дар гирдогирдаш фасли зимистон нишинанд

Ки шояд тифл бебоку далеру қаҳрамон гардад.
Дили пайғамбарон ғунчад даруни синаи кӯчак,
Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд,
Ба хукми карзи инсонӣ чаҳонеро бигунчондӣ,
Шабонгаҳ мижа таҳ нокарда, пухтӣ кулчаи ширмол,
Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ,
Шараф андӯхтӣ аз чонфишониҳои фарзандон,
аё модар, аё модар!
Бубинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро,
Биёбӣ саҳнаи дидорбиниҳои рӯҳонӣ,
Ба назди остонат дом монад сояи маргат,
Туро хонад ба сӯи олами торику зулмонӣ,
Матарс аз марг, охир безаволӣ ту, аё модар, аё модар!
Ҳазорон маргро, андӯҳу ғамро пушти сар кардӣ,
Нахӯрдиву напӯшидиву бо сад ранҷ парвардӣ,
Маро бигрифта зери пар,
Барои он ки дар ман зиндаву ҳозир бубинӣ боз
Ҳамон сайёдҳои сайдгашта - рафтагонатро,
Шудӣ хуни чигар, модар!
Кунун имрӯз фарзандат - чигарбандат ҳунар омӯхт,
Ки ёбад нони беминнат,
Ба номат дафтаре бикшод,
Дуои хайр гӯ, модар,
Ки бо номи ту ӯ бар роҳи раҳ чустан қадам бинҳод.
Варо ту мағфират кун, раҳнамоӣ кун, аё модар, аё модар!
Зи лабҳои фурӯрафта, зи ожанги пурасрорат,
Агар дурам, агар наздик, хонам панди ногуфта:
Чӣ суд аз он гуле, ки зеби як кокул шуду афтод?
Сано боло ба он гул, ки барои даҳр бишкуфта,
Ту охир ибтидои ибтидоҳоӣ, аё модар, аё модар!
Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳои ғаниматро,
Ба нақши гул, ба рӯи сӯзаниҳо сабт месозӣ.
Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо,
Барои субҳи фардо ҳадя месозӣ, сарафрозӣ.
Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту, аё модар, аё модар!
Суруди ҳузнангези қадимиро махон, модар,
Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз

Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ бо уммед,
На танҳо баҳри ман,
Баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!
Ғанимат дон насиби вопасинатро, саломат бош, аё модар!

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни шеърро қисм-қисм ва баъд яклухт нақл кунед.
2. Кадом мисраъҳо барҷастагии нақши модарро тасдиқ менамоянд?
3. Кадом хислатҳои наҷиби модари худро аз симои модари шоир ёфтед?
4. Гуфтори пурэҳсоси шоир шуморо ба чӣ водор месозад?
5. Аз рӯи мазмуни шеъри "Ба модарам" нақле муназзам созед, ки хислатҳои беҳтарини модари шоир тавсиф ёбанд. Дар нақл дараҷаҳои сифатро истифода намоед.
6. Бандҳои ба шумо маъқулгаштаи шеърро ҳифз намоед.

# АДАБИЁТИ ҶАҲОН

## РОБИНДРАНАТ ТАКУР

Нависанда ва ходими ҷамъиятии Ҳиндустон Робиндранат Такур 7-уми моҳи майи соли 1861 дар шаҳри Калкатта дар оилаи заминдори калон ба дунё омадааст. Ӯ дар зодгоҳаш ва шаҳри Лондон таҳсили илм кардааст. Солҳои 1878-1880 дар Англия ба омӯзиши адабиёт ва мусиқӣ машғул шуд. Романҳои таърихии ӯ "Соҳили Бибхи" (1882) ва "Роҷаи хирадманд" (1887) аз қобилияти баланди нависандагии Такур шаҳодат медиҳанд. Охири солҳои 80-ум ва солҳои 90-ум Такур як силсила ҳикоёт ва шеъру драмаҳои фалсафӣ офарид ва дар он асарҳо роҳи муборизаи озодии ватанро ҳидоят намуд. Соли 1891 аз ҳаёти деҳқонон ва меҳнати вазнину тоқатфарсои онҳо ҳикояҳои зиёде навишта, дар маҷаллаи "Шадхона" ("Дарки зиндагӣ"), ки муҳаррири он буд, чоп намуд.

Аз охирҳои солҳои 90-уми асри XIX ва ибтидои асри XX дар эҷодиёти Такур майли реалистӣ қувват гирифт. Дар романҳои иҷтимоию маишии "Регреза" (1902), "Завол" (1905), повести "Ошёни харобшуда" (1903) беҳуқуқии занҳои Ҳиндустонро маҳкум кардааст.

Такур соли 1905 маҷаллаи сиёсию иҷтимоии "Бхандар" ("Хазина")-ро таъсис намуд.

Дар романи "Гора" (1907-1910) ва драмаи "Мукофоти амал" (1909) ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон инъикос ёфтааст. Дар романи "Хона ва ҷаҳон" (1916) империализм ва сиёсати мустамликадории он сахт маҳкум карда шудааст. Такур ба сиёсати сулҳдӯстонаи Иттиҳоди Шӯравӣ таваҷҷӯҳи хоса дошт. 14 сентябри соли 1930 ӯ ба Иттиҳоди Шӯравӣ ташриф оварда буд. Дар "Номаҳо аз Россия" (1931) ӯ ба сиёсати сулҳдӯстонаи Иттиҳоди Шӯравӣ баҳои баланд дод. Такур инчунин муаллифи романи "Чаҳор бахш" (1934), повестҳои "Ду хоҳар" (1933), "Гулистон" (1934), маҷмӯаи ашъори "Моҳуа" (1928), "Ҷангал" (1931), "Анҷом" (1932), "Баргҳо" (1936), "Дар беморӣ" (1940), "Шеърҳои охирин" (1941) ва ғайраҳо мебошад.

Шеъри Такур "Ҷони халқ" (1911) гимни миллии Ҳиндустон мебошад.

Робиндранат Такур дар инкишофи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, мусиқӣ ва санъати рассомӣ низ саҳми бузург гузоштааст.

Бисёр ҳикояҳо - "Як шаби босаодат" (1927), "Қозӣ", "Қурбонӣ", "Мактуби зан" (1956), "Хорӣ", "Нокомӣ" (1958), шеърҳо - "Гарди хок", "Масъала", "Нолаи най", "Модарам", "Бангола", "Суруди роҳ", "Мурочиат ба шоир", "Умеди дили навмедшуда" (1958), песаи "Қурбонӣ" (1959), намунаҳо аз маҷмӯаи "Боғбон", "Мурғони роҳгузар" (1961), романҳои "Завол" (1958), "Гора" (1961) ва "Регреза" (1986) ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

Такур 7-уми августи соли 1941 аз олам гузаштааст.

## МУКОЛАМАИ ДУ ПАРАНДА

Мурғаке маҳбус будӣ дар қафас,
Мурғаке дар ҷангали озод буд.
Қисмати бо ҳам мухолиф доштанд,
Он яке ғамгину дигар шод буд.

Мурғи ҷангал гуфт: – Худро вораҳон,
То пар афшонем ҳар ду дар само.
Мурғаки маҳбус гуфто: – Вогузор,
Беҳ, ки андар ин қафас бошем мо.

Мурғи ҷангал гуфт: – На! Як рӯз ҳам,
Ман натонам зистан андар қафас.
Мурғаки маҳбус гуфто: – Ҳайф, ҳайф,
Нест бар фарёди ман фарёдрас.

Гуфт он як: – Ҳар баҳорон бо суруд
Бигзарам аз ҷангалу кӯҳу дара.
Гуфт дигар: – Ман ҳамонам, ки ҳамон,
Якка мехонам зи пушти панҷара.

Мурғи ҷангал гуфт бар мурғи қафас –
Гар бихонӣ, ҳамчу ман озод хон!
Мурғи маҳбас ҳамчунон посух дод –
Эй... ту ҳам бо шевану фарёд хон!

Мурғи ҷангал гуфт: – На, на! Ҳеч гоҳ,
Ман намехонам ба лаҳни дигарон.
Мурғи маҳбас онҷунон хомӯш монд,
Баски таклид аст сангину гарон.

Гуфт он як: – Дар замину осмон,
Умр паймудан чӣ сон хуррам бувад.
Гуфт дигар: – Дар қафас бехавфтар,
Балки оромонаву бегам бувад.

Аз қафас берун биё, то пар занем,
Ҳар ду сӯи осмони беҳудуд.
– Не, бимон, дар ин замин, дар ин қафас,
Ҳар ду то ёбем хушбахтии худ.

Мурғи чангал гуфт: – На, на! Ҳеч гоҳ,
Ман нахоҳам боли парвозам шикаст.
Мурғи маҳбас дод посухаш: – Бигӯ.
Ҳаст пас дар осмон ҷои нишаст?!

Ҳар ду ҷуфти созгор, аммо қафас,
Мекунад ин ҷуфтро аз ҳам ҷудо.
Ҳар ду аз шавқу муҳаббат мезананд
Аз миёни панҷара минқорҳо.

Ҳар ду пар-пар мезананд, аммо чӣ суд?
Ҳеч натвонанд то якҷо шаванд.
Ҳар ду аз қисмат ҳаменоланду лек,
Ҳеч не, ки ҷуфти беҳамто шаванд.

Мурғи чангал гуфт: – Эй маҳбус, дон,
Бо туям андар қафас овоз нест!
Мурғи маҳбас гуфт: – Рав, рав, ончунон,
Дар пари ман қудрати парвоз нест.

**Савол ва супориш**

1. Шеърро чун муколама ба ду нақш тақсим карда, қироат намоед.
2. Мазмуни шеърро банд-банд маънидод намоед.
3. Мурғаки дар қафас маҳбус аз мурғаки озоди чангал чӣ фарқ дошт?
4. Мурғаки озод ба чӣ даъват мекард?
5. Мурғаки маҳбус чӣ ҷавоб медод?
6. Чаро ҳар ду мурғак аз қисмат менолиданд?

7. Аз муколамаи ин ду паранда чӣ хулоса бармеояд?
8. Банди охиринро ба наср гардонед.
9. Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ ва номустақилро аз матн ёфта, ҷудо-ҷудо бо сутунча дар дафтар нависед.

## РЕГРЕЗА (ЧОКИРБОЛӢ)
## ПОРЧАҲО АЗ РОМАН
## ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

Раҷлокҳӣ бо саргармӣ ба келинаш хоҷагидориро меомӯхт. Ҳамарӯза вақти Аша дар анборхонаҳову ошхонаву ибодатгоҳ мегузашт. Шабона Раҷлокҳӣ ӯро дар назди худ мехобонид, то духтарак дур аз хешу табор худро яккаву танҳо ҳис накунад.

Баъди андешаҳои дуру дароз Аннапурна қарор дод, ки ба ҳеч чиз мудохила накунад.

Чӣ аламовар аст, писарбачаеро, ки калонсолон аз дасташ пояи найшакарро кашида гиранду ӯро аз лаззати шарбати он маҳрум созанд! Ҳоло Моҳендро худро айнан дар ҳамин ҳол ҳис мекард. Магар ӯ метавонист хунсардона нигоҳ карда шинад, ки чӣ гуна зани ҷавонаш тамоми латофату назокати хешро сарфи ташвишу тараддуди хоҷагӣ месозад!

Боре ӯ ба назди Аннапурна даромада гуфт:

– Хола, дидани он ки чӣ гуна модарам Ашаро азоб медиҳад, бароям тоқатфарсост!

Аннапурна хуб медонист, ки Раҷлокҳӣ Ашаро тамоман ба ҷон расонда аст, бо вуҷуди он ба таскини ӯ кӯшид.

– Чиҳо мегӯӣ, Моҳим! – эътироз намуд ӯ. – Хоҷагидориро омӯхтан зарур. Вагарна духтарони ин замона ғайр аз романхониву гулдӯзӣ аз ӯҳдаи дигар кор намебароянд. Дастбулурони ҳақиқӣ. Магар ин хуб аст?

– Бад аст ин ё хуб, ман намедонам, вале духтари ҳозиразамон бояд ҳозиразамон бошад, – бо ҳарорат эътироз намуд Моҳендро. – Агар завҷаам аз китобхонӣ мисли ман лаззатёб гардад, ҷои тамасхуру таҳқир нест.

Раҷлокҳӣ овози писаршро аз хонаи Аннапурна шунида ҳама корро монду ба назди онҳо даромад ва нешдор карда пурсид:

– Ҳа, чӣ шуд? Дар чӣ хусус ин қадар машварат доред?

– Дар ҳеч хусус, модар, – боизтироб ҷавоб дод Моҳендро.

– Фақат ба он роҳ дода наметавонем, ки ту Ашаро ба хизматгор табдил намоӣ.

Раҷлокҳӣ хашми бачӯшомадаашро ҷилав зада оҳиста ва таънаомез сухан огоз кард:

– Хӯш, бифармо, ба вай чӣ хел муносибат кунам?

– Бо ӯ худам машғул мешавам, савод меомӯзам.

Раҷлокҳӣ чизе нагуфта, аз хона баромада рафт ва пас аз дақиқае аз дасти Аша дошта баргашт. Ӯ духтаракро рӯ ба рӯи Моҳендро монда гуфт:

– Мана ин зани ту, метавонӣ, ба вай ҳар чӣ хоҳӣ, омӯзӣ.

Сипас, ӯ ба Аннапурна рӯй оварда каф ба ҳам гузошт ва бо тавозӯи игрокомез гуфт:

– Лутфан маро маъзур дор! Ашрофияти хоҳарзодаатро фаромӯш кардаам; дастакони нозукашро бо асбоби ошхона олудаам. Хоҳиш мекунам, ӯро шустушӯ намо ва либосҳои нав пӯшонида ба Моҳим бисупор. Бигузор вай машғули китобхонӣ шавад, хизматгори хона бошад, – ман мешавам.

Раҷлокҳӣ ҳаминро гуфту дарро бо садо пӯшида баромада рафт. Аннапурна малулона рӯи фарш нишаста монд. Аша, ки аз сабаби чунин тӯфони ногаҳонӣ дар оила бехабар буд, аз шарму ваҳм ранг аз рухсораш парид.

"Бас аст! – гуфт ба худ Моҳендро. – Акнун худи ман бояд аз пайи ғамхории завҷаам шавам".

Мутобиқати орзӯву ҳисси вазифадорӣ натиҷае мебахшад, ки аз вохӯрии бод бо оташ бармеояд. Дарс, имтиҳонхона, ёру ҷӯраҳо дигар таваҷҷӯҳи Моҳендроро ба худ ҷалб намекарданд. Ӯ ба таълими завҷааш машғул гардида тамоми оламро фаромӯш сохта буд.

Раҷлокҳии таҳқиршуда ба худ мегуфт: "Писару келинам бо узру ниёз наздам оянд, ба рӯяшон нигоҳ нахоҳам кард! Мебинем, ки бемодар онҳо чӣ кор мекунанд!".

Вале рӯзҳо мегузаштанду пушаймоншудагон ба остонаи ӯ наздик намегардиданд. Раҷлокҳӣ дигар тайёр буд, агар онҳо биёянд, аз гуноҳашон гузарад. Аммо онҳоро дарак набуд.

Он гоҳ Раҷлокҳӣ қарор дод худаш ба назди ҷавонон равад. Магар метавонад хашми модар нисбат ба писараш муддати мадид идома ёбад.

Болои боми табақаи сеюм, дар қисми кунҷаки кулбае бино ёфта буд, ки барои Моҳендро чун хонаи хоб ва машғулиятгоҳ хизмат мекард. Чанд рӯзи охир Раҷлокҳӣ либоси писарашро тоза намекард, рахти хобашро ба тартиб оварда чанги хонаашро пок

накарда буд ва аз он, ки дар анчоми ғамхориҳои модаронаи худ ғафлат кард, қалбаш фишор меёфту доғе ба дилаш нишаста буд.

Боре пас аз зуҳр ӯро фикре ба сар омад: "То дар донишгоҳ будани Моҳим рафта хонаашро ба тартиб меорам. Омада фавран пай мебарад, ки ин кори модараш". Ӯ бо зина боло баромад. Дари хонаи Моҳендро нимбоз буд. Раҷлокхӣ чун каси сӯзанзада як қад париду дар чояш истода монд. Моҳендро рӯи чойгаҳ мехобид. Аша пушт ба дари хона нишаста оҳиста-оҳиста пойҳои шавҳарашро мемолид.

Раҷлокхӣ дар равшании офтоби нисфирӯзӣ ин манзараи саодати заношӯиро дида аз шарму ранҷиши ҷонкоҳ фишурда гашт ва оҳиста поён фаромад.

## ФАСЛИ ШАШУМ

Як бегоҳ, ки осмон гирифтаву шитир-шитир борон меборид, Моҳендрои масрур дар тан чодари наву муаттар, дар гарданаш шаддаи ёсамини вориди хона гардид. Ӯ ҳазлан Ашаро тарсонидан мехост, бинобар он кӯшиш мекард, ки бесадо қадам занад. Вале ба хона назар афканда дид, ки тиреза боз, шамоли сахт қатраҳои боронро ба даруни хона мезанад. Чароғ хомӯш, занаш бошад, рӯи тахт хобида бесадо мегиряд.

– Чӣ воқеа рӯй дод? – фарёд кард Моҳендро ба сӯи ӯ шитофта.

Аша сахттар гиряро сар дод. Моҳендро бо як азоб асли воқеаро фаҳмид: Аннапурна қаҳр карда ба хонаи амакбачааш рафтаст.

"Рафтаст! – мутаассифона, аз фикр гузаронид Моҳендро. Бе ин ҳам имрӯз ким-чӣ хел тираву дилгиркунанда аст, ба болои он боз чунин нохушӣ!"

Тамоми қаҳру ғазаби Моҳим ба модар нигаронида шуд. Сабаби ин ҳама муноқишаву низоъ - танҳо худи ӯст!

– Холаамон куҷо бошад, мо ҳам ҳамон ҷо мешавем! – гуфт ӯ ба Аша ва ба чизҷамъкуниву ҳаммолдаъваткунӣ даромад.

Раҷлокхӣ аз воқеа пай бурду оҳиста назди писараш омад ва оромона аз ӯ пурсид:

– Хӯш, ту ба куҷо рафтанӣ?

Моҳендро ба саволи ӯ ҷавоб надод ва фақат баъди такроран пурсидани модар гуфт:

– Ба назди холаамон меравем.

– Рафтани шумо ҳоҷат нест, – бо ҳамон оҳанги оромона гуфт дар ҷавоб Раҷлокхӣ, – худам рафта холаро меорам.

Ӯ фавран ба назди Аннапурна равон шуд.

– Тараххум намо, аз гуноҳам гузар, янга, – каф ба ҳам гузошта илтиҷоомез гуфт ӯ.

Аннапурнаи даступогумкарда сар ба таъзим оварду хаяҷономез нидо намуд:

– Чаро маро гунаҳкор мекунӣ, дидӣ? Ҳар чӣ хоҳӣ, ман ба он розӣ!

– Аз сабаби он ки хонаи моро тарк кардӣ, Моҳендро бо занаш маро партофта рафтанӣ. Раҷлокхӣ аз хашм ва ранҷишу залолат худашро дошта натавониста гиря карда фиристод.

Занҳо баргаштанд. Борон ҳамон беист меборид. Аша ҳам андак ором гардида буд. Моҳендро бошад, кӯшиш мекард ӯро хандонад. Дар дилаш умеди он тавлид мегардид, ки шояд ин шоми тира то поён ба ин минвол магмум набошад.

Дафъатан Аннапурна вориди хона шуд.

– Чунӣ, – рӯй овард ӯ ба Аша, – дар ин ҷо зиндагии маро талх мекунӣ, рафтанӣ шавам, дунболгирам мешавӣ. Наход маро дигар дар ҷое ором набошад?

Аша чун ғизоли тирзада такон хӯрд.

– Хола! – оташин шуда рафт Моҳендро. – Худаш чӣ гап? Аша ба ту чӣ бадӣ кард?

– Тобу тоқати ин гуна зани худсару бетартибро дидан надорам! Ана барои чӣ ман аз ин ҷо рафтам! Барои чӣ модаршӯятро ин қадар хафа кардӣ? Аз чӣ маро боз ба ин ҳавлӣ баргаштан маҷбур сохтӣ?

Моҳендро ҳеч вақт холаро чунин асабонӣ надида буд.

Рӯзи дигар Раҷлокхӣ Биҳориро ба наздаш хонда гуфт:

– Писарҷон, ба Моҳендро гӯй, ки ба зодгоҳам-Барашот рафта омаданӣ ҳастам, кайҳост ба зиёрати он ҷо нарафтаам.

– Агар кайҳо боз он ҷойҳоро надида бошед, шояд тамоман нарафтан беҳтар бошад? – мутаваҷҷеҳ шуд Биҳорӣ. – Албатта ман дар ин хусус ба Моҳендро гап мезанам. Вале имонам комил, ӯ ба рафтани шумо розӣ намешавад.

Моҳендро бошад, розӣ шуд.

– Тамошо кардани ҷойҳои таваллудшудаат аҷибу гуворо бояд бошад, – гуфт ӯ ба Биҳорӣ. – Аммо бигзор ӯ дар деҳа то дер намонад – ҳоло мавсими борон, дар он ҷо шароит чандон хуб набудагист.

Ба рафтани модар бо чунин осонӣ розӣ шудани Моҳендро Биҳориро хашмгин сохт:

– Модарат яккаву танҳо рафтанист! – хитоб кард ӯ. – Кӣ ба вай нигоҳубин мекунад? Ҳамроҳаш занатро фирист, – нешханд зад Биҳорӣ.

Моҳендро аз ин таънаи ниҳонӣ ранҷида кӯтоҳакак гуфт.

– Аша бо ман мемонад.

Бо ҳамин мусоҳиба қатъ гардид.

Ҳамин тавр, Биҳорӣ ҳар дафъа ғайри ирода Ашаро ба зидди худ мешӯронид. Андешаи он ки Ашаро аз ӯ қаҳр меояд, бароящ ким-чӣ хел масаррати талх мебахшид.

Худ ба худ маълум аст, ки Раҷлокхӣ тамоман майли ба зодгоҳи худ рафтан надошт. Вале аз рӯзе, ки муносибат дар оила тағйир ёфт, ӯ мисли завракроне, ки ҳангоми камоб гардидани рӯдхона бо мақсади муайян кардани умқ муттасил лот[1] меандозад, ҳамон эҳсосоти писарашро месанҷид. Вай ҳаргиз гумон надошт, ки хоҳиши ӯ роҷеъ ба сафари Барашот ба ин осонӣ қаъри дарёро мерасад.

"Ҳа, – фикр мекард Раҷлокхӣ, – рафтани ман аз рафтани Аннапурна чӣ қадар фарқ мекунад! Пас маълум мешавад, ки Аннапурна фариштаи накӯкор асту ман фақат модарам ва аз рафтани ман ҳама хурсанд хоҳанд шуд".

Аннапурна аз андешаҳои талхи Раҷлокхӣ пай бурда ба Моҳендро арз кард, ки вай ҳам ин хонаро тарк карданист.

–Модар, – гуфт он вақт Моҳендро ба Раҷлокхӣ, – ту меравӣ, хола ҳам, ба хоҷагидорӣ кӣ машғул мешавад?

Раҷлокхӣ ба як он истодагии худро аз даст дод.

– Чӣ, ту ҳам рафтанӣ ҳастӣ, янга? – бо заҳрханд мурочиат намуд вай ба Аннапурна. – Охир ин аз имкон дур аст! Ба хона кӣ нигоҳубин мекунад? На, ту бояд ин ҷо монӣ!

Раҷлокхӣ дигар сафари худро ба таъхир нагузошт. Рӯзи дигар, нисфирӯзӣ омодаи роҳ шуд. На Биҳорӣ ва на каси дигар шубҳа надошт, ки худи Моҳендро модарашро то деҳа мегуселонад. Вале ба ҷои ин ӯ ҳамроҳи модар ду тан аз хизматгоронро фиристод.

– Моҳим, ту ҳанӯз тайёр нашудаӣ? – Чун вақти рафтан расид, ӯро нидо кард Биҳорӣ.

– Кор дорам, бояд дарс хонам, – илтиҷомандона ғур-ғур кард Моҳендро.

– Раҷлокхиро худам мегуселонам, – гуфт Биҳорӣ.

Ин кор ба Моҳендро тамоман хуш наомад.

---

[1] Лот - асбоб барои санҷидани умқи (чуқурӣ) баҳр

– Биҳорӣ аз ҳад зиёд худнамоӣ мекунад, – мегуфт ӯ бегоҳ ба Аша. – Нишони доданӣ мешавад, ки аз ман беш ғами модарамро мехӯрад.

Аннапурнаро дар хона мондан лозим омад. Вале ӯ аз сутӯҳу хиҷолат тамоман гӯшагир шуда монд. Бегонагириҳои холаро дида Моҳендро ба ғазаб омад. Аша ҳам хафа шуд.

**Савол ва супориш**

1. Модар бо кадом мақсад ба келинаш кори бисёр мефармуд?
2. Моҳендро аз ин кори модараш розӣ буд?
3. Кори Моҳендро дуруст буд?
4. Қаҳр карда рафтани Аннапурна - хола чӣ сабаб дошт?

## ФАСЛИ ҲАФТУМ

Раҷлокҳӣ ба Барашот омад. Фикр карда буд, ки Биҳорӣ ӯро то деҳа гуселонида фавран пас мегардад, вале вазъият дар он ҷо мондани вайро металабид. Дар ҳавлии Раҷлокҳӣ ғайр аз ду кампири солхӯрда касе набуд. Ба деҳа аз чор тараф ҷангалу буттазори бамбук наздик шуда меомад, оби ҳавз чодари сабз ба рӯй кашида буд. Бегоҳӣ тамоман аз наздикиҳо уллоси шағолон ба гӯш мерасид. Аз ваҳму бекасӣ Раҷлокҳиро дил мефишурд.

– Албатта ин ҷо зодгоҳи туст, – мегуфт Биҳорӣ, – вале онро дар ҳеч сурат "хуштар аз фирдавс" наметавон гуфт. Биё, ба Калкатта гашта равем, модар! Ман туро дар ин ҷо танҳо монда наметавонам!

Авзои Раҷлокҳӣ дар ҳақиқат бад буд, вале ҳамин вақт Бинодинӣ омада ба таскину тасаллои ӯ пардохт.

Ин ҳамон Бинодинӣ буд, ки аввал ба Моҳендро ва сипас ба Биҳорӣ доданӣ буданду билохир, ба фармони тақдир шахсе аз ҳамдеҳагони худаш ба занӣ гирифта буд. Ягона хислати хоси ин мард - ҷигари беандоза варамкардаи ӯ буд. Бечора вазни аз ҳад зиёди онро бардошта натавониста пас аз чанде чашм аз олам пӯшид.

Баъди вафоти шавҳараш Бинодинӣ дар ин деҳачаи дилгиркунанда мисли гули печон, ки дар байни ҷангали анбӯҳ яккаву танҳо месабзад, зиндагии якрангу бемасаррат ба сар мебурд. Ҳоло бошад, ӯ ба зиёрати хеши дураш – Раҷлокҳӣ-хола

омадааст. Бинодинӣ бо муҳаббату эҳтироми комил ба назди Раҷлокхӣ сари таъзим фурӯд овард ва аз ҳамин рӯз худро ба хизмати ӯ вақф намуд.

Оре, ин хизмати ҳақиқӣ буд! Бинодинӣ дақиқае ором намегирифт. Ҳама корро бо маҳорату чусту чолокии фавқулодда иҷро менамуд. Вай дар пухтупаз санъаткори оливу дар сӯҳбат мусоҳиби беҳамто буд!

– Бевақт шуд, азизам, мегуфт Раҷлокхӣ, – рав, камтар хӯрок хӯр.

Дар куҷо! Бинодинӣ намерафт ва то хоб бурдан пиразанро бо бодбезак бод мезад.

– Дақиқае ором надорӣ, ба ин ҳол касал шуда монданат мумкин, – мегуфт ба ӯ Раҷлокхӣ.

Аммо Бинодинӣ дар бораи худ фикр намекард.

– Ман баринҳо касал намешаванд, хола, – мегуфт ӯ дар ҷавоб. – Охир кайҳо боз ба зодгоҳат наомадай! Ғайр аз илтифоти худ туро бо чӣ хуш созам, чӣ гуна эҳтироматро ба ҷо орам?

Дар тӯли ду рӯз Биҳорӣ дар деҳа шахси лозимӣ шуда монд. Яке ба наздаш дору пурсида меомад, дигаре барои машварат дар хусуси масъалаи мудофиавӣ, сеюмӣ бо илтимосу илтиҷои писарашро ба ягон идораи мӯътабар ба кор дароварда мондан аз ҷонаш сер мекард, чорумӣ хоҳиш менамуд, ки шикоятнома навишта диҳад. Ва ҳар дафъа хушмуомилавию меҳрубонии бетакаллуфи ӯ дили шахсони рӯй овардаро мусаххар месохт. Деҳотиён нисбат ба Биҳорӣ эҳтироми зиёд зоҳир намуда, ба ӯ чун ба одами худӣ муносибат мекарданд. Бинодинӣ кӯшиш менамуд, то ҳадди имкон зиндагии ҷавони шаҳриро дар шароити барояш ғайриодатӣ дилкаштар созад. Биҳорӣ ҳар дафъа аз сайругашт омада хонаи худро тозаву ороста меёфт; касе ба гулдони мисӣ гулу баргҳои тару тоза ва рӯи тахт як даста китобҳои Бонкиму[1] Динобондху Митроро мегузошт. Ин аз ҳадди меҳмоннавозии маъмули деҳот боло мерафт.

Вақте ки Биҳорӣ дар ҳузури Раҷлокхӣ Бинодиниро таъриф мекард, ба ӯ пиразан "Шумо бо Моҳендро чунин духтарро аз даст додед", – мегуфт.

– Кӣ медонад, шояд беҳуда мо ӯро рад намудем, – писханд мезад Биҳорӣ, – аммо беҳтар, ки аз зан қабл аз издивоҷ мункир шавӣ. Баъди издивоҷ халосӣ аз вай басо мушкил аст!

[1] Бонким - Бонкимчондро Чоттопадхай (1839-1894) классики адабиёти банголӣ Динобондху Митро (1829-1873) - драматурги машҳури бангол

Раҷлокҳӣ бошад, фақат дар хусуси як чиз фикр мекард: "Ин духтар метавонист келини ман шавад. Чаро ин тавр нашуд!".

Ҳамин ки Раҷлокҳӣ аз бозгашт ба Калкатта гап мекушод, чашмони Бинодинӣ пур аз ашк мегардиданд.

– Аз чӣ ба чунин муддати кӯтоҳ омадӣ, хола! – мегуфт ӯ. То даме, ки туро намедонистам, дар ин ҷо ба як навъ зиндагӣ мекардам, метарсам минбаъд бе ту ба чӣ ҳол мешуда бошам!

– Худоё, чаро ту келини ман нашудӣ! – беихтиёр аз даҳони Раҷлокҳӣ баромад. – Дар он сурат ҳамеша ҳамроҳам мебудӣ!

Аз шунидани ин сухан ҳар дафъа Бинодиниро хаё пахш мекард ва ӯ саросема аз хона берун мерафт.

Раҷлокҳӣ чашм дошт, ки писараш ба вай мактуби пушаймонӣ мефиристад. То ҳол ӯ Моҳимро бо чунин муддат танҳо монда нарафта буд. Албатта фироқи модар ӯро дилтанг хоҳад кард! Ва Раҷлокҳӣ бетоқатона мактуби аз гилаву навозишҳои писарона саршори Моҳимро интизорӣ мекашид.

Ба ҷои ин аз Моҳендро ба номи Биҳорӣ мактуб омад. Вай менавишт, ки модар баъди чанд сол ба зодгоҳаш баргашта ниҳоят хушбахт будагист.

– "Ҳа, – фикр кард Раҷлокҳӣ, – Моҳендро ранҷидагист".

"Хушбахт!" Гӯё модари бечора бе Моҳим худ дар ягон ҷо хушбахт метавонад шавад!

– Ку Биҳорӣ, Моҳим боз чиҳо менависад?

– Дигар ҳеҷ чӣ, модар, – Биҳорӣ мактубро қат карду ба хонаи дигар даромада ба қабати китобе пинҳон намуд.

Раҷлокҳӣ дигар чӣ гумон карда метавонист? Ӯ қарор дод, ки Моҳендро мактубро дар ҳолати ранҷидагӣ аз модар навиштааст, бинобар он Биҳорӣ онро пурра нахонд.

Сар ба пистони модар задани гӯсола фақат боиси ҷӯши меҳри модагов ва зиёд шудани шири ӯ мегардад. Хашми Моҳендро низ баробари озор дар дили Раҷлокҳӣ амвоҷи меҳри модарии ӯро ба талотум андохт ва ӯ аз гуноҳи писараш гузашт.

– Хайр чӣ, – оҳкашон фикр мекард ӯ. – Моҳим бо занаш саодатманд аст, – бисёр хуб! Бигзор хушбахтона зиндагӣ кунад. Минбаъд ба туфайли ӯ ҳаргиз ба писарам мунокиша намекунам. Бинед – пештар ӯ дақиқае бе ман истода наметавонист, ҳоло бозгашти модарро шунида шояд димоғаш сӯзад!

Чашмони Раҷлокҳиро пардаи ашк гирифт.

Ҳамон рӯз, Раҷлокҳӣ гӯё бар ҳасби иттифоқ чанд маротиба ба Биҳорӣ мегуфт:

– Писарам, рафта оббозӣ мекардӣ.

Биҳорӣ бошад, на майли оббозӣ кардан дошт, на ғизо хӯрдан.

– Зиндагии ман барин гумроҳон бе тартибу низом хуштар мегузарад... механдид ӯ.

Вале Раҷлокҳӣ беором исрор менамуд:

– Не, не, ҳаво ниҳоят гарм, рав оббозӣ карда биё.

Билохир, Биҳорӣ хоҳиши ӯро қабул карда ба оббозӣ рафт. Баробари аз хона баромадани ҷавон Раҷлокҳӣ саросемавор мактуби қатшудаи писарашро аз қабати китоб гирифт ва Бинодиниро чег зада гуфт:

– Ҷонакам, биё мактуби Моҳимро хонда деҳ!

Бинодинӣ ба хондани мактуб шурӯъ намуд. Чанд сатри аввал дар хусуси модар сухан мерафт (ин порчаро Биҳорӣ хонда буд), боқӣ ҳама дар бораи Аша. Мумкин буд гумон кард, ки ӯ аз хушбахтӣ девона шудааст. Бинодинӣ чанд сатрро бо овози баланд хонду хиҷолатмандона хомӯш гардид.

– Давомашро хонам, хола?

Раҷлокҳии аз сатрҳои нахусти мактуб ба диққат омада шах шуда монд.

– Кофист, – гуфт ӯ пас аз андаке хомӯшӣ ва мактубро пас нагирифта берун рафт. Бинодинӣ мактубро ба хонааш бурд ва дарро маҳкам карда худро ба рахти хоб партофту аз нав ба хондани он шурӯъ намуд. Фақат худи Бинодинӣ медонист, ки аз ин шуғл ӯро чӣ лаззатест. Вале ин кунҷковии оддӣ набуд. Гоҳ-гоҳе чашмонаш чун рег дар офтоби нисфирӯзӣ дурахшида, нафасаш чун боди саҳро шадиду мунқатъ мегардид. Вай бо тамоми ҳастӣ кӯшиш мекард тасаввур намояд, ки Аша чӣ гуна бояд бошаду Моҳендро чӣ гуна ва онҳо то чӣ андоза ҳамдигарро дӯст медоранд. Дар ҳолате, ки такя ба девор дода пойҳояшро дароз карда менишаст, мактубро ба сина фишурда чашм дар нуқтаи ноаён то дер беҳиссу ҳаракат монд.

Биҳорӣ мактубро кофта наёфт.

Нисфирӯзӣ ғайри мунтазир Аннапурна омад. Аз эҳсосоти нохуши қалби Раҷлокҳӣ мефишурд, вале ӯ ба пурсуҷӯй ҷуръат накарда, пахта барин сап-сафед, бо забони лол, чашм аз Аннапурна наканда меистод.

– Дидӣ, хона тинҷӣ, ҳама саломатанд, – ба ором кардани Раҷлокҳӣ шитофт ӯ.

– Пас чаро ту омадӣ?

– Хонаву хонадориат ба худат насиб кунад, – гуфт дар чавоб Аннапурна, – дунё ба дилам зад. Ман ба зиёрати Банорас меравам. Қасдан ё надониста туро ранҷонида бошам, аз гуноҳам гузар. Келини ту бошад, аз они туст… – Аннапурна гиря карда сар дод, - ӯ ҳанӯз тифл аст, модар надорад… Бад аст ӯ ё хуб - охир акнун ту бароят бегона нестӣ.

Аннапурна аз гиря гап зада наметавонист.

Раҷлокҳии баҳаяҷономада рафт, ки барои ғусл обу барои хӯрдан ғизое тайёр кунад.

Вуруди Аннапурнаро шунида аз маъбади Дурга[1] Биҳорӣ тохта омад. Вай боэҳтиром Аннапурнаро хайрамақдам гуфта бонг зад:

– Хола, худаш чӣ гап?! Наход то ҳамин дараҷа хафа шудӣ, ки моро партофта меравӣ?

– Биҳорӣ, маро аз фикрам нагардон, – базӯр ашконашро боздошта гуфт Аннапурна. – Бахт ёратон гардад. Маро бошад, дигар дар дунё дилкашолие нест.

Медонам, ту барои Моҳендро шуда меравӣ. Ӯ дар ин бора таассуф хоҳад кард!

– Не, не, Биҳорӣ! Ин тавр нагӯй! – ҳаросон фарёд зад Аннапурна. Ҳаргиз аз Моҳим хафа нестам, вале то ман наравам, дар оила осудагӣ нахоҳад буд.

Биҳорӣ чӣ кор карданашро надониста хомӯш меистод. Аннапурна як ҷуфт дастпонаи рехтаи тиллоиро ба Биҳорӣ дароз кард.

– Ин дастпонаҳоро эҳтиёт кун, писарам, – гуфт ӯ. – Вакте ки хонадор мешавӣ, онҳоро якҷоя бо дуои хайри ман ба арӯс пешкаш намо.

Биҳорӣ бо эҳтиром дастпонаҳоро ба пешонӣ бурд ва дар ҳолате, ки базӯр худро аз гиря бозмедошт, ба ҳамсояхона баромад.

Вақти видоъкунӣ Аннапурна аз Биҳорӣ хоҳиш намуд:

– Моҳиму Ашаро фаромӯш накун, писарам.

Сипас, ба Раҷлокҳӣ ким-чӣ хел коғазеро дода гуфт:

– Ин ҳуҷҷат тасдиқ менамояд, ки ҳар чӣ аз шавҳарам мондааст, ба Моҳим мебахшам. Ба хароҷоти ман моҳе понздаҳ рупия кофист.

Ӯ ҳам шуда чун зуҳури эҳтиром даст ба пои Раҷлокҳӣ расонид ва бо ҳама хайрухуш карда раҳсипори ҷойҳои муқаддас гардид.

[1] Дурга - модархудоҳамсари Шива. Мӯътақидони ӯ махсусан дар Бенгола зиёданд

**Савол ва супориш**

1. Зодгохи Рачлокхӣ чӣ хел манзара дошт ва Биҳорӣ чаро баргашта наомад?
2. Бинодинӣ кӣ буд ва чӣ хел ба Рачлокхӣ хизмат мекард?
3. Бинодинӣ ба Биҳорӣ чӣ тавр муносибат мекард?
4. Чаро Аннапурна - хола ба зодгоҳи Рачлокхӣ омад ва чӣ ният дошт?
5. Аз матн кисмати озор ёфтани модарро ёбед ва он порчаро таҳлили гоявию грамматикӣ намоед.
6. Матни порчаи муайянкардаатонро ба хиссаҳои нутк чудо намоед ва гӯед, ки дар он кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

## ФАСЛИ ЁЗДАҲУМ

Ба Аша дугонае лозим буд. Ҳатто базми ишк ҳам, агар дар вай факат ду кас иштирок дошта бошад, носоз мебарояд. Шахсе зарур аст, ки ба ӯ саодати худро баён карда тавонӣ. Бинодинӣ, ки калбаш аз хасрати меҳрубониву самимият лабрез гардида буд, накли муҳаббати чавонзанро бо шавки тамом гӯш меандохт. Ин кабил сӯҳбатҳо акли ӯро хира карда, хунашро ба чӯш меоварданд.

Боре, нисфирӯзӣ, ҳангоме ки Рачлокхӣ хобидаву хизматгорҳо дар поён буданд ва Моҳендро бо исрори Биҳорӣ ба дарсгоҳаш рафта буд, Аша дар хонаи хоб рӯи кат ёзида мӯйҳои дарози худро кушода партофт. Бинодинӣ аз паҳлуи Аша чой гирифта бо тамоми ҳастиаш нутки чун садои чӯйборон гуворои ӯро гӯш мекард; рухсорааш лолагун шуда аз чукур-чукур нафас кашиданҳо синааш мавчангезӣ менамуд.

Ӯ ба Аша саволҳо дода чузъиёти ҳар як вокеаро батафсил фаҳмида мегирифт ва ҳозир буд накли чавонзанро борҳо гаштаву баргашта гӯш кунад. Баъзан ба тасаввуроти хаёлӣ мепардохт, ки агар вокеа ин тавр ба ранги дигар сурат мегирифт, чӣ мешуд. Дар пайроҳаи вазъияти гуногун хаёли каламзанон аз ишки худ суханронӣ кардан ба Аша низ гуворо буд. Гапро Бинодинӣ оғоз менамуд:

– Агар туро Биҳорӣ ба занӣ мегирифт, чӣ мешуд?

– Аклатро гум кардӣ магар? Чӣ хел ба ин гуна гапҳо забонат мегардад? Ҳатто шунидани чунин суханон бароям шармовар аст! Агар худи ту ба вай ба шавҳар мебаромадӣ, чӣ мешуд? Охир як вактҳо мехостанд ҳардуятонро тӯй кунанд!

–Харидорам кам набуд! Гап ин ки тӯйи мо нашуд, вассалом! Ҳамин тавр ҳам зиндагиам хуб аст…

Аша ба вай эътироз мекард. Бо он ки гӯё зиндагии Бинодинӣ нисбат ба зиндагии ӯ – Аша беҳтар аст, розӣ шудан мумкин буд магар?

– Ба шавҳари ман мерасидӣ, чӣ мешуд, – мегуфт ӯ, – охир метавонист ҳамин тавр ҳам шавад!

Оре, дар ҳақиқат метавонист ҳамин тавр шавад.

Ин рахти хоб ва кате, ки рӯи он Аша нишастааст, замоне ӯро мунтазир буданд. Бинодинӣ ба хонаи пурҳашам нигариста дар хусуси он ки метавонист кор ба дигар сурат анҷом ёбад, фикр накарда наметавонист. Вале ҳоло ӯ дар ин хона ҳамагӣ меҳмон асту бас – имрӯз нисбат ба вай таҳаммул зоҳир менамояду фардо, шояд рафтан лозим меояд…

Бинодинӣ мӯйҳои Ашаро бомаҳорат оро дода қариби шом назди шавҳараш фиристод ва худ хаёлан аз паси зани ороста ба хонаи сокит, хонае, ки он ҷо ӯро Моҳендрои дилбохта интизорӣ мекашид, роҳ паймуд.

Баъзан Бинодинӣ Ашаро то дер назди худ медошт.

– Биё боз андак нишин, – мегуфт ӯ.– Шавҳарат ба ҳеҷ куҷо гурехта намеравад. Охир вай гавазни ромшуда аст, на оҳуи афсонавӣ. – Бинодинӣ ба ҳар макру фанд барои ҳар чӣ дертар дар назди худ доштани Аша кӯшиш менамуд.

– Дугонаат аз чӣ сабаб бошад, ки раворавиро ҳам фаромӯш кард, – хашмгин мешуд Моҳендро. – Кошкӣ тезтар мерафт!

– Чӣ ҳад дорӣ аз Регрезаи ман хафа шавӣ, – ба ӯ删 дармеафтод Аша. – Кош медонистӣ, вақте дар бораи ту нақл менамоям, то чӣ андоза ба вай маъқул, пеш аз ба наздат гусселонидан бо чӣ ҷидду ҷаҳд маро орову торо медиҳад!

Раҷлокхӣ намехост, ки Аша ба хоҷагидорӣ машғул шавад. Бинодинӣ баръакс кӯшиш менамуд, ӯро ба корҳои хона андармон созад. Худи ӯ тамоман рӯзро ба умури хоҷагӣ масраф намуда Ашаро ҳам намегузошт, ки бекор нишинад. Вай корҳои хонаро чунон ба роҳ монда буд, ки барои Аша ягон дақиқаи холӣ намонд. Бинодинӣ чӣ гуна дар боло, дар кулбаи бекас дилтангу ғазаболуд нишастани Моҳимро тасаввур намуда худ ба худ балхашмона механдид.

– Акнун ман меравам, Регрезаи азиз, вагарна ӯ боз асабонӣ хоҳад шуд, – изтиробомез мегуфт ба вай Аша.

– Азизам, ҳозир корҳоямонро ки ба анҷом расонидем, фавран меравӣ, ҷавоб медод Бинодинӣ.

Баъди андак Аша боз таваллоомез хоҳиш менамуд:

– Рухсат деҳ равам, вагарна, дар ҳақиқат, ӯ хашмгин мешавад.

– Бигзор андак асабонӣ шавад! Ишқи берашк мисли сабзавоти бемурч мазза надорад!

Бинодинӣ таъми он мурчро хуб медонист, фақат сабзавот дар ихтиёр надошт! Гӯё алангае дар қалби ӯ оташфишонӣ мекард. Ба ҳар ҷо назар афканад, дар чашмонаш як даста шарора барқ мезад. "Чӣ хонаву ҷое! Чӣ шавҳари меҳрубоне" – аз фикр гузаронид ӯ. – Саррищтаи ин хоҷагӣ мумкин буд насиби ман гардад! Ҳамин шавҳарро ман метавонистам ба ғуломи худ табдил диҳам! Он вақт хоҷагӣ дар чунин ҳол мебуд магар? Ин мард ҳам чунин мебуд магар? Вале ба ҷои ман ин лӯхтаки бефаросат! Баъд Ашаро ба оғӯш кашида гуфт:

– Канӣ, азизаки ман, – нақл кун, шаб дар чӣ хусус сӯҳбат кардед? Суханони ёд додаамро ба вай гуфтӣ? Охир медонӣ, ки бо ҳикоёти ишқи шумо дили худро таскин медиҳам.

## ФАСЛИ ДУВОЗДАҲУМ

Боре тоқати Моҳендро тоқ шуду модарро ба наздаш хонда гуфт:

– Дар хона нигоҳ доштани ҷавонзани тамоман бегона, боз бева, ба кӣ лозим, оча? Ба зимма гирифтани чунин масъулият зарур аст магар? Ман ба ин кор муқобилам. Кӣ медонад, оқибат чӣ мешавад?

– Бинодинӣ зани Бипини худамон, – эътироз намуд Раҷлокхӣ, - вай барои ман бегона нест.

– Не, оча, ин кори беҳуда. Ба фикрам, дар хонаи мо мондани ӯ дуруст нест.

Раҷлокхӣ медонист, ки дар мубоҳиса бо Моҳендро ғолиб омадан саҳл нест. Бинобар он аз Биҳорӣ имдод талабида хоҳиш намуд, ки ӯ писарашро розӣ кунад.

– Фақат ба туфайли Бинодинӣ дар пиронсолӣ ақаллан андак ором мегирам, – мегуфт ӯ, – бигузор ӯ бегона ҳам бошад, вале аз фарзандони худам ин хел илтифотро кай мебинам.

– Моҳим, ту дар бораи Бинодинӣ фикр кардӣ?

– Набошад чӣ, шабҳо маро хоб намебарад, ғайри дар хусуси ӯ фикр кардан шуғли дигар надорам! – хашмгинона хандид

Моҳендро. – Бехтараш янгаат ба ту ахборот диҳад. Акнун дар ин хона ҳама кор бо хоҳиши Бинодинӣ иҷро мешавад.

Аша ба шавҳараш нигоҳи маломатомез афганд.

– Наход? – тааҷҷуб намуд Биҳорӣ. – Тамоман романи "Дарахти заҳрнок"[1] барин-ку!

– Билкулл! Барои ҳамин ҳам Чунӣ муштоқи аз ӯ халос гардидан аст.

Боз чашмони Аша аз таги ҳиҷоб ба Моҳендро ғазаболуд барқ заданд.

– Хуб, фарз кардем, ту ӯро ба деҳа фиристодӣ, дилаш хоҳад, боз гашта омадан мегирад - дия, – гуфт Биҳорӣ. – Бехтараш ӯро ба шавҳар дода аз дарди сар халос шав.

– Кундоро[2] ҳам ба шавҳар дода буданд, – ғур-ғур кард Моҳендро.

– Биё, муқоисаро як сӯ монем. Ман дар хусуси Бинодинӣ аксар фикр мекунам. Вай якумр бо шумо монда наметавонад, албатта. Вале ба он ҷои дурдаст фиристодани ӯ ҳам бетараҳҳумист.

Моҳендро то ҳол Бинодиниро надида буд. Вале Биҳорӣ ӯро дида хуб фаҳмид, ки ба ким-кадом гӯшаи ҷангал маҳкум намудани ҳаёти чунин зан беадолатист. Ҳаминро ҳам нагз медонист, ки шӯълаи шамъе, ки хонаро мунаввар месозад, инчунин метавонад онро ба хокистар табдил диҳад. Ин ҳол ӯро хавотир накарда наметавонист.

Моҳендро муддате ба дилсӯзии Биҳорӣ хандид. Худи Биҳорӣ ҳам механдид, вале дар дил эътироф менамуд, ки бозӣ бо ин зан хатарноку беэътиноӣ нисбат ба вай аз имкон берун аст.

Раҷлокхӣ Бинодиниро пешакӣ огоҳониданӣ шуд...

– Духтарам, – гуфт ӯ, – аз келини ман худатро дуртар дор. Ту дар деҳа калон шудаӣ, урфу одати ин ҷойҳоро намедонӣ. Вале зани хушақлӣ, дурустакак фикр кунӣ, мефаҳмӣ, ки барои чӣ ман ба ту ин гапҳоро гуфта истодаам.

Баъди ин суханон Бинодинӣ аз Аша каноран гирӣ мекардагӣ шуд.

– Ман дар ин ҷо кистам? – мегуфт ӯ ба Аша. – Ҳеч кас. Ақаллан барои як лаҳза дар ин шароит ман чӣ гуна рафтор доштанро фаромӯш мекардам, Худо медонад, ба сарам чиҳо меомад.

---

[1] "Дарахти заҳрнок" - романи Бонкимчондро Чоттопадҳай.
Дар асар нақл карда мешавад, ки чӣ гуна бевазани ҷавон ғайриихтиёр сабаби вайрон шудани оила мегардад

[2] Кундо - қаҳрамони романи "Дарахти заҳрнок"

Аша ӯро илтиҷо мекард, ашк мерехт, вале Бинодинӣ устувор буд.

Ин замон оғӯши Моҳендро ҳам нисбат ба пештара сусту нигоҳи меҳрангезаш гӯё аз хастагӣ хира гардида буд. Бетартибии гирду атроф, ки то ин вақт ба назараш аҷоиб менамуд, акнун ӯро ба ғазаб меовардагӣ шуд. Дар зиндагӣ ноозмудакории Аша баъзан ба дараҷаи таҳаммулнопазир мерасид. Вале ӯ ба ин лом нагӯяд ҳам, Аша пай мебурд, ки нури муҳаббати онҳо рӯз аз рӯз хира мегардад. Дар навозишҳои Моҳендро сохтагиву сунъият ҳис карда мешуд, – аз ҳад зиёд илтифот зоҳир месохт, худфиребӣ мекард. Дар чунин мавридҳо халосие ҷуз фирору давое ҷуз фироқ нест. Аша ғаризатан кӯшиш менамуд худро аз Моҳендро дур гирад. Аммо вай аз Моҳим канорагирӣ карда ғайр аз Бинодинӣ ба назди кӣ ҳам метавонист равад?

Моҳендро аз нашъаи ишқ ҳушёр гардида боз ба масъалаҳои дигари зиндагӣ, аз ҷумла машғулиятҳои донишгоҳ, рағбат пайдо намуд. Аз ким-кадом кунҷи хона китобҳои дарсиашро кофта ёфт ва ба пок кардани чанги онҳо даромад. Сипас, либосҳои ба коллеҷ пӯшида мерафтагиашро бароварда ба офтоб паҳн намуд.

**Савол ва супориш**

1. Чаро Биҳорӣ Моҳендроро маҷбур намуд, ки ба модараш мактуб нависад?
2. Чаро модар Бинодиниро ҳамроҳи худ ба Калкатта овард?
3. Сабаб чӣ буд, ки Аша аввал аз Бинодинӣ эҳтиёт мекард?
4. "Чокирболӣ" чӣ маъно дорад?
5. Чаро Аша ва Бинодинӣ ба якдигар Регреза ном гузоштанд?
6. Аша ва Моҳендро ба Бинодинӣ чӣ хел муносибат мекарданд?
7. Раҷлокҳӣ Бинодиниро аз чӣ огоҳ намуд?
8. Аз матн муколамаи шавқоварро интихоб намуда, ба дафтар нависед ва онро давом диҳед.

## ФАСЛИ ПАНҶОҲУ ПАНҶУМ

Раҷлокхӣ оламро падруд гуфт.

– Ман илми тибро омӯхтаам, Биҳорӣ, – гуфт Моҳендро ба дӯсти худ пас аз маросими дафн.

– Иҷозат фармо, ман ҳам дар кори ту ширкат дошта бошам. Чунӣ хоҷагидори хубест, кӯмаки ӯ ҳам хоҳад расид. Мо ҳама якҷоя дар Балӣ иқомат хоҳем кард.

Ту бояд ин масъаларо ҳаматарафа фикр карда бароӣ. Ин кор ба ту писанд меомада бошад? Дар зери таъсири эҳсосоти яклаҳзагӣ чунин бори гаронро ба дӯши худ гирифтан нашояд.

– Охир худат мебинӣ, ки – эътироз кард Моҳендро, тарзи ҳаётам ба худам маъқул нест. Бекорӣ маро ба ҳалокат хоҳад расонд. Ту шояд иҷозат диҳӣ, ки ҳамроҳат кор кунам.

Устувории Моҳендро Биҳориро розӣ кунонид.

Вақти рафтани Аннапурна наздик меомад. Ӯ ҳамроҳи Биҳорӣ воқеаҳои ғамангези рӯзҳои охирро муҳокима менамуд.

– Хола, як дақиқа ба наздат дароям мумкин аст? – аз паси дар овози Бинодинӣ ба гӯш расид.

– Даро азизам, бишин.

Бинодинӣ ворид шуд. Аннапурна бо ӯ каме сӯҳбат карда бо баҳонаи он ки бистарро ба айвон барорад, Бинодиниву Биҳориро танҳо гузошт.

– Акнун ман бояд чӣ кунам? – пурсид Бинодинӣ.

– Худат, гӯй, чӣ кор кардан мехоҳӣ?

– Гуфтанд, ки ту дар боғи соҳили Ганга барои бенавоён шифохона кушодаӣ. Метавонистам дар он ҷо кор кунам, ақаллан ошпаз бошам.

– Ман дар болои ин ҳама масъалаҳо хеле андешидам, хоҳарам, ба гап сар кард Биҳорӣ. Байни мо нософзиҳои бисёре ҷой доштанд, риштаҳои ҳаёти мо гиреҳ андар гиреҳ гардиданд. Аммо ҳоло рӯзе расидааст, ки ин гиреҳҳоро во кунем. Ҳама бояд фаҳмову равшан бошад. Ба ман шуҷоат даст намедиҳад, ки мувофиқи тақозои дилам рафтор кунам. Аммо то ҳамаи рӯйдодҳоро пурра дарк накунам, то ором нашавам, наметавонам, ки ба истиқболи ҳаётам ба таври бояду шояд тайёрӣ бинам. Агар гузашта ҳалал намедод, танҳо ту метавонистӣ дар тамоми гӯли ҳаётам боиси хушбахтии ман бошӣ. Аммо ҳоло ман бояд озод бошам. Орзӯи мо дар бораи бахт беҳуда аст. Мо бояд сазовори омурзиши бадиҳои содиркардаамон шавем.

Дар ин лаҳза ба ҳона оҳиста Аннапурна даромад.

– Модар, – мурочиат кард ба ӯ Бинодинӣ, – ба ман дар пеши пои худ чой деҳ, мани гунаҳкорро аз худ дур нарон.

– Ҳамроҳам ба Банорас биё, азизам, – таклиф кард Аннапурна.

Рӯзи сафари Бинодинӣ ва Аннапурна фаро расид.

– Мехостам нишонае аз ту дошта бошам, – гуфт Биҳорӣ, вақте ки бо Бинодинӣ танҳо мондан муяссараш гашт.

– Ман ба ту чӣ тӯҳфа карда метавонам? – ҳайрон шуд зан.

– Англисҳо одате доранд, – шармгинона гуфт Биҳорӣ, – ки як ҳалқа мӯи маҳбубаашонро бо худ дошта бошанд. Агар ту...

– Чӣ шармандагӣ! Мӯи ман ба ту чӣ лозим! – фарёд зад Бинодинӣ. Ин бадтарин аз моли ман аст. Лекин агар дар кори ту ширкат дошта натавонам, мехостам ба ту чизе ҳадя кунам. Бигӯ, ки ту тӯҳфаи маро қабул мефармоӣ?

– Албатта.

Он гоҳ Бинодинӣ аз мағзи сориаш ду коғази ҳазоррупиягиро бароварду ба Биҳорӣ дароз кард. Биҳорӣ бо чашмони пурмеҳр дер гоҳ ба чеҳраи Бинодинӣ нигоҳ карда монд.

– Ман ба ту чӣ тӯҳфа кунам? – пурсид Биҳорӣ.

– Дар ман нишонаи ту ҳаст, – вай доғи захмеро, ки дар дасташ буд, нишон дод. – Ин зинати ман аст ва касе қудрат надорад, ки онро аз ман бираҳонад. Бароям чизи дигар лозим нест.

Биҳорӣ дар ҳайрат монд.

– Шояд фаромӯш карда бошӣ, – шарҳ дод Бинодинӣ. – Боре ту маро задӣ. Ин доғи захм аст. Ту онро пас гирифта наметавонӣ.

Сарфи назар аз фармони Аннапурна Аша худро маҷбур карда наметавонист, ки ба Бинодинӣ хайрхоҳона рафтор кунад. Онҳо якҷоя хизмати Раҷлокҳиро мекарданд, лекин ҳар боре, ки Аша Бинодиниро медид, дилаш хун мешуд, барои ӯ бо Бинодинӣ гап задан бори гарон буд, табассум кардан аз ин ҳам мушкилтар. Хусусан аз мадади Бинодинӣ истифода кардан ба Аша ногувор буд. Аз рӯи одоб ӯ бетели Бинодинӣ тайёркардаро мегирифт, вале баъд оҳиста ба як сӯ ҳаво медод. Ва инак лаҳзаи видоъ фаро расид. Холааш бори дуюм хонаи онҳоро тарк мегуфт. Ашк дили Ашаро нарм кард, ҳамроҳи сиришк дар дили ӯ нисбат ба собиқ дугонааш ҳисси шафқат низ бедор шуд. Дар дунё кам дилеро дучор мекунӣ, ки ҳангоми видоъ ҳама гуноҳҳоро набахшад. Аша фикр мекард, ки Бинодинӣ Моҳендроро дӯст медорад. Дигар хел шуданаш

магар мумкин аст? Аша аз худаш қиёс мекард, ки ӯро дӯст надоштан аз имкон берун аст. Ёд дорад, ки бахри ин муҳаббат чӣ ранҷҳое кашидааст ва акнун ба Бинодинӣ, ки аз Моҳендро якумра ҷудо хоҳад шуд, ҳамдардӣ накарда наметавонист. Ин гуна ҷазои мудҳишро Аша ба душманаш ҳам орзӯ намекард. Аз ин андешаҳо чашмони Аша пуроб шуданд. Як вақтҳо ӯ Бинодиниро дӯст медошт, ҳоло ки муҳаббат гӯё тайёр буд аз нав дар қалби ӯ бедор шавад, Аша назди Бинодинӣ омаду бо андӯҳи маҳзунона пурсид:

– Ту ҳам меравӣ, хоҳарам?

Бинодинӣ бо навозиш аз зери занахи Аша гирифт.

– Бале, хоҳарам, меравам. Як вақтҳо маро дӯст медоштӣ. Акнун ҳам, ки ту хушбахтӣ, як зарраи он муҳаббатро дар дил нигоҳ дор, боқӣ ҳамаро фаромӯш кун!

– Маро бубахш, – гуфт Моҳендро ба Бинодинӣ ва чуқур таъзим карда, аз пои ӯ хок гирифт. Дар чашмони ӯ ашк чарх зад.

– Ту ҳам бубахш, – гуфт Бинодинӣ. – Оллоҳи таъоло ба ҳамаи шумо бахт ато кунад!

**Савол ва супориш**

1. Чаро Аша шавҳарашро ба назди модари беморан даромадан намонд?
2. Модар писар ва келинашро чӣ тавр оштӣ кунонд?
3. Бинодинӣ бо Раҷлокҳӣ чӣ тавр вохӯрд?
4. Аша вохӯрии Бинодиниро чӣ тавр пазируфт?
5. Аннапурна ба Аша чӣ маслиҳат дод?
6. Насиҳати хола ба муносибатҳои аҳли оила чӣ натиҷа бахшид?
7. Раҷлокҳӣ пеш аз видоъ бо писараш, Биҳорӣ ва Бинодинӣ чӣ тавр муносибат кард?
8. Аннапурна ва Бинодинӣ пеш аз сафари ҷудошавӣ аз оилаи Моҳендро чӣ тавр бо дӯстон хайрбод карданд?
9. Аз ин роман чӣ хулоса баровардед?
10. Муколамаи охирини романро таҳлили грамматикӣ кунед.
11. Гӯед, ки дар ин муколама кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

# ҲАМЗА ҲАКИМЗОДА НИЁЗӢ



Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ шоир, нависанда ва драматурги моҳир, нахустин коргардон, актёр, оҳангсоз, асосгузори назм, драматургия ва театри муосири ӯзбек мебошад.

Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ тимсоли барҷастаи дӯстию ваҳдати бародаронаи халқҳои тоҷику ӯзбек; зуҳури меҳру муҳаббати онҳо ба забон ва адабиёти яклигар мебошад. Вай 6-уми марти 1889 ба дунё омада, бачагии худро дар шаҳри Қӯқанд гузаронидааст. Қӯқанд шаҳри дӯстӣ буд; дар он ҷо ӯзбекҳо, тоҷикҳо ва русҳо зиндагӣ мекарданд. Ҳамза дар ҳамин муҳит ба забонҳои ӯзбекию тоҷикӣ савод баровард, забону адабиёти ҳар ду халқро омӯхт ва ба ҳар ду забон асарҳо навишт. Ӯ бо майлу рағбати зиёд забони русиро низ омӯхт.

Ҷустуҷӯи адолат ва ризқу рӯзӣ ӯро ба Намангон, Қошғар ва Тошкент мебарад. Вале Ҳамза дар ҳама ҷо халқро дар банди асорат ва қашшоқӣ мебинад. Ӯ ба хулосае меояд, ки роҳи аз ин аҳволи вазнини иҷтимоӣ наҷот додани халқ соҳиби илму дониш ва мактабу маориф кардани вай аст. Бинобар ин, Ҳамза аввал дар мактаби русии маҳаллӣ ва баъд дар Тошкент дар мактаби усули ҷадидӣ таҳсил карда, соли 1911 ба Қӯқанд баргашта худ мактаб мекушояд. Мактаби Ҳамза дар асоси ақидаҳои демократӣ таъсис ёфта буд. Усули таълим дар он мактаб ба мактабҳои русӣ ва тоторӣ монанд буд. Ҳамза барои шогирдон китоб тартиб медод ва худаш низ дарс мегуфт.

Ҳамза дар мактаб илмҳои дунявиро таълим медод, наслҳои ҷавонро аз ҷаҳолату нодонӣ озод карда, ба олами равшани илму маърифат ҳидоят менамуд. Ин аст, ки уламои иртиҷоӣ ба ӯ ҳуҷум карда, мактабашро бастанд, шогирдонашро парокандa ва худашро таъқиб намуданд. Ҳамза аз Ватан фирор намуда, Туркия, Афғонистон, Ҳиндустон ва Арабистонро саёҳат намуд. Ӯ соли 1914 ба ватан бозгашта бо азму иродаи матин фаъолияти адабию ҷамъиятии худро давом медиҳад. Маҷмӯаи ашъори худро таҳти унвони "Девони Ниҳон" тартиб медиҳад. Ғояҳои иҷтимоӣ ва ақидаҳои демократӣ дар ашъори ӯ торафт равшантар ифода меёбанд.

Тарғибу ташвиқи ғояҳои маорифпарварӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои муборизаи Ҳамза дар роҳи озодӣ буд. Китобҳои дарсие, ки Ҳамза барои мактабҳои усули ҷадидӣ менавишт, хонандагонро ба омӯхтани илму маърифат даъват мекарданд. Ҳамза дар шеъру ҳикояҳояш нишон медод, ки илм ҷаҳолатро ва адл зулмро мағлуб менамояд. Китоби "Хониш"-и Ҳамза ба асари С. Айнӣ - "Таҳзиб-ус-сибён" ҳамоҳанг аст. Қаҳрамонони ҳар ду китоб ҳам бачаҳои қобил ва боғайратанд, ки дар роҳи омӯзиши илму дониш саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Ҳамза фарзанди бузурги халқҳои тоҷику ӯзбек аст. Чунон ки Ҷомию Навоӣ, Муқимию Асирӣ анъанаҳои дӯстию равобити адабии халқҳои тоҷику ӯзбекро равнақу ривоҷ доданд, дар даврам Шӯравӣ ҳамин вазифаи пуршарафро Айнӣ ва Ҳамза бо сифатҳои нав идома доданд.

Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ аз тарафи уламои иртиҷоӣ дар Шоҳимардон 18-уми марти 1929 сангсор ва кушта шудааст. Вале меҳри Ҳамзаро аз қалби халқ баровардa натавонистанд. Ӯ бо мероси гаронбаҳо ва осори ҷовидонии худ ҳамеша ҳамдаму ҳамнафаси халқ аст. Театри давлатии академии Ӯзбекистон номи ӯро дорад. Песаи "Бой ва хизматгор"-и Ҳамза солҳои зиёдест, ки дар Театри давлатии академии драмаи Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ намоиш дода мешавад. Студияи телевизионии тоҷик песаи "Найрангҳои Майсара"-ро ба саҳна гузоштааст.

## САЛОМАМ ГӮЙ

(Аз забони мардикоре, ки рафиқи ҳаммаҳаллаашро ба ватан гусел мекард. Дар оҳанги "Савти чоргоҳ" суруда шудааст).

Бародар, гар равӣ сиҳҳат, падарҷонро саломам гӯй,
Ба пешвозат барояд модарам, онро саломам гӯй!
Бародар, хоҳарони ашкборонро саломам гӯй.
Бибӯс аз ҷабҳааш, он додари ҷонро саломам гӯй,
Ҳама ҳамсоягон, наздик ёронро саломам гӯй.

Маро сиҳҳат бигӯ, асло маранҷон хотири модар,
Ғами дурӣ ба ӯ бас, ту макун бораш ғами дигар,
Магӯ нотобиамро низ назди хоҳару додар,
Агар бишнида бошанд, ту тасаллӣ дода аз як сар
Ба оҳанги мувофиқ ҷамъи ононро саломам гӯй!

Падарҷонам наранҷонанд моми меҳрубонамро,
Ба дарди худ даво ноёфта ранҷида ҷонамро,
Ҷигархаста, ҷудогашта зи нури дидагонамро,
Нагӯяд мурғаке: "Гум кардаам ман ошёнамро",
Падарро вақти танҳой тамоми ин каломам гӯй.

Бигӯ ҳамзодагонам хотири модар нигоҳ доранд,
"Сиҳҳат будаст фарзанди ту" - гуфта дил бубардоранд,
"Шуда наздик вақти омадаш",- гуфта ба шавқ оранд,
Накарда нестӣ маълум, доим хона пур доранд,
Ҷудогона ба ҳар як ин ҳама пайку паёмам гӯй!

Агар оянд ёру ҷӯраҳо, гӯянд: "Чӣ тавр аст он?"
Бигӯ: "Сад шукр сиҳҳат, тандурусту дар амон аст ҷон,
Аҷаб не омада монад ба вақти сабзаи бӯстон",
Магӯ: "Бетоб", онҳоро ба дил доғе алам маншон,
Навишта хат ба онҳо ҳам, дуои ном ба номам гӯй!

Насибу қисмати кас ғайри Ҳақ дигар чӣ тан донад?
Каси ғурбатнадида аз куҷо қадри Ватан донад?
Ҷаҳолат боиси ранҷ аст, бояд марду зан донад,
Фақат ин маъниро аҳли саводу илму фан донад,
Зи худ ҳар чӣ надонад боиси ин фикр, хомам гӯй.

***

Зи беилмӣ ба сар омад тамоми ин ҳама савдо,
Шуда фармони олӣ, бар сар афтодааст ин ғавғо,
Агар дониш ба мо мебуд, кай будем мо расво!
Шуморо бод ҳасрат ин, аё баргашта ҳамраҳҳо,
Ба таҳсили улум созад ҳама саъйи тамомам гӯй!

***

Ҳавас бас, тарк бояд кард ҳар тӯю тамошоро,
Ва ҳам айшу тараб, бидъат барин беҳуда савдоро,
Ҳама якдил нигаҳ доранд амри шаръи мавлоро,
Ба шоҳон гар бибахшад лутфи ҳақ сулҳу муросоро,
Нагардад бартараф ин бекарории мароман гӯй!

***

Гузашта қаҳрамон аҷдоди мо, мо шеркоронем,
Ба ҳар ранҷу машаққат тобовар марди майдонем.
Вале ваҳмида аз қавли дурӯя косалесонем,
Садоқатнок кори худ нафаҳмида пушаймонем.
Басо хавфу хатар, шубҳа бувад, дигар каломам гӯй!

***

Касоне, ки гуселонанд моро, дар дуо бошанд,
Ба ҳиҷрон тоқат оварда, ба уммед ошно бошанд,
Аз ин ҷо бигсилад шояд насибу чашм во бошанд,
Аҷаб не, якдигарро дида ҳамдам, ҷо ба ҷо бошанд.
Саломат рафта он ҷо, ин каломи ин паёмам гӯй.

*Соли 1916.*

**Савол ва супориш**

1. Шеър аз номи кӣ навишта шудааст?
2. Мардикор бо ҳаммаҳаллааш ба киҳо салом фиристод?
3. Ҳамдеҳаи мардикори ғариб чиро бояд аз модараш пинҳон медошт?
4. Мардикор аз падараш чӣ хоҳиш кардааст?
5. Ҳамдеҳа ба падари мардикор дар танҳоӣ бояд чӣ мегуфт?
6. Ӯ мардуми ҳамдеҳаашро ба чӣ даъват кардааст?
9. Мардикор дар бораи аҷдодон чӣ хел ақида пайдо кардааст?
7. Ӯ ҳамдеҳагони худро бо чӣ баумед кардааст?
8. Бигӯед, ки дар замони мо ҳам мардикорон ҳастанд?
9. Аз деҳаи шумо киҳо ва бо кадом мақсад мусофир шудаанд?
10. Дар хона дар бораи он мардикорони мусофири деҳаатон нақл нависед.

## МУНДАРИЧА

Мукаддима ....................................3

**I. АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ**

Насри ривоятӣ ....................................5

Достони "Бӯрондухт ва Искандар" (аз "Доробнома") ......6

Ҳикояи Хиёнати аъробӣ (аз "Ҳазору як шаб") ..........21

Калимоти Кохи Афредун (аз "Синбоднома") ............27

**II. АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ**

**Абулқосими Фирдавсӣ ....................................30**

Достони "Кова ва Заҳҳок" ..........................33

Достон ....................................41

Расидани Сӯхроб ба Дижи Сафед ....................42

Разми Сӯхроб бо Гурдофарид ......................43

Панду ҳикматҳои Фирдавсӣ ..........................48

Мавзӯъ ва ғояи асари бадеӣ ..........................52

**Ҷалолуддини Румӣ ....................................53**

Бозургон ва тутӣ ..........................54

Дарахте, ки меваи ҳаётбахш дорад ..................60

Маълумот дар бораи тамсил ..........................65

**Убайди Зоконӣ ....................................66**

Ҳикоятҳо аз "Рисолаи Дилкушо" ....................67

Маълумот дар бораи мутояба ......................71

**Камоли Хуҷандӣ ....................................72**

Ғарибӣ[1] ....................................73

Гуфтам: Ба чашм ....................................73

Ошӯби ҷонӣ ....................................74

Дӯст медорад дилам ҷабру ҷафо ... дӯстро ..........75

Ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ ......................76

**Абдурахмони Ҷомӣ** .......................................... **77**
Ҳикоятҳо аз "Баҳористон" ..................................... 77
"Силсилат-уз-заҳаб" ........................................... 81
Маълумот дар бораи сюжети асари бадей ......... 86
**Ҳусайн Воизи Кошифӣ** ..................................... **87**
Ҳикояти "Калила ва Димна" .................................. 88
**Сайидои Насафӣ** ............................................ **102**
Омад ба ёд ......................................................... 103
Ғанимат аст ....................................................... 104
"Баҳориёт" .......................................................... 104
Мунозара ва хусусиятҳои он ................................ 115

## III. АДАБИЁТИ МУОСИР

**Маликушшуаро Баҳор** ..................................... **116**
Эй зан ................................................................ 117
Чашма ва санг ..................................................... 119
Варзиш ............................................................... 120
**Сотим Улуғзода** ............................................... **122**
Порчаҳо аз "Ривояти суғдӣ" ................................ 123
**Ҳабиб Юсуфӣ** ................................................... **160**
Ба ватан .............................................................. 161
Ба ҳар куҷо равам, дил диёри ман гӯяд ............. 162
Ман ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар ...... 163
**Боқӣ Раҳимзода** ................................................ **165**
Муаллим ............................................................. 166
Халқи бузургворам .............................................. 167
**Абдулҳақ Бетоб** ................................................ **169**
Сахт ва мушкил ................................................... 170
Неъмати истиқлол ............................................... 171
Ғурури Хоҷа ........................................................ 172
Мабод ................................................................. 172
**Фазлиддин Муҳаммадиев** ................................ **173**
"Одамони кӯҳна" (порчаҳо аз повест) ................ 174

**Аминчон Шукуҳӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . **200**
Мо толиби сулҳем . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 201
Шаҳри азизам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 202
Ҳурмати мӯи сафедаш . . . . . . . . . . . . . . . . . . 204
**Лоиқ Шералӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . **205**
Забонгумкарда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 206
Корези Фирдавсӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 207
Ба модарам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 208

## IV. АДАБИЁТИ ҶАҲОН

**Робиндранат Такур** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . **211**
Муколамаи ду паранда . . . . . . . . . . . . . . . . . . 212
Регреза (Чокирболӣ), порчаҳо аз роман . . . . . . . . . . 214
**Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . **232**
Саломам гӯй . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 233

## НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## ...УДИ МИЛЛИИ
## ... ТОҶИКИСТОН

*...Гулназар Ке...* *Оҳанги Сулаймон Юдак...*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модарӣ, ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*

*...инда бош, эй Ватан,*
*...оҷикистони озоди ман!*

НАШРИЁТИ
ИЗДАТЕЛЬСТВО